Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY

юнисеф
ваҳдат баҳри кӯдакон

# КОРИ ИҶТИМОӢ
## ФАРҲАНГИ МУХТАСАРИ ЭНСИКЛОПЕДИИ ТОҶИКӢ-РУСӢ



# СОЦИАЛЬНАЯ РАБОТА
## КРАТКИЙ ТАДЖИКСКО-РУССКИЙ ЭНЦИКЛОПЕДИЧЕСКИЙ СЛОВАРЬ

# КОРИ ИҶТИМОӢ

ФАРҲАНГИ МУХТАСАРИ ЭНСИКЛОПЕДИИ

ТОҶИКӢ-РУСӢ

# СОЦИАЛЬНАЯ РАБОТА

КРАТКИЙ ТАДЖИКСКО-РУССКИЙ
ЭНЦИКЛОПЕДИЧЕСКИЙ СЛОВАРЬ

ДУШАНБЕ 2009

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ФАКУЛТЕТИ ФАЛСАФА
КАФЕДРАИ СОТСИОЛОГИЯ

НАМОЯНДАГИИ ХАЗИНАИ КӮДАКОНИ СММ ДАР
ТОҶИКИСТОН
(ЮНИСЕФ)

# КОРИ ИҶТИМОӢ

## ФАРҲАНГИ МУХТАСАРИ ЭНСИКЛОПЕДИИ ТОҶИКӢ-РУСӢ

Муҳаррири масъул
профессор Зверева И.Д.

ДУШАНБЕ – 2009

ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
ФАКУЛЬТЕТ ФИЛОСОФИИ
КАФЕДРА СОЦИОЛОГИИ

ПРЕДСТАВИТЕЛЬСТВО ДЕТСКОГО ФОНДА ООН
В ТАДЖИКИСТАНЕ
(ЮНИСЕФ)

# СОЦИАЛЬНАЯ РАБОТА

## КРАТКИЙ ТАДЖИКСКО-РУССКИЙ ЭНЦИКЛОПЕДИЧЕСКИЙ СЛОВАРЬ

Под общей редакцией
профессора Зверевой И.Д.

ДУШАНБЕ - 2009

БКК - **
**Кори иҷтимоӣ: Фарҳанги мухтасари энсиклопедии тоҷикӣ-русӣ/** Баҳромбеков В.А., Безпалко О.В., Бекназарова Г.Э., Маҳмадов А.Н., Цюман.Т.П., Шоисматуллоев Ш.Ш. ва дигарон.

Зери таҳрири доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Зверева И.Д.-Душанбе 2009_____саҳ

МУАЛЛИФОН-МУРАТТИБОН:

**Тоҷикистон:**
Баҳромбеков В.А. – н.и.ф., дотсент, Бакоев К. – корманди илмӣ, Бекназарова Г.Э. – н.и.ф., дотсент, Гинтер Ю.И. – н.и.и, Зеваров Х.З. – корманди илмӣ, Искандарӣ М., Комилова М.Д, Лутфуллоев Ф.М. – кормандони илмӣ, Мадаминҷонова З.М. – н.и.т., Маҳмадов А.Н. – д.и.с., профессор, Миров Ф.С. – корманди илмӣ, Мухторов З.М. – н.и.ф., Набиев Р.А., Расулов С.Х., Таваллоев М.Т., Шоев К.М. – кормандони илмӣ, Шоисматуллоев Ш.Ш. – д.и.с., профессор.

**Украина:**
Алексеенко Т.Ф. – н.и.п., корманди калони илмӣ., Басюк Т.П., Безпалко О.В. – д.и.п., дотсент, Бондаренко З.П. – н.и.п., Бунина Л.М. – н.и.п., дотсент, Гулевская-Черниш Г.В., Заверико Н.В. – н.и.п., дотсент, Зверева И.Д. – д.и.п., профессор, Зимовец Н.В. – н.и.п., Кичук Я.В. – н.и.п., дотсент, Ковалчук Л.Г., Лактионова Г.М. – д.и.п., Лесина Т.М. – н.и.п, Лютий В.П., Лях Т.Л. – н.и.п, Непочатова Д.В., Песоцкая О.П. – н.и.п., дотсент, Петрович В.С. – н.и.п., дотсент, Петрочко Ж.В. – н.и.п., дотсент, Сидоров В.Н. – д.и.ф., Терницка С.В. – н.и.п., Харченко С.Я. – д.и.п., профессор, Цюман Т.П. – н.и.п.

Муҳаррири илмӣ – Шоисматуллоев Ш.Ш. – д.и.с., профессор, узви вобастаи АИ ҶТ
Шурои координатсионӣ: Маҳмадов А.Н. – раис, Баҳромбеков В.А., Бекназарова Г.Э., Миров Ф.С., Мухторов З.М. – аъзоён

**Муқарризон:**
Идиев Х.У. – д.и.ф., профессор, Сухомлинская О.В. – д.и.п., профессор, узви вобастаи АИП Украина

Тарҷума ва таҳрири Миров Ф.С. ва Мухторов З.М.

Бо қарори Шурои илмӣ-методии ДМТба чоп тавсия шудааст.
Дар фарханги мухтасари энсиклопедии мазкур мафҳумҳо ва истилоҳоти нисбатан маъмули тахассусии кори иҷтимоӣ шарҳ дода шудаанд.

Мавод барои истифода ба донишҷӯён, аспирантон ва мутахассисони соҳаи кори иҷтимоӣ бо мақсади тайёр намудани мутахассисони касбӣ, хамчунин барои истифода ба кормандони соҳаи иҷтимоӣ ва доираи васеи хонандагон пешниҳод мешавад.
Мавод дар доираи барномаи ЮНИСЕФ «Инкишофи таълимоти иҷтимоӣ ва кори иҷтимоӣ дар Тоҷикистон» омода шудааст.

© ДМТ
© Зверева И.Д.
© ЮНИСЕФ

ББК - **
**Социальная работа: краткий таджикско-русский энциклопедический словарь/** Бахромбеков В.А., Безпалько О.В., Бекназарова Г.Э., Махмадов А.Н., Цюман Т.П., Шоисматулоев Ш. и др.

Под общей редакцией доктора педагогических наук, профессора Зверевой И.Д. – Душанбе: 2009. - ____ с.

АВТОРЫ-СОСТАВИТЕЛИ:

**Таджикистан:**
Бахромбеков В.А. – к.ф.н., доцент; Бакаев К.Н. – н.с., Бекназарова Г.Э. – к.ф.н., доцент, Гинтер Ю.И. – к.э.н., Зеваров Х.З., Искандари М., Комилова М.Д., Лутфуллоев Ф.М. – н.с., Мадаминджанова З.М. – к.и.н., Махмадов А.Н. – д.п.н., профессор, Миров Ф.С. – н.с., Мухторов З.М. – к.ф.н., Набиев Р.А., Расулов С.Х., Таваллоев М.Т., Шоев К.М. – н.с., Шоисматулоев Ш.Ш. – д.с.н., профессор.

**Украина:**
Алексеенко Т.Ф. – к.п.н., ст.н.с., Басюк Т.П., Безпалько О.В. – д.п.н., доцент, Бондаренко З.П. – к.п.н., Бунина Л.М. – к.п.н., доцент, Гулевская-Черниш Г.В., Заверико Н.В. – к.п.н., доцент, Зверева И.Д. – д.п.н., профессор, Зимовец Н.В. – к.п.н., Кичук Я.В. – к.п.н., доцент, Ковальчук Л.Г., Лактионова Г.М. – д.п.н., Лесина Т.М. – к.п.н., Лютый В.П., Лях Т.Л. – к.п.н., Непочатова Д.В., Песоцкая О.П. – к.п.н., доцент, Петрович В.С. – к.п.н., доцент, Петрочко Ж.В. – к.п.н., доцент, Сидоров В.Н. – д.ф.н., Терницька С.В.- к.п.н., Харченко С.Я. – д.п.н., професор, Цюман Т.П. – к.п.н.

Научная редакция: Шоисматулоев Ш.Ш. – д.с.н., профессор, чл.-корр. АН РТ
Координационный совет: Махмадов А.Н.- председатель; Бахромбеков В.А., Бекназарова Г.Э., Мухторов З.М., Миров Ф.С.- члены совета

**Рецензенты**:
Идиев Х.У – д.ф.н., профессор, Сухомлинская О.В.– д.п.н., профессор, академик АПН Украины

Утверждено научно-методическим советом ТНУ и рекомендовано к печати.
Перевод и литературная редакция: Миров Ф.С., Мухторов З.М.
В данном издании представлены наиболее употребляемые термины и понятия социальной работы.

Предлагается вниманию учебных заведений различного уровня аккредитации с целью профессиональной подготовки будущих специалистов, а также будет интересным для работников социальной сферы и широкого круга читателей.
Публикация подготовлена и издана в рамках проекта ЮНИСЕФ «Развитие социального образования и социальной работы в Республике Таджикистан».

© ТНУ
© Зверева И.Д.
© ЮНИСЕФ

Маводи мазкур бо дастгирии молиявии Хазинаи Кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ)дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст. Мазмуни ин мавод ва ақидаҳои мухталиф метавонанд бо нуқтаи назари ЮНИСЕФ мувофиқ набошанд.

Данная публикация издана при финансовой поддержке Детского Фонда ООН (ЮНИСЕФ) в Республике Таджикистан. Выраженные в настоящем издании мнения могут не совпадать с политикой или взглядами ЮНИСЕФ.

# ПЕШГУФТОР

Пайдоиш ва инкишофи кори иҷтимоӣ дар Тоҷикистон дорои хусусияти хоси худ буда, айни замон ҳамчун фаъолияти амалӣ-таҷрибавӣ вуҷуд дорад, аммо ҳамчун фанни таълимӣ ва соҳаи донишҳои илмӣ акнун роҳи худро пайдо намуда, қадамҳои аввалро мегузорад. Ҳар як илм аз дигар илмҳо бо заминаҳои истилоҳӣ - категориявии хоси худ тафовут дорад, ки аз рӯи қоида дар натиҷаи таҳлили донишҳои гирдовардашуда дар соҳаи муайян ва омӯзиши қонуниятҳо ва алоқаҳои нисбатан муҳим, таъсири мутақобилаи объектҳо ва ҷамъбасткунии таҷрибаи амалӣ ба даст оварда шудааст.

Имрӯз дар ҷомеаи пасошуравӣ мафҳум ва категоряиҳои кори иҷтимоӣ дар ҳоли ташаккулёбист ва он барои дар сатҳи муайян инъикос гардидани бахшҳои алоҳидаи зуҳуроти иҷтимоӣ ва рушду тағйироти ин раванд мусоидат менамоянд. Бо ин васила донишҳои мо дар бораи ин зуҳуроти иҷтимоӣ васеъ ва амиқтар мегарданд.

Ба ин нигоҳ накарда инкишофи кори иҷтимоӣ дар ҳар як давлат хусусияти хоси худро дорад. Маҳз бо ин сабаб таҳия ва нашри фарҳанги мухтасари энсиклопедии «Кори иҷтимоӣ» дар Тоҷикистон барои мувофиқ гардонидани донишҳои мавҷудаи байналхалқии кори иҷтимоӣ бо муҳити миллии ин соҳаи инкишофёбанда қадами ҷиддӣ ва саривақтӣ аст.

Истилоҳот ва мафҳумҳое, ки дар ин фарҳанги энсиклопедӣ оварда шудаанд, асосҳои назарявӣ ва технологияи кори иҷтимоиро фаро мегиранд. Маводи мазкур кушиши аввалин дар роҳи тавсифу шарҳи мафумҳои кори иҷтимоӣ бо назардошти низоми консептуалии донишҳои инкишофёбанда мебошад, ки мунтазам такмил хоҳад ёфт.

Кулли мақолаҳо ба таври нисбатан муфассал мазмуни мафҳумҳоро кушода, равишҳои назариявӣ, консепсияҳои зуҳуроти муайян, инчунин роҳҳои инкишофи онҳоро нишон медиҳанд.

Воқеан, ин мавод ҳамчун воситаи методии насли нав ба ҳисоб меравад, ки сохтор ва низом, ҷамъбасти миқдори зиёди консепсияҳо ва назарияҳо, принсипҳо ва қонуниятҳо, амсилаҳо ва технологияи кори иҷтимоиро тавсиф менамояд.

Фарҳанг дар асоси алифбои тоҷикӣ таҳия шудааст. Ҳар як мақола бо забонҳо тоҷикӣ ва русӣ пешниҳод мегардад, ки дар навбати худ ба хонанда имконият медиҳад моҳияти истилоҳотро пур-

ра дарк намояд. Дар охири ҳар як мақола рӯйхати адабиёт бо забони аслӣ оварда шудааст.

Муаллифон – таҳиягарони фарҳанги мухтасари энсиклопедӣ - коллективи байналмиллалие мебошанд, ки ба ҳайати он олимон, устодон ва кормандони иҷтимоии таҷрибадори Тоҷикистон ва Украина шомил гаштаанд.

Аз чоп баровардани фарҳанги мухтасари энсиклопедии «Кори иҷтимоӣ» бо ташаббуси кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон ва бо мусоидату дастгирии ЮНИСЕФ дар самти амалӣ гаштани барномаи «Инкишофи таълимоти иҷтимоӣ ва кори иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» имконпазир гардид. Дар тадбиқи он мутахассисони ташкилоти байналхалқии «Every Child»- Рут Дженкинс (Англия), Лукашов С., Кузминский В. (Украина) саҳм гирифтаанд.

Боварӣ дорем, ки аз чоп баромадани чунин мавод саривақтӣ буда, ба талаботи ихтисоси инкишофёбандаи корманди иҷтимоӣ ва самтҳои муосири таҳаввулёбандаи кори иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Зверева И.Д.

# ПРЕДИСЛОВИЕ

Особенностью возникновения и развития социальной работы в Таджикистане является то, что она существует как практическая социальная деятельность, а как образовательная дисциплина и как отрасль научных знаний только начинает свой путь.

Одной из основных характеристик каждой науки является наличие своей, отличной от других, понятийно-категориальной базы. Это, как правило, результат накопления и анализа знаний в определенной области, изучения закономерностей и наиболее существенных связей и взаимодействия между объектами, обобщения практического опыта.

Сформированный на сегодня на постсоветском пространстве понятийный аппарат социальной работы позволяет в той или иной мере отражать отдельные фрагменты социальных явлений и сам процесс их развития и изменений, содействуя, таким образом, углублению знаний об этих явлениях.

Тем не менее, развитие социальной работы в каждой стране имеет свою специфику. Именно поэтому разработка краткого энциклопедического словаря «Социальная работа» в Таджикистане рассматривается нами как необходимый шаг для трансформации международного контекста знаний в сфере социальной работы в национальный контекст развивающейся отрасли.

Термины и понятия, представленные в словаре, определяют главные теоретические основы и инновационные технологии социальной работы. Данная публикация является первой попыткой охарактеризовать понятия социальной работы с точки зрения включения их в концептуальную систему развивающегося социального знания в республике.

Все статьи в достаточно полной мере раскрывают содержание понятия, включают как теоретические подходы и концепции определенного явления, так и пути его развития.

Фактически эта публикация является методическим пособием нового поколения, которую характеризует четкая структурированность и системность, обобщение значительного количества концепций и теорий, принципов и закономерностей, моделей и технологий социальной работы.

В основу составления словаря положен таджикский алфавит. Каждая статья представлена на таджикском и на русском языках,

что дает возможность глубже проникнуть в сущность понятия/термина. Каждая статья сопровождается списком литературы на языке оригинала.

Авторы - составители – это интернациональный коллектив, который представлен учеными, преподавателями, практическими социальными работниками Таджикистана и Украины.

Издание краткого энциклопедического словаря стало возможным, благодаря инициативе кафедры социологии философского факультета Таджикского Национального Университета при поддержке проекта ЮНИСЕФ - «Развитие социального образования и социальной работы в Республике Таджикистан», в рамках которого были привлечены специалисты Международной организации «Every Child» Рут Дженкинс (Великобритания), Лукашов С., Кузьминский В. (Украина).

Надеемся, что появление данной публикации является своевременной, соответствует потребностям развивающейся профессии и учитывает современные тенденции становления социальной работы в Таджикистане.

Зверева И.Д.

# А

**АБИЛИТАТСИЯ** – ташаккули захираҳои рушди равонӣ, ҷисмонӣ ва иҷтимоии шахс ва ҳамзамон такмили захираҳои мавҷуда фаҳмида мешавад. Абилитатсия дар кори иҷтимоӣ системаи чорабиниҳои барои азбаркунии дониш ва малакаҳои иҷтимоӣ равона шуда мебошад, ки тавассути он шахсият мустақилона дар муҳити иҷтимоӣ зиндагӣ карда метавонад: дарк кардани имконот ва маҳдудияти худ, нақшу мақоми иҷтимоии худ, донистани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо, ба худ хизмат расонида тавонистан.

Истилоҳ дар бисёр ҳолатҳо нисбат ба кӯдаконе, ки ниёзмандии махсус доранд ва ҳамчунин ба оилаҳое, ки дар ҳолати бӯҳрон қарор доранд бештар истифода мешавад. Сухан дар бораи он малакаҳои кӯдак меравад, ки онҳо дар кӯдакони солим бе дахолати дигарон ташаккул ёфта, дар кӯдакони ниёзмандиашон махсус бо ёрӣ ва дахолати мутахассисон ва бо фарогирии талаботи педагогӣ, равоншиносӣ ҳуқуқӣ, тиббӣ, иҷтимоӣ ва васоити техникӣ ташаккул меёбанд.

Ин раванд имкон медиҳад, ки кӯдаки имконияти маҳдуди иҷтимоӣ доштаро ба малакаҳои имконпазир ва асосии иҷтимоӣ омӯзонем, барои ӯ муҳити ҳаёти маиширо мутобиқ намоем, барои зиндагии мустақилона ва бехатар, барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои худ, таҳлили рафтор ва фаъолият ва дарку қабули хайрхоҳонаи мақоми худу атрофиён коррексияи педагогӣ гузаронем.

**АБИЛИТАЦИЯ** – формирование новых и усиление уже существующих ресурсов социального, психического и физического развития личности. Абилитация в социальной работе – система мероприятий, направленных на усвоение знаний и навыков, необходимых для независимого проживания личности в социальной среде: осознание своих возможностей и ограничений, социальных ролей, понимание прав и обязанностей, умения самообслуживания.

Термин чаще всего используется в отношении ребенка с особыми потребностями, а также семьи, которая находится в кризисной ситуации. Речь идет о развитии у ребенка таких функций и способностей, которые при нормальном развитии формируются без специальных усилий со стороны окружающих, а у ребенка с особыми потребностями могут развиваться только в результате целенаправленной работы специалистов, которая объединяет педагогические, психологические, юридические, медицинские, социальные, технические средства. Этот процесс предполагает обучение ребенка с ограниченными возможностями основным социальным навыкам, приспособление бытовых условий к потребностям ребенка, педагогическую коррекцию с целью формирования и поддержки навыков автономного проживания, стереотипов безопасного поведения, усвоение навыков защиты собственных прав и интересов, самоанализа и развития навыков позитивного восприятия себя и окружающих.

**Адабиёт/Лит.:** Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І. Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008. – С. 4.; Соціальна робота: Короткий енциклопедичний словник. – К.: ДЦССМ. 2002. – 536 с. // Соціальна робота. Книга 4; Словарь по социальной педагогике: Учебное пособие для студ. высш. учеб. заведений / Авт.-сост. Мардахаев Л.В. – М.: Издательский центр „Академия", 2002. – 368 с.; Словарь-справочник по социальной работе / Под ред. д-ра ист. наук, проф. Холостовой Е.И. – М.: Юристъ, 1997. – 424 с.; Словник-довідник для соціальних педагогів та соціальних працівників / За заг. ред. Капської А.Й., Пінчук І.М., Толстоухової С.В. – К.: 2000. – 260 с.

Харченко С.Я.

**АДАПТАТСИЯ (мутобиқшавӣ)** – мутобиқшавии организмҳо ба шароити зист ва мавҷудият. Дар равоншиносии иҷтимоӣ адаптатсия ҳамчун мутобиқшавии фард ба меъёрҳо ва талаботи гурӯҳ аст. Мутобиқшавии равонии шахс ба ҷомеа ба шарофати ҳамин механизмҳои саҳеҳи равонӣ татбиқ карда мешавад, ки он аз ҷузъҳои рефлексия, айниятпайдокунӣ, эмпатия, қабул гардидани натиҷаи робитаи мутақобил дар муҳити иҷтимоӣ. Мутобиқшавии иҷтимоӣ – раванди мутобиқшавии фард ба шароити муҳити иҷтимоӣ, ташаккулёбии меъёрҳои матлуби муносибот бо объектҳои дигари муҳити иҷтимоӣ мутамармакзшавии фард дар гурӯҳи иҷтимоӣ, фаъолият барои касби шартҳои мӯътадили иҷтимоӣ, қабули меъёрҳо ва арзишҳои муҳити иҷтимоӣ. Мутобиқшавии равонӣ ва иҷтимоии фард бо ҳам мутаносибан сурат мегиранд. Бидуни мутобиқшавии

равонӣ, ки фардро бевосита ба фаъолияти мутобиқшавӣ равона месозад ва ба мутобиқшавии иҷтимоӣ ифтитоҳ мебахшад, дар муҳити иҷтимоӣ мутобиқ гардидан ғайриимкон аст.

Хусусиятҳои равонии фард бевосита ба хусусияти мутобиқшавии иҷтимоӣ таъсир бахшида ба ин раванд обуранги нотакрор ва инфиродӣ медиҳад, чунончи раванди мутобиқшавии ҳар фард бо он фарқ мекунад, ки дар он осори тафаккур, диққат, хотира, эҳсос ва дигар имконоти зеҳниву равонии шахс, хислати ӯ (мизоҷ, тарзи аксуламал, чандирии хислат ва хусусиятҳои дигари фитрӣ), хислатҳои шахсӣ чун масъулият, услуби муошарат, муносибат ба меҳнат зоҳир мегардад. Дар баробари ин набояд фаромӯш кард, ки ҳолатҳои равонии шахс ҳамчун омили асосӣ дар раванди мутобиқшавӣ ба муҳити иҷтимоӣ бевосита дар фазои муносибатҳои иҷтимоӣ ташаккул меёбанд ва бидуни муҳити иҷтимоӣ дар худи фард ташаккулёбии онҳо ғайриимкон аст. Раванди мутобиқшавӣ ба муҳити иҷтимоӣ раванди муттасил аст ва ҳар чизе ки дар муҳити иҷтимоӣ сар мезанад, аз фард муносибати масхуси мутобиқшавиро тақозо менамояд. Мутобиқшавии иҷтимоӣ дар сатҳи гуногуни суръатнокӣ ба амал меояд. Марҳилаҳои босуръати мутобиқшавӣ бо фаъолияти иҷтимоии шахс робитаи нгоусастанӣ дорад ва баръакс дар ҳолати фаъолияти маҳдуд доштани шахс дар ҷомеа суръати мутобиқшавии иҷтимои ӯ низ суст хоҳад буд.

Мутобиқшавии иҷтимоии шахс – хусусияти атрибутивии (ногусастании) субъектҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ мебошад, ки он тавассути татбиқи моделҳои мухобиротии дохиливу берунии ҳаёти иҷтимоӣ сурат мегирад ва он комилан ба нишондодҳои мутобиқшавӣ мувофиқат намуда, дар баробари он воқеияти муҳити иҷтимоиро инъикос менамоянд ва ҳаргиз хилофи он буда наметавонанд: а) ба таври мақсаднок новобаста ба фард ташаккул ёфтаанд; б) ба таври стихиявӣ дар раванди иҷтимоишавӣ касб карда шудаанд; в) ба мустақилона пешниҳод гардидаанд.

Ҳамагуна мутобиқшавӣ, аз ҷумла мутобиқшавии иҷтимоӣ, – ҷузъи таркибии раванди иҷтимоишавӣ аст, ки онро дар ягонагии мутазоди (диалектикии) ду самти фаъолият дидан мумкин аст: беруна – моддию маънавӣ, ки ба дигаргунсозӣ ва ё худ такмили шароитҳои муҳити беруна равона шудааст ва ботинӣ – субъективию равонӣ, ки қабл аз ҳама ба дигаргунсозӣ ва ё худ такмили олами ботинии

шахс равона шудааст. Дар робита бо ин низом мутобиқ будани баҳогузорӣ, имконоти фардӣ ва кӯшиши шахс барои расидан ба мақсадҳо ва арзишҳое, ки дар муҳити иҷтимоӣ мавҷуданд, шарти муҳими мутобиқшавӣ дониста мешавад.

Дар раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ имконияти мутобиқшавии шахс низ нақши муҳим дорад. Ин сатҳи воридшавии ӯро ба шароити мунтазам тағйирёбандаи муҳити иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки ин муҳит аз фард мутобиқшавии ҳамешагиро тақозо мекунад. Ин қабл аз ҳама ба омодагии шахс барои мутобиқшавӣ ба муҳити иҷтимоиро нишон медиҳад ва чунин омодагӣ аз ташаккулёбии қобилияту малакаҳои иҷтимоии шахс дар раванди ҳаёти рӯзмарра сарчашма мегирад.

Мутобиқшавии иҷтимоӣ метавонад дар шакли аккомодатсия (итоатгароӣ ба тамоми талаботи низоми иҷтимоӣ бидуни таҳлили интиқодии онҳо) ва ҳамчун дар шакли конформизм (ба таври иҷборӣ итоат намудан баталаботи муҳити иҷтимоӣ) ва ё бо роҳи омезишёбӣ (ассимилятивӣ, ки ба таври ихтиёрӣ қабул намудани меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ дар асоси салоҳдиди худ) сурат бигирад.

Мутобиқшавии фаъол ва ғайрифаъолро фарқ мекунанд. Дар раванди мутобиқшавии фаъол шахс барои зудтар мутобиқ шудан ба муҳити иҷтимоӣ бо муҳит фаъолона созиш менамояд ва дар баробари ин кӯшиш менамояд, ки дар ҳамкории ногусастанӣ бо муҳит мушкилиҳои пешомадаро паси сар кунад, ба равандҳои он таъсири худро расонад, равандҳои иҷтимоиро такмил ва ё тағйир диҳад. Дар мутобиқшавии ғайрифаъол баръакс шахс кӯшиш ба харҷ намедиҳад, ки ба равандҳо таъсир расонад, ба меъёрҳо ва арзишҳо ба таври ғайрифаъол муносибат менамояд, захираҳои биологиву равонии худро барои зудтар ворид шудан ба раванди босуръати мутобиқшавӣ дар сатҳи зарурӣ сарф намекунад. Маҳз дар натиҷаи ҳамин, вақте ки шахс бо баъзе мушкилот, аз қабили душвориҳо, беморӣ, вазъияти фавқулодда рӯбарӯ меояд, дар ҳолати басо ногувор қарор гирифта, ҳамчун оқибати мутобиқ шуда натавонистан (дезадаптатсия) ба муҳит он дар шаклҳои гуногуни рафтори номатлуби шахс зоҳир мегардад, ки меъавонад оқибатҳои нохушро дунболи худ дошта бошад.

**АДАПТАЦИЯ** – приспособление организмов к условиям существования. В социальной психологи адаптацию определяют как приспособление индивида к групповым нормам. Психологическая адаптация личности в обществе происходит благодаря таким психологическим механизмам, как рефлексия, идентификация, эмпатия, прием социальной обратной связи и т.д. Социальная адаптация – процесс приспособления индивида к условиям социальной среды, формирование адекватной системы отношений с социальными объектами, интеграция личности в социальные группы, деятельность по освоению стабильных социальных условий, приятие норм и ценностей новой социальной среды. Психологическая и социальная адаптация находятся во взаимозависимости. Без психологической адаптации, которая подвигает человека к адаптивной деятельности, как бы «дает старт» социальной адаптации, последняя была бы невозможной.

На характере развития социальной адаптации отражаються индивидуальные психические процессы (мышление, внимание, память, чувства); характеристики темперамента (интенсивность, темп реакций, ригидность, пластичность); черты характера личности (ответственность, коммуникабельность, трудолюбие). Тем не менее, нельзя переоценивать влияние психики на социальную адаптацию человека, так как причины, которые обеспечивают социальную адаптацию и определяют ее сущность, лежать в социальной сфере. Процесс социальной адаптации непрерывный, учитывая то, что в окружающей среде постоянно происходят изменения социальной действительности, которые, несомненно, требуют новых способов приспособления индивида. Социальная адаптация осуществляется с разной степенью интенсивности. Периоды повышенной адаптивной интенсивности можно соотнести с активизацией социальной деятельности общества, и наоборот, снижение активности в социальной деятельности – уменьшают интенсивность социального приспособления индивида.

Социальная адаптация личности – это атрибутивная характеристика субъектов социальной жизнедеятельности, которая реализуется путем интерпретации внутренних и внешних информационных моделей социальной жизни с точки зрения их соответствия адаптивным установкам, которые не противоречат пониманию действительности и были: а) целенаправленно сформированы извне; б) стихийно усвоены в процессе социализации; в) открыты самостоятельно.

Любая адаптация, в том числе и социальная, – это составляющая социализирующего процесса, которую необходимо рассматривать в диалектическом единстве двух направлений деятельности: внешней – материально-духовной, направленной, как правило, на изменение условий внешней среды, и внутренней – субъективно-психической, направленной, прежде всего, на изменение внутреннего мира субъекта. В этой связи важным компонентом социальной адаптации выступает согласованность оценок, лич-

ностных возможностей и стремлений индивида с целями, ценностями социальной среды.

Значимую роль в процессе социальной адаптации играет адаптационный потенциал человека. Это уровень возможностей личности войти в новые (постоянно изменяющиеся) условия социальной среды. Он связан с адаптивной подготовкой личности, т.е. с теми умениями и навыками приспособления, которые индивид приобретает в процесс се жизнедеятельности.

Социальная адаптация может осуществляться в форме аккомодации (полного подчинения требованиям среды без их критического анализа), конформизма (вынужденного подчинения требованиям среды) и ассимиляции (сознательного и добровольного принятия норм и ценностей среды на основе личной солидарности с ними).

Различают активную и пассивную адаптацию. В процессе активной адаптации индивид стремится энергично взаимодействовать со средой, влиять на ее развитие и изменение, преодолевать трудности, совершенствовать общественные процессы. При пассивной адаптации индивид не стремится к изменениям окружающей действительности. Пассивно реагирует на существующие нормы, оценки, способы деятельности, слабо мобилизует биологические и психологические ресурсы для приспособления в социальной среде. Из-за этого при встрече индивида с определенными объективными трудностями, болезнями, экстремальными ситуациями как результат низкой адаптации может формироваться социальная дезадаптация, проявляющаяся в различных формах девиантного поведения.

**Адабиёт/Лит.:** Безпалько О. В. Соціальна педагогіка в схемах і таблицях. – К.: Центр навчальної літератури, 2003. – 138 с.; Ромм М.В. Адаптация личности в социуме: теоретико-методологический аспект: Монография. – Новосибирск: Наука, 2002. – 275 с.; Розум С.И. Психология социализации и социальной адаптации человека. – СПб.: Речь, 2006. – 356 с.; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І. Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008. – С. 4; Соціальна робота: Короткий енциклопедичний словник. – К.: ДЦССМ, 2002. – 536 с.

Безпалько О.В.

**АДДИКСИЯ** – ҳавас, одат, вобастагӣ ба ин ё он намуди мавод ва ашёи гуногун ва ҳамчунин ба ин ё он намудҳои фаъолияту рафтор.

Аддиксияро ба намуди кимиёвӣ ва ғайрикимиёвӣ ҷудо мекунанд. Ба намуди ғайрикимиёвии аддиксия бозиҳои гуногун, ишқварзӣ,

рафторҳои фоҳиш, , ҳавас ба харҷи пул, ҳавас ва одат ба Интернет, ба телефонии мобилӣ ва вобастагву ҳавас доштан ба парастиши чизҳои ғайримуқararӣ ва амсоли ин аст. Ҳамчунин ҳавас ва ё худ одат ба таому хқриш чун пурхӯрӣ ва гуруснагӣ кашидан низ дар байни одамон дида мешавад.

Намудҳои кимиёвии аддиксия бошад, майзадагӣ, нашъамандӣ, истеъмоли доруворӣ, ки аз андозаи табобатӣ зиёт аст ва ҳамчунин истеъмоли маводи гуногуни кимиёвӣ мебошад, ки шахс ба он одат кардааст.

Намудҳои гуногуни аддиксия хусусияти ба худ хос дошта, дар шаклҳои гуногун ва дар ҳолатҳои гуногун зоҳир мегардад ва ҳамаи он барои солимии равониву ҷисмонии шахс хавф эҷод менамоянд ва дар баробари ин зарари он ба атрофиён низ метавонад равона гардад.

Ташаккулёбии рафтори аддиктивӣ дар заминаи ангезаҳои эҳсос сурат мегирад. Ба гурӯҳи осебпазир одамоне, метавонанд шомил гарданд, ки имконоти паст ва маҳдуди мутобиқшавиро доранд ва ҳамчунин наврасону ҷавононе, ки аз муҳити атроф ва атрофиёни худ қаноатманд набуда, дар ҳолати ғалаёни эҳсос қарор доранд. Омили дигари такондиҳандаи рафтори аддиктивӣ басомади такрорёбии ҳолатҳоест, ки бо таъсири он шахс аз он ҳолатҳо таъсир мепазирад. Ба ҳолати аддиктивӣ ҳар гуна ҳодиса, ки боиси ташвишу изтироб аст, метавонад касро наздик кунад. Марҳилаи дигари ба ҳолати аддиктивӣ гирифтор шудани шахс метавонад стереотипшавии (қолабишавӣ) ҳамон вазъ бошад, ки он аз стереотип ба одат ва ё ҳавасмандӣ бадал гардад. Кӯшиши барои бо роҳи сунъӣ дигар кардани ҳолати равонӣ дар шахс ба ҳадде боло меравад, ки дар муқоиса бо он мушкилоти наздикони шахс аҳамияти худро гумм мекунад. Ҳангоми тақвияти ҳолати аддиктивӣ шахс бапуррагӣ ба раванди аддиктивии худ ғӯтавар гардида, аз муҳити иҷтимоӣ канда мешавад. Марҳилаи охир хусусияти фоҷиавӣ касб намуда, дар натиҷаи он ҳолати мӯътадили равонӣ ва биологӣ дар фитрати шахсият комилан вайрон мешавад ва марҳилаи бӯҳрони фитрӣ ва халои маънавию рӯҳонӣ фаро мерасад.

Интихоби стратегияи аддиктивӣ аз шароити мураккаби мутобиқшавии иҷтимоӣ ба мушкилиҳои ҳаёт бармеояд, ки он метавонад душвориҳои иҷтимоию иқтисодӣ, рӯҳатодагӣ, шикасти

орзуҳо ва идеолҳо, ихтилоф дар оила ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ, фавти наздикон, баякборагӣ тағйир ёфтани меъёрҳои қолабишуда ва амсоли ин мебошад.

Барои пешгирии ҳолати аддиктивӣ чунин марҳилаҳо пешбинӣ гардидаанд:

- марҳилаи ташхисӣ – ташхиси хусусиятҳои фардӣ, ки метавонад касро ба ҳолати аддиктивӣ оварад (ташвиши зиёд, заъфи қобилияти муошарат, камсӯҳбатӣ, худгароӣ, дастгирии иҷтимоиро нодида гирифтан ва ё қабул накардан, таваҷҷӯҳи кам доштан ба тахайюлот, дигар кардан натавонистани назари худ ба ин ё он муаммо), ҳамчунин иттилоот доштан дар бораи ҳолати кӯдак ва ё наврас дар оила, сифати муносибатҳои оилавӣ, шавқу завқи кӯдак ва ё наврас;
- иттилоотию равшаннамоӣ – васеъ намудани ваколатмандии касоне, ки дар самти равонию шаҳвонӣ, маданияти муошарати байниҳамдигарӣ, усулҳои бартараф намудани ихтилоф ва мушкилиҳои ба рӯҳи кас тазйиқдиҳанда метавонанд ба рафтори аддиктивӣ майл пайдо мекунанд;
- гузаронидани тренингҳо бо ҷузъиёти ислоҳкунандаи рафтор ва паҳлӯҳои гуногуни хислати шахс; ин намуди тренингҳо барои мустақилона ислоҳ кардани рафтори худ равона шудаанд, ки барои ин малакаҳои заруриро ба шахс дастрас месозанд.

Пешгирии рафтори аддиктивӣ бояд дар тамоми соҳаҳои ҳаёти шахс ба эътибор гирифта шавад: оила, мактабу таълимгоҳ, муҳити иҷтимоӣ.

Дар баробари мушкилиҳои экологӣ рафтори аддиктивӣ низ хавфи экологии захираҳои фитриро ба миён овардааст, ки он на фақат ба худи шахс, балки бароиояндаи ҷомеаи башарӣ оқибатҳои фоҷиаборро ба миён оварда метавонад.

**АДДИКЦИЯ** – зависимость от определенных веществ, предметов, видов деятельности. Существуют химические и нехимические формы аддикции. Нехимические формы аддикции: азартные игры (гемблинг), сексуальная, любовная аддикция, аддикция к трате денег, интернет-аддикция, гаджетаддикция (мобильный телефон, С – плеер, портативный компьютер и др.), за-

висимость от деструктивных культов и пр. Промежуточное место занимает аддикция к еде (переедание или голодовка).

Химические формы аддикции – алкоголизм, наркомания; употребление лекарственных средств в дозах, превышающих терапевтические, употребление галлюциногенов, а также препаратов бытовой химии.

Разные формы аддикции имеют специфические особенности и проявления, но все они создают серьезную угрозу для физического и психического здоровья не только самих аддиктов, но и для тех, кто их окружает.

Формирование аддиктивного поведения начинается на эмоциональном уровне. Группой риска становятся люди с низкими адаптивными возможностями, а также нестойкие перед разного рода стрессорами подростки, которые проявляют постоянное неудовольствие своей жизнью, собой и окружением. На следующем этапе формирования аддиктивного поведения определяется частота его реализации. Провоцировать аддикцию могут любые события, которые вызывают душевное беспокойство, тревогу, чувство психологического дискомфорта. Следующий этап развития аддиктивного поведения характеризуется тем, что его ритм становится стереотипным. Мотивация искусственного изменения своего психологического состояния становится настолько интенсивной, что заинтересованность проблемами людей из ближайшего окружения теряет свое значение. На этапе доминирования аддиктивного поведения – происходит полное погружение в аддиктивный процесс, окончательное отчуждение и изоляция от общества. Последний этап имеет характер катастрофы. Аддиктивное поведение разрушает и психику, и биологические процессы; настает период общего кризиса и духовного опустошения.

Выбор аддиктивной стратегии поведения обусловлен трудностями в адаптации к жизненным проблемным ситуациям: сложные социально-экономические условия, разочарование, крах идеалов, конфликты в семье и других социальных группах, потеря близких, резкое изменение обычных стереотипов и др.

Определяют следующие этапы профилактической деятельности:

- диагностический – диагностика личностных особенностей, которые могут влиять на формирование аддиктивного поведения (повышенная тревожность, неспособность к эмпатии, некоммуникабельность, эгоцентризм, низкое восприятие социальной поддержки, направленность на поиск впечатлений и др.), а также получение информации о положении ребенка в семье, характере семейных отношений, об увлечениях ребенка;
- информационно-просветительский – расширение компетенции людей, склонных к аддиктивному поведению в таких направлениях, как психо-

сексуальное развитие, культура межличностных отношений, технология общения, способы преодоления стрессовых ситуаций, конфликтов и др.;

- тренинги с элементами коррекции отдельных личностных особенностей и форм поведения; тренинги, направленные на формирование и развитие навыков работы над собой.

Профилактика аддиктивного поведения должна осуществляться во всех сферах жизни: семьи, образовательной среды, общественной жизни в целом.

Наравне с экологическими проблемами окружающей среды аддиктивное поведение становится реальной угрозой экологии личностных ресурсов, являющихся важной составляющей полноценного функционирования общества и дальнейших перспектив его развития.

**Адабиёт/Лит.:** Гоголева А.В. Аддитктивное поведение и его профилактика. – М.: МПСИ, 2002. – 240 с.; Короленко Ц.П., Дмитриева Н.В. Факторы, способствующие развитию химических аддикций. Психологические и социокультурные аспекты профилактики наркоалкогольной зависимости: Сб. научных работ / Под. ред. М.С. Яницкого. – Кемерово, 2000. – С. 88 – 97.; Леонова Л.Г., Бочкарева Н.Л. Вопросы профилактики аддиктивного поведения в подростковом возрасте. Учебно-метод. пособие. Новосибирск: НМИ, 1998. – 48 с.; Методичний посібник з профілактики ВІЛ/СНІД у молодіжному середовищі. – К.: Фонд профілактики хімічних залежностей та СНІДу, 2000. – 16 с.; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І. Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008. – С. 9-11; Griffiths M.D. Internet addiction – time to be taken seriously? //Addiction Research. – 2000. – V. 8. – N. 5. – P 413 – 419.

Бунина Л.Н.

**АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ -** барои ҳамаи аъзоёни ҷомеа имкониятҳои гуногуни амалигардонии қобилиятҳои худ ва қонеъ гардонидани талаботҳои ҳаётӣ (дар бисёр ҳолатҳо, аммо на дар ҳама вазъиятҳо мувофиқ ба саҳми меҳнатӣ) фароҳам овардан; аз ҷониби ҷомеа ва институтҳои он ба одамон ва иттиҳодияҳои мухталиф мувофиқи кору рафтор, характер ва ҳаёту фаъолият мукофоти муносиб додан; принсипҳои сиёсати иҷтимоии давлат.

Адолат мафҳумест, киталаботи мувофиқ гардонидани байни нақшаҳои амалии фардҳои алоҳида (табақаҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ) дар ҳаёти иҷтимоӣ ва вазъи иҷтимоии онҳо, байни ҳуқуқу ӯҳдадориҳои онҳо; меҳнату мукофотҳо, хизматҳошинохти ҷамъиятии он; ҷиноят ва

ҷазоро фаро мегирад. Амалӣ гардонии принсипҳои адолати иҷтимоӣ маънои васеъ гардонидани имкониятҳои инкишофи қобилияти шаҳрвандон ва мувофиқ ба он интихоб намудани намудҳои фаъолият, комил гардонии низоми тамоюли касбии ҷавонон, ҳама намудҳои таёрии кабӣ, низоми мутобиқгардониии ҷавонон дар коллективҳои меҳнатӣ ва ғайраро дорад.

Адолати иҷтимоӣ инчунин дар он зоҳир мешавад, ки аъзоёни ҷомеа аз ҳисоби меҳнати худ воситаҳои барои зиндагӣ заруриашонро ба даст меоваранд ва он нафароне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ омодагӣ мегиранд ва ё қобили меҳнат нестанд аз ҳисоби давлат таъмин мегарданд. Мувофиқ ба адолати иҷтимоӣ низоми гуногуни музди меҳнат ва тақсимоти даромадҳо чунин ба роҳ монда мешавад, ки миқдори неъматҳои ба дастовардаи инсон ба миқдор ва сифати меҳнаташ муофиқ бошад. Бо назардошти адолати иҷтимоӣ на танҳо музди меҳнат, балки дигар неъматҳо бояд вобаста ба хизматҳои меҳнатии одамон тақсим карда шаванд.

Таҷассуми раванди адолати иҷтимоӣ дар соҳаҳои иҷтимоии сиёсӣ ва иҷтимоии меҳнатӣ аҳамияти калонро соҳиб аст. Воқеи гардонидани адолати иҷтимоӣ маънои баробарҳуқуқӣ (баробарии ҳуқуқу ӯҳдадориҳо)-и ҳамаи шаҳрвандонро новобаста аз мансубияти иҷтимоӣ ва миллӣ-нажодӣ инсонро дорад. Ба маънои дигар зери мафҳуми адолати иҷтимоӣ ба ҳамаи шаҳрвандон фароҳам овардани имкониятҳои иштироknамоӣ дар идораи ҳаёти иҷтимоии ҷомеа, ҳангоми қабули қарорҳои муҳим ба инобат гирифтани манфиатҳои онҳо дар назар дошта мешавад.

Дар соҳаи маданият принсипҳои адолати иҷтимоӣ дар ташкили шароитҳои мувофиқ, ҳамроҳ намудани мардум ва арзишҳои фарҳангӣ дар ташкили ин шароитҳо инъикоси хешро меёбад. Мафҳуми адолати иҷтимоӣ бо мафҳумҳои объективӣ будан, ҳақиқат, поквиҷдонӣ, ростӣ, адолат, баробарҳуқуқӣ, қонун, ҳимматбаландӣ, боахлоқӣ, суд, баробарӣ, ҳақгуфторӣ, инсондустӣ, руирост будан, фаҳмидани дигарон, принсипнокӣ ва ғайра тавъам мебошад.

Мафҳуми адолат барои назарияҳои этникӣ ва фалсафаи иҷтимоӣ аҳамияти фундаменталӣ (бунёдӣ) дошта, бо идеяҳои беғаразӣ ва баробарӣ алоқамандии зич дорад. Аз Арасту (384-322то мелод) сар карда фарқ намудани адолати тақсимнамоӣ, ки ба саволи «ки бояд соҳиби чӣ шавад» алоқаман аст ва адолати ислоҳшавӣ (correktiv)

- мурочиат намудан ба фардҳо дар раванди бадали (мубодилаи ) амал (трансаксионии̅, махсусан ҷазо додани фард барои ҷиноят) ба анъана даромада аст.

Идеяи адолати дистрибутивӣ ҳамчун адолати иҷтимоӣ дар фалсафа ва сиёсати иҷтимоӣ мақоми махсусро соҳиб аст. Назарияи муосири адолати дистрибутивиро файласуфи амрикоӣ Дж.Ролз дар асараш «Назарияи адолат» (1971), ки индивидуализм (фардгароӣ )-ро ҳимоя мекунад ва аз баробарӣ ҷонибдорӣ намудааст, дар мадди аввал гузошта, инкишоф медиҳад. Ролз менависад: «ҳамаи арзишҳои иҷтимоӣ - озодӣ ва имкониятҳо, даромад ва ҳолат, эҳсоси дарки шаъну шараф бояд баробар тақсим шаванд, бо истисноии ҳолатҳое, ки тақсимоти нобаробарӣ ин ё он ё ҳамаи арзишҳои иҷтимоӣ ба манфиати умум амалӣ гардад» Ролз чунин намудҳои адолатро нишон медиҳад: расмӣ, ҷазодиҳанда, тақсимкунанда, табиӣ, амалӣ, таъсиркунанда, қоидавӣ, сиёсӣ, ҷудокунанда ва ҳамроҳкунанда.

Адешаи алтернативиро оид ба адолати иҷтимоӣ Р. Нозик дар асараш «Анархия, давлат ва утопия» (1974), ки бештар ба озодӣ афзалият медиҳад, баён намудааст. Ба андешаи Р.Нозик давлат метавонад адолатнок бошад, ба шарте, ки доираҳои гуногуни он монеи истифодаи озодиҳои шахсӣ нагарданд.

А.О. Гулевич чунин намудҳои адолатро махсусан қайд менамояд: дистрибутивӣ, қоидавӣ, байнишахсӣ ва иттиоолотӣ.

Дар Декларатсияи ташкилоти меҳнат (ДТМ) оиди адолати иҷтимоӣ ба мақсади глобализатсияи адолатнок, ки 10 июни соли 2008 қабул шудааст, чаҳор вазифаи старатегии Декларатсияи ташкилоти меҳнатро нишон медиҳад: тавассути ташаккули муҳити устувори иқтисодӣ ва институтсионӣ ба шуғлмандӣ мусоидат намудан; коркард ва васеъ намудани доираи тадбирҳои ҳифи иҷтимоӣ, таълимоти иҷтимоӣ ва ҳифзи кормандон; ба диалоги иҷтимоӣ ва трипартизм мусоидат намудан; риоя намудан, ёрӣ расонидан ва амалигардонии пирнсипҳо ва ҳуқуқҳои меҳнатӣ, ки барои ҳалли ҳамаҷонибаи кулли вазифаҳои стратегӣ ҳамчун шароити мусоид ва ҳуқуқи асосӣ хеле зарур ҳастанд.

**СОЦИАЛЬНАЯ СПРАВЕДЛИВОСТЬ** - создание для всех членов общества равных возможностей для реализации своих способностей и удовлетворения жизненных потребностей (в большинстве случаев – но не во всех – в соот-

ветствии с величиной трудового вклада); соразмерность вознаграждения, получаемого людьми и их различными объединениями со стороны общества и его институтов согласно их делам, поступкам, характеру жизнедеятельности; принцип социальной политики государства.

Справедливость – понятие о должном, содержащее в себе требование соответствия между практической ролью различных индивидов (социальных слоев, групп) в жизни общества и их социальным положением, между их правами и обязанностями; трудом и вознаграждением; заслугами и их общественным признанием; преступлением и наказанием.

Осуществление принципа социальной справедливости предполагает расширение возможностей развития способностей всех граждан и выбора в соответствии с ними видов трудовой деятельности, совершенствование системы профессиональной ориентации молодежи, всех видов профессиональной подготовки, системы адаптации молодых кадров в трудовых коллективах.

Справедливость социальная проявляется и в том, что средства для жизни члены общества получают только за счет своего труда, а те, кто только еще готовится к трудовой деятельности или нетрудоспособен, обеспечивается за счет общества. В соответствии с социальной справедливостью распределение доходов строится так, чтобы величина получаемых человеком благ соответствовала количеству и качеству труда. В соответствии с социальной справедливостью не только оплата труда, но и другие блага должны распределяться с учетом трудового вклада людей. Большое значение имеет воплощение процесса социальной справедливости в социально-политической и социально-трудовой сферах. Его реализация означает фактическое равноправие (равенство прав и обязанностей) всех граждан независимо от их социальной и национально - расовой принадлежности. Это предполагает предоставление всем гражданам равных возможностей участвовать в управлении общественной жизнью с учетом собственных интересов в принятии соответствующих решений.

В сфере культуры принцип социальной справедливости находит выражение в создании все более благоприятных условий для приобщения всех членов общества к духовным ценностям и к процессу их создания.

Понятие справедливости ассоциируется с такими понятиями как объективность, истинность, честность, порядочность, совесть, правосудие, равноправие, закон, благородство, нравственность, суд, равенство, искренность, гуманность, прямота, понимание, принципиальность и другими.

Понятие справедливости, имеющее фундаментальное значение для этической теории и политической философии, связано с идеей беспристрастия и равенства, в особенности с предписанием равным образом относиться к равным. Начиная с Аристотеля (ок. 384-322 гг. до н.э.) принято различать (1)

дистрибутивную (распределительную) справедливость, связанную с вопросами о том, «кто, что должен получить», и (2) исправительную (corrective, commutative) справедливость, связанную с обращением с индивидами в процессе социальных трансакций (в особенности с наказанием индивида за преступление). Идея дистрибутивной справедливости как справедливости социальной занимает важное место в современной социальной философии и политике. Современная теория дистрибутивной справедливости была выдвинута американским философом Дж. Ролзом в его работе «Теория справедливости» (1971), где он отстаивает *индивидуализм*, приводя вместе с тем доводы в защиту равенства. Дж. Ролз предлагает следующее общее определение «все социальные ценности – свобода и возможности, доход и состояние и другое – должны распределяться поровну, за исключением тех случаев, когда неравное распределение какой-либо или всех этих ценностей осуществляется к всеобщей выгоде». Видами справедливости (по Ролзу) являются: формальная, карательная, распределительная, естественная, действенная, процедурная, политическая, выделительная, сопутствующая.

Альтернативный взгляд на справедливость, при котором приоритет отдается свободе, был предложен Р.Нозиком в работе «Анархия, государство и утопия» (1974). Он приводит аргументы в защиту частной собственности, прав индивида и самоопределения. По его мнению, государство может быть справедливым только при условии, что его сфера минимальна, то есть тогда, когда оно не препятствует пользованию личными свободами.

О.А. Гулевич отмечает следующие виды справедливости: дистрибутивная, процедурная, межличностная и информационная.

В Декларации Международной Организации Труда о социальной справедливости в целях справедливой глобализации, принятой 10 июня 2008 года, указывается четыре стратегические задачи МОТ: содействие занятости благодаря формированию стабильной институциональной и экономической среды; разработка и расширение мер социальной защиты – социального обеспечения и защиты работников; содействие социальному диалогу и трипартизму; соблюдение, содействие и реализация основополагающих принципов и прав в сфере труда, которые имеют особую важность и как основополагающие права, и как благоприятные условия, необходимые для всеобъемлющего решения всех стратегических задач.

**Адабиёт/Лит.:** Аберкромби Н., Хилл С., Тернер Б.С. Социологический словарь. М, Экономика. 2004. – 620 с; Даль В.И. Толковый словарь живого великорусского языка. Т. IV. М; Русский язык. 1991. – 683 с; Декларация МОТ о социальной справедливости в целях справедливой глобализации. Женева, 10 июня 2008 г. – 26 с; Гулевич О.А. Социальная психология справедливости. М, Аспект Пресс, 2007. – 254 с; Кунельский Л.Э Перестройка и социальная справедливость. М, Наука, 1990. – 208 с; Ролз Джон. Теория справедливости.

Изд-во Новосибирского университета, Новосибирск, 1995. – 536 с; Российская социологическая энциклопедия. Под ред. академика РАП Г.В. Осипова. – М.: Наука-Инфра. М, 1998. – 672 с.

Зеваров Х.З.

**АКСИОЛОГИЯ** – таълимоти фалсафӣ дар бораи арзишҳои моддӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва ахлоқии шахс, коллектив ва ҷомеа, таносуби онҳои бо олами воқеӣ, тағйирёбии низоми арзиш ва меъёрҳо дар раванди инкишофи таърихиро аксология меноманд. Асосгузори аксиология ҳамчун таълимоти фалсафӣ Г. Лотсе шинохта шудааст. Саҳми арзанда дар рушди ин таълимот ҳамчунин Г.Мюнстерберг, Г. Рикке, А.Мейнонг гузоштаанд. Дар кориичтимоии муосир ва педагогикаи иҷтимоӣ аксеология асоси методологии ҳамин фанҳо ба шумор рафта, низоми ақоидеро фаро мегирад, ки онҳо дар заминаи таълимот дар бораи табиати фитрии инсон ва арзишҳои инсонӣ ба монанди маънои ҳаёт, мақсади ниҳоии инсон ҳамчунин фаъолияти иҷтимоии ӯ ҳамчун арзиш, рушд кардаанд.

Дар луғатҳо ташреҳи ин мафҳум ба таври гуногун дода шудааст. Дар луғати фалсафии зери назари Фролов Л. нашргардида мафҳуми аксиология ҳамчун мафҳуми фалсафӣ дар бораи табиати арзишҳои инсонӣ шарҳ дода шудааст. Ба андешаи мурттибони луғати фалсафӣ зери назари Кемеров В., аксиология – ҳамчун таълимот дар бораи шаклҳо ва усулҳои тарҳрезии инсон аз рӯи ҷидду ҷаҳдҳои инсон ба оянда, интихоби нишондодҳо барои имрӯз ва баҳо ба гузашта дониста мешавад. Дар луғати истилоҳоти иҷтимоӣ зери назари Андрушенко В. қайд мешавад, ки аксиология – назарияи арзишҳо буда, сифат ва аломати ашё, ҳодисаҳо, равандҳоеро таҳқиқ мекунад, ки талабот, ҳавасмандӣ ва хоҳишҳои инсонро қонеъ месозанд. Чунин тавзеҳоти илмию назарӣ ба мо имкон медиҳад, ки аксеологияро ҳамчун таълимот дар бораи арзишҳо шиносем.

Арзишҳо ҳамчун ҳодисаҳои моддию маънавӣ ва зуҳуроти рӯҳонӣ муаррифӣ ва таҳқиқ мешаванд, ки дархури ниёзмандии инсонҳо ва ё шахсони ҷудогона дониста шудаанд; ҳамчун маҳсули (предмет ва ё идеяи абстрактӣ) фаъолияти самарабахши инсон барои тағйир ва ё такмил додани маънӣ ва нишондодҳои зиндагии оянда; ҳар гуна чиз, аз ҷумла чиз идеолӣ, ки барои субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ

(фард, гурӯҳ, табақаи аҳолӣ, башарият) аҳамияти барҷастаи ҳаётӣ дорад. Илова бар ин ба архишҳо умуман метавонанд маънӣ ва мазмуни ҳолатҳои ҷолиб, вазъиятҳои гуворо ва ҳамчунин арзишҳои материалӣ барои фард буда метавонанд, аммо ба маънии маҳдуд арзишҳо метавонанд ақидаҳои маънавию рӯҳонӣ бошанд, ки онҳо ба мафҳумҳои умумиятдодашудаи воло марбутанд, аз тарафи дигар идеолҳои ахлоқӣ, эътиқодоти асосию умумӣ, ки мақсадҳои фар два дар маҷмӯъ ҷамъиятиро фаро мегиранд; ифодаи моҳияти зуҳуроте, ки ба ниёзи ҷомеа ва фардҳо дармехурад, дар баробари ин талабот ва меъёрҳои ахлоқӣ, ки маҳсули тамаддуни башарӣ буда, аз тафаккури ҷи маҳдуд арзишҳои иҷтимоиро муаррифӣ мекунанд.

Аз як тараф гуногунии мавқеъ ва муносибатҳо дар тавзеҳ ва муайян намудани мафҳуми арзишҳо ба ҳадде гузаронидани таҳқиқро мураккабтар месозад ва аз тарафи дигар бошад, нишон медиҳад, ки ин мафҳум басо гуногунпаҳлӯ аст ва дар баробари ин моро водор мекунад, ки маҳдудияти ҳар як тавзеҳоти илмиро бояд ба назар гирифта, хулосабарорӣ намоем.

**АКСИОЛОГИЯ** – философское учение о материальных, культурных, духовных, моральных ценностях личности, коллектива, общества, их соотношения с миром реальности, изменениях системы ценностной и норм в процессе исторического развития. Основателем аксиологии как философского учения считают Г. Лотце. Определенный вклад в развитии учения сделали Г.Мюнстерберг, Г. Рикке, А.Мейнонг. В современной социальной работе и социальной педагогике аксиология – это их методологическая основа, которая определяет системы взглядов, в основе которых лежит учение о природе таких человеческих ценностей как смысл жизни, окончательная цель и оправдание человеческой, в том числе, социальной, деятельности.

В современных словарях толкование понятия разное. В философском словаре под редакцией И.Фролова аксиологию определяют как философское исследование природы ценностей. По мнению составителей современного философского словаря под общей редакцией В. Кемерова, аксиология – учение о формах и способах ценностного проектирования человеком своих жизненных устремлений в будущее, выбор ориентиров для сегодняшней жизни и оценки прошедшей. В философском словаре социальных терминов под редакцией В.Андрущенко отмечается, что аксиология – теория ценностей, которая объясняет и исследует качество и характеристики предметов, явлений, процессов, способных удовлетворять потребности, интересы и же-

лания людей. Эти научные подходы позволяют трактовать аксиологию как теорию ценностей.

Ценности определяются как: явления материального и духовного плана, имеющие позитивною значимость, т.е. способность удовлетворять определенные потребности общества или отельного человека; продукт (предмет или абстрактная идея) активной деятельности человека, направленной на трансформацию личностных смыслов-ориентиров; любой предмет, в том числе и идеальный, имеющий жизненно важное значение для субъекта (индивида, группы, слоев населения, человечества). К тому же, в широком понимании ценностями могут быть абстрактно привлекательные смыслы или ситуативные ценности, стабильно важные для индивида конкретные материальные блага; в узком значении, ценности отождествляют с духовными идеями, которые определяются понятиями высокого уровня обобщения; этические идеалы, основные убеждения и цели индивидуума или общества; отображение значимости явлений и предметов реальной действительности с точки зрения их соответствия (или несоответствия) потребностям общества, социальных групп или личности (в широком значении указанного понятия), а также как моральные и эстетические императивы (требования), разработанные человеческой культурой и выступающие продуктами общественного сознания (в более узком значении).

С одной стороны, неоднозначность позиций в определении ценностей в значительной степени усложняет проведение научных исследований, но, с другой, - разрешает ученым осознавать, что любая из предложенных трактовок понятия имеет свои ограничения в использовании, что каждый из ученых вносит определенный вклад в исследование ценностной проблематики в целом.

**Адабиёт/Лит.:** Словарь-справочник по педагогике / Авт.-сост. Мижериков В.А.; под общ. ред. Пидкасистого П.И. – М.: ТЦ сфера, 2004. – 448 с.; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. Ред.. проф.. І. Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008.– С. 11-12; Философский словарь / Под ред. Фролова И.Т. – М.: 1986.; Современный философский словарь / Под ред. Кемерова В.Е. – Лондон, Минск, 1998.; Філософський словник соціальних термінів. – Х.: „Корвін”, 2002. – 672 с.; Энциклопедический социологический словарь. Под общ.ред. Осипова Г.В. – М., 1995. – 936 с.

Харченко С.Я.

**АНИМАТСИЯИ ИҶТИМОӢ (водоркунии иҷтимоӣ)** – (фаронсавӣ «animer – водор намудан, ба иҷрои ин ё он амал рӯҳбаланд сохтан) – фаъолияте, ки ба рӯҳбаланд намудани фард, гурӯҳ, ҷамоа барои

иҷрои амалу рафтори муайян равона карда шудааст, ки тавассути он имконияти онҳо кушода мешаванд ва барои татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию маърифатӣ равона карда шудаанд. Аз нигоҳи илми педагогика аниматсия – самти фаъолияти иҷтимоӣ, ки мутахассисро ҳангоми татбиқи имконоти касбӣ ва иқтидори эҷодӣ барои солимгардонии муҳити иҷтимоӣ бо роҳи кӯмак ба одамон дар раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ ва тақвияти муносиботи солими байниҳамдигарӣ, ҷалби онҳо ба созандагӣ водор мекунад.

Мафҳуми аниматсияи иҷтимоию фарҳангӣ дар Фаронса баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ мустаъмал гардид, ки он бо назарияи тарбияи иҷтимоӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Ташаббуси тарбиявӣ, ки ба раванди иҷтимоишавии некбинонаи хонанда равона карда шудааст, аз ҳудуди мактаб баромада, ҳамзамон муҳити иҷтимоиро низ фаро гирифт ва дар бахшҳои гуногуни кори иҷтимоӣ мавриди истифода қарор гирифт ва ҳатто дар интиҳои солҳои 60-уми қарни XX воситаи муҳими ҳаракату ҷараёнҳои гуногуни бахши кори иҷтимоӣ гардид. Сабабҳои асосии аниматсияи иҷтимоӣ қабл аз ҳама суст гардидани фаъолии иҷтимоии ҷамоаҳо чи дар шаҳрҳо ва чи дар деҳот буд, ки он зарурати суръат бахшидани имконоти тарбиятпазирии кӯдакро дар муҳити иҷтимоию фарҳангӣ нишон медод. Мутаносибан ба ин истилоҳи «аниматор» (водоркунанда) ба касоне марбут дониста мешуд, ки бо кӯдакон дар вақти фориғ аз таҳсил кор мекарданд ва бо ҳамин ташаббус онҳо ба раванди фароҳу фароғат ҷузъиёти педагогиву тарбиявиро ворид сохтанд.

Каме баъдтар педагогҳои фаронсавӣ (аз ҷумла, Р. Торайя) ба хулосае омаданд, ки аниматсияи педагогӣ на танҳо дар фаъолияти беруназзсинфии хонанда, балки ба таври самаранок дар раванди таълиму тарбия татбиқ мегардад. Муттасил такомули фаҳмишу баррасии мафҳуми аниматсия ба самти зайл сурат мегирад: аз категорияи иҷтимоию фарҳангӣ ба категорияи иҷтимоию педагогӣ. Ҳамин тавр, дар Конгресси якуми миллӣ бахшида ба масъалаҳои аниматсия, ки соли соли 1966 баргузор гардид, сотсиолог Ж.-П. Имоф дар баромади худ мафҳуми аниматсияро ҳамчун фаъолият дар гурӯҳ, дар гурӯҳҳо ва ё дар коллектив, муҳити иҷтимоӣ дониста, таъкид мекунад, ки он ба такмили муносибатҳои дохилигурӯҳӣ бо истифода аз методҳои иштирок ва мутамарказсоз ба роҳ монда мешавад. Аниматсия муттасил аломатҳои методологии барқарорсозии

муносиботи тарафайни одамонро дар сатҳи гуногуни фарҳангиро касб мекунад. Муҳаққиқи маъруфи фаронсавӣ П. Безнар қайд карда буд, ки асоси аниматсияро асоҳои назарии улуми гуногун чун равоншиносӣ, таърих, ҷомеашиносӣ ва илми сиёсатшиносӣ ташкил мекунад.Дар адабиёти илмӣ аниматсияи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, педагогӣ ва иҷтимоию тарбиявиро ҷудо мекунанд.

Доираи фаъолияти касбии мутахассиси соҳаи аниматсия хеле фароху густурда аст. Вобаста ба самти фаъолият ва критерияҳои тахассусӣ аниматсияро ба таври зайл тасниф мекунанд: аниматсияи шаҳрӣ, кӯчагӣ (мувофиқи таснифоти ҷуғрофӣ); иҷтимоӣ, фарҳангӣ (аз рӯи мазмун, махсусияти сатҳи татбиқ); сиёсӣ, тиҷоратӣ, мактабӣ, зебоишиносӣ (аз рӯи фаъолияти асосӣ), касбӣ, ёварона (аз рӯи мақоми аниматор), ҷамъиятӣ, хусусӣ, даромаднок, бедаромад (аз рӯи маблағгузорӣ), аниматсияи ба мазмун, ба гурӯҳ, ба муносибатҳо, ба таълим равонашуда (аз рӯи критерияҳои педагогӣ). Фаъолияти анматсиониро аз рӯи меъёрҳои иловагӣ ба аниматсияи ҷз рӯи синнусоли ашхос) аниматсияи коргарон, деҳқонон, хизматчиён (аз рӯ касбӣ), аниматсия аз рӯи таснифоти ҷинсии гурӯҳҳо, ё худ аниматсияи гендерӣия аз рӯи таснифоти фарҳангӣ чун аниматсияи фароғату мусиқӣ, сайёҳӣ, варзишӣ, театрӣ, аниматсияи киноклубҳо, фотоклубҳо, аниматсияи ҳунари дастӣ ва амсоли ин гурӯҳбандӣ мешавад. Баробари рушди муносиботи иҷтимоӣ мазмун ва шакли аниматсия низ такмил ёфтааст. Имрӯзҳо аниматсияро аз рӯи вазифаҳояш ба таври зайл гурӯҳбандӣ мекунанд: вазифаи мутобиқсозанда ва мутамарказкунандаи иҷтимоӣ, ки татбиқи он раванди иҷтимоишавии шахсият ва омодагии ӯро ба дигаргуниҳои иҷтимоӣ дар сатҳи сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа таъмин мекунад; вазифаи рекреалогӣ ва ё худ тафреҳӣ, ки бо фароғат ва ташкил он марбут аст – вобаста ба ташкил хуби фароғат аз тарафи аниматорони касбӣ фароғату истироҳат ба рушди шахсият бештар мусоидат мекунад ва дархури ниёзмандии гурӯҳҳои гуногун ва махсусан ҷавонон мегардад ва бо хамин роҳ ба рушди низоми ҷтимоӣ мусоидат мекунад; вазифаи таълимию тарбиявӣ ба таври иловагӣ вазифаи системаи маорифро пурра мекунад ва талаботи фаҳангиву маънавии шахсро қонеъ мегардонад; вазифаи пешгирикунандаи аниматсия имкон медиҳад, ки номураттабиҳо пешбинӣ ва роҳи бартараф кардани онҳо коркард шавад ва бо ҳамин роҳ ҳаёти иҷтимоӣ

ба танзим дароварда мешавад; вазифаи интиқодӣ – чун сухан аз чунин вазифаи аниматсия меравад, масъалаи ҷустуҷӯ ва барқарор намудани муносибатҳои комилан нави иҷтимоӣ дар байни одамон, гурӯҳҳо, ҷустуҷӯи роҳу усулҳои нави тарзи ҳаёт, ки ба сифату мазмунан нав будани меъёрҳо далолат мекунанд; муносибатҳои нави шахсро ба муҳити атроф, ба олами моддию маънавӣ ташаккул дода, ҳамчунин ба ташаккул ва такомули малакаҳои тафаккури интиқодӣ мусоидат мекунад; вазифаи дигари аниматсия вазифаи фарҳангӣ мебошад, ки ба ташаккулёбии муносиботи таҳаммулгароӣ, инсонгароӣ ва башардӯстӣ мусоидат мекунад. Аниматсия дар самти кор бо ҷавоон басо самаранок истифода мешавад ва аз ин сабаб муҳити бештари татбиқшавии он иттиходияҳои бачагонаву наврасон ва клубҳои ҷавонон, муассисаҳои фарҳангию фароғатии ҷавонон ба шумор меравад. Рушди бештари аниматсияро имрӯзҳо бештари дар дар марказҳои иҷтимоию фарҳангӣ дида мешавад ва он барои ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ, новобаста аз синну сол дар бахши фараҳу фароғат ва ҳамчунин дар самти таълимиву тахассусӣ хизматрасонӣ менамояд. Вақтҳои охир шакли нави хизматрасонӣ ва фаъолияти аниматсионӣ дар кварталҳо ва ё худ маҳалҳои сукунат бо мақсади ба миён овардани рӯҳияи ҳаётдӯстӣ, таҳаммул ва башардӯстиву ҳаёти солим дар фазои ягонаи маъмурии фарҳангӣ ба мушоҳида мерасад. Марказҳои аниматсияи иҷтимоию фарҳангӣ дар муассисаҳову корхонаҳо ба фаъолият шурӯъ карда истодаанд. Дар самти сайёҳӣ, тиҷорати меҳмондорӣ, тандурустӣ, варзиш ва тибб низ хадамоти аниматсионӣ имрӯзҳо моҳияти баланд пайдо карда истодааст.

Аз нигоҳи даврони муосир мафҳуми «аниматори иҷтимоӣ» имрӯзҳо ваколату уҳдадориҳои нави худро касб кардааст, ки он паҳлӯҳои наву суфтаи ин самти фаъолиятро нишон медиҳад ва аниматор худ бошад барои ба кори ояндаи худ тақвият дода, бо мақсади суръат бахшидан ва татбиқи лоиҳаҳои аниматсионӣ бо мақсади беҳтар намудани ҳаёти аҳли ҷомеа, ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммул, эҳтироми ҳамдигар, бунёд намудани фазои эҷодӣ, тақвияти фаъолияти аъзои ҷомеа, иҷтимоигардонии шахсият дар муҳити муайяни иҷтимоиро вазифаи касбии худ мешуморад.

Дар шароити муосир вазифаи «аниматори иҷтимоӣ» паҳлӯҳои нави ин ихтисосро инъикос мекунад ва фаъолияти ӯ ба таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои аниматсионӣ барои фаъолгардонии қобилияти зеҳниву

ахлоқӣ, эҷодиву иҷтимоӣ, созмон додани фазои солими муносиботи иҷтимоӣ, муҳити таҳаммулгароӣ ва созандагӣ равона карда шудааст. Мақсади асосии аниматори иҷтимоӣ на танҳо муайян кардани проблема ва мушкилиҳое, ки шахс дар он қарор дорад ва миёнаравӣ кардан (дар ҳалли проблемаи муайянгардида бо дахолат ба муносиботи гурӯҳи одамон, миёни шахсоне, ки ба ёрии иҷтимоию педагогӣ бо мазмуну мундариҷаи гуногун ниёз доранд, ва ҳамчунин миёнаравӣ байни сохторҳо ва институтҳои гуногуни иҷтимоӣ, ки бо кӯмаки иҷтимоӣ сарукор доранд), балки қабл аз ҳама водор намудани шахс ба истифодаи имконоти фитрии худ барои ҳалли мушкилоти худ ва ёрӣ ба худ, ҳамчунин барои рушди қобилиятҳои худ мебошад. Мутахассисе, ки дорои фарҳанги аниматсионӣ аст, метавонад қобилияту малакаи касбиву шахсии худро дар сатҳи муайян барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ истифода мебарад ва донишҳои худро дар таҷрибаи кори иҷтимоӣ татбиқ менамояд. Дар кори иҷтимоии муосир аниматсия зуҳуроти нав буда ҳанӯз дар марҳилаи итидоии татбиқшавӣ ва рушд аст.

**АНИМАЦИЯ СОЦИАЛЬНАЯ** – (фр. animer – вдохновлять, побуждать к определенной деятельности) – деятельность, направленная на побуждение индивида, группы, сообщества к осознанию и раскрытию потенциала, создание условий для реализации разносторонних возможностей, осуществление социокультурных и социообразовательных программ и проектов. В педагогическом контексте анимация – это направление социальной деятельности, ориентированной на реализацию профессиональных действий специалиста с целью оздоровления социального климата, создания атмосферы креативности (творчества), оказания помощи людям в адаптации к социальным изменениям, содействие их интеграции в социокультурное пространство, побуждение их к взаимодействию через привлечение к просоциальной деятельности.

Само понятие социокультурной анимации возникло во Франции после Второй мировой войны и тесно связано с теорией социально-воспитательной среды. Воспитательные инициативы, направленные на позитивную социализацию ученика за пределами школы и в широких слоях социальной работы, возродились в конце 1960-х гг. наравне с другими социальными движениями. Основными причинами развития концепции анимации были: понижение общественной активности, как в городских, так и в сельских общинах, необходимость активизации воспитательного потенциала социально-культурного пространства ребенка. Термин «аниматор» был введен для характеристики организаторов деятельности детей в свободное

от учебных занятий время и использовался в основном в контексте идеи педагогизации досуга.

Позже французские педагоги (в частности, Р. Торайя) пришли к выводу, что педагогическая анимация охватывает не только внешкольную и внеурочную деятельность школьника, но и активно внедряется в учебно-воспитательный процесс. Постепенно происходит эволюция в плане понимания анимации в таком направлении: от категории социокультурной к категории социально-педагогической. Так, на Первом Национальном Конгрессе по вопросам анимации, который состоялся в 1966 году, социолог Ж.-П. Имоф в своем докладе определил анимацию как деятельность в группе или с группой, коллективом, социальным окружением, направленную на развитие взаимодействия внутри этой группы с использованием методов прямого участия и интеграции. Основной функцией анимации была определена адаптация личности к новым формам социальной жизни с учетом таких аспектов, как работа по инадаптации и развитию личности, коллектива. Анимация постепенно приобретает признаки методологии установления взаимоотношений между людьми и их связей с культурой на разных уровнях ее выражения. П. Безнар, известный французский ученый, отметил, что в основе анимации – синтез таких разных и сложных научных областей, как психология, история, социология, политические науки и др. В научной литературе выделяют анимацию социальную, культурную, социокультурную, социовоспитательную, педагогическую и т.д.

Профессиональное поле специалиста по анимационной деятельности достаточно широко. В зависимости от различных критериев анимацию классифицируют как: городскую, уличную (по географическому критерию); социальную, культурную (по содержанию, специфике уровня внедрения); политическую, коммерческую, школьную, эстетическую (по сектору основной деятельности); профессиональную, волонтерскую (по статусу аниматора); общественную, частную; прибыльную, неприбыльную (по виду финансирования); анимацию, сконцентрованную на содержании, группе, отношениях, обучении (по педагогическому критерию). Анимационную деятельность также можно охарактеризовать и по некоторым вспомогательным критериям: анимация молодежи, взрослых, людей пожилого возраста и т.д. (по возрасту личности); анимация среды рабочих, крестьян, служащих и т.д. (по профессиональному своеобразию); анимация по гендерному признаку и по культурному уровню участников; анимация музыкального досуга, туризма, спортивная анимация, театральная, киноклуб, фотоклуб, рукоделие (по содержанию мероприятий) и т.д. В процессе социального развития менялись содержание и формы анимационной деятельности, что обусловило расширение ее функций. Сегодня различают такие основные функции анимации: социальная функция адаптации и интеграции, реализация которой обеспечивает процесс социализации личности и ее готовность к дина-

мическим изменениям в обществе как на политико-экономическом уровне, так и на культурном; рекреалогическая функция, связанная с досугом и его организацией – благодаря хорошо подготовленной и организованной деятельности специалистов-аниматоров культурный досуг становится основой дальнейшего культурного, деятельностного, практически направленного личностного роста в соответствии с культурными запросами разных категорий молодежи; учебно-воспитательная функция – анимация содействует дополнению образования, развитию культурных, а также духовных потребностей и интересов личности; превентивная функция – анимация позволяет предвидеть и ограничить девиации, помогает в урегулировании общественной жизни; критическая функция – речь идет о возможностях анимации в нормализации, содействии в установлении качественно новых отношений между людьми и группами, в поиске нового способа жизни, более качественного и содержательного; устанавливает новое отношение к окружающему материальному и духовному миру; благоприятствует развитию критического мышления личности; культурная функция. Анимация широко распространена в работе с молодежью – в различных детских и юношеских объединениях, молодежных клубах, досуговых учреждениях. Значительного развития достигла анимация в социокультурных центрах, где анимационная деятельность осуществляется для всех слоев населения независимо от возраста, как в сфере культурного досуга, так и в сфере образовательно-профессиональной. В последнее время актуальной является новая форма анимационной деятельности – в жилищных секторах-кварталах, основной целью которой есть создание благоприятных условий для позитивно-активной жизнедеятельности и взаимодействия людей в конкретном территориальном и культурном пространстве. Центры социально-культурной анимации создаются также на предприятиях. Активно развиваются новые направления анимационной деятельности в сфере туризма, гостиничного бизнеса, спорта, медицины.

В современном понимании понятие «социальный аниматор» отражает качественно новую грань профессиограммы специалиста, личность и деятельность которого направлены на создание и реализацию анимационного проекта с целью активизации воспитательной, культурной и социальной деятельности людей, для улучшения взаимопонимания, создания атмосферы толерантности, креативности в конкретной группе, инициирования просоциальных действий, улучшения условий самого процесса социализации личности в определенной среде и в обществе в целом. Цель социального аниматора – не только и не столько определять проблемную ситуацию, в которой пребывает человек, и помогать в ее разрешении через посредническую деятельность (между человеком или группой людей, которые нуждаются в социально-педагогической помощи разного характера, и социальными институциями, которые непосредственно занимаются социальной поддержкой), а прежде всего – стимулировать, «вдохновлять» личность на

самораскрытие, саморазвитие и самопомощь. О специалисте, который обладает анимационной культурой, можно говорить в том случае, когда ему присущи определенный уровень знаний и умений их реализовывать, способность к преобразовательной социальной практике. В современной социальной работе анимация – явление новое и находится в стадии развития.

**Адабиёт/Лит.:** История социальной педагогики (становление и развитие зарубежной социальной педагогики) / Под ред. Беляева В.И. – М.: Гардарики. 2003. – 255 с.; Лесіна Т.М. Соціальний педагог-аніматор: шляхи професійного зростання: навч.-метод. посіб. – Ізмаїл: Видавництво ІДГУ, 2008. – 104 с.; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. Ред.. проф.. І. Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008.– 12-15 с.; Тетерский С.В. Введение в социальную работу. 4-е изд. – М.: Акад. Проект., 2004. – С.321-323; Augustin J.-P., Gillet J.-C. L'animation professionnelle: histoire, acteurs, enjeux. – Paris: L'Harmattan, 2000. – 236 p.; Gillet J. C. Animation et animateurs: le sens de l'action. – Paris: L'Harmattan, 2006. – 326 p.

Лесина Т.Н.

**АРТПЕДАГОГИКА (педагогикаи ҳунарӣ)** – маҷмӯи донишҳои назарӣ, ки дар асоси илми педагогика ва ҳунар ташаккул ёфтааст ва дар заминаи коррексияи педагогӣ назария ва амалияи рушди малакаҳо ва диди ҳунарии шахсро (махсусан барои одамоне, ки ниёзмандии махсус доранд) таҳия намуда, арзишҳои фарҳангии шахсиятро тавассути фаъолияти ҳунарӣ ва санъати эҷодӣ ташаккул медиҳад. Моҳияти артпедагогика тарбия, таълим ва рушди малакаҳои иҷтимоию ҳунарии одамони имконияташон маҳдуд буда, дар фитрати онон ташаккул додани арзишҳои ҳунарӣ ва қобилияти ҳунарӣ мувофиқи имконияти онҳо мебошад. Вазифаҳои асосии артпедагогика фарҳангӣ (ба робитаи бевоситаи шахс бо фарҳанг ва маҷмӯи арзишҳо, бо рушди инсон ҳамчун эҷодкунандаи арзишҳо дар заминаи фарҳанги ҳунарӣ асос ёфтааст), маърифатӣ (ба рушди шахсияти инсон ва маърифати ҳастӣ тавассути ҳунар равона карда шудааст, раванди азбаркунии малакаҳои ҳунарӣ ва қобилияти эҷодкориро дар фаъолияти ҳунарӣ таъмин мекунад); тарбиявӣ (асосҳои ахлоқиву зебоишиносӣ ва малакаҳои мухобиротиву муошаратро дар шахс ташаккул дода, мутобиқшавии иҷтимоию фарҳангии ӯро тавассути ҳунар таъмин мекунад); коррексионӣ ва ё худ мураттабсозанда (барои пешгирии омилҳои номатлуб, мураттабсозии фаъолият ва воситаи ҷубронкунандаи нуқсон дар раван-

ди инкишоф). Артпедагогика ҳамчун риштаи ҷудогонаи илм дар чаҳорчӯбаи тахсилоти махсус на танҳо тарбияи ҳунариро таъмин мекунад, балки ҳамаи ҷузъиёти мураттабсозии раванди рушдро (инкишоф, тарбия, таҳсилот, коррексия ва ё худ мураттабсозӣ) бо воситаи санъату ҳунар фаро гирифта, ҳамзамон асосҳои фарҳанги ҳунарии шахси имконияташ маҳдудро ба зимма дорад.

**АРТПЕДАГОГИКА** – отрасль научного знания, которая базируется на синтезе педагогики и искусства, обеспечивает разработку теории и практики педагогически коррекционно направленного процесса художественного развития людей (чаще – с особами потребностями), формирует основы художественной культуры личности через искусство и художественно-творческую деятельность. Суть артпедагогики состоит в воспитании, обучении и развитии средствами искусства людей с ограниченными возможностями; формировании у них основ художественной культуры и овладении практическими навыками в разных видах художественной деятельности. Основные функции артпедагогики: культурологическая (обусловлена объективной связью личности с культурой как системой ценностей, развитием человека как творца на основе усвоения художественной культуры); образовательная (направлена на развитие личности и познание ею действительности через искусство; обеспечивает усвоение знаний в сфере искусства и практических навыков художественно-творческой деятельности); воспитательная (формирует морально-эстетические, коммуникативно-рефлективные основы личности; содействует ее социокультурной адаптации с помощью искусства); коррекционная (содействует профилактики, коррекции и компенсации недостатков развития). Артпедагогика как сфера научного знания позволяет рассматривать в рамках специального образования не только художественное воспитание, но и все компоненты коррекционно-развивающего процесса (развитие, воспитание, обучение, коррекция) средствами искусства и формировать основы художественной культуры человека с проблемами в развитии.

**Адабиёт/Лит.:** Артпедагогика и арттерапия в специальном образовании: Учеб. для студ. сред.и высш. пед. учеб. заведений / Е.А.Медведева, И.Ю.Левченко, Л.К.Комиссарова, Т.А.Добровольская.- М.: Издательский центр «Академия», 2001.-248с.; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. Ред.. проф.. І. Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008.– С. 16; Харченко С.Я., Краснова Н.П., Харченко Л.П. Соціально-педагогічні технології: Навч.-метод. посіб. для студентів вищих навчальних закладів.- Луганськ:, Альма-матер, 2005.-552с.

Заверико Н.В.

**АРТТЕРАПИЯ** (ҳунардавоӣ) – 1) бахши мураккаби илм, ки дар заминаи донишҳои назарии ҳунар, равоншиносӣ ва тибб бунёд ёфта, маҳсули улуми зикршуда ва махсусан имконияти ҳунарӣ ва фаъолияти ҳунариро барои коррексияи (мураттабсозии) рушд ва фаъолияти одамоне, ки маҳдудият ва ниёзмандии махсус доранд, истифода бурда, дастрасии ононро а иттилоот ва маърифат таъмин месозад; 2) маҷмӯи методҳое, ки ба истифодаи намудҳои гуногуни ҳунар ва бо ҳамин роҳ ба зоҳир намудани малакаҳои эҷодии шахси имконияти психосоматикӣ ва эҳсосиаш маҳдуд равона гардида, шахсро ба татбиқи он малакаҳои водор месозад; 3) самти психотерапевтӣ (равондавоӣ) ва амалияи коррексияи психологӣ (мураттабсозии рушди равонӣ); 4) методи таъсиррасонии муолиҷавӣ.

Моҳияти артерапия қабл аз ҳама таъсиррасонии муолиҷавӣ ва коррексияи ҳунарӣ ба субъект, муолиҷа ва барқарорсозии ҷароҳати равонӣ ба воситаи фаъолияти ҳунарӣ, сабук кардани ранҷурии равонӣ ва бо ҳамин роҳнамоӣ кардан ба фаъолияти эҷодӣ ва эҳсосоти неку латиф, такмил додани талаботи эҷодӣ ва қаноатманд намудан онҳо. Арттерапия иборат аст аз: изотерапия (таъсиррасонии муолиҷавӣ тавассути ҳунари наққошӣ, санъати тасвирӣ, кандакорӣ); библиотерапия (хониши муолиҷавӣ); имаготерапия (муолиҷа тавассути образҳо (муҳокот), саҳнаофарӣ); терапияи мусиқӣ (муолиҷа бо мусиқӣ); воколотерпия (муолиҷа бо суруд); кинезитерапия (муолиҷа бо таъсири ҳаракатҳо, хореография, ҳаракатҳои коррексионӣ).

Вазифаҳои асосии арттерапия инҳоянд: вазифаи катарсисӣ (пок намудан аз ҳолатҳои ноҷӯр ва эҳсосоти манфӣ); банизомдароранда (бартараф намудани ташаддуди асаб, мураттаб сохтани раванди психосоматикӣ, таҳияи ҳолатҳои мусбати равонӣ); вазифаи мухобиротию рефлективӣ (мураттабсозии ноҷӯрҳо дар муошарат, ташаккул додани рафтори матлубу дуруст, худбаҳодиҳӣ).

Таснифоти арттерапия аввалан дар асоси намудҳои ҳунар (мусиқӣ – терапияи мусиқӣ – ниг. ба боло), баъдан дар асоси самтҳои таркибии улуми тибб, равоншиносӣ, артпедагогика гузаронида шуда, намудҳои муолиҷаи он вобаста ба роҳу усулҳои таъсиррасонӣ ва тарзҳои ташкили он (фардӣ, гурӯҳӣ) тасниф мегардад.

Мафҳуми артерапия дар асоси андешаҳо ва назарияи З. Фрейд ва Л. Юнг ба ҷодаи илм ва амалияи он ворид гардид, ки худ ин муҳаққиқон бо истифода аз таъсиррасонӣ тавассути осор ва фаъолияти ҳунарӣ ба шахсони дар ҳолатҳои душвори равонӣ қарордошта қумак расониданд ва он одамон дар баробари ин тавассути расмҳо ва нақшҳои офаридаи худ эҳсосоти ноҷӯри худро аз ботини худ бароварда, барои худ сабукӣ меоварданд. Ин мафҳум дар давраҳои минбаъда, махсусан дар тадқиқоти муҳаққиқони дигар (К. Роҷерс, А. Маслоу) заминаи басо густурдаи консептуалӣ пайдо намуданд ва то ба ҳудуди модели инкишофи мӯътадили шахсият рушд карданд.

Ҳамчун самти мустақили илм дар педагогикаи муолиҷавию барқароркунӣ ва кори иҷтимоӣ арттерапия якчанд даҳсола инҷониб татбиқ гардида истодааст. Ҳамчун методи эмпирикӣ арттерапия дар ибтидои садаи XX баробари густариши маҳсули эҷодии ҳунармандони риштаи арт-педагогика (аз қабили А.Ҳилл – Британияи Кабир), ки мизоҷони худро ба муассисаҳои таълимӣ барои табобат тавассути санъати тасвирӣ ҷалб карда буданд, мавриди истифода қарор гирифт. Ҳамчунин дар ҳамин марҳила психотерапевтон низ шаклҳои дигари санъати тасвириро барои табобати мизоҷони худ истифода мекарданд (М.Наумбурх дар ИМА). Солҳои 60-80-уми садаи XX аввалин иттиҳодияҳои касбии мутахассисон созмон ёфтанд, ки барои истифодаи дурусту бамавриди методҳои артерапия дар муассисаҳои табобатӣ ва барқарорсозӣ ба таври мукаммал ташаббус нишон доданд. Аввалин марказҳои махсуси омодагии арттерпевтӣ (ҳунардавоӣ) дар кишварҳои гуногун аз қайди расмии давлатӣ гузашта ҳамчун риштаи махсуси фаъолият ба кор шурӯъ карданд. Арттерапия асосан дар тибб (психиатрия, муолиҷаи умумӣ, ҷарроҳӣ ва амсоли ин), дар равоншиносӣ (равоншиносии умумӣ,равоншиносии тиббӣ, равоншиносии махсус), дар педагогика (педагогикаи махсус, педагогикаи коррексионӣ - мураттабсоз) истифода мешавад. Арттерапия ҳамчун самти ҷудогона, ки ба методҳои таъсиррасонӣ бо воситаи маҳсули ҳунар ва санъат ба инсон чи ба таври ҷудогона ва чи ба таври омехта бо воситаи дигари тиббиӣ чун доруворӣ ва дигар воситаҳои педагогиву равонӣ истифода мебаранд. Вақтҳои охир арттерапия бештару амиқтар ба раванди мураттабсозу рушддиҳандаи муассисаҳои махсуси таълимӣ барои кӯдакони маҳдудияти гуногуни равонию ҷисмонӣ дошта ворид мегардад ва барои муолиҷаву бартараф намудани маҳдудияти

мизоҷони гуногун (бо маҳдудияти равонӣ) ва ҳамчунин кӯдакони аз раванди мутобиқшавӣ беруншуда (кӯдакони танҳо, кӯдаконе, ки бо қонун дар мухолифатанд, маҳкумшудагон, кӯдакони гурезаҳо ва амсоли ин) истифода мешавад.

**АРТТЕРАПИЯ** – 1) интегративная отрасль науки, синтезирующая научные знания искусства, психологии, медицины и обосновывающая возможность применения искусства и художественной деятельности в коррекционной работе с людьми, в т.ч. с детьми. Которые имеют отклонения в развитии и в активизации потенциальных возможностей, познавательно-информационных потребностей; 2) совокупность методик, которые базируются на применении разных видов искусства, направленных на стимулирование креативных проявлений человека, которые имеет проблемы, с целью коррекции психосоматических, психоэмоциональных процессов и отклонений в его личностном развитии; 3) направление психотерапевтической и психокоррекционной практики; 4) метод терапевтического воздействия.

Сущность арттерапии состоит в терапевтической и коррекционном воздействии искусства на субъект и проявляется в реконструкции психотравмирующей ситуации с помощью художественно-творческой деятельности, екстериоризации переживаний, которые связаны с ней, черед продукт художественной деятельности, а также создания новых позитивных переживаний, возникновения креативных потребностей и способов их удовлетворения. Арттерапия включает: изотерапию (лечебное влияние средств изобразительного искусства – лепка, рисование, декоративно-прикладное искусство); библиотерапию (лечебное влияние чтения); имаготерапию (лечение посредством образа, театрализацию); музыкотерапию (лечение музыкой); вокалотерапию (лечение пением); кинезитерапию (лечебное влияние движений 0 хореография, коррекционная ритмика).

Основными функциями арттерапии являются: катарсисная (очищение, освобождение от негативных состояний); регулятивная (снятие нервнопсихического напряжения, регуляция психосоматических процессов, моделирование позитивного психоэмоционального состояния); коммуникативно-рефлексная (обеспечивает коррекцию нарушения общения, формирование адекватного мотивированного поведения, самооценки).

Систематизация арттерапии базируется, во-первых, на специфике видов искусства (музыка – музыкотерапия, далее - см.выше); во-вторых, в медицине, психологии. артпедагогике виды терапии дифференцируются в зависимости от лечебно-коррекционного воздействия на человека и форм организации этих воздействий (индивидуальное, групповое),

Понятие арттерапии (терапии искусством) возникло в контексте идей З. Фрейда и Л. Юнга и рассматривалось в психотерапевтической практике как один из методов терапевтического воздействия, который благодаря художественному творчеству помогал психически больным людям передавать в рисунках свои скрытые психотравмирующие переживания и тем самым они освобождались от них. В дальнейшем это понятие нашло более широкую концептуальную базу, включая гармонические модели развития личности (К.Роджерс, А.Маслоу).

Как самостоятельное направление в лечебно-реабилитационной педагогической и социальной работе арттерапия существует несколько десятилетий. Как эмпирический метод арттерапия начала формироваться с середины ХХ столетия, когда распространялся опыт некоторых художников и арт-педагогов (А.Хилл в Великобритании), которые привлекли пациентов различных лечебных заведений к занятиям изобразительного искусства. В то же время ряд психотерапевтов с психоаналитической подготовкой начали использовать принципиально новые формы интеракций – работы с изобразительной продукцией клиентов (М.Наумбурх в США). В 60-80-е годы ХХ ст. были созданы первые профессиональные объединения, которые содействовали внедрению и более четкому определению роли арттерапевтических методов в различных отраслях практической работы. Начали действовать первые центры арттерапевтической подготовки, в некоторых странах достоялась государственная регистрация арттерапии как самостоятельной специальности. Арттерапию применяют в медицине (психиатрии, терапии, хирургии и др.), в психологии (общей, медицинской, специальной), в педагогике (специальной и коррекционной). Арттерапию как направление, связанное с воздействием различных средств искусства на человека, используют как самостоятельно, так и в совокупности с медикаментозными, педагогическими и другими средствами. Последнее время арттерапия все больше входит в коррекционно-развивающий процесс в специальных образовательных учреждениях для детей с разными отклонениями в развитии и в лечебно-реабилитационную работу с различными категориями клиентов как традиционными (психически больными), так и новыми (социальные сироты, правонарушители, осужденные, беженцы и др.)

**Адабиёт/Лит.:** Артпедагогика и арттерапия в специальном образовании: Учеб. для студ. сред.и высш. пед. учеб. заведений /Е.А.Медведева, И.Ю.Левченко, Л.К.Комиссарова, Т.А.Добровольская. – М.: Издательский центр „Академия", 2001. – 248с.; Л.Д .Лебедева Практика арт-терапии: подходы, диагностика, система занятий. – СПб.:Речь, 2003. – 256с.; Практикум по арт-терапии / Под ред.А.И. Копытина. – СПб: Питер, 2000. – 448с.; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І. Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008.– С. 16-18.

Заверико Н.В.

**АСОСҲОИ ИҚТИСОДИИ КОРИ ИҶТИМОӢ** - асосҳои назариявӣ -методологииикиқтисодиёти кори иҷтимоӣ омӯзиши фаъолияти унсурҳо ва муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, асосҳои иқтисодии тандурустӣ ва маориф (соҳаҳои иҷтимоие, ки дар доираи онҳо мутахассисони кори иҷтимоӣ вазифаҳои худро ба анҷом мерасонанд), ҷараёни инкишофи накӯаҳволии аҳолӣ ва ташкили фаъолияти иқтисодии ҳифзи иҷтимоии аҳолиро фаро мегирад.

Мақсади омӯзиши асосҳои иқтисодии кори иҷтимоиро ба тариқи зайл арзёбӣ намудан мумкин аст: ташаккул додани саводи иқтисодӣ ва маданияти иқтисодии мутахассисон дар соҳаи кори иҷтимоӣ; мусоидат намудан ба ташаккули тафаккури иқтисодӣ, ки дар натиҷа мутахассис қонунҳои муосири иқтисодиро омӯхта, дар амалия рафтори мушахасси иқтисодӣ, сатҳи ташаббускорӣ ва кордонию ӯҳдабароии хешро кор карда мебарояд; донистани асосҳои иқтисодии даромади аҳолӣ, меъёрҳои таъминот ва муайян намудани сатҳи камбизоатӣ, кафолати ҳадди ақали иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ; ба таъсири табақабандии иқтисодӣ ба ҷомеа, ба тағйирёбии мавқеи иҷтимоии гурӯҳҳо ва оилаҳо, аҳамияти мабблағгузории буҷавӣ ва дигар намуди маблағгузориҳо дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ баҳо дода тавонистан; донистани хусусиятҳои ташкили ва иқтисодии таъминоти иҷтимоӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ; донистани асосҳои иқтисодии тандурӯстӣ ва маориф; ошнои пайдо намудан ба намудҳои имтиёзҳои иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва методҳои муайян намудани самаранокии меҳнат, масъалаҳои ба кадрҳои баландихтисос таъмин намудани хадамоти иҷтимоӣ.

Иқтисодиёти кори иҷтимоӣ- ин фаъолияти иқтисодиест, ки тамоми сохтори ҳифзи иҷтимоӣ ба истеҳсоли хидматҳои ғайримоддӣ равона шудааст. Фаъолияти иқтисодӣ дар вазифаҳои иқтисодии кори иҷтимоӣ ҳувайдо мегардад. Дар навбати худ зери мафҳуми вазифаҳои иқтисодии кори иҷтимоӣ фаъолияти субъектони низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ фаҳмида мешавад, ки ба ташкили заминаҳои базавӣ, маҷмӯи шароитҳои таъминкунандаи мавҷудият ва инкишофи шахс, оила ва умуман ҷомеа нигаронида шудааст.

Субъектҳои амалигардонандаи вазифаҳои иқтисодӣ давлат, ҷомеа ва инсон маҳсуб мешаванд. Фаъолияти субъектони вазифаҳои иқтисодӣ дар ташаккул ва бошуурона тақсим намудани захираҳои иқтисодӣ

ва танзими истифодаи самаранок ва оқилонаи онҳо зоҳир мегардад. Ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ низоми муносибатҳои тақсимотиро ифода менамояд, ки дар раванди он аз ҳисоби як қисми даромади миллӣ, фонди пулию асъорӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва хизматрасонии шаҳрвандон ташкил ёфта, мавриди истифода қарор мегирад. Ба ин маъно таъминоти иҷтимоӣ ифодакунандаи таъминоти мувофиқи ҳамаи аъзоёни ҷомеа новобаста аз сарчашмаҳои ташкили фондҳо ва ташкили таъминот аст. Ҳамин тариқ, таъминоти иҷтимоӣ –ин ғамхории давлат нисбати шахсоне аст, ки пурра ва ё қисман қобилияти меҳнатии худро гум намудаанд. Ба маънои васеъ ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчунинституги иҷтимоӣ як намуди фаъолияти давлат аст, ки сиёсати иҷтиморо дар вазифаҳо ва мақсадҳои ҳаётӣ таҷассум намуда, маҷмӯи кафолати иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ амалӣ мегардонад ва аз ҷониби ҳар як аъзои ҷомеа риоя гардидани ҳуқуқи иҷтимоӣ, аз ҷумла сатҳи ҳаёти сазоворро таъмин месозад. Ба маънои маҳдуд ҳифзи иҷтимоӣ ин маҷмӯи чорабиниҳои мақсадноки иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилиест, ки барои дастгирии аҳолӣ ва дар мавриди рух додани хатарҳои иҷтимоӣ барои ҳифзи манбаъҳои мавҷудияти аҳолӣ равона шудааст.

Таъминоти иҷтимоиро метавон ҳамчун шакли тақсимоти неъматҳои моддӣ арзёбӣ намуд, ки бо мақсади қонеъ гардонидани талаботҳои ҳаётан муҳими шахсии шаҳрвандони ба вазъи ногувори зиндагӣ гирифторшуда ва ҳамаи аъзоёни ҷомеа ба мақсади ҳифзи саломатӣ ва истеҳсоли муътадили нерӯҳои корӣ аз ҳисоби фондҳои ғайрибуҷавии дар асоси суғуртаи иҷтимоӣ ва маблағҳои ҷудонамудаи давлат амалӣ гардонида мешаванд.

**ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ СОЦИАЛЬНОЙ РАБОТЫ** - социальная работа в настоящее время занимает важное место в жизни общества. Это требует изучения экономических основ деятельности элементов и учреждений социальной защиты населения. Это проблема охватывает теоретико-методологические основы экономики социальной работы, основы экономики здравоохранения и образования (отрасли социальной сферы, где чаще всего выполняют свои функции специалисты по социальной работе), динамику благосостояния населения, организацию экономической деятельности социальной защиты населения.

Целью изучения экономических основ социальной работы является: формирование у специалистов экономической грамотности и экономической куль-

туры в области социальной работы; содействие формированию экономического мышления, что означает знание современных экономических законов, категорий, на основе которых вырабатывается конкретное экономическое поведение на практике, определенный уровень инициативы, деловитости. Социальный работник должен знать: экономические основы формирования доходов населения, критерии обеспеченности и бедности, минимальные государственные гарантии социально-экономической поддержки населения; знать особенности организационных и экономических основ социального обеспечения и социального страхования населения; основы экономики здравоохранения, образования; виды социально-экономических льгот, методы определения эффективности деятельности, вопросы кадрового обеспечения социальных служб; уметь оценивать влияние экономической стратификации в обществе на изменение статуса различных групп и семей, значение бюджетного и других видов финансирования системы социальной защиты;

Экономика социальной работы – это экономическая деятельность всей структуры социальной защиты населения по производству нематериальных услуг. Экономическая деятельность проявляется в экономической функции социальной работы. В свою очередь, под экономической функцией понимается деятельность субъектов системы социальной защиты населения, направленная на создание ресурсной базы, комплекса условий, обеспечивающих средства существования и развития личности, семьи, общества в целом.

Субъектами реализации экономической функции являются государство, общество, человек. Деятельность субъектов состоит из формирования и рационального распределения экономических ресурсов, контроля их эффективного использования. Как экономическая категория социальная защита представляет собой систему распределительных отношений, в процессе которых за счет части национального дохода образуются и используются общественные фонды денежных средств материального обеспечения и обслуживания граждан. В этом смысле социальное обеспечение включает соответствующее обеспечение всех членов общества независимо от источника образования фондов и организации обеспечения. Таким образом, социальное обеспечение – это забота государства о человеке, утратившем полностью или частично способность трудиться. Социальная защита как социальный институт это, в широком смысле, деятельность государства по воплощению в жизнь целей и приоритетных задач социальной политики, по реализации совокупности законодательно закрепленных экономических, правовых и социальных гарантий, обеспечивающих каждому члену общества соблюдение социальных прав, в том числе и на достойный уровень жизни. В узком же смысле, социальная защита – это комплекс целенаправленных конкретных мероприятий экономического, правового, организационного характера для поддержания населения и сохранения источника средств существования при наступлении социальных рисков.

Социальное обеспечение можно определить как форму распределения материальных благ с целью удовлетворения жизненно необходимых личных потребностей граждан, попавших в трудную жизненную ситуацию, всех членов общества в целях охраны здоровья и нормального воспроизводства рабочей силы за счет специальных внебюджетных фондов, создаваемых на страховой основе, и ассигнований государством.

**Адабиёт/Лит.:** Игнатов В.Г., Батурин В.И. и др. Экономика социальной сферы: Учебное пособие. –Ростов н/Д: Издательский центр «МарТ», 2001; Козырев В. М. Основы современной экономики. – М.: Финансы и статистика, 1999; Пантелеева Т. С., Червякова Г. А. Экономические основы социальной работы. –М.:ВЛАДОС, 1999; Социальная работа: теория и практика. Учебное пособие /Отв. ред. Е. И. Холостова. – М.:ИНФРА-М, 2001; Учебник по основам экономической теории/Под ред. В.Д. Камаева. – М.: Владос, 1994.

Таваллоев М.Т.

**АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ КОРИ ИҶТИМОӢ** - қисми таркибии сиёсати иҷтимоӣ, қонуни гардонидани кори соҳаи иҷтимоӣ тавассути қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, маҷмӯи комплекси таркибии фанни тахассусии омода намудани мутахассисони кори иҷтимоӣ буда, барои ҳалли як қатор масъалаҳое, ки дар рафти омода намудани мутахассисони доираи иҷтимоӣ ба миён меоянд, равона шудааст. Зери мафҳуми «асосҳои ҳуқуқии кори иҷтимоӣ» пеш аз ҳама фаҳмида мешавад:

- сиёсати давлатии Тоҷикистон нисбати корҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ;
- хусусиятҳои ташкил ва амали низоми ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии шахс дар сатҳҳои гуногун;
- моҳияти фаъолияти корманди иҷтимоӣ дар доираи ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии шахс, ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии шахс;
- методҳои ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии шахс;
- самтҳои бартаридоштаи ҳуқуқи шаҳрвандоне, ки дар ҳолати ногувори ҳаётӣ гирифтор гардидаанд.

Қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон механизмҳо ва шаклҳои ҳифзи ҳуқуқии мизоҷони категориҳои гуногунро муқаррар намудааст (ниг.: ҳуқуқи инсон).

Дар Сарқонун (Конститутсия)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳифзи ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва фарҳангии инсон ва ӯҳдадориҳои шаҳрванд, ки ба ҳуқуқҳо ва озодиҳои ҳуқуқӣ алоқамадии аст, мустаҳкам гардидаанд.

Ин ҳуқуқҳо дар қонуну кодексҳои амалкунандаи ҶТ, мисли Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» (5 январи соли 2008), Кодекси оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амсоли ин инъикос гардидааст.

Мақсади омӯзиши асосҳои ҳуқуқии кори иҷтимоиро ҳамчун фанни таълимӣ ба таври зайл арзёбӣ намудан мумкин аст:

- таъмини ҳуқуқии фаъолияти корманди иҷтимоӣ дар системаи ҳифзи ичтимои- ҳуқуқии шахс;
- тавсиф додани амалигардии сиёсати давлатии Тоҷикистон нисбати шаҳрвандоне, ки дар шароити ногувори ҳаётӣ қарор дошта, ба кӯмаки корманди иҷтимоӣ ниёз доранд;
- муайян намудани асосҳои назариявӣ-методологӣ ва ташкилӣ-технологии асосҳои иҷтимоӣ- ҳуқуқии муҳофизати шахс .

Дар доираи ҳуқуқ корманди иҷтимоӣ бояд асосҳои зерини меъёрӣ-ҳуқуқиро донад: асосҳои назарияи ҳуқуқ, танзими ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шахс; Конвенияҳои байналхалқӣ ва санадҳои ҳуқуқии ватании ба ҳуқуқи кӯдак бахшидашуда.

Корманди иҷтимоӣ бояд корҳои зеринро ба анҷом расонида тавонад: дар сатҳҳои гуногун таҳлил намудани амали низоми таъминоти ҳуқуқи кӯдакон, ҷавонон ва оилаҳои кӯдакдор; истифода намудани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар доираи ҳифзи ҳуқуқи мизоҷон; доштани малакаи бо институтҳои гуногуни иҷтимоӣ ба роҳ мондани ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва намудҳои гуногуни хизматрасонии ҳуқуқиро дар шакли машваратдиҳӣ доир масъалаҳои конунгузории ҷорӣ; ёри расонидан барои ба расмият даровардани хуҷҷатҳои зарурии ҳуқуқӣ; ба хизматрасонии адвокатӣ таъмин намудани ноболиғон, манфиатҳои кӯдакон ва ҷавононро дар доираи ҳуқуқҳои бартаридоштаашон ҳифз намудан.

Салоҳияти ҳуқуқии корманди иҷтимоӣ бошад тавсифи муҳимтарини ҳамгироии шахс аст (*ниг.: салоҳияти ҳуқуқии корманди иҷтимоӣ*).

**ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ СОЦИАЛЬНОЙ РАБОТЫ** - составная часть социальной политики, легализация работы в социальной сфере через законодательные и нормативные докуметы; составляющая комплекса профессионально-ориентированных дисциплин подготовки социальных работников. Под термином «правовые основы социальной работы» подразумеваются, прежде всего:

- государственная политика Таджикистана относительно социальной работы и социальной защиты;
- особенности построения и функционирования системы социально-правовой защиты личности на разных уровнях;
- сущность деятельности социального работника в сфере социально-правовой защиты личности;
- методы социально-правовой защиты личности;
- приоритетные направления защиты прав граждан, которые оказались в трудных жизненных обстоятельствах.

Действующее законодательство Таджикистана раскрывает механизмы и формы защиты прав клиентов разных категорий (см.: *права человека*).

В современной Конституции Таджикистана представлены личные, политические, социально-экономические, культурные и обязанности, которые тесно связаны с правами и свободами права. Эти права отражены в Законах РТ, как Закон республики Таджикистан «О социальном обслуживании» (5 января 2008 года), Семейный кодекс республики Таджикистан.

Правовые основы социальной работы как учебный предмет имеет целью изучение:

- правовое обеспечение деятельности социального работника в системе социально-правовой защиты личности;
- характеристики реализации государственной политики Таджикистана в отношении граждан, оказавшихся в сложных жизненных обстоятельствах и нуждающихся в помощи социального работника;
- выявления теоретико-методологической и организационно-технологической основы социально-правовой защиты личности.

В сфере права социальный работник *должен знать:* основы теории права, правового регулирования и правового воспитания личности в контексте со-

циальной работы; международные Конвенции и отечественные законодательные акты в отношении прав ребенка.

Социальный работник должен *уметь*: проводить анализ функционирования системы обеспечения прав детей, молодежи и семей с детьми на разных уровнях; использовать положения нормативных документов в сфере защиты прав клиентов; овладеть привычками организации социально-правовой деятельности в разных социальных институтах и разновидности *юридических* услуг – предоставление консультаций по вопросам действующего законодательства; оказывать помощь клиентам в оформлении необходимых юридических документов; предоставлять адвокатские услуги несовершеннолетним; защищать интересы детей и молодежи относительно их имущественных прав.

Правовая компетентность социального работника - важнейшая интегративная характеристика личности (см. *правовая компетентность социального работника*).

**Адабиёт/Лит.:** Конститутсия(Сарқонун)-и ҶТ.- Душанбе, 2003; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» аз 5 январи соли 2008, №359»; Худояров Б.Т. Защита прав и интересов детей по семейному праву Республики Таджикистан. – Душанбе, 2000; Общая декларации прав человека; Международный пакт об экономических, социальных и культурных правах; Международный пакт о гражданских и политических правах; Конвенция о ликвидации всех форм дискриминации относительно женщин; Международная конвенция о ликвидации всех форм расовой дискриминации; Конвенции против истязаний и других жестоких, нечеловеческих или унижающих достоинство видов обращения и наказание. Конвенция и Рекомендации МОТ по социальным вопросам; Конвенция ООН о правах ребенка; Конвенция МОТ о минимальном возрасте для приема на работу (Конвенция 138); Конвенция МОТ о запрещении и неотложных действий относительно ликвидации наихудших форм детского труда.

Миров Ф.С.

# Б

**БАРНОМАИ ИҶТИМОӢ –** қисми таркибӣ, низоми тадбирҳое, ки барои ҳалли масъалаҳои мушаххасу афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ равона гардидааст. Ҳамчун қоида самаранокии иҷтимоӣ ва маҳсули иҷтимоию иқтисодии барномаи иҷтимоӣ дар беҳтар гардонидани сифати зиндагии шаҳрвандон ва дар маҷмӯъ ҷомеа инъикос меёбад.

Дар натиҷаи амали гардидани барномаи иҷтимоӣ бештари вақт масъалаҳои муҳим ва зарурии характери иҷтимоидошта, мисли паст гардонидани сатҳи қашшоқӣ, таъмини шаҳрвандон ба манзили истиқоматӣ ва дигар мушкилиҳои иҷтимоӣ ҳалли хешро меёбанд. Масалан, дар чаҳорчӯбаи сиёсати давлатии ҷавонон барномаи иҷтимоии давлатии дастгирии ҷавонон кор карда баромада шуда истодааст, ки ба ташкил намудани шароитҳо ва кафолати ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ барои худтатбиқсозии шахсии ҷавонон ва инкишофи иттиҳодияҳо, ҳаракатҳо ва ташаббускории насли ҷавон равона хоҳад гашт.

**ПРОГРАММА СОЦИАЛЬНАЯ** – составляющий компонент, система мер, направленных на решение конкретных вопросов, которые определяются приоритетными направлениями социальной политики. Как правило, социальный и социально-экономический эффект социальных программ выражается в повышении качества жизни граждан и общества в целом. В результате реализации социальных программ чаще всего решаются насущные проблемы общественного характера: снижение уровня бедности, смертности, обеспечение населения жильем. Например, в рамках государственной молодежной политики разрабатывается государственная социальная программа поддержки молодежи, которая будет направлена на создание правовых, экономических и организационных условий и гарантий для самореализации личности молодого человека и развития молодежных объединений, движений и инициатив.

**Адабиёт/Лит.:** Григорьева И.А. Социальная политика и социальное реформирование в государствах. – М., 1998; Дурова Л.И. Институционализация региональной социальной политики. - М., 2000; Социальная политика в период перехода к рынку: проблемы и решения. - М., 1996; Социальная политика и проблемы подготовки кадров. - М., 1999.

Мухторов З.М.

**БАҲОДИҲӢ -** ҷузъи муҳими таркиби хизматрасонии иҷтимоиест, ки дар асоси услҳои инфиродӣ ва маҷмӯи амалӣ мегардад.

Баҳҳодиҳӣ - дар асоси меъёру арзишҳои корҳои иҷтимоӣ ба монанди дастрасӣ, ихтиёрӣ, инсондӯстӣ, махфият, ройгон, ҳамкорӣ, ҳимояи кафолатдорни ҳуқуқи инсон, ҳимояи манфиати муштариён ва ба ҳисобгирииии фикрии онҳо бояд ҷараён гирад. Таркиби

баҳодиҳиро шаклҳои гуногуни баҳогузорӣ (усуслҳое, ки ба воситаи онҳо талаботи воқеии фард, гурӯҳ ва ҷомеа муайян мешавад), ташкил мекунанд.

Баҳогузорӣ - қисми муҳими иҷтимоии омӯзиши ҷараёни воқеа мебошад. Чунин шакли баҳогузориҳо мавҷуданд: баҳогузории талабот, баҳогузории ҷҷараён, баҳогузории натиҷаю талабот ва баҳогузории иқтисодӣ.

Дар алоҳидагӣ баҳогузории талабот барои он гузаронида мешавад, ки ҳолати ҳаёти муштариро (кӯдак, оила) муайян намуда, намуди дахолатро ба ҳаёти ӯ маълум намояд. Ду сатҳи баҳогузории талабот мавҷуд аст: сатҳи якум – баҳогузории аввалия, сат - маҷмӯӣ мебошад. Мувофиқати чорабини ҳои ба муштари гузаронида шуда бар нақшаи инфиродӣ таҳқиқ мешавад, пайдарпайии онҳо пойгире мешавад.

Баҳогузории ҷараён – ин мониторинги фаъолияти кормандони иҷтимоӣ мебошад. Ин шакли баҳогузорӣ натиҷаи дахолатро таҳқиқ мекунад. Таъсири чорабиниҳои гузаронида шударо ба сифати ҳаёти муштарӣ муайян мекунад. Маълум мекунад, ки оё дар фаъолияти муштарӣ тамоюли мусбат пайдо шуд, оё аз ҳолатҳои мушкилии ҳаёт даромадан тавонист. Дастоварди муштарӣ метавонад дар рафтор, тағйиротҳои ташкилӣ, экологӣ ва сиёсӣ зоҳир мегардад.

Баҳогузории иқтисодӣ мақсаднок будани маблағҳои барои ёрии муштарӣ ҷудошударо таҳлил мекунад.Ҷараёни баҳодиҳӣ хусусияти даврӣ дорад. зеро шаклҳои гуногуни баҳогузорӣ аз ҳам вобастаанд. Сарфи назар кардани ягон шакли баҳогузорӣ ҷараёни баҳодиҳиро вайрон хоҳад кард. Вақти баҳогузориҳои гуногун гурўҳҳои гуногуни методҳо истифода мешаванд. Методҳои объективӣ ва микдорӣ ва субъективии сифатӣ истиыфода шаванд.

Усулҳои объективию сифатӣ барои омўхтани ҳолати қаноатмандии муштарӣ баъди гирифтани ёрӣ гирифта мешавад.ба ҷараёни ҷамъоварии ахбор дохил мешавад: пурсиш, (анкетаю мусоҳиба,) сўҳбатҳои мақсаднок мушоҳида тест ва ғайра. Меъёри муайяни гузаронидани баҳогузорӣ мавҷуд аст, аз ҷумла ҳар муштарӣ ҳуқуқ ба баҳогирӣ дорад. Ба гузаронидани баҳогузорӣ ва натиҷаҳои он синну сол, ҳолати рўҳӣ, ҷинс, маданият ва нажод таъсир расонидан наметавонад.

## Б - БАҲОДИҲӢ

**ДЕПРИВАТСИЯ** – (лот. deprevatio – гум кардан) – набудан ва ё норасоии имконият барои қаноатманд сохтани ҳар гуна талаботи равонии инсонро депривасия меноманд. Депривасия дар ҳолатҳои махсус, ки дар он ҳолат имконияти мавҷуда талаботро қонеъ намекунад, ба миён меояд. Дар илми муосир се намуди депривасия муайян карда шудааст: депривасияи сенсорӣ, эҳсосӣ, депрвасияи иҷтимоӣ. Депривасияи сенсорӣ – дар ин ҳолат кӯдак ба таври пурра ва ё қисман имконоти сенсории худро аз даст медиҳад, ки дар ин сурат амалҳои сенсориро иҷро карда наметавонад, яъне объектҳоро дарк карда наметавонад. Сабабҳои ба миён омадани вазъияти депривасионӣ ташаккул наёфтан ва ё набудани анализаторҳои узвҳои ҳиссӣ (биноӣ, шунавоӣ, ломисавӣ) ва ҳамчунин набудани таҷрибаи мувофиқ барои дарки объектҳо, ки ба ботилшавии шак-

ли образҳо дар бораи объект оварда мерасонад. Депривaтсияи эҳсосотӣ (аффектӣ) маҳдуд будани имконияти кӯдак барои иҷрои аксуламал ва муайян кардани муносибати худ ба муҳити атрофро мефаҳмонад, дар баробари ин мушкилӣ дар зоҳиршавӣ ва рушди таҷрибаи эмотсионалӣ (эҳсосотӣ) ба назар мерасад. Дар ҳолатҳои фавқулодда ва ё худ экстремалӣ, вақте ки кӯдак илоҷи заруриву мувофиқ ёфта наметавонад пас ба аксуламали аффектӣ мегузарад: тарс, гиря, худро дур кардан, ба ғазаб омадан ва амсоли ин. Депривaтсияи эмотсионалӣ дар ҳолате низ ба миён меояд, ки калонсолон ба кӯдак имкони буруз намудани эҳсосоти худро намедиҳанд ва ин ба он оварда мерасонад, ки кӯдак сабки изҳори эҳсосоти худро ҳангоми рафтори гуногун ташаккул дода наметавонад. Бо ҳамин кӯдак эҳсосоти манфии худро дар ботинаш нигоҳ дошта, дар натиҷа ба асабонияти бардавом гирифтор мешавад. Депривaтсияи иҷтимоӣ дар натиҷаи доираи маҳдуди муошарат доштани кӯдак, беробт ва зудтағйирёбанда будани робитаҳо, дурӣ ҷустан аз нақшҳои муайяни иҷтимоӣ, ки кӯдак бояд онҳоро вобаста ба синну сол дар шаклҳои гуногуни фаъолият иҷро кунад. Зоҳиршавии чунин намуди депривaтсия бештар дар кӯдаконе, ки аз падару модарашон ҷудоанд ва дар муассисаҳои махсуси тарбиявии шакли пӯшида нигоҳдорӣ мешаванд, ба назар мерасад. Ба зоҳиршавии чунин намуди депривaтсияи кӯдакон мавридҳои бештар калонсолон сабаб мешаванд: волидон аз кӯдак даст мекашанд, мураббиён миёни худ ва кӯдакон масофа мегузоранд ва на ҳамеша мегузоранд, ки кӯдак ба онҳо наздик шавад, модел ва методҳои ҷиддии тарбиявиро бештиар истифода мекунанд. Депривaтсия бештар вақт ба дурӣ ҷустани кудак аз волидон, омӯзгорон, рафиқон ва дигар наздикон оварда мерасонад, ки ин низ метавонад бо шароитҳои носозгори иҷтимоӣ вобаста бошад. Кӯдаконе, ки баҳолати депривaтсионӣ моиланд, аз муошарат бо одамони дигар дурӣ меҷӯянд, ба худ ҳеҷ гуна муносибатро чи аз тарафи волидайн ва чи аз тарафи дигарон ҳамчун муносибати хайрхоҳона қабул намеунанд. Дар робита бо ин имконоти ҷисмонии онҳо кам сарф мешавад ва ин ҳама барои рушди эҳсосоти кӯдак наметавонад бапуррагӣ мусоидат кунад. Норасоии омилҳои эмотсионаливу иҷтимоӣ ба рушди номукаммали ҷисмониву зеҳнӣ оварда мерасонад. Барои пешгирии инкишофи ҳолати депривaтсионӣ бояд ба нуктаҳои зерин диққати махмус дод: 1) ҳанӯз аз оғози кӯдакӣ ба кӯдак теъдоду андозаи ангезаҳои муҳити берунаро бояд расонем (ангезаҳои биноӣ, шунавоӣ ва ло-

мисавию ҳаракатӣ), то ки ҳиссиёт ва тахайюлоти кӯдак густариш ёбад ва инкишоф ёбад; 2) доираи мафҳумҳоро бояд тасниф кард, ки дар он мафҳумҳо ҳамон намуди эҳсосот ва ангезаҳои сенсорӣ ҷой дошта бошад (ба кӯдакон сурудхонӣ, рақсидан, мусиқӣ шунидан, бо ҳайвонҳо сухан кардан ва амсоли ин рафторҳоро ёд додан муҳим аст); 3) ҳангоми бо кӯдак сӯҳбат кардан бикӯшед, ки ӯро бо эҳсосоти гуногун шинос намоед, яъне ӯ эҳсосоти гуногуни худро биозмояд ва табиату тарзи зуҳурёбии онҳоро дарк кунад; 4) дар раванди таълиму тарбия шароитҳоеро ба миён оваред, ки дар он эҳсосоти мусбии кӯдак ва эҳсоси шафқат зоҳир шавад; 5) барои ҳар як кӯдак вазъияти ба ҷомеа ворид шуданро омӯзонед ва бештар дар мавридҳое, ки ӯ инро бори аввал мекунад диққати ҷидди диҳед – вақте ки аввалин бор ба боғча меравад, ба мактаб меравад, ба олами калонсолон ворид мешавад; 6) ҳангоме ки кӯдак ин ё он нақши иҷтимоиро иҷро мекунад, ба ӯ кӯмак расонед ва фаҳмонед, ки бо кадом роҳҳо ҳангоми иҷрои нақшҳо ба натиҷаи дилхоҳ метавон расид.

**ДЕПРИВАЦИЯ** – (лат. deprevatio – утрата) – отсутствие возможности или ее недостаточность для удовлетворения человеком любой жизненно важной психической потребности. Депривация возникает в условиях специфической ситуации, когда обстоятельства не содействуют удовлетворению потребностей. Различают три вида психической депривации: сенсорную, эмоциональную, социальную. Сенсорная депривация – частичное или полное лишение ребенка сенсорных (чувственных) потребностей, невозможность выполнять сенсорные действия относительно восприятия объектов. Причина возникновения депривационной ситуации – несформированность соответствующих (зрительных, слуховых, тактильных) анализаторов, органов чувств или отсутствие соответствующего опыта восприятия объектов, что приводит к возникновению деформированных образов (представлений) об объекте. Эмоциональная (аффективная) депривация – ограничения возможностей ребенка проявлять свое отношение к предметам или явлениям окружающей действительности, отсутствие условий для раскрытия или развития эмоционального опыта. В экстремальных (критических) ситуациях, когда ребенок не способен найти адекватный выход, он прибегает к аффективным реакциям: страху, избегания, агрессии. Эмоциональная депривация возникает тогда, когда взрослые не позволяют ребенку проявлять свои эмоции, не дают ему возможности выбирать эмоциональный стиль в поведении. Поэтому ребенок накапливает негативную энергию, которая является основой формирования невротического типа личности. Социальная депривация проявляется в ограничении круга общения ребенка, стихийном

характере связей и отношений, избегании объективных социальных ролей, которые ребенок должен выполнять соответственно возрасту в разных видах деятельности. Формирование данного вида депривации чаще наблюдается у детей, лишенных родительского попечения, находящихся в закрытых воспитательных учреждениях. Появление такой депривации достаточно часто содействуют взрослые: родители отказываются от ребенка или проявляют равнодушие, воспитатели неоправданно дистанцируются от него, демонстрируют жесткую воспитательную модель. Депривация нередко сопровождается изоляцией ребенка от родителей, ровесников, неблагоприятных условий социального развития. Дети, склонные к депривации, лишены общения с другими людьми, не чувствуют доброжелательного отношения к себе как со стороны близких, так и со стороны других людей. В связи с этим у них меньше реализуются физические потребности. Такие дети получают намного меньше необходимой им стимуляции для развития чувств. Недостаток адекватных социальных и эмоциональных стимулов у детей, воспитывающихся в подобных условиях, содействует отставанию в физическом и умственном развитии, в формировании их отношения к другим. Для предупреждения развития депривации необходимо учитывать слудющие условия: 1) с раннего детства давать ребенку необходимое количество и качество стимулов из внешней среды (звуковых, слуховых, тактильных), чтобы у ребенка расширялся круг сенсорных чувств и представлений; 2) дифференцировать круг объектов – носителей этих чувств, помогать детям самостоятельно овладевать этими объектами (учить детей петь, танцевать, слушать музыку, общаться с животными и т.д.); 3) общаясь с ребенком, стараться знакомить его с разнообразными чувствами, объясняя их природу и проявления; 4) в процессе обучения, в других видах деятельности создавать ситуации, требующие от ребенка проявления позитивных чувств и переживаний; 5) создавать для каждого ребенка ситуации вхождения в общество; особенно это необходимо тогда, когда он это делает впервые – детский сад, первый класс, мир взрослых; 6) поощрять стремление ребенка овладевать новыми социальными ролями, стимулируя не только овладение необходимыми ролями, но и в приобретении соответствующих социальных умений и достижения позитивного результата.

**Адабиёт/Лит.:** Словарь социального педагога и социального работника / Под. ред. И.И. Калачевой, Я.Л. Коломинского, А.И. Левко. – 2-е изд. – Мн.: Белен, 2003. – 256с.; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія /За заг. ред. проф. І. Д. Звєрєвої.-К.: Центр учбової літератури, 2008.-С. 62-64.

Цюман Т.П.

# З

**ЗАХИРАҲОИ КОРИ ИҶТИМОӢ** - сарчашмаҳо ва шароитҳои дастраснамоии неъматҳои моддӣ ва маънавии барои одамон зарур.

Ба маънои васеъ захираҳо ҳамчун пасандозё захираҳои ягон чиз аст, ки метавон дар мавриди лозима истифода намуд; сарчашмаҳо, воситаҳо ва имкониятҳо, ки дар мавриди зарурият бо мақсади иҷро намудани вазифаҳои муайян ва баланд бардоштанисамаранокии фаъолият метавон ба онҳо мурочиат намуд.

Раванди ҷустуҷӯ ва ҷалби захираҳоро *«фондрейзинг»* меноманд. Дар кори иҷтимоӣ захираҳои дохилӣ ва беруниро аз ҳам ҷудо менамоянд. Ба захираҳои дохилӣ тавсифи иҷтимоӣ – равонии инсон шомил мегарданд, ки бо он мутахассис бевосита кор мекунад, мисли: хусусияти равандҳои равонӣ ва маърифатии инсон (диққат, хотира, тафаккур, забон, тасаввурот); зуҳуроти равандҳои эмотсионалӣ-иродавӣ ва ҳолати психологӣ; тавсифи шахс (хусусиятҳои характер, мизоҷ, талаботҳо, манфиатҳо, арзишҳо, мақсадҳо); нишондиҳандаҳои сатҳи маълумотнокии шахс; қобилият ва малакаи касбию иҷтимоии шахс.

Азбаски кори иҷтимоӣ ба истифодаи методу қоидаҳои психологӣ, сотсиологӣ, педагогӣ ва идоравӣ алоқаманд аст, захираҳои беруна ҳамчун маҷмӯи имкониятҳои ҳалли масъалаҳои фардӣ ва иҷтимоӣ, ки ба он мутахассис ё мизоҷ ҷалб карда шудааст, дида баромада мешавад. Ба захираҳои берунаи кори иҷтимоӣ дохил мешаванд: захираҳои моддӣ; захираҳои инсонӣ; захираҳои институтсионалӣ; захираҳои иттиолоотӣ; захираҳои психологӣ.

Миёни захираҳои моддӣ, захираҳои молӣ ва ғайримолӣ, расмӣ ва ғайрирасмӣ мақоми шоиста доранд. Ба захираҳои молӣ тамомӣ намудҳои воридоти пулии ташкилот ва дар амал тадбиқ гардидани корҳои иҷтимоиро дохил менамоянд.

Захираи молиявӣ дар шакли хароҷоти буҷетӣ барои таъмини фаолияти хадамоти гуногуни иҷтимоӣ, нафақа ва дигар намуди пардохтҳо, ки дар қонунгузории ҷории Ҷумҳурӣ барои категорияҳои гуногуни аҳолӣ муқаррар шудааст, бурсҳо ва воридо-

ти спонсорӣ, ба ҳисоби ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсони ҷисмонӣ зоҳир мегарданд.

Захираҳои ғайрирасмӣ низ намудҳои гуногун доранд. Мисоли равшани захираҳои ғайрирасмӣ кумакии бевоситаи пулли дӯстон, ҳамкорон, сарпарастҳо ба шахсони наздик ва шахсони ба кумак мӯҳтоҷ шуда мебошад. Ба захираҳои моддии ғайрирасмӣ- бино, дастгоҳҳо, китобҳо, молу ашё, доруворӣ ва ғ-ро дохил намудан мумкин аст.

Захираҳои асосии корҳои иҷтимоӣ-кормандони иҷтимоӣ, психологҳо, педагогҳои иҷтимоӣ, офиятбахшон ва дигар мутахассисон, институтҳои иҷтимоӣ, ихтиёрон (волантёрҳо) ба ҳисоб мераванд.

Захираҳои иттилоотӣ – ин ҳуҷҷатҳои алоҳида ва ё ҷамъи ҳуҷҷатҳо, натиҷаҳои фаъолияти ақлонӣ, эҷодӣ ва иттилоотӣ, базаҳо ва бонки ахбор, тамоми намуди бойгониҳо, фоидаҳои китобхона ва музейҳо ва дигар барандагон и иттилоот, донишҳо ба ҳисоб мераванд. Дар байни захираҳои иттиолоотӣ адабиётҳои махсус, буклетҳо (бастаи варақаҳои китоб), варақаҳо, рисолаҳо, пресс-релизҳо, маҳсулоти рекламавӣ; иттилоотӣ, васоити ахбори омма, дар бораи чорабиниҳои хайриявии ташкилотҳои ҷамъиятӣ, барномаҳои иҷтимоии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ; шабакаи иттилоотии Интернет; иттилооти шифоҳии мутахассисон ва ихтиёриёнро фарқ мекунанд.

Ҳар як давлат соҳиби низоми институтҳои иҷтимоӣ аст, ки бавосита ё бевосита ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ машғул ҳастанд. Захираҳои васеъ паҳншудаи институтсионалӣ ин муассисаҳои таҳсилии ҳамагонӣ, муассисаҳои берун аз мактабӣ, муассисаҳои низоми тандурустӣ, фарҳангӣ ва хадомоти иҷтимоӣ мебошанд. Илова ба захираҳои институтсионалии номбаршуда , ки фаъолияти онҳо дар сатҳи давлатӣ ё маҳаллӣ тадбиқи худро меёбанд, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳои диниро номбар мекунанд.

Захираҳои технологии корҳои иҷтимоӣ - маҷмӯи шакл, методҳо ва қоидаҳоест, ки хадамоти иҷтимоӣ, муассисаҳои хизматрасонии ҷамъиятӣ, мутахассисон ва ихтиёриён (волонтёр) ба мақсади қонеъ гадонидани талаботҳо ва ё ҳалли мушкилоти гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё шахсони алоҳида мавриди истифода қарор медиҳанд.

Дар амалияи кори иҷтимоӣ технологияи таҷрибавию амалии ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ, пешгирии иҷтимоӣ, офиятбахшии иҷтимоӣ, васоят ва парастории иҷтимоӣ, ҳамроҳи намудани технологияи рекламавӣ-иттилоотӣ ниҳоят зиёд истифода бурда мешаванд.

**РЕСУРСЫ СОЦИАЛЬНОЙ РАБОТЫ** – источники и условия получения необходимых людям материальных и духовных благ.

В широком понимании ресурсы рассматривают как запасы чего-нибудь, которые можно использовать в случае необходимости; источники и арсенал способов и возможностей, к которым можно обратиться по мере необходимости с целью выполнения определенных задач и совершенствования деятельности. Процесс поиска и привлечения ресурсов называют фондрейзингом.

В социальной работе выделяют внутренние и внешние ресурсы. К внутренним ресурсам относят социально-психологическая характеристику человека, с которым непосредственно работает специалист, а именно: особенности психических познавательных процессов личности (внимание, память, мышление, язык, представления); проявления эмоционально-волевых процессов и психических состояний; личностные характеристики (особенности характера, темперамент, потребности, интересы, ценности, мотивы); показатели образовательного уровня человека; профессиональные и социальные умения и навыки, которыми он владеет.

Поскольку социальная работа связана с использованием психологических, социологических, педагогических, управленческих методов и приемов, внешние ресурсы рассматривают как совокупность возможностей для решения индивидуальных и социальных проблем, которые могут быть привлечены как специалистом, так и клиентом. К внешним ресурсам относят материальные, человеческие / людские, институционные, информационные, технологические.

Среди материальных ресурсов выделяют финансовые и нефинансовые, официальные и неофициальные. К финансовым ресурсам относятся все виды денежных поступлений для организации и осуществления социальной работы.

Среди них – бюджетные расходы на обеспечение деятельности разных социальных служб, пенсии и другие виды выплат, предусмотренные действующим законодательством для разных категорий населений, гранты или спонсорские поступления на счет государственных, общественных организаций и физических лиц.

Одновременно они – разновидность и неофициальных материальных ресурсов. Примером неофициальных финансовых ресурсов может быть денежная помощь друзей, коллег по работе, спонсоров, которую непосредственно передают человеку, который нуждается в помощи, или его близким. Неофициальные материальные ресурсы – это помещения, оборудование, книги, вещи, лекарства и др.

Основные человеческие ресурсы социальной работы: социальные работники, психологи, социальные педагоги, реабилитологи и другие специалисты социальных институтов, волонтеры.

Информационные ресурсы – это отдельные документы и массивы документов, результаты интеллектуальной, творческой и информационной деятельности, базы и банки данных, все виды архивов, библиотечные, музейные фонды и другое, что содержат данные и знания, зафиксированные на соответствующих носителях информации. Среди информационных ресурсов выделяют: специальную литературу, буклеты, листовки, брошюры, пресс-релизы, рекламную продукцию; информацию в средствах массовой информации о благотворительных мероприятиях общественных организаций и социальные программы органов власти и местного самоуправления; информационная сеть Интернет; устная информация специалистов и волонтеров.

Каждое государство имеет систему социальных институтов, которые непосредственно или опосредованно занимаются решением социальных проблем. Распространенными институционными ресурсами являются: общеобразовательные учреждения; внешкольные учреждения; учреждения системы здравоохранения, культуры, социальные службы. Кроме перечисленных институционных ресурсов, деятельность которых координируется на государственном и местном уровне, выделяют еще церковь и общественные организации.

Технологические ресурсы социальной работы – совокупность форм, методов и приемов, которые применяются социальными службами, учреждениями социального обслуживания, общественные организации и специалистами и волонтерами, с целью удовлетворения потребностей или решения проблем отдельных лиц или социальных групп.

В практической социальной работе чаще используют прикладные технологии социально-правовой защиты, социального обслуживания, социальной профилактики, социальной реабилитации, социального опекунства, патронажа, сопровождения, рекламно-информационные технологии.

**Адабиёт/Лит.:** Безпалько О. В. Соціальна педагогіка в схемах і таблицях. – К.: Центр навчальної літератури, 2003. – 138 с; Социальная работа / Под ред В.И.Курбатова. – Ростов

н/Д: „Феникс”, 1999. – 576 с.; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І.Д.Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008. – 336 с.; Энциклопедия социальной работы. В 3т. Т.3: Пер. с англ. – М.: Центр общечеловеческих ценностей, 1994. – 466 с.

Безпалько О.В.

**ЗӮРОВАРӢ (НИСБАТ БА КӮДАКОН)** – рафтори як ё чанд нафар одамон нисбати одами дигар, ки ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандии ӯро поймол мекунанд, инчунин ӯро ба азоби рӯҳӣ, ахлоқӣ, ҷисмонӣ гирифтор менамоянд. Зӯроварӣ нисбати кӯдакон - мафҳуми васеъ буда, рафторҳои гуногуни волидон, сарпарастон ва хешовандони дигар, муаллимон, мураббиён, ҳама гуна одамонро, ки аз онҳо калонтар ва пурқувваттар ҳастанд, дар бар мегирад. Чаҳор шакли зӯровариро ҷудо мекунанд:

- Зӯроварии ҷисмонӣ – рафтор ё набудани рафтори аз ҷониби волидон ё калонсолони зоҳиршаванда, ки дар натиҷаи онҳо ҳолати ҷисмонӣ ё рӯҳии кӯдак вайрон мешавад ё таҳти хавфи вайроншавӣ қарор дорад. Инҳо – ҷазоҳои ҷсмонӣ, зарбаи даст, торсакӣ, тела додан, сӯзондан, буғӣ кардан, истифодаи калтак, ремен, ресмон, корд, тапонча ва м.инҳо. Зӯроварии ҷисмонӣ – инчунин ҷалб кардани кӯдак ба истеъмоли нашъа, нӯшокии спиртӣ, пешниҳод кардани моддаҳои заҳролуди гарангкунанда (доруи хобе, ки духтур тавсия накардааст) ҳисоб мешаванд. Дар баъзе оилаҳо ба сифати чораҳои тартибот аз навъҳои гуногуни зӯроварии ҷисмонӣ, торсакизанӣ ба пушташ сар карда то ҷазо бо ремен, истифода мекунанд. Зӯроварии ҷисмонӣ қариб ҳамеша бо таҳқирҳои забонӣ ва осебҳои равонӣ сурат мегирад;
- Зӯроварии ҷинсӣ (шаҳвонӣ) ё таҷовуз – истифодаи кӯдак (духтар ё писар) аз ҷониби калонсолон (шахси ношинос, бародар/хоҳар ё шахси салоҳиятдор дар тарбияи кӯдак, чун волид ё сарпараст) ё кӯдаки дигар барои қонеъ кардани талаботи шаҳвонии худ ё ба даст овардани фоида. Муҷомаати ҷинсӣ, муҷомаат аз пеш ва қафо, мастурбатсияи тарафайн, алоқаҳои дигари ҷисмонӣ бо истифодаи олоти ҷинсӣ зӯроварии ҷинсӣ ҳисоб мешаванд. Таҷовузи ҷинсӣ ҷалб кардани кӯдак ба фоҳишагӣ, тиҷорати ҷинсӣ, урён кардани олоти ҷинсӣ ва

тухмдонҳо дар назди кӯдак, нигоҳ кардан ба кӯдак ҳангоми ваз кардани либосаш низ таҷовузи

- Зӯроварии психологӣ (равонӣ) – таъсири узви оила ё шахсони дигари калонсол ба психикаи кӯдак бо роҳи таҳқири забонӣ ё таҳдид, таъқиб, тарсонидан бо мақсади ташаккули нобоварии ҳиссӣ, қобил набудан ба ҳимояи худ дар кӯдак, расонидани зарар ба саломатии равонии кӯдак. Зӯроварии психологӣ чунин тарзҳои зоҳиршавӣ дорад: истифодаи дашномҳо, додзанӣ, таҳқир, паст задан, ки ба худбаҳодиҳии кӯдак таъсири манфӣ мерасонанд; зоҳир кардани тундӣ аз ҷониби хешу таборон ва рафиқон ба кӯдак. Дар зӯроварии психологӣ зӯроварии гуфторӣ ва ҳиссиро ҷудо кардан мумкин аст. Зӯроварии гуфторӣ эрод гирифтан ба ҳар як рафтори кӯдак аст. Зӯроварии ҳиссӣ бе сухан дар рафтор, аз аломати симо, ҳолат, нигоҳ зоҳир мешавад;
- Беэътиноӣ нисбати манфиатҳо ва талаботи кӯдак – набудани таъминоти зарурии талаботи кӯдак дар хӯрок, либос, манзил, тарбия, таълим, ёрии тиббӣ аз ҷониби волидон, сарарастон ё шахсони дигар бо сабабҳои субъективию объективӣ аст. Намунаи маъмулии беэътиноӣ нисбати кӯдакон бе назорат гузоштани онҳо, ки боиси ҳодисаҳои гуногуни нохуш, заҳролудшавӣ, ҳодисаҳои барои ҳаёти кӯдак хавфнок аст.

Зӯроварӣ нисбати кӯдакон аз ҷониби калонсолон дар сурати дар онҳо мавҷуд будани сифатҳои манфӣ, муноқишаҳо дар оила, норизоият аз вазъи иҷтимоии худ, бекорӣ ва м.инҳо зоҳир мегарданд. Дуруштӣ метавонад сабаби бемориҳои рӯҳии волидон ё ранҷидагони дигар бошад. Ҳама гуна зӯроварӣ нисбати кӯдакон вайрон кардани ҳуқуқи онҳо аст ва метавонад боиси бемориҳои гуногуни онҳо гардад.

**НАСИЛИЕ (НАД ДЕТЬМИ)** - действия одного или нескольких лиц по отношению к другому человеку, которые нарушают его гражданские права и свободы, а так же приводят к физическому, психическому или моральному страданию. Насилие над детьми - широкое понятие, которое охватывает различные виды поведения родителей и опекунов, других родственников, учителей, воспитателей, любых лиц, которые старше или сильнее. Различают четыре основные формы насилия над детьми:

- физическое насилие - действия или их отсутствие со стороны родителей или других взрослых, в результате которых физическое или умственное состояние ребенка нарушается или находится под угрозой ухудшения. Это –телесные наказания, удары ладонью, пинки, ожоги, удушение, толчки, плевки, применение палки, ремня, ножа, пистолета и т.д. Физическое насилие - это также привлечение ребенка к употреблению наркотиков, алкоголя, предоставление ему отравляющих веществ или медицинских препаратов, вызывающих одурманивание (например, снотворных, не прописанных врачом). В некоторых семьях в качестве дисциплинарных мер используют различные виды физического насилия - от подзатыльников и шлепанья до наказания ремнем. Физическое насилие почти всегда сопровождается словесными оскорблениями и психической травмой;

- сексуальное насилие или развращение - использование ребенка (мальчика или девочки) взрослым (незнакомым, братом / сестрой или лицом, имеющим власть, такую как родители или опекуны) или другим ребенком для удовлетворения собственных сексуальных потребностей или получения выгоды. Сексуальное насилие заключается в половых сношениях, оральном и анальном сексе, взаимной мастурбации, других телесных контактах с использованием половых органов. Сексуальным развращением считают также привлечение ребенка к проституции, порнобизнесу, оголение перед ребенком половых органов и ягодиц, подглядывание за ребенком во время раздевания, отправления естественных нужд;

- психологическое насилие - влияние членов семьи или других взрослых на психику ребенка путем словесных обид или угроз, преследования, запугивания, с целью намеренного формирования эмоциональной неуверенности ребенка, неспособности защитить себя, причинения вреда его психическому здоровью. Психологическое насилие имеет следующие проявления: использование ругательных слов, крика, оскорблений, унижений, наносящих ущерб самооценки ребенка; проявление агрессии относительно родственников, друзей ребенка. В психологическом насилии можно выделить вербальное и эмоциональное насилие. Вербальное (словесное) насилие совершается в случае критики и упреков буквально за каждый поступок. Эмоциональное насилие может происходить вообще без слов с помощью соответствующей мимики, позы, взгляды, интонации;

- пренебрежение интересами и потребностями ребенка - отсутствие должного обеспечения основных потребностей ребенка в пище, одежде, жилье, воспитании, образовании, медицинской помощи со стороны родителей, опекунов или других лиц в силу объективных или субъективных причин. Типичный пример пренебрежительного отношения к

детям - оставление их без присмотра, что порой приводит к различным несчастным случаям, отравлениям и другим, опасным для жизни и здоровья ребенка последствиям.

Насилие над детьми возникает в результате наличия у взрослых негативных нравственных качеств, конфликтов в семье, недовольства взрослыми своим образом жизни, социальным положением, отсутствием работы и т.п. Жестокость может быть проявлением психического заболевания родителей или других обидчиков. Любой вид насилия над детьми ведет к нарушению прав ребенка, к ущербу его здоровья и опасности жизни.

**Адабиёт/Лит.:** Алексеева Л.С. Технологии работы с детьми, пострадавшими от семейного насилия. – М., 2001. – 203 с.; Алексеева Л.С. Психологическая помощь пострадавшим от семейного насилия. – М., 2003. – 159 с.; Бондаровська В. Що ми можемо зробити, щоб запобігти домашньому насильству. – К., 1999. – 60 с.; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І. Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008.– 336 с.; Сафонова Т.Я., Цымбал Е.И. Жестокое обращение с детьми и его последствия. – М., 1993. – 118 с.

Непочатова Д.В.

# И

**ИНКИШОФИ ИҶТИМОӢ** – ин инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ, этносҳои хурду бузург, халқҳо, давлатҳо ва иттиҳодияҳои онҳо, имчунин маданияту тамаддунҳое мебошад, ки аз ҷониби инсоният офарида ва ё ба шакли муайян дароварда шудаанд. Инкишофи иҷтимоӣ тамоми маҷмӯи равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро ба худ ҷалб менамояд. Дар ин раванд тағйироти миқдорӣ ва сифатӣ тамоми доираи иҷтимоӣ, ҳаёти иҷтимоӣ ё қисматҳои алоҳидаи он - муносибатҳои иҷтимоӣ, институтҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣва дигар сохторҳои иҷтимоӣ – ташкилиро фаро мегирад.

Инкишофи иҷтимоӣ – ин натиҷаи таъсири мутақобилаи маҷмӯи равандҳои иҷтимоиест, ки асоси онро фаъолияти ба мақсади муайян равонашудаи одамон - субъектони равандҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Механизмҳои умумии инкишофи иҷтимоӣ аз пайдоиши талаботҳои нав дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва ҷустуҷӯи имкониятҳои қонеъ гардонидани онҳо иборат аст.

Талаботҳои нави иҷтимоӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти истеҳсолӣ ва дигар фаъолияти пурмаҳсули инсон баромад намуда, аз ин сабаб он ба ҷустуҷӯ ва кашфиётҳои воситаҳои нави меҳнат, муоширати, ташкили ҳаёти иҷтимоӣ, роҳҳои васеъ ва амиқтар гардонидани сатҳи донишҳои илмӣ, мураккаб гардонидани механизмҳои фаъолияти эъҷодкорона ва истеъмолии инсон алоқаманд мебошад. Аммо на ҳама тағйироти падида ва равандҳои иҷтимоиро инкишоф номидан мумкин аст, балки он тағйиротҳои зуҳурот ва равандҳои иҷтимоиро инкишофи иҷтимоӣ меноманд, ки дар натиҷаи он як зуҳуроти иҷтимоӣ дигар зуҳуроти сатҳи нисбатан баланди иҷтимоиро иваз менамояд ё ба зинаи баландтар (барои меъёрҳои объективии прогресси иҷтимоӣ)-и ҳолати худ (инкишофи прогрессивӣ) мегузарад ва ё баръакс онҳоро зуҳуротҳое иваз менамоянд, ки ба зинаи дараҷаи поён ( инкишофи регрессивӣ) майли гузариш доранд. Инкишофи иҷтимоӣ дар ду шакл: эволютсионӣ (таҳаввулот) ва револютсионӣ (инқилобӣ) ифодаи худро меёбад.

Шакли эволютсионӣ (таҳаввулот)-и инкишофи иҷтимоӣ - ин тағйиротест ботадриҷ, марҳиланок, сифатӣ ва миқдории низоми иҷтимоӣ ё унсурҳои он ва ё ботадриҷ аз байн рафтани унсурҳои кӯҳнаи низоми иҷтимоии муйян ва ҷои онҳоро ишғол намудани унсурҳои нави ботадриҷ ҷамъшуда.

Шакли револютсионӣ (инқилобӣ)-и инкишофи иҷтимоӣ –тағйироти сифатии ҳамаи сохторҳои ҷамъиятӣ , ки ба воситаи азнавсозии куллии муносибатҳои иҷтимоӣ ва институтҳои иҷтимоӣ, барҳам додани ҳамаи унсурҳои кӯҳнашуда ва иваз намудани онҳо бо унсурҳои нави дар низоми ягонаи иҷтимоӣ пайдошуда амалӣ мегардад. Ду шакли инкишоф - эволютсионӣ (таҳаввулот) ва револютсионӣ (инқилобӣ) ба тавридиалектикӣ бо ҳам пайвастанд. Эволютсияи иҷтимоӣ инқилоби иҷтимоиро тайёр менамояд, ба вуҷуд меорад ваба анҷом мерасонад.

Истилоҳи инкишофи иҷтимоӣ ба маънои маҳдуд ҳамчун маҷмӯи консепсияҳои назариявӣ, таъсири амалӣ - қонунгузорӣ ва сиёсати давлатҳои муосир нисбати устувор ва васеъ гардонидани накӯаҳволии иҷтимоии аҳолӣ арзёбӣ мегардад.

Дар нимаи дуюми асри XX ва ибтидои асри XIX давлатҳои муосир барои амалӣ гардонидани на танҳо вазифаҳои анъанавӣ – таърихии таъмини тартибот, бехатарӣ, шароитҳои мусоиди берунаи кишвар,

балкибарои накуаҳволии иҷтимоии кулли аҳолӣ тавассути сиёсати мукаммали нақшавӣ ё истифодаи амсила (модел)- и инкишоф ва идоранамоии иқтисод роҳи фаъолро пеш гирифтанд.

Дар доираи амсилаи интихобшуда истеҳсол ва истеъмол, кумак расонидан ба истифодаи пурра, бошуурона ва самараноки нерӯҳои корӣ амалӣ мегардад, қонунгузории соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоӣ бомуваффақиятона кор карда баромада мешавад, барномаҳое тасдиқ ва дар амал тадбиқи хешро меёбанд, ки дастрасии ҳамаи шаҳрвандонро ба гирифтанимаълумот, хизматрасонии тиббӣ ва дар шароитҳои бӯҳронӣ ба даст овардани даромади кофиро таъмин менамоянд. Дар таъмини инкишофи иҷтимоӣ нақши муҳимро ислоҳоти иҷтимоӣ ва банақшагирии иҷтимоӣ мебозад. Тағйиротҳо, навоварӣ ва ислоҳот ҳамчун нерӯи ҳаркатдиҳандаи инкишофи иҷтимоӣ баромад менамоянд. Аз ин сабаб, дар заминаи демократикунонии муносибатҳои иҷтимоӣ беҳтар намудани низоми идораи иҷтимоӣ барои такомули ҷомеа ва тезонидани рафти инкишофи иҷтимоӣ натиҷаҳои дилхоҳу назаррасро ба бор меорад. Чи хеле сиёсати ҷаҳонӣ нишон медиҳад, истифодаи дурусти сиёсати инкишофи иҷтимоӣ ба кишварҳои мушаххас шароит фароҳам месозад, ки масъалаҳои сиёсии муттаҳидии ҷомеаро ҳал намоянд ва сатҳи шиддати иҷтимоиро каме ҳам бошад паст гардонанд. Ҳамаи ин мавқеи устувори давлат ва нақши мусбии давлатро дар инкишофи институтҳои ҳуқуқи инсон, оила ва ҳалли мушкилоти иҷтимоии гурӯҳҳои маргинали (озордида) – и аҳоли ба таври назаррас мустаҳкам мегардонад.

Нақши созандаро дар коркард ва паҳн намуданияҳои инкишофи иҷтимоӣ Созмони Миллали Муттаҳид (СММ) мебозад. Дар сохтори СММ комиссияи байниҳукуматии инкишофи иҷтимоӣ, ки давлатҳоро барои зарурияти тақвият додани шакл ва методҳои фаъолияти ҳукумат нисбати амали гардонидани сиёсати инкишофи иҷтимоӣ равона месозад, бомуваффақиятона амал менамояд.

Комиссия масъалаҳои зиёди иҷтимоии аҳамияти байналхалқиро (вазъи иҷтимоии байналхалқӣ, оила, кӯдакон, ҷавонон, пиронсолон, маъюбон ва ғ. ) ҳал намуда, лоиҳаи барномаҳо ва конвенсияҳои байналхалқиро омода мегардонад ва барои амалӣ гардонидани сиёсати инкишофи иҷтимоии ҳукуматҳо кумаки самаранок мерасонад. Комиссия барои ташкили конференсияҳо ва семинарҳои

байналхалқи ташаббус нишон дода, мавзӯи байналхалқии солҳо ва даҳсолаҳо (мисол, кудакон, ҷавонон, пиронсолон, оила ва ғ.)- ро эълон медорад. Яке азҳуҷҷатҳои асосии комиссия Декларатсия оиди накуаҳволӣ, прогресс ва инкишоф (1969 ) мебошад, ки ба сифати дастурамали сиёсати давлат дар ин самт баромад менамояд. Дар Декларатсия тасдиқ шудааст, ки давлатҳои аъзои Созмони Миллали Муттаҳид (СММ) ҳангоми пеш бурдани сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ бояд барои мусоидат намудан ба инкишофи иҷтимоии ҷомеаи ҷаҳони масъулиятшинос бошанд. Пайваста баланд бардоштани дараҷаи ҳаёти моддӣ ва маънавии ҳамаи аъзоёни ҷомеа боназардошти эҳтиром ва риояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, мисли бартараф намудани гуруснагӣ ва нимгуруснагӣ; барҳам задании қашшоқӣ, ба даст овардани сатҳи зиндагии сазовор, ҳифзи саломатӣ; маҳви бесаводӣ, таъмини ҳуқуқи истифодаи умуми дастовардҳои фарҳангӣ ва таъмини тахсилоти ибтидоии ҳатмии ройгон дар ҳама сатҳҳо, баланд бардоштани сатҳи умумии маълумот дар тамоми давраи ҳаёт бояд ба мақсади асосии сиёсати давлатии прогресс ва инкишоф табдил ёбад. Дар Декларатсия инчунин мақсадҳои асосӣ ва аввалиндараҷа аз нуқтаи назари ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ бо тамоми ҷузъиёташ: таъмини ҳуқуқи модар ва кӯдак, таъмини накуаҳволии пиронсолон ва маюбон, тарбияи ҷавонон дар руҳияи идеалҳои адолатнокӣ, сулҳҷӯӣ ва таҳаммулпазирӣ ифода ва қайд гардидааст. Дар Декларатсия таъкид шудааст, ки ҳамаи халқҳо ва ҳамаи одамон ҳуқуқ доранд, дар шароити арзанда озодона ӯмр ба сар баранд, аз дастовардҳои прогрессивии ҷамъият истифода истифода намоянд ва аз ҷониби дигар ба инкишофи иҷтимоӣ роҳ кушоянд.

Дар инкишоф ва тасдиқи минбаъдаи консепсияи инкишофи иҷтимоӣ Вохӯрии умумиҷаҳонӣ оиди масъалаҳои инкишофи иҷтимоӣ, ки моҳи марти соли 1995 дар Копенгаген дар сатҳи олӣ баргузор шуд нақши асосиро бозидааст. Дар ин вохӯри Декларацияи Копенгагенӣ қабул гардид. Дар Декларацияи Копенгагенӣ қайд гардидааст, ки одамони сайёра талабҳои худро оиди ҳалли мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ, махсусан қашшоқӣ, бекорӣ ва изолятсияи иҷтимоӣ бо воситаҳои гуногун изҳор менамоянд. Дар ин вохӯрии баланпоя бори дигар таъкид гардид, ки инкишофи иҷтимоӣ ва адолати иҷтимоӣ барои таъмин ва дастгирии сулҳ, амнияти дохилии кишварҳо ва муносибатҳои байни онҳо ниҳоят за-

рур аст. Инчунин далели вобастагии байни инкишофи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити беруна тасдиқи хешро ёфт. Дар барномаи қабулгардидаи вохурии Копенгагенӣ тезис дар бораи он, ки мақсади ниҳоии инкишофи иҷтимоӣ – баланд бардоштани сатҳи накуаҳволӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии одамон аст, ниҳоят муҳим буд. Кулли бахшҳои барнома барои ба даст овардани нишондиҳандаҳои мушаххаси ба шароитҳои ҳаёт ва саломатии омма алоқаманд равона шудааст.

**СОЦИАЛЬНОЕ РАЗВИТИЕ** – это развитие человеческих сообществ, малых и больших этносов, народностей, государств и их союзов, а также цивилизаций и культур, которые созданы или сформированы человеком. Социальное развитие вобрало в себя всю совокупность экономических, социальных, политических и духовных процессов. Это процесс, в котором происходят количественные и качественные изменения в социальной сфере, общественной жизни или отдельных его компонентах – социальных отношениях, социальных институтах, социально-групповых и социально-организационных структурах и т.п. Социальное развитие – это следствие взаимодействия большой совокупности социальных процессов, в основе которых – целенаправленная деятельность людей – субъектов социальных процессов. Общий механизм Социальная оабота состоит в возникновении новых потребностей в разных сферах общественной жизни и поиске возможностей из удовлетворения. Новые потребности возникают как следствие производственной и другой продуктивной деятельности человека, а поэтому связаны с поиском и изобретением новых средств труда, общения, организации общественной жизни, расширением и углублением объема научного знания, усложнением механизма творческой и потребительской деятельности человека. Однако не все изменения в социальных явлениях и процессах являются их развитием, а только те, вследствие которых одни социальные явления сменяются другими более высокого уровня или переходят на высокую (за объективными критериями социального прогресса) ступень своего состояния (прогрессивное развитие) или, наоборот, их меняют явления, которые свидетельствуют о переходе на ступень низшего уровня (регрессивное развитие).

Социальное развитие осуществляется в двух основных формах – эволюционной и революционной. Эволюционная форма – это медленные, поэтапные количественно-качественные преобразования в социальной системе или ее элементах или постепенное отмирание старых элементов определенной социальной системы и их вытеснение новыми элементами, которые постепенно накапливаются. Революционная форма – качественные изменения во всех общественных структурах, которые осуществляются путем коренной перестройки общественных отношений и социальных институтов, разруше-

нием всех застарелых элементов системы и замене их новыми элементами, которые возникают в системном единстве. Две формы социального развития диалектически соединены. Социальная эволюция готовит социальную революцию и завершается ею.

Термин социальное развитие используется и в более узком значении – как совокупность теоретических концепций и практических действий, законодательства и политики современного государства относительно укрепления и расширения социального благосостояния населения. Во второй половине XX – начало XIX вв. современное государство осуществляло активный курс на реализацию не только традиционных исторически обусловленных функций, связанных с обеспечением в стране порядка, безопасности, благоприятных внешних условий, но и на содействие социальному благосостоянию всего населения, через политику централизованного планирования или использования определенной модели развития и управления экономикой. В рамках выбранной модели поддерживается производство и потребление, осуществляется содействие полному, рациональному и эффективному использованию рабочей силы, успешно разрабатывается законодательство в экономике и социальной сфере, утверждаются и реализуются программы, которые обеспечивают получение всеми гражданами образования и медицинского обслуживания, достаточного дохода в кризисных ситуациях. Важную роль в обеспечении социального развития играют социальные реформы и социальное планирование. Природа общественных отношений такова, что позволяет использовать эту возможность для определенных социальных институтов. Предполагаемые изменения, нововведения и преобразования, которые приводят к деструктивным изломам существующего порядка, стимулируют социальное развитие. Именно поэтому улучшение системы социального управления на основе демократизации общественных отношений обеспечивают лучшие результаты в усовершенствовании общества и ускорении социального развития. Как показывает мировая практика, успешное применение странами политики социального развития позволяет им решать политические проблемы консолидации общества, снижения социального напряжения. Все это значительно укрепляет позиции государства, его позитивную роль в развитии институтов прав человека, семьи и решении социальных проблем отдельных маргинальных (уязвимых) групп населения.

Существенную роль в разработке и распространении концепций социального развития государств играет ООН. В ее структуре успешно действует межправительственная комиссия Соуиальной работы, которая ориентирует страны на необходимость усовершенствования форм и методов деятельности правительств относительно осуществления политики социального развития. Комиссия решает много социальных проблем, которые имеют международное значение (международное социальное положение, семья, дети, молодежь, люди пожилого возраста, инвалиды и т.п.), готовит проекты международных

программ и конвенций, предоставляет правительствам эффективную помощь в реализации политики социального развития. Комиссия инициирует международные конференции и семинары, объявляются международные тематические годы и десятилетия (например, ребенка, молодежи, людей пожилого возраста, семьи и т.п.). Одним из основных документов комиссии является Декларация о социальном благополучии, прогрессе и развитии (1969 г.), которая стала основой политики государств в этом направлении.

В Декларации подтверждено, что государства члены ООН должны нести ответственность за проведение внутренней и внешней политики, направленной на содействие социального развития во всем мире. Основными целями политики социального прогресса и развития должны быть постоянное повышение материального и духовного уровня жизни всех членов общества при уважении и соблюдении прав человека и основных свобод, в том числе: ликвидация голода и недоедания; ликвидация бедности, достижение высокого уровня охраны здоровья по возможности бесплатного; искоренение неграмотности, обеспечение права на общий доступ к культуре, на бесплатное обязательное начальное образование и на бесплатное образование (обучение) на всех уровнях, повышение общего уровня образования на протяжении всей жизни. В Декларации также детально изложены и зафиксированы основные и главные цели с точки зрения защиты прав отдельных групп населения: обеспечение прав матери и ребенка, обеспечение благосостояния людей пожилого возраста и инвалидов, воспитание молодежи в духе идеалов справедливости и мира. В Декларации также признано, что все народы и все люди имеют право жить в достойных условиях свободы, пользоваться плодами социального прогресса и со своей стороны содействовать ему.

Особенную роль в дальнейшем продвижении и утверждении концепции социального развития сыграла Всемирная встреча на высшем уровне в интересах социального развития, состоявшаяся в марте 1995 года в Копенгагене и принятая на ней Копенгагенская декларация. В ней подчеркнуто, что люди планеты разными способами заявляют о потребности решения глубоких социальных проблем, особенно, бедности, безработицы и социальной изоляции. На высоком уровне опять было высказано, что социальное развитие и социальная справедливость необходимы для обеспечения и поддержки мира и безопасности как внутри стран, так и в отношениях между ними. Был также подтвержден факт взаимозависимости между экономическим, социальным развитием и охраной внешней среды.

В принятой на встрече в Копенгагене программе действий особенно актуальным явился тезис о том, что конечная цель социального развития – повысит и улучшить качество жизни всех людей. Все положения программ направлены на достижение конкретных, связанных с условиями жизни и здоровья людей, показателей социального развития.

**Адабиёт/Лит.:** Павленок П.Д. Теория, история и методика социальной работы: Уч. пос. – 2-е изд. – М.,2004.– С.262; Скуратівський В. Соціальний розвиток і соціальна політика: сучасні реалії, суперечності і тенденції розвитку // Вісник УАДУ.– 1996.– №1. – С.137-158.; Словарь-справочник по социальной работе / Под ред Е.И.Холостовой М.:Юристъ,1997. – С.338-340.; Соціальна робота: Короткий енциклопед. словник. – К.: ДЦССМ, 2002. – С.393–395.; Філософський словник соціальних термінів. Видання третє, доповнене. – Х.: „Р.И.Ф.”, 2005.– С.526-527 Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І. Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008.– С. 251-255.

Петрович В.С.

**ИНСТИТУТҲОИ ИҶТИМОӢ** – ин шакли ташкилии махсусе, ки устувории робитаҳо ва муносибатҳои иҷтимоии ҷомеаро таъмин менамояд. Хусусиятҳои зоҳирии институтҳои иҷтимоӣ дар маҷмӯи шахсони мавҷуда ва муассисаҳо инъикоси худро меёбанд, ки таъминкунандагони воситаҳои муайяни моддӣ буда, вазифаҳои муайяну мушаххаси иҷтимоиро ба амал мебароранд. Хусусиятҳои пурмазмуни институтҳои иҷтимоӣ дар маҷмӯи муайяни намунаи рафтори мақсадноки шахсони мушаххас ва дар вазъияти муайян ифода меёбад.

Ҳар як институти иҷтимоӣ мақсади фаъолият ва вазифаҳои мушахаси худро соҳиб аст, ки барои расидан ба мақсадҳо, ба даст овардани мавқеи иҷтимоӣ ва нақшҳои иҷтимоии хоси он мусоидат менамояд ва инчунин аз маҷмӯи чораҳои муҷозотие таркиб ёфтааст, ба рафтори мақбули эътирофи умум роҳ кушода, ба рафтори ношоям ва девиантӣ монеа мегардад. Ба ибораи дигар институти иҷтимоӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ амали шахсонеро, ки ба намунаи рафтори муқарраршуда мувофиқ аст, ҳавасманд гардонида ва амали аз талаботҳои ин намунаҳои рафтор берунро зери фишори шадид қарор дода, бо ин восита рафтори фардҳоро назорат намуда, ба тартиб медарорад. Давлат ҳамчун муҳимтарин ва муташаккилтарин институти иҷтимоии ҷомеа; институти маориф ва фарҳанг; оила ва никоҳ; тандурустӣ; иқтисод; дин; ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсие, ки барқароршавӣ ва нигоҳ доштани ҳокимияти сиёсиро таъмин месозанд ба сифати муҳимтарин институтҳои иҷтимоӣ баромад менамоянд.

Низоми адлия (низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ) яке аз институти муҳими иҷтимоии ҳуқуқ буда, аз маҷмӯи шахсони воқеӣ: прокурорҳо, судяҳо, сафедкунандаҳо ва дигарон, муассисаҳо: прокуратураҳо, судҳо, ва дигар мақомотҳо ва воситаҳои моддӣ таркиб ёфтааст. Шахсони салоҳиятдор аз руи намунаҳои стандарти мавҷудаи рафтор вазифаҳои мушаххас низоми адлияро амалӣ мегардонанд. Стандартҳои муқарраргардидаи рафтор дар нақшҳои иҷтимоӣ ба низоми адлия хос (нақши судя, прокурор, сафедкунанда ва дигарон) таҷҷасум меёбанд.

Ҳамин тариқ, институти иҷтимоӣ ташкилоти муайяни фаъолияти иҷтимоӣ ва муносибатҳои иҷтимоиро ифода менамояд, ки тавассути низоми эътирофгаштаи намунаҳои рафтор дар амал татбиқи худро меёбад. Пайдоиши ин гуна низоми намунаҳои рафтор ба мазмуну мундариҷаи ҳалли масъалаҳои мушаххаси институти иҷтимоӣ вобастагӣ доранд. Ду ҷанбаи тавсифи вазифаҳои институтҳои иҷтимоиро арзёбӣ намудан хело бо маврид аст: мақсадҳои бошуурона ба миён гузошташудае, ки дар доираи амали институти иҷтимоӣ иҷро мегарданд (дар чунин ҳолат вазифа чун мақсад баромад менамояд) ва оқибатҳои фаъолияти объективии чунин институт (вазифа ҳамчун натиҷаи кор баромад менамояд). Аслан бояд ин ду хусусият –мушаххас ва бошуурона ифода ёфтани мақсадҳо бо натиҷаи ба даст омада мувофиқ оянд, аммо дар бисёр ҳолатҳо миёни мақсадҳои расман муқарраршудаю эълон кардашуда ва оқибатҳои объктивии фаъолияти амалӣ ихтилоф пайдо мегардад. Дар ин ҳолат вазифаҳои институти иҷтимоӣ шакли пӯшида ва ниҳониро мегиранд, ки метавонад хислати беихтиёрона ва ғайричашмдоштро дошта бошанд. Маълум аст, ки маъно ва хусусияти ҳақиқии институти иҷтимоӣ дар сатҳи натиҷаҳои воқеан ба даст омадаи амалии онҳо зоҳир мегардад. Масалан, дар таърих бисёре аз давлатҳо барои пешгирии майхорагӣ истеъмоли нӯшокиҳои спиртиро манъ намудаанд. Вазифаи маълуму ошкорои институти иҷтимоӣ (мақсад) дар эълони мубориза зидди майхорагӣ инъикос гардид. Вазифаи пӯшида ва ниҳонӣ (натиҷа) ҳамчун оқибати объективӣ дар тащкили шабакаҳои тиҷоратии нӯшокиҳои спиртии ғайриқонунӣ падидор гардид. Вазифаи муҳими таҳлили сотсиологӣ ошкор намудани чунин функсияҳои ниҳонӣ ва пӯшидаи институти иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Дар муҳити иҷтимоӣ таъсири мутақобилаи вазифаҳои асосии институтҳои иҷтимоӣ, яъне қонеъ гардонидани талаботҳои асосии

ҷамъиятӣ ба вуқуъ мепайвандад. Ба тағйир ёфтани муҳити иҷтимоӣ мувофиқан талаботҳои фардҳо, гурӯҳҳо, табақаҳо ва синфҳо низ тағйир меёбанд ва охиран боиси тағйир ёфтани муносибатҳои институтҳои иҷтимоӣ бо муҳити иҷтимоӣ мегардад. Ҳолатҳое мешаванд, ки талаботҳои иҷтимоӣ тағйир меёбанд, аммо инъикоси воқеии худро дар сохтор ва вазифаҳои институтҳои иҷтимоӣ пайдо намекунанд. Дар натиҷаи чунин номувофиқатӣ фаъолияти институти иҷтимоӣ ба зуҳуроти дисфунксия мубтало мегардад ва ҳам дар сатҳи берунаи институти иҷтимоӣ ва ҳам дар сатҳи мазмуни он инъикоси худро меёбад. Дисфунксия дар сатҳи беруна метавонад дар маҳдудияти омодасозии кадрҳо, воситаҳои моддӣ, дар норасогиҳои ташкилӣ ва ғайра инъикоси худро ёбанд. Дисфунксия дар сатҳи моҳияту мазмун дар ноаниқии мақсади фаъолият ва зиддиятнок шарҳдиҳии он, номуайянии вазифаҳо, пастшавии нуфуз ва мартабаи институти мазкур инъикос мегардад. Агар ин вазъият бо чунин ҳол идома ёбад сабаби тағйирёбии нақшҳои хизматии фаъолияти анъанавии институтҳои иҷтимоӣ мегардад, ки на барои ба даст овардани кадом як мақсади бошуурона (бюрократия), балки барои суистифода намудани (коррупсия) нуфузи расмии институти иҷтимоӣ равона шудааст.

Самаранокии институти иҷтимоӣ пеш аз ҳама аз тақсимоти аниқи нақшҳо ва кори бомуваффақатиёнаи механизмҳое вобастагӣ дорад, ки иҷроиши ҳатмии вазифаҳои институти иҷтимоиро таъмин намуда, барои иҷроиши саривақтии супоришу нишондодҳои нақшӣ ба мукофотҳо мушарраф гардонида, ҳавасманд мегардонанд ва рафторҳои номатлуби берун аз ин нишондодҳоро (каҷрафторӣ) шадидан маҳкум мекунад.

**СОЦИАЛЬНЫЕ ИНСТИТУТЫ** – это специфические образования, обеспечивающие относительную устойчивость социальных связей и отношений в обществе в целом. Внешняя характеристика социальных институтов выражается в наличии совокупности лиц, учреждений, снабжённых определёнными материальными средствами и осуществляющими конкретную социальную функцию. Содержательная характеристика выражается в определённом, установленном наборе целесообразно ориентированных стандартов поведения определённых лиц в определённых ситуациях.

Каждый социальный институт также обладает целью своей деятельности, конкретными функциями, способствующими достижению этой цели, на-

бором социальных позиций и ролей, типичных для данного социального института, а также системой санкций, которые обеспечивают поощрение желаемого поведения и подавление нежелаемого, отклоняющегося поведения. Другими словами, осуществляя свои функции, социальные институты поощряют действия входящих в них лиц, согласующиеся с соответствующими стандартами поведения, и подавляют отклонения в поведении от требований этих стандартов, т.е. контролируют, упорядочивают поведение индивидов.

В качестве социальных институтов выступают государство, как важнейший социальный институт организованного общества; институт образования и культуры; институт семьи и брака; здравоохранение; экономика; организованные формы религии; политические партии и движения, обеспечивающие установление и подержание политической власти и т.д.

Внешняя характеристика юстиции (система правоприменительных органов) как один из социальных институтов права заключается в наличии: совокупности лиц – прокуроры, судьи, адвокаты и др., учреждений – прокуратуры, суды, места заключения и др., материальных средств. Содержательная характеристика выражается в наличии совокупности стандартизированных образцов поведения правомочных лиц, обеспечивающих социальную функцию правосудия. Указанные стандарты поведения воплощаются в социальных ролях, характерных для системы юстиции (роль судьи, прокурора, адвоката).

Таким образом, социальный институт представляет собой определённую организацию социальной деятельности и социальных отношений, которые реализовываются через взаимосогласованную систему стандартов поведения. Возникновение этой системы стандартов поведения обусловлено содержанием конкретной решаемой социальным институтом задачи.

Следует выделить два аспекта характеристики функций социальных институтов: сознательно сформулированные цели, которые осуществляются в рамках функционирования данного социального института (в данном случае функция выступает как задача) и объективные последствия деятельности такого института (функция выступает как результат). В идеале эти две характеристики должны совпадать – сознательно сформулированные цели и достигаемые реально результаты. Однако, зачастую возникает расхождение между официально обозначенной и провозглашённой целью и объективными последствиями соответствующих действий. И в этом случае следует учитывать наличие скрытой, латентной функции социального института, которая может носить непреднамеренный, неосознаваемый характер.

Очевидно, что подлинное значение, подлинный характер социального института проявляется на уровне реально получаемых результатов его функционирования. Примером могут служить имеющиеся в истории многих

государств принимаемые меры запрета на алкоголь. Явная функция (цель) выражалась в провозглашаемой борьбе против пьянства. Латентная функция (результат) как объективное следствие проявлялась в создаваемой подпольной сети торговли спиртными напитками.

Важной задачей социологического анализа является выявление подобного рода скрытых латентных функций изучаемых социальных институтов.

Основой взаимодействия социальных институтов с социальной средой служит реализация их главной функции – удовлетворение основных общественных потребностей. Изменяющаяся окружающая действительность соответственно изменяет потребности индивидов, групп, слоёв и классов общества, что влечёт изменения характера отношений социальных институтов с социальной средой. Таким образом может возникнуть ситуация, при которой изменившиеся социальные потребности не найдут адекватного отражения в структуре и функциях соответствующих социальных институтов. В результате такого несоответствия в деятельности социальных институтов могут возникнуть явления дисфункций, которые могут найти отражения, как во внешней сфере социального института, так и в его содержательной сфере.

Дисфункция во внешней сфере может выражаться в недостатке подготовленных кадров, материальных средств, в организационных недостатках и т.д. Дисфункция в содержательной сфере выражается в неясности целей деятельности, в их противоречивой интерпретации, неопределённости функций, падении социального престижа и авторитета данного института. Продолжение подобной ситуации ведёт к трансформации служебной роли социального института в ритуальную деятельность, не направленную на достижение какой-либо рациональной цели (бюрократизм), либо к использованию формального статуса социального института для корыстного злоупотребления (коррупция).

Эффективность социальных институтов зависит от чёткого распределения ролей и успешной работы механизма, обеспечивающего их должное исполнение, вознаграждая за исполнение ролевых предписаний и подавляя отклонения от них.

**Адабиёт/Лит.:** Социология. Основы общей теории: учебник для вузов//Отв.ред. Г.В.Осипов, Л.Н.Москвичёв. – М.: Норма, 2003. – Сс.368-372; Кравченко А.И. Социология. Учебник. М.: 2008; Социология. Под ред. В.Н. Лавриненко. М.: 2003; www.glossary.ru; http://ru.wikipedia.org; http://www.xserver.ru

Шоисматуллоев Ш.Ш.

**ИСТИСМОРИ КӮДАК** (кал. фаронс. exploitation – истифода намудан, истисморнамоӣ) - ба таври ройгон аз худ намудани натиҷаҳои меҳнати кӯдак, барои ба даст овардани фоида ё қонеъсозии талаботҳои шахсӣ истифода намудани кӯдак. Чунин намуди истисмори кӯдакро муайян намудаанд: истисмори тиҷорати шаҳвонӣ, истисмори меҳнатии кӯдак, ҷалби кӯдак ба фаъолияти ҷиноятindividual корӣ, ҷалби кӯдак ба талбандагӣ ва истифодаи он дар низоъҳои мусалаҳона.

Зери мафҳуми истисмори тиҷоратии шаҳвонӣ истифодаи кӯдакон бо мақсади қонеи хоҳишҳо (иштиёқ)-и ҷинсӣ, ба даст овардани фоида ё дигар мақсадҳои манфиатҷуёна бо роҳҳои гуногун, мисли бо пардохти маблағи муайян ё ройгонро мефаҳманд. Истисмори тиҷорати шаҳвонӣ шакли маҷбурнамоӣ ва зӯроварӣ ба кӯдак аст. Ба он фоҳишагарии кӯдакона, порнография (намоиши филмҳои фаҳшу фаҳошат бо иштироки кӯдакон)-и кӯдакона, никоҳи бармаҳал дохил мешавад. Фоҳишагарии кӯдакона – ин истифодаи кӯдак ба мақсади тавассути ҷалби кӯдак ба аъмоли шаҳвонӣ ба даст овардани маблағ ё шаклҳои гуногуни фоида мебошад. Мувофиқи маълумоти хазинаи кӯдаконаи СММ (ЮНИСЕФ) ҳамарӯза дар ҷаҳон қариб 2800 нафар кӯдакон ба фоҳишагарӣ маҷбур карда мешаванд. Порнографияи кӯдакона - ҳамагуна намоиш додани кӯдак, ки дар амали воқеии шаҳвонӣиштирок менамоянд ё узвҳои ҷинсии кӯдак барои ниятҳои шаҳвонӣ ба намоиш гузошта мешавад. Дар ҷаҳони воқеӣ алоқаи равшан байни порнография ва зӯроварӣ нибати кӯдакон ба мушоҳида мерасад. Кӯдаконе, ки барои офаридани маводи парнографӣ ҷалб карда шудаанд, аксар вақт ба зӯровари шаҳвонӣ ва дигар намуди зӯроварӣ гирифтор мегарданд. Дар Интернет тахминан 12 млн. намунаҳои намоишҳои порнографӣ (намоиши фаҳш) дастрас аст. Дар вақтҳои охир дигар намуди фоҳишагарии кӯдакона – сайру сайёҳат бо мақсади муносибати шаҳвонӣ доштан бо кӯдаконро махсус қайд менамоянд. Ин намуди истисмори шаҳвонии кӯдаконро метавонанд хориҷиён ва шаҳрвандони худи давлатҳо бо мақсади дастрас намудани хизматрасонии арзони шаҳвонӣ аз кӯдакон дар шаҳрҳои назди сарҳадӣ ва сайёҳӣ истифода намоянд.Дар баъзе аз кишварҳо (Ҳиндустон, Непал, кишварҳои Осиёи Миёна) никоҳи бармаҳал бо анъанаҳои динӣ алоқаманд аст, ки дар бисёр ҳолат шакли пушидаи фоҳшишагарии кӯдакона мансуб мешавад.

Зери мафҳуми истисмори меҳнатии кӯдак истифодаи ройгони меҳнати кӯдаконро меноманд, ки дар рафти он талаботи муқаррарнамудаи қонунгузориро нисбати синнусоли қонунии шуғлмандӣ, меъёри музди меҳнат ва дигар намуди кафолатҳо риоя карда намешаванд. Мувофиқи маълумоти Ташкилоти байналхалқии меҳнат дар тамоми ҷаҳон зиёда аз 218 млн. кӯдакон барои зинда мондан аз синни 5 то 14 солагӣ ба кор шурӯъ менамоянд. Намудҳои асосии меҳнати кӯдаконро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст: меҳнати хастакунанда ва дурударози иловагии кӯдакон дар корҳои хоҷагидорӣ; кор дар муассисаҳо ва ташкилотҳои саноатӣ, ки ба қобилияти ҷисмонӣ ва ақлонии кӯдакон мувофиқ набуда, ба саломатии онҳо зарар расонида, сади роҳи таълим ва инкишофи кӯдак мегардад; кор дар тиҷорати оилавӣ, ки аз назорати давлат ва ҷамъият берун баромадааст; кор дар шароити боду ҳавои номусоиди кӯчагӣ ва муҳити номусоиди иҷтимоӣ ( шустӯшуи мошинҳо, тиҷорати кӯчагӣ, талбандагӣ ва монанди онҳо); шаклҳои бадтарини меҳнати иҷтимоӣ (истифодаи кӯдакон дар фаъолияти ҷинояткорӣ, фоҳишагарӣ, тиҷорати шаҳвонӣ, талбандагӣ ва ғайраҳо). Меҳнати кӯдакона асосан дар тиҷорати хурд, хоҷагидорӣ, саноати ангишт, ҷамъоварии маҳсулоти хоми дуюмдараҷа, кор дар кӯча, хоҷагии ҷангал ва сохтмон васеъ мавриди истифода қарор мегирад. Илова ба ин, ба чунин соҳаҳои таҳқиқнашуда ва омӯхтанашуда, мисли фароғат, сирк, варзиш, муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои табобатӣ, калонияҳои таълимӣ-меҳнатии ноболиғон бояд таваҷҷӯҳи махсус дод.

Мушкилоти хосаи истисмори меҳнати кӯдакон ин аст, ки баъзе аз халқҳо нисбати меҳнати кудакон муносибати ботаҳаммулона доранд, зеро онҳо меҳнатро воситаи тарбия ва таълими кӯдак мепиндоранд. Хотима додани меҳнати кӯдакон аз «ҳокимияти манфиатҷӯёнаи калонсолон» барои ҷомеа мафҳуми муайяннашуда боқӣ мемонад, ки ин вазъият ҳалли ин мушкилотро боз ҳам мушкилтар гардонида, ҷустуҷӯи роҳҳои садгӯзори байни истисмори меҳнати кӯдак ва тарбияи меҳнатии кӯдаконро мураккаб мегардонад. Ба мақсади монандгардонӣ ва баҳо додан ба вазъияти истисмори меҳнати кӯдак, инчунин баҳри расонидани ёрии иҷтимоӣ ба кӯдакон низоми мониторнинги меҳнатии кӯдакон ҷорӣ карда шуд.

Мониторнинги меҳнати кӯдакона – ин раванди фаъоли боздошти истифодаи меҳнати кӯдакон ба ҳисоб рафта, амалигардии

вазъиятҳои мунтазами маниторнингро бо мақсади монандгардонии кӯдаконе, ки кор мекунанд, баҳо доданихатарҳои ба онҳо таҳдидкунанда, ба ташкилотҳои ёрирасон фиристодани кӯдакон, инчунин нигоҳубинии ин кӯдакон барои ба даст овардани иттилоот дар бораи ризоияти онҳо аз хизматрасонии дастрасгардида фаро мегирад. Бо мақсадӣ мубориза ба муқобили меҳнати кӯдак тавассути лоиҳаҳои таҷрибавии Ташкилоти Байналхалқии Меҳнат (ТБМ) с. 1992 ба барномаи байналхалқӣ оиди аз байн бурдани меҳнати кӯдак (ИПЕК) асос гузошт, ки айни ҳол ин барнома дар 60 давлати ҷаҳон амалӣ мегардад.

Зери мафҳуми ҷалби кудакон ба фаъолияти ҷинояткорӣ , ҷалби кӯдакон ба амалҳои аз ҷониби қонунгузори манъшуда, бо роҳи маҷбурнамоӣ, ҳавасмандгардонӣ, розӣ намудан, таҳдид кардан, харидан, фиреб, барангехтани эҳсоси паст ё мақсад ё дигар воситаҳо фаҳмида мешавад. Асосан кӯдаконро дар амалҳои таҳия намудани маводи нашъадор дар байни наврасон, дуздӣ, ҷамъ намудани ашёҳои дуздидашуда ва монади инҳо ҷалб менамоянд.

Ба истисмори кӯдакон фурӯши одамон, аз ҷумла фурӯши кӯдакон низ алоқамандии зич доранд. Зеро фурӯши кӯдакон ба мақсади ба даст овардани фоида бо роҳи истисмори қобилият ва имкониятҳоикӯдакон сурат мегирад. Мувофиқи маълумоти фонди кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) ҳамасола дар кураи замин зиёда аз 1млн. 200 ҳазор кӯдакон аз фурӯши одамон ранҷ мебаранд. Паҳн гардидани ин зуҳурот ба бӯҳрони иқтисодӣ, репрессияҳои сиёсӣ ва баҳсҳои ҷонибҳои амаликунандаи ин зуҳурот алоқамандии зич дорад. Коррупсия ва набудан ё номувофиқати қонунҳо, риоя ва иҷро нагаштани қонунҳо низ аз ҷумла омилҳоест, ки бавосита ва ё бевосита ба истисмори кӯдак оварда мерасонад. Дараҷаи нокофии огоҳӣ доштан ба ин масъала ва натиҷаҳои имконпазири он ба мӯҳити чавонони донишҷӯ ва толибилм, волидон ва умуман ҷомеа ба тезу тунд гаштани масъалаҳои мазкур мусоидат менамояд. Таҳлили ҳодисаҳое, ки дар натиҷаи он кӯдакон қурбони фурӯши одамон ва дигар намудҳои истисмор гаштаанд нишон медиҳад, ки волидон низ дар ин воқеаҳо даст доранд. Онҳо бештари вакт худ ҳамчун фурӯшанда, ҷалбнамоянда ё истисморгар баромад намуда, кӯдакони худро мефурӯшанд ё онҳоро дар мағозаҳо. чойхонаҳо, дар роҳҳо, киштзорҳои хоҷагии қишлоқ, шахтаҳо ба кори талбандагӣ ва фаҳшу фоҳишагарӣ ҷалб ё водор менамоянд.

Барои истисмор ва фурӯши кӯдакон роҳҳои гуногуни ҷалбнамоии онҳо истифода бурда мешаванд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки баъзе аз ҷабрдидагони 11 то 18 сола дар натиҷаи истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ, моводи нашъадор ва токсинҳо ба ҳолати мадҳушӣ оварда расонида шуда буданд. Кӯдаконро дар хонаҳо боздошта, мавриди лату куб ва гуруснанишнӣ қарор медиҳанд ва ё барои ба шахсони зарурӣ бурда расонидани моводи нашъадор водор месозанд; кушиши гурехта раҳоӣ ёфтани кӯдакон ба зарбу лат, ҷароҳатҳо ва ҳатто марги онҳо анҷом меёбад. Пешниҳод гаштани шароитҳои ҷалбсозанда воситаи аз ҳама васеъ паҳнгаштаи истисмор ва фурӯши одамон ба ҳисоб меравад. Ҳолатҳое ҷой доранд, ки ҷалбсозандагон ва истисморгарон аз воситаҳои маҷбурсозӣ ва таҳдид истифода мебаранд. Аз шаклҳои гуногуни истисмор ва фурӯши одамон натанҳо кӯдакони оилаҳои қашшоқ, балки кӯдакони оилаи миёнаҳол ва сарватманду накӯаҳвол низ ранҷ мебаранд. Фурӯш ва истисмори кӯдакон ба ҳаёти онҳо натиҷаҳои номатлубро ба бор оварда, ҳатто худи ҳаёти кӯдаконро мавриди хатар қарор дода, ба кӯдакон зарари ҷисмонӣ, равонӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ мерасонад, мисли хатари ҳомиладошавии бармаҳал, тавлиди марговар, инкишофи таърихии ҷисмонӣ ва ақлонӣ, осеби ҷисмонӣ ва маънавӣ гирифтан, майюбии ҷисмонӣ, бемориҳои узвҳои ҷинсӣ ва СНМБ (ВИЧ/СПИД). Ин далел бебаҳс аст, ки кӯдакони аз истисмор ва фурӯши одамон ҷабрдида метавонанд қобилияти ба муҳити иҷтимоӣ мутобиқшавиашонро гум намоянд ва раванди офиятбахшии онҳо ниҳоят мураккаб ва ҷароҳатнок ҳоҳад буд.

**ЭКСПЛУАТАЦИЯ РЕБЕНКА** (фр. exploitation – использование, эксплуатация) – бесплатное присвоение результатов труда ребенка, использование ребенка для получения выгод или удовлетворения собственных потребностей. Выделяют такие виды эксплуатации ребенка: коммерческая сексуальная эксплуатация, эксплуатация детского труда, вовлечение в преступную деятельность, привлечение к нищенству, использование в вооруженных конфликтах.

Под коммерческой сексуальной эксплуатацией детей следует понимать использование детей для удовлетворения половой страсти любым способом с оплатой этого или без такой с целью получения прибыли или любой другой корыстной целью. Коммерческая сексуальная эксплуатация ребенка является формой принуждения и насилия над ребенком. К ней относят детскую проституцию, детскую порнографию, ранние браки. Детская проституция – использование ребенка с целью сексуальных действий для получения опла-

ты или другого вознаграждения в любой форме. По данным Детского Фонда ООН (ЮНИСЕФ) около 2 800 детей в мире ежедневно принуждают к занятию проституцией. Детская порнография – любое, независимо от формы, представление ребенка, который принимает участие в реальных или мнимых сексуальных действиях, или показ половых органов ребенка с сексуальными намерениями. Прослеживается четкая связь между порнографией и насилием над детьми в реальном мире. Дети, втянутые в создание порнографической продукции, часто поддаются сексуальному и другим видам насилия. Около 12 млн. образцов детских порнографических изображений доступны в Интернете. В последнее время выделяют отдельный вид детской проституции – туризм с целью сексуальных отношений с детьми. Этот вид сексуальной эксплуатации детей может использоваться как иностранцами, так и гражданами страны преимущественно в курортных, пограничных городах с целью получения дешевых сексуальных услуг от детей. Ранние браки – это браки при участии детей. В некоторых странах (Индия, Непал, страны Центральной Азии) ранние браки связаны с религиозной практикой, которая часто является завуалированной формой детской проституции.

Под эксплуатацией детского труда следует понимать использование наемного труда детей без соблюдения требований действующего законодательства относительно возраста, с которого позволяется трудоустройство, нормирование его оплаты и обеспечение нормативных требований его безопасности для здоровья, предоставление социальных и других гарантий. По данным Международной организации труда (МОТ) во всем мире свыше 218 миллионов детей в возрасте от 5 до 14 лет работают, чтобы выжить. Основные виды детского труда: изнурительный и излишне длительный труд детей в домашнем хозяйстве; работа в промышленности, в учреждениях и организациях, которая не соответствует физическим и умственным способностям детей, вредит их здоровью, мешает учебе и развитию ребенка; работа в семейном бизнесе, которая находится вне общественного и государственного контроля; работа на улице при неблагоприятных погодных условиях, часто и в неблагоприятном социальном окружении (мойка автомашин, уличная торговля, попрошайничество и тому подобное); наихудшие формы детского труда (использование детей в преступной деятельности, проституции, секс - бизнесе, попрошайничестве и тому подобное). Наибольшим потребителем детского труда является малый бизнес, промышленность, сельское хозяйство, торговля, сфера услуг, домашнее хозяйство, угольная промышленность, сбор вторичного сырья, труд на улице, лесное хозяйство, строительство. Кроме того, стоит обратить внимание на такие неисследованные и неизученные сферы как досуг, цирк, спорт, учебные заведения, лечебные заведения, воспитательно-трудовые колонии для несовершеннолетних. Спецификой проблемы эксплуатации детского труда является характерное для некоторых народов толерантное отношение к труду детей, поскольку труд всегда считался способом воспитания и образования ребенка. Пре-

вращение труда детей в „злоупотребление властью со стороны взрослого" остается для общества пока неопределенным понятием, которое усложняет решение этой проблемы, так как и поиск разграничения между эксплуатацией детского труда и трудовым воспитанием. С целью идентификации и оценки ситуации с эксплуатацией детского труда, а также изъятия детей и их направления для предоставления социальной помощи, внедрена система мониторинга детского труда.

Мониторинг детского труда - это активный процесс по остановке использования детского труда, который включает в себя осуществление регулярных мониторинговых визитов с целью идентификации детей, которые работают, проведение оценки рисков, которым они подвергаются, направление детей в организации, которые оказывают помощь; а также последующий присмотр за этими детьми, для получения информации о том, что они довольны полученными услугами; проведение с ними просветительской и профилактической работ. С целью борьбы против детского труда посредством практических проектов, МОТ в 1992 году положила начало Международной программе по искоренению детского труда (ИПЕК), которая сегодня действует в 60 странах мира.

Под вовлечением детей в преступную деятельность следует понимать привлечение детей к совершению одного или нескольких деяний, предусмотренных законодательством как преступлений путем склонения, принуждения, побуждения, уговаривания, угрозы, подкупа, обмана, разжигания низких чувств или мотивов или любым другим способом. Детей вовлекают в распространение наркотиков среди подростков, кражи, сбыт краденых вещей и тому подобное.

Тесно связана с *эксплуатацией ребенка проблема торговли людьми*, в частности детьми. Ведь торговля детьми осуществляется для получения прибыли путем эксплуатации разных возможностей и способностей ребенка. По данным Детского Фонда ООН (ЮНИСЕФ) ежегодно в мире около 1 млн. 200 тыс. детей страдает от торговли людьми. Распространение этих явлений связанно с экономическими кризисами, политическими репрессиями и всевозрастающим спросом со стороны насильников над детьми. Коррупция и отсутствие или несоответствие законов, несоблюдение существующих законов – все это является также факторами, которые прямо или опосредствованно приводят к эксплуатации детей. Недостаточный уровень осведомленности с проблемой и ее возможными последствиями среди ученической и студенческой молодежи, родителей и общества в целом со своей стороны способствуют заострению проблем.

Анализ реальных историй детей, которые пострадали от торговли людьми и разных форм эксплуатации, свидетельствует о причастности родителей к этим ситуациям. Они зачастую сами выступают торговцами, вербовщиками

или эксплуататорами, продавая своих детей или принуждая их работать попрошайками в магазинах, барах, на дорогах, в шахтах, сельскохозяйственных угодьях, в секс - индустрии.

Используются разные способы вовлечения ребенка в ситуации эксплуатации и торговли детьми. Некоторые из потерпевших в возрасте 11-18 лет были доведены до бессознательного состояния в результате употребления спиртных напитков, наркотиков, токсинов. Детей закрывают в квартирах, принуждают избиением, голодом и наркотиками к предоставлению услуг; попытки побега заканчиваются избиением, травмами и даже смертью. Распространенным способом вовлечения детей в эксплуатацию и торговлю людьми является предложение привлекательных условий. Однако есть много случаев, которые свидетельствуют об использовании вербовщиками или эксплуататорами принуждения в тот или иной способ, угроз. Важно отметить, что страдают от разных форм эксплуатации и торговли людьми дети не только из бедных, но и из полностью благополучных семей. Эксплуатация детей и торговля ими может привести к серьезным последствиям на всю жизнь или даже поставить под угрозу саму жизнь ребенка, нанося физический, психический, духовный, моральный вред, включая угрозу ранней беременности, летальные роды, запоздание физического и умственного развития, травмы, физическую инвалидность и болезни половых органов, ВИЧ/СПИД. Не вызывает сомнение тот факт, что потерпевшие дети могут быть социально дезадаптированы, а процесс реабилитации сложный и травматический.

**Адабиёт/Лит.:** Запобігання торгівлі людьми та експлуатації дітей: Навч.-метод. Посіб. / Заг. ред. К. Б. Левченко та О.А. Удалової. – К.: „Версо-04", 2005. - 210 с.; А.М. Орлеан, Б.В. Лизогуб Тлумачення та розмежування термінів, пов'язаних з сексуальною та іншою експлуатацією дітей // Проблеми освіти: науково-методичний збірник, спец. випуск. – К., 2006 – С. 30-36; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І.Д. Звєрєвої. – К: Центр учбової літератури, 2008. – С. 74-77.

Ковальчук Л. Г.

**ИХТИЁРИЁН (волонтёр)** – (лот. voluntarius – ирода, хоҳиш; ингл. voluntary – ихтиёрӣ, фидоӣ, бо ихтиёри худ амал кардан) – шахси алоҳида, одаме, ки бо хоҳишу иродаи худ ба мардум кӯмак мерасонад ва фаъолияти ӯ бетамаъ буда, худ барои ёрирасонӣ ҳавасманд аст, фаъолияти ёрирасонии ӯ фоидаи ҷамъиятӣ дорад.

Фаъолияти ихтиёриён – ҳама гуна фаъолияти фоиданоки ҷамъиятии бетамаъ ва бидуни даромади шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони алоҳида, ки тавассути иҷроиши ин ё он кор, дастрас намудани

хизматрасонӣ ба шаҳрвандон, ташкилот ва созмонҳо ва умуман ба ҷомеа фаъолияти ихтиёрӣ ном дорад. Фаъолияти ихтиёрӣ метавонад инфиродӣ ва коллективӣ бошад ва ин албатта дастгирӣ ва посдориву тақвияти арзишҳои умумибашарии чун шафқат, накӯкорӣ, адолат, васоят, нигоҳубин ва ёрирасонӣ ба шахсони ниёзманд аст; ин истифодаи имкониятҳо ва ҳуқуқҳои худ аз тарафи ҳар як шахс чун узви ҷудонопазири ҷомеаи башарӣ, новобаста ба фарқиятҳои байниҳамдигарии онҳо аст; мақсади инсоният аз чунин намуди фаъолият таъмиу густариши амнияту салоҳ ва шукуфоии ҳаёт чи дар сатҳи гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва чи дар ҷомеа аст. Ҳодисае, ки дар он инсон бо ихтиёру иродаи худ вақт, қобилият, қувваи зеҳниву ҷисмонии худро ба манфиати дигарон ва ҷомеа сарф мекунад фаъолияти ихтиёрӣ номида мешавад.

Чунон ки маълум аст, фаъолияти ихтиёрӣ аз замонҳои қадим маъмулу мустаъмал буда, дар илми муосир ибтидои онро ҳамчун ҳамчун ҳаракати ҷамъиятӣ ба ҷомеаи Ғарб мансуб медонанд ва аввалин ихтиёриён самаритяниҳоро муаррифӣ мекунанд ва онҳо ба ҳар каси ба ёрӣ ниёзманд бечунучаро кӯмак мерасониданд. Дар Шарқ ва махсусан дар Осиёи Марказӣ бошад ин раванд дар фаъолияти ҷараёнҳои гуногуни сӯфия чун «Ҷавонмардӣ» маъмулан баъд аз зуҳури ислом ба таври васеъ густариш ёфта буд, ки дар ин бора манобеъ ва адабиёти фаровон таҳия шудааст. Дар илми ҷомешиносии Ғарб оғози фаъолияти ихтиёриёнро ба миёнаи асри XIX (аниқтараш соли 1859) ва ба номи пешвои ин ҷараён - Анри Дюран, адиб ва журналисти маъруфи фаронсавӣ мансуб медонанд, ки пас аз мутаассир шудан аз ҳаводиси задухӯрди хунбори назди Солферино пешниҳод кард, ки созмони Салиби Сурх ташкил карда шавад ва аъзоёни ин созмон ба таври ихтиёрӣ фаъолият намуда, ба маҳбусон ва маъюбони ҷангу задухӯрдҳо ба ҳайст табибон кӯмак расонанд. Анри Дюран принсипи кори ихтиёриёнро таҳия намуд, ки то имрӯз дар асоси он созмонҳои гуногуни ихтиёриёни ҷаҳон фаъолият мебаранд. Дар эъломияи умумии фаъолияти ихтиёриён, ки варианти охирини он дар Конфронси ХУI умумиҷаҳонии интиёриён соли 2001 дар Амстердам (Нидерландия) қабул гардид, принсипҳои зерин қабул ва тасдиқ гардидааст: ҳар касс, чи мард ва чи зан ва чи кӯдак ба фаъолияти ихтиёрӣ новобаста ба мансубияти нажодӣ, динӣ, имкониятҳои ҷисмонӣ, мақоми иҷтимоӣ ва дороӣ ҳуқуқ дорад; эҳтироми қадру қиммати фарҳангӣ ва маънавии ҳар инсон; расонидани кӯмак, хиз-

матрасонии ройгон шахсан ва ё дар якҷоягӣ бо гурӯҳ дар рӯҳияи бародарӣ ва ҳамкорӣ; эътирофи арзиши баробар доштани талаботу манфиатҳои шахсӣ ва коллективӣ, таносуби байниҳамдигарии онҳо ва мусоидат барои таъмин намудани онҳо; эътироф намудани фаъолияти ихтиёрӣ ҳамчун омили пешравӣ дар касби дониш ва рушди қобилияти кориву малакаҳои иҷтимоӣ, ки метавонад ташаббус ва эҷодкории инсонро афзояд ва ба ҳар касс имкон медиҳад, ки эҷрдкор бошад, на истеъмолгар ва шоҳиди ҳаводис.

Асосҳои фаъолияти ихтиёрӣ: ба ихтиёри худ фаъолият кардан ва фидоӣ будан, хайрхоҳӣ, дар низоми қонун фаъолият кардан, башардӯстӣ, шинохтани қадру қиммати дигарон, ҳамкорӣ, эътирофи баробарҳуқуқии ҳамаи иштирокчиён дар фаъолияти ихтиёрӣ, риоя намудани махфияти иттилоот.

Ҳар кас, новобаста ба он ки дар ҷое кор мекунад ва ё бекор аст, намояндаи сохтори давлатӣ аст ва ё узви иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, метавонад бо фаъолияти ихтиёрӣ машғул шавад.

Шахси ба фаъолияти ихтиёрӣ машғул ҳуқуқ дорад: фаъолияти ихтиёрии худро мустақилона пеш барад ва ё ҳамчун узви ташкилоти ихтиёриён амал кунад; машғулиятҳои мувофиқро барои омодагии қаблӣ гузарад; маҳорати касбии худро такмил диҳад; дар ҳолатҳои зарурӣ бо либос ва таҷҳизоти махсус таъмин бошад чун сарулибоси махсус, пойафзол, таҷҳизот ва воситаи корӣ, ҳуҷҷати сафарӣ барои нақлиёти мусофиркаши ҷамъиятӣ; дар муҳити бехавфи гигиенӣ ва техногенӣ кор кунад; бо созмонҳои байналхалқӣ ва хориҷии ихтиёриён робита дошта бошад.

Ӯҳдадориҳои ихтиёриён: вазифаҳои ба зиммаи худ гирифтаро, ки дар шартномаи фаъолияти ихтиёрӣ нишон дода шудааст, босифат ва саривақт иҷро намояд; ба ниёзмандони кӯмаки ихтиёрӣ бо эҳтиром ва қадрдонӣ муносибат намояд; саривақт оид ба фаъолияти ихтиёрӣ, ки ба ташкилоту созмонҳо ва шахсони алоҳида дода мешавад, ба ташкилоти ихтиёриён, ки худ аъзои он аст ва ё аз тарафи онҳо ба кор ҷалб шудааст, ҳисобот диҳад; таҷҳизот ва маводи дар ихтиёри худ доштаро ба таври самаранок истифода барад ва пас аз иҷрои кори ихтиёрии худ ба ташкилоте, ки барояш ин маводро дастрас намудааст, бозгардонад; дар бораи одамони барояшон кӯмак расонидашуда, иттилооти мавҷударо, ки дар раванди кор ба ӯ маълум шудааст махфӣ нигоҳ дорад.

Дар қайдҳои Котиби Генералии СММ, ки ба Комиссияи рушди иҷтимоии Шӯрои Иқтисодиву иҷтимоии СММ фиристода шудааст, хусусиятҳои асосии фаъолияти ихтиёрӣ нишон дода шудааст, ки муҳимтарини онҳо ба таври зайл аст: ғамхорӣ барои инсон; рафоқат ба инсондӯстӣ; рӯҳоният ва садоқати шаҳрвандӣ; таҷрибаи башарӣ; захираҳои нави зеҳнӣ; иштирок ва масъулият чун моҳияти асосии мақоми шаҳрвандӣ; стандарт ё худ меъёрҳои ахлоқӣ; таъмини заминаи устувор барои таҷдиди робитаҳои байни одамон; диди нави фаъолияти иҷтимоӣ.

**ВОЛОНТЕР** – (лат. voluntarius – воля, желания; англ. voluntary – добровольный, доброволец, идти добровольно) – это физическое лицо, человек, который по собственному желанию помогает людям, осуществляет неприбыльную и мотивированную деятельность, имеющую общественно полезный характер.

Волонтерская деятельность – любая социальная, общественно полезная неприбыльная деятельность физических и юридических лиц, которая осуществляется путем выполнения работ, предоставления услуг гражданам, организациям и обществу в целом. Волонтерская деятельность – индивидуальная или коллективная – это способ поддержки и укрепления таких человеческих ценностей, как милосердие, доброта, справедливость, опека, забота и оказание помощи членам сообщества; использование каждым человеком своих прав и обязанностей как члена определенного сообщества в реализации своего человеческого потенциала; взаимодействия между людьми, невзирая на все отличия, для обеспечения благополучия и процветания сообществ и общества в целом. Явление, когда человек добровольно, без принуждения тратить свое время, талант, энергию на помощь другим, называют волонтерством.

Известно, что волонтерство как общественное движение возникло на Западе, а первыми волонтерами были самаритяне, которые начали предоставлять помощь всем, кто в ней нуждался. Более уверенно можно говорить о возникновении феномена волонтерства с середины XIX века (1859 год). Именно в этот период Анри Дюран, известный французский писатель-журналист, впечатленный последствиями кровавой битвы при Сольферино, предложил создать Красный Крест – организацию, члены которой работали на волонтерских основах и предоставляли первую медицинскую помощь пленным и раненым. Анри Дюран сформулировал принципы волонтерской работы, которыми руководствуются и до сих пор волонтерские организации всего мира. В Общей декларации о волонтерской деятельности, последний вариант которой был принят на XYI Всемирной конференции добровольцев

в 2001 году (Нидерланды, г. Амстердам), определены такие принципы деятельности добровольцев: признание права на волонтерство за всеми мужчинами, женщинами и детьми, независимо от их расы. Вероисповедания, физических особенностей, социального и материального положения; уважение достоинства и культуры всех людей; оказание помощи, бесплатных услуг лично или организованно в духе партнерства и братства; признание равной важности личных и коллективных потребностей, содействие их коллективно обеспечению; преображение волонтерства на элемент приобретения знаний и навыков, совершенствования способностей, стимулируя при этом инициативу и творчество людей, предоставляя каждому возможность быть творцом, а не пользователем, наблюдателем.

Основы волонтерской деятельности: добровольность и благотворительность, законность, гуманность и достоинство, гласность, ответственность, партнерство, равноправие прав участников процесса, конфиденциальность.

Волонтером может быть любой человек, работающий или неработающий, представитель государственных структур и член общественных организаций.

Волонтер имеет право: осуществлять волонтерскую деятельность самостоятельно или как член волонтерской организации; пройти соответствующую подготовку (инструктаж) для осуществления волонтерской деятельности; повышать свою квалификацию; быть обеспеченным (в случае необходимости) специальной одеждой, обувью, инвентарем, проездными документами в городском транспорте общего пользования; работать в безопасных и гигиенических условиях; поддерживать связи с волонтерскими организациями других стран.

Обязанности волонтера: качественно и своевременно выполнять обязательства, предусмотренные договором об осуществлении волонтерской деятельности; уважительно относиться к получателям волонтерской помощи; предоставлять отчеты о предоставленной помощи организации, учреждению, которые привлекли волонтера или волонтерскую организацию; эффективно использовать материалы, оборудование и другое имущество, предоставленное для проведения волонтерской работы, и возвратить его после окончания волонтерской работы; обеспечивать конфиденциальность информации о гражданах, которым представляется помощь, которая стала ему известна во время работы.

В Записке Генерального секретаря ООН, адресованной Комиссии социального развития Экономического и социального совета ООН, определены важнейшими черты волонтерства, среди которых: забота о людях; солидарность и гуманизм; духовность, гражданская честность; человеческий опыт; новые интеллектуальные ресурсы; участие и ответственность как сущность активной гражданской позиции; этический стандарт; обеспечение надеж-

ной платформы для обновления связей между людьми; новое видение социальной деятельности.

**Адабиёт/Лит.:** Волонтерський рух в Україні: тенденції розвитку. – К.: Академпрес, 1999.– 112 с.; Лях Т.Л. Волонтерство як суспільний феномен // Проблеми педагогічних технологій: Збірник наукових праць / Волинський державний університет імені Лесі Українки. – Луцьк: Волинський академічний дім, 2004. – Випуск 3-4. – С. 139-144.; Лях Т.Л. Волонтерський рух та сучасні тенденції розвитку волонтерський організацій в Україні // Проблеми педагогічних технологій: Збірник наукових праць / Волинський державний університет імені Лесі Українки. – Луцьк: Волинський академічний дім, 2002. – Випуск 2.– С. 44- 53. Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І. Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008.– С. 36-39.

Лях Т.Л.

**ИҶТИМОИШАВӢ** - (кал. лот.- ҷамъиятӣ) - раванди ташаккулёбии шахс, ки тавассути аз ҷониби инсон аз худ намудани арзишҳо, меъёрҳо, нишондодҳо ва намудҳои рафтори қабулшудаи ҷомеаи муайян имконпазир мегардад.

Иҷтимоишавӣ (сотсиализатсия) вобаста ба мазмуну моҳияти худ раванди дуҷониба аст. Аз як ҷониб, иҷтимоишавӣ раванди аз худ намудани таҷрибаи иҷтимоист, ки тавассути ворид шудан ба муҳити иҷтимоӣ ва низоми робитиҳои иҷтимоӣ амалӣ мегардад, аз ҷониби дигар фард дар натиҷаи фаъолияти пурсамар низоми робитаҳои нави иҷтимоиро фаъолона барқарор месозад. Раванди сотсиализатсия ифодагари маҷмӯи ҳамаи равандҳои иҷтимоист, ки бо шарофати ин равандҳо фард низоми меъёру арзишҳои мавҷударо аз худ менамоянд ва ба сифати аъзои комилҳуқуқи ҷомеа фаъолият менамояд.

Чунин равишҳои таҳқиқи раванди иҷтимоишавиро арзёбӣ менамоянд:

1. равиши сотсиологӣ, ки иҷтимоишавиро василаи интиқоли маданият аз як насл ба насли дигар ва механизмҳои умумии меросият меҳисобад, дар навбати худ ҳам таъсири бешууронаи муҳит ва ҳам таъсири муташаккилеро, мисли тарбия ва таълим фаро мегирад;

2. равиши сабабӣ- институтсионӣ иҷтимоишавиро ҳамчун маҷмӯи бонизом ва нисбатан худмухтор нишон дода, низоми қатъии иреархи(зинагӣ)-и низоми таъсири омилҳо, институтҳо ва агентҳои иҷтимоишавиро истисно намудааст;
3. равиши интераксионистӣ, ки дар он иҷтимоишавӣ ба сифати сабабияти муҳими таъсири мутақобила ва муоширати байнишахсӣ дида баромада мешавад, зеро бе ин омилҳо ташаккули шахс имконнопазир хоҳад гашт;
4. интеризатсионӣ – аз тарафи фардҳо аз худ намудани меъёрҳо, арзишҳо ва қолибҳо (стереотипҳо), ки ҷомеа дар натиҷаи ташаккули танзимгарони дохили ва меъёрҳои рафтор кор карда баромадааст;
5. барои равиши интрафардӣ иҷтимоишавӣ раванди худвоқеъагардонии эҷодӣ ва худтакомулдиҳии шахс аст;

Дар илми психологӣ – педагогӣ се равияи ба таҳлили масъалаи иҷтимоишавӣ тамоюлдоштаро ҷудо менамоянд: дар равияи иҷтимоӣ- фалсафӣ иҷтимоишавӣ дар чаҳорчубаи консепсияи иҷтимоӣ- фалсафӣ ҳамчун мафҳуми маъниофарине дида баромада мешавад, ҳангоми аз худ намудани онҳо муносибатҳои иҷтимоӣ ҳифз гашта, нибатан устувор мегарданд. Иҷтимоишавӣ таъсири фаъоли каммуникативӣ аст , ки дар раванди он нақшаҳои иҷтимоӣ омухта шуда, «Ман»-и иҷтимоӣ ташаккул меёбад; равияи иҷтимоӣ-психологӣ, ки дар он ҷанбаҳои иҷтимоӣ-психологии иҷтимоишавӣ дар партави дохилшудаи фард бо муносибатҳои гуногуни иҷтимоӣ, азхуднамоӣ ва дарк намудани алоқаю таҷрибаи иҷтимоӣ, фаъолона тағйир додани муҳити зист моҳиятан падидор мешавад; равияи иҷтимоӣ-педагогӣ хусусияти хоси худро дорад, зеро иҷтимоишавиро ҳамчун раванди инъикоскунандаи ташаккули иҷтимоии шахс дар муҳити мушахаси иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳамчун ташаккули навъи муайяни иҷтимоӣ арзёбӣ менамояд .

Дар ин маврид иҷтимоишавӣ раванди гуногуномил ва мураккаби аз ҷониби фард аз худ намудани хусусият ва сифатҳои инсонист, ки тамоюли онро вазъияти мушаххаси иҷтимоӣ муайян месозад. Аз мавқеи равиши иҷтимоӣ –педагогӣ бояд ба инобат гирифт, ки дар рафти иҷтимоишавӣ шахс фаъолона дар раванди худтакмилдиҳӣ ширкат меварзад ва ин воқеият дар заминаи тағиротҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ сурат мегирад. Иштироки фаъоли шахс дар ин тағиротҳо

суръати раванди иҷтимоишавиро муайян мекунанд , аммо тамоми раванди иҷтимоишавӣ аз аҳамияти иҷтимоӣ доштани он вобастгӣ дорад. Дар марҳилаи аввали инкишофи иҷтимоишавӣ шахс дар чаҳорчубаи сотсиуми муайян маҳдуд гаштааст, наметавонад ба амали мустақиме даст занад, аммо ботадриҷ равандҳои фаъоли иҷтимоишавӣ пайдо гардида, ба шахс имкон фароҳам месозад, ки дар сотсиум бо ҷустуҷӯи мавқеъ, муайян намудани муносибатҳо, ташкили фазои иҷтимоии фардии хеш бипардозанд, яъне бо васеъ гаштани ҷаҳонбинӣ ва имкониятҳои фардии ба ҷустуҷӯи «Ман»-и хеш талош менамояд.

Раванди иҷтимоишавии аввалиндараҷа ва дуввуминдараҷаро аз ҳам ҷудо менамоянд. Иҷтимоишавии аввалиндараҷа дар овонии кӯдакӣ мегузарад, ки марҳилаи ибтидоии иҷтимоишавӣ буда, ба шарофати он инсон бо шахси комилҳуқуқи ҷомеа табдил меёбад, ҳарчанд худро бо дигарон ва умуман ҷомеа монанд намуда , арзишҳо ва меъёрҳои ҷомеаро фаро мегирад. Иҷтимоишавӣ аввалиндараҷа то ба балоғат расидани шахс идома меёбад.

Иҷтимоишавии дуввуминдараҷа равандҳои минбаъдаи ташаккули шахс аст, ки фарди иҷтимоишаванда бо ёрии он ба доираҳо, соҳаҳо ва инстутҳои нав ба нави иҷтимоӣ ворид гардида, олами навро барои худ кашф месозад . Мафҳуми иҷтимоишавии дуввуминдараҷа ба хотири ҷудо намудаанд, ки то марҳилаҳои тағирёбии шахсро аз давраи аввал (мисол, касбомӯзӣ ), раванди аз худнамоии маҳорату малакаҳои оддитарини иҷтимоии давраи кудакиро махсус ҷудо карда тавонанд.

Аз ин сабаб бештар ба он ҳолате таваҷӯҳ дода мешавад, ки шахс иҷтимоишавии аввалиндараҷаро бомуваффақиятона ва дуруст нагузаштааст ва бо тағйир ёфтани шароити мавҷуда ба вазъи ногувору азиятоваре меафтад.

Чунин навъҳои иҷтимоишавиро қайд менамоянд: иҷтимоишавӣ сиёсӣ; иҷтимоишавии этикӣ- фарҳангӣ, иҷтимоишавии гендерӣ (нақшҳои ҷинсӣ), иҷтимоишавии фарҳангӣ ва иҷтимоишавии касбӣ.

Илова ба ин боз байни намудҳои гуногуни иҷтимоишавӣ низ фарқ мегузоранд. Иҷтимоишавии номуташаккилии инсон ба шароити номусоиди ҳаёти ҷамъиятӣ вобаста аст. Иҷтимоишавӣ нисбатан мақсаднок дар ҷомеа ташкил намудани заминаҳои муайяни иқтисодӣ, қонунгузорӣ ва дигар шароитҳои мусоиди рушди шахсеро ба миён

мегузорад, ки ба инкишоф ва роҳи ҳаётии шахс таъсири бузург мерасонад (мисол, таҳсили ибтидоӣ дар мактаб, сатҳи нисбатан кофии маълумот, ибтидоӣ ҳаёти меҳнатӣ ва ба монанди инҳо).

Иҷтимоишавӣ иҷтимоӣ- назоратӣ раванди махсуси ташкили таҳсили таҷрибаи иҷтимоии шахс ва инкишоф додани имкониятҳои мавҷуда аст, ки дар ташкилотҳои гуногуни давлатӣ ва ғайридавлатӣ амалӣ мегардад (мактаб, муассисаҳои берун аз мактабӣ, ташкилотҳои кӯдакона ва ҷавонон).

Раванди иҷтимоишавии шахс дар зери таъсири шароитҳои ниҳоят зиёду гуногуни иҷтимоӣ ва таъсири муҳити атроф мегузарад, ки дар маҷмӯъ онҳоро омилҳои иҷтимоишавӣ ном гузоштаанд. Омилҳои иҷтимоишавӣ ба мегаомилҳо ё омилҳои ниҳоят бузург (кайҳон, сайёра,ҷаҳон ); макроомилҳо ё омилҳои бузург (кишвар, ҷомеа , этнос, давлат ); мезоомилҳо ё омилҳои миёна (нуқтаи аҳолиншин, васоити ахбори омма , субкултураҳо) ва микроомилҳо ё омилҳои нисбатан хурд (оила, ҳамсояҳо, гурӯҳҳои ҳамсол ташкилотҳои тарбиявӣ) ҷудо менамоянд.

Ба механизмҳои иҷтимоӣ- психалогии иҷтимоишавӣ таалуқ дорад : импринтинг - сохтакорона ба ҳиссиёти иҷтимоишавӣ шахс таъсир расонидан; меросият – аз тарафи шахс намунаҳои муайяни рафтор ва фаъолияти дигаронро айнан нусхабардори кардан; монандгардонӣ ба дигар одамон, гурӯҳҳо ва ҷомеа худро монанд намудани шахс; ангезиш ё вокуниш ба зуҳуротҳои гуногуни «Ман»-и худ баҳо додани шахс; интериоризация – раванди табдил додани амлиёти воқеии фаъолияти иҷтимоӣ ба фаъолияти ботинӣ ва идеалӣ.

экстериоризатсизм – раванди гузариш аз фаъолияти дохили ва психикӣ ба фаъолияти зоҳирӣ ва таҷрибавӣ.

Механизҳои иҷтимоӣ – педагогӣ иҷтимоишавиро ба тариқи зайл нишон додан имконпазир аст: анъанавӣ – аз ҷониби фард аз худ намудани меёрҳо, намунаҳои рафтор, андешаҳо ва қолабҳои муҳити иҷтимоии ба ӯ хело наздик (оила, ҳамсояҳо, хешу табор, дӯстон); иститутсионалӣ дар натиҷаи таъсири мутақобилаи инсон бо институтҳои иҷтимоии ҷомеа ва ташкилотҳои мухталифи иҷтимои, инчунин бо васоити ахбори омма амалӣ мегардад. Дар натиҷаи чунин таъсирҳои мутақобила шахс дониш ва таҷрибаи иҷтимоии эътирофи умуми ҷомеагаштаро соҳиб мегардад ва меёрҳои иҷтимоии муайяни ҷомеаро пурра ва ё бо ихтилоф риоя менамояд; *касби услуб*

ки бештар дар субкултураҳои муайяни ҷомеа сурат гирифта, ҳамчун мазмуни хусусиятҳо ва арзишҳои муайяни рафтор ба синнусоли муайян, касб, миллат ва ё гурӯҳҳои иҷтимоии хос аст ва дар маҷмӯъ ба тарзи тафаккур ва ҳаёти шахс таъсир мерасонад; байнишахсӣ – дар раванди таъсири мутақобилаи шахсон бо шахсони аз худашон мақоми баландошта амалӣ мешавад.

Инчунин институтҳои хоси худро соҳиб аст, ки ба раванди муътадили он мусоидат менамоянд. Институтҳои иҷтимоишавиро навъ ва шакли нисбатан устувори таҷрибаи иҷтимоист. Ба мусоидати он дар доираи низоми ҷомеа раванди иҷтимоишавии шахс ба роҳ монда мешавад. Ба институтҳои сотсиализатсия пеш аз ҳама маориф ва тарбия, оила, мактаб, донишгоҳҳои олӣ, иттиҳодияҳои ғайрирасмӣ ва монанди инҳо дохил мешаванд. Институтҳои иҷтимоиро метавонанд махсус ташкил намоянд ва ё ба таври стихиявӣ ташкил гарданд. Амали онҳо ба инкишофи шахс нигаронида шудааст.

Агентҳои иҷтимоишавии одамон ва муассисаҳо субъектони иҷтимоии амалкунандае маҳсуб меёбанд, ки бо ёрии онҳо инсон тавассути хондан, коммуникатсия ва азхуд намудани маданияти ҳукмрони ҷомеа иҷтимоӣ мегардад.

Моҳияти иҷтимоишавӣ раванд ва натиҷаи рушду худтағйирдиҳии инсон дар заминаи таҷрибаи бадастовардаи иҷтимоии ӯ мебошад.

**СОЦИАЛИЗАЦИЯ** (лат. socialis – общественный) – процесс становления личности, путем усвоения индивидом ценностей, норм, установок, образцов поведения, принятых в данном обществе.

По своему содержанию социализация – это процесс двусторонний. С одной стороны, это усвоение индивидом социального опыта путем вхождения в социальную среду, систему социальных связей, с другой – активное воссоздание индивидом системы социальных связей за счет его деятельности. Процесс социализации представляет собой совокупность всех социальных процессов, благодаря которым индивид усваивает определенную систему норм и ценностей, позволяющих ему функционировать в качестве члена общества.

Выделяют такие подходы к трактовке социализации:

1. социологический – рассматривает социализацию как трансляцию культуры от поколения к поколению, общий механизм наследования, который охватывает как стихийные влияния среды, так и организованные, такие как воспитание и образование;

2. факторно институционный определяет социализацию как совокупность, множественность и некоторую автономность, а не жесткую иерархическую систему действия факторов, институтов и агентов социализации;
3. интеракционистский, в котором социализация в качестве важной детерминанты предусматривает межличностное взаимодействие, общение, без которого невозможно становление личности;
4. интеризационый – усвоение личностью норм, ценностей, стереотипов, которые выработаны обществом в результате формирования системы внутренних регуляторов и норм поведения;
5. интраиндивидуальний - предусматривает творческую самореализацию личности, самосовершенствование.

В психолого-педагогической науке различают три направления в социализационной проблематике. Первый – социально философский. В пределах социально философских концепций социализации смыслообразующее понятие – это сохранение и стабилизация общественных отношений при их усвоении, а также активное коммуникативное влияние, в процессе которого происходит апробация разнообразных социальных ролей, формируется аутентичное социальное „Я”.

Второй – социально психологический. Здесь социально психологические аспекты социализации отмечены в плоскости включения индивида в разнообразные общественные отношения, усвоения и воссоздания социального опыта и связей, активного превращения среды.

Третий – социально педагогический. Особенность этого подхода – попытка рассматривать социализацию как процесс, который отображает социальное формирование личности в конкретной социокультурной среде как формирование определеного социального типа. В этом случае социализация – это чрезвычайно сложный и многофакторный процесс приобретения индивидом человеческих свойств и качеств, направленность которых определяет конкретная социальная ситуация. С позиций социально педагогического подхода важно учитывать, что в ходе социализации личность активно принимает участие в процессах самопревращения, которые проходят на фоне изменяющейся социокультурной среды.

Степень ее участия в этих изменениях определяет темпы социализации, а направленность зависит от их социальной значимости. В сущности, личность только на первых этапах развития ограничена рамками определенного социума, впоследствии идут активные процессы его расширения, поиска своего места в нем, коррекции отношений, самоорганизации индивидуального пространства.

Различают первичную и вторичную социализацию. Первичная социализация происходит в детстве. Это самая первая социализация, благодаря которой личность становится полноправным членом любого общества, поскольку она идентифицирует себя с другими и с обществом в целом, усваивает культурные ценности и нормы поведения. Ориентировочно первичная социализация длится до совершеннолетия личности.

Вторичная социализация – это каждый следующий процесс, который помогает предварительно социализирующему индивиду входить в новые сферы общества, его институции. Понятие вторичной социализации введено для того, чтобы отделять трансформации личности в более поздний период (например, профессиональную) от процесса усвоения ею элементарных социальных навыков в детстве. При этом основное внимание сосредоточено на ситуациях, когда четко оказываются и тяжело переживаются личностью упущения или неадекватность первичной социализации в условиях, которые изменяются.

Выделяют такие типы социализации: политическая, этнокультурна (этническая), гендерная (поло ролевая), культурная, профессиональная.

Различают несколько видов социализации. Стихийная социализация человека происходит в результате влияния на личность разнообразных специально не создаваемых обстоятельств общественной жизни. Относительно направленная социализация имеет целью организацию в обществе определенных экономических, законодательных и других предпосылок, которые влияют на развитие и жизненный путь личности (например, начало учебы в школе, минимальный образовательный уровень, возрастной ценз начала трудовой жизни и тому подобное).

Социально контролируемая социализация (воспитание) – это процесс специально организованной передачи социального опыта личности и развития ее потенциальных возможностей, который происходит в разных государственных и негосударственных организациях (школа, внешкольные учреждения, детские и молодежные организации).

Социализация происходит во взаимодействии личности с огромным количеством разных условий и влияний среды, которые называют факторами социализации. Среди них выделяют мегафакторы (космос, планета, мир); макрофакторы (страна, этнос, общество, государство); мезофакторы (тип поселения, средства массовой информации, субкультуры); микрофакторы (семья, соседи, группы ровесников, воспитательные организации).

К социально психологическим механизмам социализации принадлежат: импринтинг – фиксация человеком на рецепторном и подсознательном уровне особенностей объектов, что на нее влияют; наследование – копирование человеком определенных образцов поведения и деятельности дру-

гих; идентификация – отождествление человеком себя с другими людьми, группой, сообществом; рефлексия – оценка личностью разных проявлений своего “Я”; интериоризация – процесс превращения внешних, реальных операций социальной деятельности во внутренние, идеальные; экстериоризация – процесс перехода от внутренней, психической деятельности к внешней, практической.

Социально педагогические механизмы социализации: традиционный – усвоение человеком норм, образцов поведения, взглядов, стереотипов, которые присущие его ближайшему окружению (семья, соседи, родственники, друзья); институциональный – функционирует в процессе взаимодействия человека с социальными институтами общества и разнообразными организациями, а также средствами массовой информации. В процессе такого взаимодействия личность приобретает знания и опыт социально одобряемого поведения, конфликтного или бесконфликтного соблюдения определенных социальных норм; стилизованный – действует в пределах отдельной субкультуры, как комплекс определенных ценностей и особенностей поведения, присущий для людей определенного возраста, профессии, национальной или социальной группы, которая в целом влияет на стиль жизни и мышления личности; межличностный – функционирует в процессе взаимодействия человека с авторитетными для него личностями.

Существует определенная система институтов социализации. Это относительно стойкие типы и формы социальной практики, благодаря которым организуется процесс социализации личности в рамках социальной системы общества. К ним принадлежат образование и воспитание, семья, школа, высшие учебные заведения, неформальные объединения и тому подобное. Институты социализации могут быть специально созданными и такими, которые сложились стихийно. Их функционирование направлено на развитие личности.

Агенты социализации – это люди и учреждения, действующие социальные субъекты, с помощью которых человек социализируется благодаря учебе, коммуникации, приобщению к культуре.

Суть социализации заключается в том, что она – процесс и результат развития и самоизменения человека во время приобретения им социального опыта.

**Адабиёт/Лит.:** Бергер П., Лукман Т. Социальное конструирование реальности. – М., 1995. – 265 с. ; Мудрик А.В. Социальная педагогика: Учеб. для студ. пед. вузов / Под ред. В.А.Сластенина. – М.: Академия, 1999. – 184 с.; Савченко С.В. Социализация студенческой молодежи в условиях регионального образовательного пространства. Монография.- Луганск: Альма Матер, 2003.-406 с.

Безпалько О.В.

**ИҶТИМОИЁТ** (кал. фаронс. sotcio гирифта шудааст) - маънои ҷамъиятӣ, ҳаёти ҷамъиятӣ, шаҳрвандӣ, муносибатҳои тарафайн, ӯҳдадориҳои ҳаёти маишии шаҳрвандонро дорад.

Мафҳуми иҷтимоиётро бо маъноҳои зерин шарҳ додан мумкин аст: 1) ба ҳаҷми пурраи мазмуни истилоҳоти «таърих» ва «маданият» мувофиқат менамояд; 2) ба фанни соҳаи сотсиологияи классикӣ ва ғайриклассикӣ марбут мебошад; 3) Аз як тараф вобастагии ҳастии фардии одамон, аз дигар тараф, сохтори фардии воқеияти иҷтимоиро инъикос менамояд.

Дар тарзи классикӣ маънидодкунӣ иҷтимоиёт ба сифати сохтори зерин баромад намудааст: а) аз фард берун вуҷуд доштааст; б) ба фард муқобил меистад (ҳамчун ибтидои коллективӣ); в) маҷмӯи робита ва алоқаи одамон

Иҷтимоиёт ба хусусияти биологию фардии инсон мувофиқ набуда, пурра маҷмӯи иҷтимоӣ фарҳангӣ дорад. Маҳз иҷтимоиёт хусусияти бунёдӣ ва фарққунандаи ҳамаи низом, дараҷа, сохтори иҷтимоӣ, табакаҳо, фардҳо, гурӯҳҳо ва умумиятҳои онро муайян намуда аз якдигар бо хислати ҷамъиятии робитаҳои мутақобила ва вобастагии ҳаёту фаъолияти одамон тафовут доаранд.

Иҷтимоиёт дар худ моҳияти ҷамъиятии ҳаёти одамон, хусуситҳои хоси муносибатҳо ва таъсири мутақобилаи онҳоро таҷассум менамояд. Дар иҷтимоиёт чунин сифату хусусиятҳои махсусе вуҷуд дорад, ки байни ҷомеаи инсонӣ ва ҳама гуна шаклҳои гурӯҳии ба ҳам таъсиррасонандаи олами зинда, мисли тӯдаи маймунҳо, галлаи гургҳо, селаи паррандагон ва ҷамъи мӯрчаҳо фарқ мегузоранд. Бояд қайд кард, ки иҷтимоиёт на ба сифати фардӣ, балки ҳамчун хусусияти хос, ҳолати махсуси муносибат ва амали мутақобилаи одамон дар ҷомеа дар ҳама гуна навъ, ҳама гуна бахш (дар иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг) ва марҳилаи инкишофи он дида баромада мешавад.

Дар маънидодкунии классикӣ иҷтимоиёт ба сифати сохторҳои зерин баромад намудааст: а) барои индивид зоҳирӣ; б) ба муқобили фард равоншуда (чун ибтидои коллективӣ) в) мутамарказ гардонидан ба тарҳи «сарҷамъкунанда»-и таъсири тарафайни одамон.

Тағйироти куллии таърихии шаклҳои бунёдии иҷтимоиёт тавассути тавсифнамоии иҷтимоии як қатор назарияҳои асри гузашта қад гардидаанд (фалсафаи пасмодернистӣ, интераксионизм, назарияи амали комуникативӣ, феноменологияи иҷтимоӣ).

**СОЦИАЛЬНОСТЬ** (франц. - sotcio) - общественность, общежительность, гражданственность, взаимные отношенья и обязанности гражданского быта, жизни. Общее понятие пространство адекватных интерпретаций которого: 1) соотносится по объёму с содержательной и функциональной насышенностью терминов “история” и “культура”; 2) относимо к предметной области классической и неклассической социологии; 3) отражает взаимообусловленность индивидуального бытия людей, с одной стороны, и надиндивидуальных структур социальной реальности - с другой. В классических своих трактовках С. выступала в качестве структуры: а) внешней для индивидов, б) противостоящей им (как коллективистское начало), в) совокупность взаимосвязей и взаимодействий людей. социальность - несводимость к индивидным, биологическим характеристикам человека, насыщенность социо-культурным содержанием;

Именно социальность определяет фундаментальную, отличительную особенность общества, всех его систем, уровней, социальных структур, слоев, классов, индивидов, групп и общностей и отличающихся общественным характером взаимосвязей и взаимозависимостей жизнедеятельности людей. Она воплощает в себе общественную сущность жизни людей, социальную специфику их отношений и взаимодействий. В социальности состоит основная специфическая черта, отличающая человеческое сообщество от любых других групповых форм взаимодействия, встречающихся в животном мире, будь это стадо обезьян, волчья, птичья стая или муравейник. Причем социальное рассматривается не как индивидуальная особенность, а как общая характерная черта, свойственная положению, отношениям и взаимодействиям людей в обществе, в любом его типе, в любом его части (в экономике, политике, культуре и т.д), на любом этапе его развития.

В классических своих трактовках социальность выступала в качестве структуры: а) внешней для индивидов; б) противостоящей им (как коллективистское начало); в) центрированной на репертуары “стягивающего” взаимодействия людей. Кардинальная историческая трансформация базовых форм социальности была зафиксирована посредством ряда совпадающих финальных характеристик в различных языках социальных описаний прошлого века (постмодернистская философия, интеракционизм, теории коммуникативного действия, социальная феноменология и т.д.).

**Адабиёт/Лит.:** Э. Гидденс Социология. Москва 2005, с. 616-617; Культурология XX век./ Словарь. – СпБ.:1997. – с. 431-435; Социология: Энциклопедия / Сост. А.А. Грицанов, В.Л. Абушенко, Г.М. Евелькин, Г.Н. Соколова, О.В. Терещенко, 2003 г.

Бахромбеков В.А.

**ИШТИРОКИ КӮДАКОН** – барои ҳалли масъалҳои насли наврас ҷалб намудани намояндагони кӯдакон дар ҳайати ашхоси то синни 18-сола. Муқаррароте, ки калонсолон ҳангоми қабули қарорҳои ба манфиати кӯдакон равонашуда бояд андешанд ва нуқтаи назари онҳоро ба инобат гиранд, аввалин маротиба дар Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак ба миён омаданд. Мувофиқи ин ҳуҷҷати байналхалқӣ иштироки кӯдакон ҳуқуқи ахлоқӣ ва юридикии тамоми кӯдакони рӯи сайёра аст; ин ҳуқуқ ихтиёрист ва ҳеҷ гоҳ иҷборӣ шуда наметавонад. Конвенсия барои инкишофи ҳаракати «иштироки кӯдакон» дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон ҳамчун заминаи асосӣ баромад намудааст: «давлатҳои иштирокчӣ ташаккул доданиакидаи шахсии кӯдаконро таъмин менамоянд, ба онҳо имконият медиҳанд, ки дар ҳалли масъалаҳои бо кӯдакон дахлдошта ин ақидаҳояшонро иброз доранд, имчунин мувофиқи синну сол ва камолоташон ба ин ақидаҳо таваҷҷӯҳи сазовор медиҳанд (моддаи 12); «Ҳар як кӯдак ҳуқуқи ба таври озод изҳор намудани ақидаҳои шахсии худро дорад; ин ҳуқуқ иборат аст аз озодона ҷустуҷӯ намудан, гирифтан ва таҳлил намудани иттилоот ва ҳама гуна ғояҳо новобаста аз сарҳад, шакли шифоҳӣ, хаттӣ ё чопӣ, дар шакли асари санъат ё бо истифодаи интихоби худи кӯдак инъикос меёбад» (моддаи 13).

Иштироки кӯдакон - нишондиҳандаи мавқеи фаъоли кӯдак, ҷавон ва инкишофи шахс аст, ки асоси низомҳои демократӣ ва нишонаи ҷудонопазири принсипҳои демократияро ташкил медиҳад. Ҷомеа ҳамон вақт мутараққӣ ҳисобида мешавад, ки агар имкониятҳои иштироки одамон, аз ҷумла кӯдаконро дар ҳаёти иҷтимоӣ таъмин карда тавонад. Ҳарчанд кӯдакон ва ҷавонон дар ҳаёти иҷтимоӣ манфиатҳои зиёд меоранд, иштироки онҳо дар лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва самаранок гардонидани равандҳои иҷтимоӣ мусоидат менамоянд.

Худи иштироknамоӣ инкишофест, ки мақсадаш озод будан ва қобилияти озодона интихоб намудан аст. Илова ба ин иштирокнамоӣ воситаи инкишоф низ ба ҳисоб меравад. Дар раванди ҳамкорӣ ва мусоҳиба бо калонсолон қобилияти муошарати кӯдакон ва ҷавонон маҳорати дар фазои иттлоотӣ мавқеъгирӣ, ба нақша гирифтани рафтору амал, таҳлил ва пешгӯи намудани оқибатҳои он ҳангоми қабули қарорҳо ба душ гирифтани масъулият инкишоф меёбад. Ин ҳама замина ва ё асоси гирифтани таҷрибаи

иҷтимоӣ аст. Ҷалби кӯдакон маънои якбора ба души кӯдакон вогузоштани масъулиятро надорад. Ин раванд бояд ботадриҷ мувофиқи омодагии ҷавон барои ба души худ гирифтани масъулият сурат гирад. Аз ин рӯ, меъёрҳои иштироконамоӣ мухталиф шуда метавонад. Илова ба ин иштироконамоӣ раванди даврӣ аст, чи қадаре, ки шахс иштирокчии фаъол бошад, ҳамон қадар ӯ таҷрибанок, масъулиятшинос, соҳибихтиёр ва қавиирода гардида, иштироки минбаъдаи ӯ низ самараи хуб ба бор меорад.

Иштироки кӯдакон ва ҷавононро бояд ҳаммчун раванде дида баромад, ки аз се дараҷаи бо ҳам алоқаманд таркиб ёфтааст.

Аввалан – аз ҷониби кӯдакон дарк гардидани мушкилоти шахсии хеш ва хоҳишу имкониятҳои иштирок намудан дар қабули қарорҳои ба ҳаёти худ дахлдошта; дуввум-иштироки кӯдакон ва ҷавонон дар ҳалли мушкилоти дигарон, қобилияти ёрии мувофиқу саривақтӣ расонидан; Саввум - имконияти дар сатҳи давлатӣ иштирок намудан дар қабули қарорҳо.

Доираҳои иштироки кӯдакон: оила; мактаб; ҷамоа; ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ; давлат; ташкилотҳои байналхалқӣ. калонсолон кудаконро бо мақсади муайян,мувофиқи синну сол, дониш, таҷриба ва хоҳиш ба ҳалли масъалаҳои соҳаҳои гуногун ҷалб месозанд.

Роджер Харт ҳашт зинаи иштироки кӯдаконро дида мебароянд: зинаи аввал-1 – манипулятсия (ба худ ҷалб намудан); зинаи дуввум – декоратсия (оростан); зинаи саввум – иштироки ғайри фаъоли кӯдакон дар қабули қарорҳои ба иштироки онҳо марбут – сафсата ва суханони бемаънӣ; зинаи чаҳорум– муқаррар намудани калонсолон ва иттилоотдиҳӣ; зинаи панҷум – машваратдиҳӣ ва ахборотдиҳӣ; зинаи шашум – қабули қарорҳо бо ташаббуси калонсолон якҷо бо кӯдакон; зинаи ҳафтум – қабули қарорҳо бо ташаббуси кӯдакон дар таҳти роҳбарии калонсолон; зинаи ҳаштум – қабули қарорҳо бо ташаббуси кӯдаконе, ки бо калонсолон ҳамкорӣ доранд. Дар баробари он Харт зинаҳои аз 1 то 3-ро «иштирок накардан», зинаҳои аз 4 то 5-ро «иштироки расмӣ» ва зинаҳои аз 6 то 8-ро « иштироки воқеӣ» номидааст.

Ҳангоми ба нақша гирифтани лоиҳаи иштироки кӯдакону наврасон натиҷаҳои саривақтиро интизор шудан нашояд. Барои он, ки иштироконамоӣ ба одат табдил ёбад, таҷрибаи кофӣ зарур аст. Ҳама гуна шаклҳои иштирок, аз ҷумла иштироки ғайрифаъол мувофиқи

одат ташаккул меёбанд. Инсон дар синну соли гуногун таҷрибаи иҷтимоиро аз худ менамояд, ки ҳамчун замина ва асоси қабули қарорҳо ва ҳалли масъалаҳои минбаъда баромад менамоянд.

Иштирок метавонад бавосита ва ё бевосита бошад. (А. Ричардсон). Мисол, иштироки бавосита- интихоби намояндагони синфҳо дар шӯрои худидораи мактабҳо; бевосита – кори бевосита дар шӯрои худидораи мактаб ва ҳамроҳ бо калонсолон қабул намудани қарорҳо.

Барои самаранок истифода намудани принсипҳои «иштирок» ташаббуси кӯдакон ва хоҳиши ба амал баровардани дигаргуниҳо; серталабӣ ва истодагарӣ; огоҳи доштан аз ҳуқуқу ӯҳдадории хеш, ҳамкориҳои мунтазам бо ҳамаи ҷонибҳои ҳавасманд; ба нақшагирӣ ва татбиқ намудани корҳои ба нақша гирифташуда; ҷой доштани шаффофият дар раванди фаъолият ва қабули қарорҳо; тағйирнопазирӣ; имкониятҳои тағйир додани роҳи интихобгардида; ҷалби мутахасисони таҷрибадоре, ки ба кӯдакон ёрии касбӣ расонида метавонанд, ниҳоят зарур аст.

Шаклҳои ҷалби кӯдакон: муҳокимаи масъалаҳои муҳим дар синф ва гурӯҳҳо; намоиш додани маҳорати ақлонӣ ва ба самти муайян равона намудани таҷриба; бозиҳои нақшӣ, омӯзиши вазъият; гузаронидани мизи мудаввар ва семинарҳо барои кӯдакони пешсаф (лидер) ё ҳангоми иштироки онҳо; мубоҳисаҳо; ба таври амалӣ кор карда баромадани малакаҳои ҳаётӣ дар доираи муайян бо иштироки дигарон; фаъолияти аудиовизуалӣ: расмкашӣ, мусиқӣ, театр ва рақс; тартиб додани нақшаи ҳалли мушкилот ё шохаҳои мушкилот; тренинги «ҳуқуқи инсон», «иштироки кӯдакон»; фокус-гурӯҳ бо кӯдакони пешсаф (лидер) дар масъалаи муҳокимашаванда: ҳуҷҷатҳо, рекламаи иҷтимоӣ ва ғ; ташкили гурӯҳи ихтиёриён аз ҳисоби хатмкунандагони муассисаҳои интернатӣ; чопи мақолаҳо дар ВАО, ивазнамоии бастҳои тематикӣ дар лагери солимгардонӣ ва фароғатӣ; сандуқи пешниҳодҳо ва арзу шикоятҳо; чопи мақолаҳои кӯдакон дар нашриёти маҳаллӣ, ташкил намудани гурӯҳҳое, ки бо усули «баробарӣ» кор мекунанд. Чорабиниҳои мухталиф бо мақомоти худидораи мактабӣ ва ғ.

Принсипҳои муносибатҳои тарафайни калонсолону кӯдакон ҳангоми барқароршавӣ ва инкишофи раванди «иштироки кӯдакон»: баробарҳуқуқӣ ва ҳамкориҳо, қабули кӯдак чи хеле, ки ҳамон хел аст. Ба кӯдакон омӯзонидани малакаи мустақилона муайян наму-

дани масъала ва амали мустақилона; ёрӣ расонидан ба кӯдакон, пешбини намудани натиҷаҳо, аммо ба ҷои кӯдакон қабули қарорҳо қатъиян мумкин нест; ҳавасманд гардонидани кӯдакон барои ташкили иттиҳодияҳо ва гурӯҳҳо, зеро амали муштарак ва дастҷамъона имконият ва таъсири бештареро соҳиб аст. Хатару монеаҳое, ки ҳангоми вусъат ёфтани раванди «иштироки кӯдакон» пайдо мешаванд: нобоварии кӯдакон ба калонсолон, ҷой надоштани ҳамкориҳои кофи миёни ҷонибҳои ҳавасманд; дастрасии маҳдуди кӯдакон ба иттилоот; ба нерӯи худ боварӣ надоштани кӯдакон; норасоии маданият ва таҷрибаи иштирокнамоӣ, норасоии захираҳо; пурра дарк накардани зарурияти дастрас намудани кумаки касбӣ аз мутахассисон ва калонсолон; ба ҷузъиёт бештар аҳамият додан ва амсоли ин.

Фароҳам насохтани шароити мусоид барои ҷалби кӯдакон ба қабули қарорҳо боиси хароб гардидани раванди иҷтимоишавӣ (сотсиализатсия) ва камфаъолиятии онҳо, имчунин боиси афзудани зуҳуротҳои манфӣ (каҷрафторӣ) дар муҳити кӯдакон ва ҷавонон мегардад.

**УЧАСТИЕ ДЕТЕЙ** – привлечение лиц до 18 лет к принятию решений по вопросам, которые касаются подрастающего поколения. Положение о том, что взрослые должны учитывать мнение и взгляды детей, если принимаются любые решения в их интересах, впервые появилось в Конвенции ООН о правах ребенка. Согласно указанному международному документу, участие – это моральное и юридическое право всех детей; оно сознательное, добровольное и не может быть принудительным. Положения Конвенции стали основанием для развития движения «участия детей» в разных странах мира: „государства-участники обеспечивают ребенку, способному сформировать свои собственные взгляды, право свободно высказывать эти взгляды по всем вопросам, которые касаются ребенка, кроме того, его взглядам отводится надлежащее внимание согласно возрасту и зрелости" (статья 12); „Ребенок имеет право свободно высказывать свою мысль; это право включает свободу искать, получать и передавать информацию и идеи любого рода, независимо от границ, в устной, письменной или печатных формах, в форме произведений искусства или с помощью средств на выбор ребенка" (статья 13).

Участие – показатель активной позиции ребенка, молодого человека, развития личности. Это основа для каждой демократической системы, неотъемлемый признак принципов демократии. Общество может считаться развитым

настолько, насколько оно обеспечивает возможности людей, в т.ч. детей, принимать участие в жизни социума. Поскольку дети и молодежь могут сделать значимый взнос у жизнь общества, участие оказывает содействие эффективности социальных проектов и стабилизации социальных процессов.

Уже само участие – это развитие, цель которого быть свободным и способным сделать выбор. Вместе с тем участие является средством развития. В процессе сотрудничества, диалога с взрослыми развивается коммуникабельность детей, молодых людей, умение ориентироваться в информационном пространстве, планировать свои действия, прогнозировать результаты, брать на себя ответственность за принятое решение. Это фундамент обретения жизненного опыта.

Привлечение детей не предусматривает сразу полной передачи ответственности представителям подрастающего поколения. Это должно происходить постепенно, согласно тому, насколько молодой человек готов взять на себя ответственность. Поэтому, мера участия может быть разной. Вместе с тем это циклический процесс: чем значительнее чье-либо участие, тем более опытным, компетентным и уверенным становится человек, тем эффективнее будет его дальнейшее участие.

Участие детей и молодежи нужно рассматривать как процесс, который имеет три взаимосвязанных между собой *уровня.* Первый - это осознание детьми собственных проблем, желание и возможность принимать решение относительно своей жизни; второй - участие детей и молодежи в решении проблем других, способность предоставить соответствующую помощь; третий - возможность принимать участие в принятии решений на государственном уровне.

*Сферы* участия детей: семья; школа; сообщество; неправительственные организации; государство; международная жизнь. Взрослым целесообразно привлекать детей к решению проблем в разных сферах согласно их возрасту, знаниям, опыта и желания.

Роджер Харт рассматривает восемь *ступеней* участия: 1 ступенька – манипуляция; 2 – декорация; 3 – пассивное участие детей в принятии решений относительно их участия – болтовня; 4 – назначение взрослыми и информирование; 5 – консультирование и информирование; 6 – решение принимаются по инициативе взрослых вместе с детьми; 7 – решение принимаются по инициативе детей под руководством взрослых; 8 ступенька – решение принимаются по инициативе детей в партнерстве со взрослыми. При этом 1-3 ступеньки Харт считает „неучастием", 4-5 – „формальным участием", 6-8 – „реальным участием".

Планируя проекты детского и молодежного участия, не следует ожидать быстрых результатов. Для обретения привычек участия необходим опыт. Все

формы участия, в том числе пассивного, формируют соответствующие привычки. Человек в разном возрасте приобретают разный социальный опыт, который становится основой для принятия дальнейших решений.

Участие может быть прямым и косвенным. (А. Ричардсон). Например, косвенное – избрание представителей класса в совет самоуправления школы; прямое – непосредственная работа в совете самоуправления школы и общее со взрослыми принятие решений.

Для эффективного применения принципа „участия" необходимы: инициатива детей и желание осуществить изменения; настойчивость; осведомленность относительно своих прав и обязанностей; налаженное сотрудничество между всеми заинтересованными сторонами; планирование и внедрение запланированного; прозрачность в процессе деятельности и принятии решений; гибкость, возможность изменения избранного пути; привлечение экспертов, опытных специалистов, которые могут предоставить профессиональную помощь детям.

*Формы* привлечения детей: обсуждение актуального вопроса в классе, группе; „мозговой штурм"; демонстрация и направлена практика; ролевая игра; работа в малых группах; образовательные игры и моделирование ситуации; изучение ситуации; круглые столы-семинары для детей-лидеров или при их участии; дебаты; практическая отработка жизненных навыков в пределах определенного контекста с другими участниками; аудиовизуальная деятельность: рисование, музыка, театр, танец; создание карты решения или деревьев проблемы; письма детей к организации - другу; тренинги „Права ребенка", „Участие детей"; фокус-группы с детьми-лидерами по вопросам обсуждения: документов, социальной рекламы и т.п.; волонтерские группы из числа выпускников интернатных учреждений; рубрика в местных СМИ; тематическая смена в лагере оздоровления и отдыха; сундучок предложений; статьи детей в местной печати, выступления на местном радио; анкетирование детей; конкурс сочинений детей; создание групп детей, которые работают по методике „равный-равному"; разные общие мероприятия с органами школьного самоуправления и т.п.

*Принципы* взаимоотношений между взрослыми и детьми во время становления и развития процесса „участия детей": равноправие и партнерство; принятие ребенка таким, каким он есть; самостоятельность формулирования детьми проблемы и самостоятельность действий; оказание помощи детям, прогнозируя результаты, а не принимая решения за них; право всех детей быть услышанными; побуждение детей к созданию объединений и групп, так как общие действия имеют больше влияния и возможностей.

Риски и препятствия, которые могут возникать при разворачивании процесса «участия детей»: недостаток доверия детей к взрослым; недостаточное сотрудничество между заинтересованными сторонами; ограниченный до-

ступ детей к информации; неуверенность детей в собственных силах; недостаток культуры и опыта участия; незначительность ресурсов; нереалистичные ожидания детей от своей деятельности; недостаточное осознание необходимости профессиональной помощи от специалистов – взрослых; сосредоточение на мелочах и т.п.

Не создание условий для привлечения детей к принятию решений приводит к нарушению процесса их социализации, пассивности, и, наконец, к увеличению отрицательных проявлений в детской и молодежной средах.

**Адабиёт/Лит.:** Hart P. Children"s participation. Joseph Rowntree Foundation. York, 1991; Участие детей и молодежи в процессах принятия решений: Сборник ресурсных материалов. Сборник реализации проектов. - К.: ЮНИСЕФ, 2002. - 33 с.; Права дитини: сучасний досвід та інновації: Зб. інформ. і метод. матеріалів / Авт.-упоряд.: Г.Лактіонова, О.Калібаба, Т.Цюман та ін. - К.: Либідь, 2005. - 256 с.; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І. Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008.– С. 309-312.

Петрочко Ж.В.

# К

**КАҶРАФТОРӢ** – (кал. лот. deviation) – каҷрафторӣ) – аз меъёрҳои инкишоф, амалнамоӣ ва сифати объект (равандҳо, падидаҳо ва низомҳо) дур рафтан ва берун баромадан. Дар кори иҷтимоӣ (аз ҷумла сотсиология) каҷрафторӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дида баромада мешавад ва тасаввуротҳо оиди меъёрҳо ва каҷрафторӣ бамадынияти ҳукмрони ҷомеа алоқамандии зич дорад, дар ҷомеаҳои гуногун ва ҳатто субкультураҳо тағйир ёфта метавонанд. "Амал ё рафтор табиатан хуб ва ё бад буда наметавонад; каҷрафторӣ ё рафтори муътадилро ҷомеа муайян менамояд". "Каҷрафторӣ на сифати рафтори шахс, балки натиҷаи истифодаи дигар қоидаҳо ва муҷозот нисбати "вайронкунанда" аст. (Х.С.Беккер)

Мафҳуми каҷрафторӣ аввалин бор аз тарафи муҳаққиқи фаронсавӣ Э. Дюркгейм (1858-1917), ки асосгузори мактаби сотсиологии Фаронса мавриди истифода қарор гирифт. Ба андешаи муҳаққиқ ба муҳит ва арзишҳои иҷтимоӣ одамон, ки барояшон ин чизҳо ҳанӯз

нофаҳмо ва нав аст бо роҳҳои гуногун мутобиқ мешаванд, ки дар мавридҳои муайян чунин ҳолат ба зуҳури каҷрафторӣ сабаб мешавад.

Сотсиологи амрикоӣ Р. Мертон ақидаи Э. Дюркгеймро дастгирӣ намуда, бар он ақида расид, ки сохтори иҷтимоӣ баъзе одамонро ба рафторҳои номақбул ва каҷрафторӣ водор мекунад, ки дар ин маврид номувофиқии мақсадҳо ва арзишҳо бо ҳам ихтилоф пайдо мекунанд.

Муҳаққиқи амрикоӣ А. Коэн зери мафҳуми каҷрафторӣ ҳамон рафторҳоеро медонад, ки онҳо бар хилофи пешбиниҳои иҷтимоӣ сар мезананд. Дар ин замина ҳатто арзишҳои як фарҳанг дар ҳолати мувофиқат накарданашон ба арзишҳои дигари фарҳангӣ ба зуҳуроти каҷрафторӣ далолат мекунанд.

Намояндаи мактаби сотсиологияи феноменологӣ Д.Уолш бар он ақида аст, ки каҷрафторӣ танҳо як мақоме аст, ки мо бар ин ё он кас мансуб медонем ва ҳатто чун «тамға мечаспонем» ва бо ҳамин роҳ каҷрафорӣ бештар хусусияти субъективӣ дошта, тамғаест, ки арзишҳои иҷтимоӣ муқаррар кардааст.

Самти дигарро доир ба каҷрафторӣ равоншиноси австиягӣ В. Франкл, ки аз аввалкасони логотерапия мебошад, пайравӣ мекунад, ки таҳқиқоти ӯ дар ҳалли мушкилоти шахсияти инсон роҳҳои нави самаранокро кушодааст. Ин муҳаққиқ бар он ақида аст, ки каҷрафторӣ ва пешгирии онро дар фитрати равонии инсон ва дар механизми ташаккули шахсияти инсон мебинад. Каҷрафторӣ аз ихтилоли равонӣ ва номураттабии ташаккули шахсият сарчашма мегирад. Намудҳои каҷрафторӣ фарҳангӣ ва рафтори психологӣ мешавад, ки ба намуди каҷрафтории фарҳангӣ риоя накардани арзишҳои фарҳангии муайян аз тарафи шахсе аст ва рафтори психологӣ бошад, ба чунин рафтори одамон далолат мекунад, ки он метавонад хилофи ҳар гунна меъёр бошад.

Каҷрафтории дафъаи аввал ва каҷрафтории дафъаи дуввумро чудо мекунад, ки каҷрафтории дафъаи аввал ҳанӯз каҷрафторӣ дониста намешавад, зеро касс баъзан аз надонистани меъёрҳои муайян метавонад ба каҷрафторӣ роҳ диҳад ва он метавонад ҳанӯз иштибоҳ бошаду бас. Аммо дар ҳолат бори дуввум сар задани каҷрафторӣ онро бапуррагӣ ҳолати каҷрафторӣ эътироф кардан мумкин аст.

Ба сифати предмети кори иҷтимоӣ метавонад каҷрафтории ҷисмонӣ (халалдор гардидани инкишофи организм, ки қобилияти амалнамоиро маҳдуд гардонида, талаботҳои махсуси инсонро ташаккул медиҳад); каҷрафтории психологӣ (вайрон гаштани меъёрҳои синнусолии инкишофи рӯҳӣ ва солимии рӯҳӣ) ва каҷрафтории иҷтимоӣ (аз ҷониби инсон риоя нагаштани меъёрҳои иҷтимоӣ, ки ба худи фард, атрофиён ва ҷомеа зарари ҷиддӣ мерасонад).

Муайян намудани каҷрафторӣ ва ошкор намудани табиати он барои дуруст дарк намудани сабабҳои мушкилоти инсон ва офиятбахшии он ниҳоят муҳим аст. Бо вуҷуди ин ташхиси каҷрафторӣ бояд ба меъёрҳои возеҳу равшани илмӣ такя намуда, бо усулҳои объективӣ амалӣ гардад, аммо инсони каҷрафторро боядтаве қабул намуд, ки ӯ ба вазъи мушкили зиндагӣ гирифтор гардидааст ва баро мутобиқ шудан ба вазъи мавҷуда ва аз бадномию тамғачаспонӣ раҳоӣ ёфтан ниёзманди кӯмак мебошад.

**ДЕВИАНТНОЕ ПОВЕДЕНИЕ** – ( фр. - behaviour, deviant) поведение, отклоняющееся от принятого социально приемлемого в определенном обществе или социальном контексте поведения. Различают множество различных видов девиантного поведения (сквернословие, злоупотребление спиртным, употребление наркотиков, футбольное хулиганство и т.д.) Та часть из них, которая связана с нарушением правовых норм, определяется как делинквентная, или преступная, и карается законом. Однако социальному осуждению подвергается и множество поступков, которые не являются незаконными, но которые самим обществом определяются как девиантные или на которые “наклеивается ярлык” девиантных.

У истоков развития понятия «девиантное (отклоняющееся) поведение» стоял французский ученый Э.Дюркгейм (1858-1917) - создатель французской социологической школы. Он выдвинул понятие социальной аномии, определив ее как «состояние общества, когда старые нормы и ценности уже не соответствуют реальным отношениям, а новые еще не утвердились».

Американский социолог Р. Мертон, используя выдвинутое Э. Дюркгеймом понятие аномии (в работе «Социальная структура и аномия»), проанализировал, каким образом, «социальная структура побуждает некоторых членов общества к несоответствующему предписаниям поведению».

Американский социолог А. Коэн называет отклоняющимся поведением такое, которое «идет вразрез с институционализированными ожиданиями». Согласно этой точке зрения, культурные образцы поведения являются отклоняющимися, если они основаны на нормах другой культуры.

Представитель феноменологической социологии Д.Уолш, утверждает, что «социальное отклонение - это в значительной степени приписываемый статус», то есть только субъективное обозначение, «ярлык», а не объективное явление. По его мнению, отклонение - это не внутреннее, присущее определенному действию качество, а результат социальной оценки и применения санкций.

Еще одно направление в изучении девиации представляет австрийский теоретик психологии личности В. Франкл, разработавший основы логотерапии, которая проявила себя как эффективное средство в решении проблем утраты людьми смысла жизни.

Выделяют следующие виды отклоняющегося поведения: Культурное и психическое поведение - культурные отклонения, то есть отклонения данной социальной общности от норм культуры. Психологов же интересуют психические отклонения от норм личностной организации: психозы, неврозы и так далее.

Первичная и вторичная девиация. Под первичным отклонением подразумевается отклоняющееся поведение личности, которое в целом соответствует культурным нормам, принятым в обществе. В данном случае совершаемые индивидом отклонения так незначительны и терпимы, что он социально не квалифицируется девиантом и не считает себя таковым. Для него и для окружающих отклонение выглядит просто маленькой шалостью, эксцентричностью или на худой конец ошибкой. Вторичным отклонение называют отклонение от существующих в группе норм, которое социально определяется как девиантное.

Определение действия как девиантного предполагает наличие в обществе некоторого нормативного консенсуса – фундаментального согласия по базисным ценностям. Однако современное общество не обладает культурным единством и ценностным консенсусом, для него характерен широкий плюрализм ценностей и норм. В такой ситуации различие между нормой и девиацией становится неопределенным, все более и более локальным, групповым, а социальная реакция на девиацию носит не всеобщий, а социально ограниченный характер. Поэтому главным вопросом становится вопрос о том, кто в обществе определяет девиацию, “наклеивает ярлык” девиантности. Некоторые социологи считают, что все люди в какой-то мере девиантны, поскольку никто не соответствует полностью социальному идеалу, канонам социально приемлемого поведения.

Социальные науки изучают девиантное поведение в связи с механизмами социализации. Девиация в поведении является продуктом определенных социальных процессов, приводящих к выпадению индивидов из “нормальных” ролей и групп, ограничению их доступа к обычным ролям и видам деятельности, к принятию ими ценностей девиантной культуры. Результатом

становятся девиантное самоопределение и “девиантная карьера”, которые ведут к социальной изоляции, еще более увеличивающей вероятность дополнительной девиантности (девиантного поведения).

**Адабиёт/Лит.:** Гилинский Я. Девиантология: социология преступности, наркотизма, проституции, самоубийств и других «отклонений». - Спб.: Издательство «Юридический центр Пресс», 2004; Иванов В.Н. Девиантное поведение: причины и масштабы // Социально-политический журнал. - 1995. - № 2; Кондрашенко В.Т. Девиантное поведение у подростков. - Мн., 1988; Комлев Ю.Ю., Сафиуллин Н.Х. Социология девиантного поведения: Учебное пособие. - Казань, КЮИ МВД России, 2006; Павленок П.Д., Руднива М.Я. социальная работа с лицами и группами девиантного поведения: Учеб. Пособие / Отв. Ред. П.Д. Павленок-М.: ИНФРА-М, 2007. – 185 с.; Славина Л.С. Трудные дети. – М.-Воронеж, 1998.

Расулов С.Х., Комилова М.Д.

**КЕЙС-МЕНЕҶМЕНТ** (case – ҳолат, вазъият, management – пеш бурдан, идора кардан) – яке аз методҳо ва технологияи пешқадами кори иҷтимоӣ ва иҷтимоию педагогӣ дар раванди ҳалли мушкилот ва ё масъалаи муайян аст ва чунин тарзи коргузорӣ мониторинги мушаххас, ҷалб кардани сохторҳои гуногуни муносибатдошта, танзими фаъолияти мутахассисон ва сохторҳои дахлдорро фаро мегирад, ки бо мақсади ҳалли муаммоҳои равонӣ, байнишахсӣ ва мушкилоти иҷтимоии мизоҷ ва атрофиёни ӯ ба роҳ монда мешавад. Бо роҳи барқарорнамоии ҳамкории бевоситаи миёни мутахассис (корманди иҷтимоӣ, педагоги иҷтимоӣ) ва мизоҷ, шахси эҳтиёҷманд татбиқ карда мешавад. Кейс-менеҷмент ҳамчун раванд ба моделҳои идоракунӣ шабоҳат дорад, бинобар ин технологияи мазкур ҳамчун технологияи универсалӣ баррасӣ мегардад ва он аз ибтидои садаи XX мавриди истифода қарор мегирад.

Кейс-менеҷмент – маъмулан дақиқсозии айнияти шахсе аст, ки ба кӯмак ва хдамоти махсуси иҷтимоӣ ниёз дорад ва Дар ин самт захираҳои иҷтимоӣ, педагогӣ ва тиббӣ чунин истифода мешаванд, ки барои мизоҷ ва ё худ ҳамон шахси ниёзманд самараи хуб ва манфиатбахш диҳанд ваdар баробари ин хароҷот ва масрафиёти кам дошта бошанд. Аз ин хотир кейс-менеҷмент ҳамчун воситаи самарабахшии хизматрасонии иҷтимоӣ ба шахсони ниёзманд ва истифодаи оқилонаи захираҳо ба шумор меравад.

Кейс-менеҷмент – ин технологияи муттаҳидсозанда дар фаъолияти корманди иҷтимоӣ бо фарогирии дигар технология ва тарзҳои кор дар самти кори иҷтимоӣ аст, ки баҳодиҳии умумӣ, баҳодиҳӣ ба талаботи ниёзмандон, дахолат ва фаъолияти муттасили минбаъда бо шахси эҳтиёҷманди кори иҷтимоӣ, дастрас намудани хизматрасонии иҷтимоӣ аз қабили онҳост. Ин намудҳои технологии зикршуда дар навбати худ марҳилаҳои кейс-менеҷмент буда метавонанд, зеро худ кейс-менеҷмент мафҳуми политехнологӣ дониста мешавад. Нишондиҳандаи самаранокии татбиқи технологияи мазкур дар натиҷагирии ҳар як марҳилаи ҷудогонаи он муқаррар карда шудааст. Ҳамчун технология он ба таъмини пайдарҳамӣ ва дастрасии хизматрасонӣ ва самаранокии хизматрасонӣ ба ниёзмандон равона шуда, дар баробари ин ба имкониятҳо ва захираҳои мавҷудаи низоми хадамоти иҷтимоӣ вобастагӣ дорад. Принсипҳои асосии кейс-менеҷмент – мукаммал будан, байнифаннӣ будан ва дар татбиқи кори иҷтимоӣ таъмин намудани ҳамоҳангии байни сохторҳо, ҳамкории корманди иҷтимоӣ ва ворисиятро дар фаъолияти кори иҷтимоӣ таъмин карда тавонистан аст.

Намудҳои гуногуни татбиқи кейс-менеҷмент мавҷуд аст, ки он тавассути маҷмӯи самтҳои махсус, бо усули транссоҳавӣ истифода аз манобеъ ва имконияти соҳаҳои дигар дар мавриди зарурат ва тавассути самтҳои амалкунандаи байнисоҳавӣ омӯхта мешавад.

Модели маҷмӯи самтҳои махсус пеш бурдани кейс-менеҷментро ба воситаи дастаи мутахассисони соҳаҳои гуногун аз рӯи нақшаҳо ва вазифаҳои ҷудогонаи соҳавии онон ба танзим медарорад. Дар вохӯриҳои мунтазами худ мутахассисон ба фаъолияти пешбурдаи худ баҳои дода, самти фаъолияти худро дар татбиқи хизматрасонии иҷтимоӣ нишон медиҳанд ва покати хизматрасониҳои худро дар ин самт муаррифӣ менамоянд. Ин модели танзими фаъолияти узви дастаи хизматрасонии иҷтимоӣ аз самтҳои гуногун ба шумор меравад ва ба команди иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки намудҳои гуногуни хизматрасонӣ ва ҳалли мушки лоти хадамоти иҷтиомиро дар соҳаҳои гуногун дарёфта тавонад.

Модели байнисоҳавӣ яке аз самтҳои муҳимтарин дар бахши дастрас намудани покати хизматрасониҳо тавассути мутамарказ намудани фаъолияти мутаносиби мутахассисони гуногун ба шумор меравад. Узви дастаҳо намудҳои ба худ хоси хизматрасониро дар вохӯриҳои

худ мувофиқа намуда, нақшаи умумии дахолат ба ҳалли мушки лоти иҷтимоии шахси эҳтиёҷмандро таҳия месозанд ва намудҳои асосии хизматрасонии иҷтимоиро ба шахси ниёзманд муайян мекунанд. Чунин тарзи кор имкон медиҳад, ки такроршавии намудҳои хизматрасонӣ, парокандагӣ ва дигар корҳои бенатиҷаву бесамарро бартараф месозад. Ҳатто дар ин тарзи кор. Шахси ниёзманди хизматрасонии иҷтимоӣ ва ё намояндаи он дар вохӯриҳо метавонад ширкат варзад, зеро принципи асосӣ дар ин самт ба Назар гирифтани андешаи худи шахси эҳтиёҷманд ба намудҳои ҷудогонаи хизматрасонии иҷтимоӣ аст. Бинобар ин дар мавриди зикршуда вазифаи асосии менеҷер – маъсули пешбарандаи кори мизоҷ он аст, ки ӯ тавонад дар вохӯриҳои ниёзмандиҳо ва эҳтиёҷоти асосии мизоҷро дурусту саҳеҳ пешниҳод намояд, аз ҳуқуқҳои ӯ дифоъ кунад.

Дар чаҳорчӯбаи усули транссоҳавӣ истифода аз манобеъ ва имконияти соҳаҳои дигар як шахси масъул чун узви дастаи мутахассисон бо мизоҷ робита дорад ва ӯ ба ҳайси воситаи пайвасткунандаи мизоҷ бо мутахассисон мебошад.

Асоси танзими кори дастаи мутахассисонро нишондиҳандаҳоизерин таш кил медиҳад: табодули иттилооти мукаммал, саҳеҳ ва дур уст дар байни соҳаҳои гуногун; қабул намудани қарор бо тамоми масъулият оид ба хизматрасонии иҷтимоӣ ба шахси ниёзманд ва баҳогузорӣ ба талаботи ӯ; ташаккули ақидаи умумии ягонаи аъзои даста барои беҳтар намудани вазъи мавҷуда, афзалият до штани манфиатҳои мизою, беҳтар намудани муҳити мизоҷ.

Менеҷерони соҳа бояд дорои малакаҳои махсуси корбарӣ бошанд, ки аз як тараф ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони эҳтиёҷманд ва баъдан кӯмак ба бурдани фаъолияти онҳо аз тарафи дигар ва дар баробари ин таш кили истифодабарии низоми хизматрасониҳо вазифаи муҳимтарини менеҷерон мебошад. Менеҷери корбар нақши адвокатро иҷро мекунад, ки таъмини ҳуқуқҳои шахси эҳтиёҷмандро кафолат медиҳад, талаботи инфиродии мизоҷро муайян мекунад ва намегузорад, ки парвандаи мизою беасос ва қабл аз мӯҳлати анҷомёбӣ баста шавад. Дар нақши идоракунии худ менеҷер ҳамчун лидери гурӯҳ, ташкилотчии иҷтимоӣ, маъмур, роҳбари кормандон баромад мекунад.

Ҳамчун раванд технологияи кейс-менеҷмент марҳилаҳои хоси татбиқшавии худро дорад, ки ба он баҳодиҳии талаботи мизоҷ, шах-

си эҳтиёҷманд (ниг.: баҳодиҳии талаботи кӯдак, баҳодиҳии талаботи оила), таҳлили натиҷаҳои баҳодиҳӣ ва асоснокӣ ва ногузирии кейс-менеҷмент барои мизоҷ, қабули қарор барои кушодани (парвандаи мизоҷ) кейс-менеҷмент, ташкили пешбурд ва ҳамроҳии иҷтимоӣ, банақшагирии кейс-менеҷмент (дар якҷояги бо мизоҷ таҳияи нақшаи инфиродӣ: муайян кардани мақсадҳои мизоҷ, марҳилаҳои вақти иҷрои амал ва чорабиниҳои мушаххас), дастрас намудани хизматрасонӣ ё худ ҳамроҳии иҷтимоӣ, бастани кейс-менеҷмент мувофиқи муқарраротти амалкунанда ва анҷоми кор бо мизоҷ шомил мебошад. Риояи пайдарҳамии марҳилаҳо ва талаботи муқарраршуда самаранокии фаъолияти корманди иҷтимоиро таъмин менамояд.

Мақсади асосии кейс-менеҷмент тақвият додани фаъолнокии худи мизоҷ барои ҳалли мушкилиҳои бамиёномадаи ӯ ва дастрас намудани хизматрасонии натиҷабахш барои қонеъсозии талаботи мизоҷ аст ва дар баробари ин он нукта муҳим аст, ки дар ҳалли тамоми мушкилоти шахси ниёзманд ҷалб ва фаъолгардонии мизоҷ талаботи зарурӣ аст.

**КЕЙС-МЕНЕДЖМЕНТ** - ведущая технология социальной, социально-педагогической работы с конкретной проблемной ситуацией, в которой объединены и определенный мониторинг ситуации, и привлечение других институций, и осуществление координации действий специалистов и служб с целью решения психологических, межличностных, социальных проблем клиента, его окружения. Реализуется путем установления непосредственного взаимодействия между специалистом (социальным работником/социальным педагогом) и клиентом. Ведение случая - как процесс - очень близок к управленческим моделям, потому данную технологию (в конкретных случаях – метод) в определенной степени можно рассматривать как универсальный. Эта технология развивается с начала XX столетия.

Ведение случая – это процесс идентификации человека, который имеет специфические социальные потребности, разработки и реализации плана, в соответствии с которым социальные, образовательные и медицинские ресурсы используются наиболее эффективно с целью достижения оптимального результата для клиента при наименьших затратах. Ведение случая можно рассматривать как инструмент оптимизации затрат, увеличения эффективности, рационализации услуг и ресурсов.

Ведение случая – это объединяющая технология в деятельности социального работника потому, что она учитывает и интегрирует в себе другие технологии, а именно: оценивания, оценки потребностей клиента, раннего

вмешательства, последовательной работы с клиентом, предоставления ему услуг и др. Эти технологии являются этапами технологии ведения случая, именно поэтому её можно считать политехнологической. Индикатор эффективности внедрения технологии ведения случая – результативность вышеназванных частных технологий. Как технология, она направлена на обеспечение последовательности и доступности услуг с учетом соответствия их интенсивности реальным потребностям клиента и ориентируется на возможности, существующие ресурсы системы социального обслуживания, социальной поддержки, предоставления услуг. Основные принципы ведения случая – комплексность, междисциплинарное и межведомственное взаимодействие в осуществлении социальной работы, сотрудничество социального работника и клиента, преемственность деятельности и др.

Существуют различные модели ведения случая: мультидисциплинарная, трандисциплинарная, междисциплинарная (межпрофессиональная), а основе которых лежит командный поход к координации услуг, что усиливает эффективность этой технологии.

Мультидициплинарная модель предполагает ведение случая командой различных специалистов из различных отраслей знаний, которые работают по своим отдельным планам работы и задачами. На регулярных встречах специалисты проводят оценивание выполненной работы, определяют пакет услуг, которые предлагают конкретному клиенту. В этой модели координацию работы членов команды, представление новых случаев осуществляет социальный работник – менеджер ведения случая.

Междисциплинарную модель считают одной из наиболее перспективных в создании скоординированного пакета услуг, благодаря интеграции усилий всех специалистов. Члены команды на регулярных встречах согласовывают главные вопросы ведения конкретного случая, а именно: порядок взаимодействия, единый план вмешательства, все этапы ведения случая, перечень услуг, условия их предоставления. Это позволяет избежать дублирования услуг, хаотичности в их предоставлении. Важный принцип функционирования модели – учет мнения клиента во время планирования и предоставления ему услуг. Поэтому клиент может принимать участие во встречах междисциплинарной команды как партнер. Главная роль менеджера случая – координация работы команды, а также представление интересов клиента перед командой, защита его прав.

В рамках функционирования трансдисциплинарной модели только один член команды специалистов поддерживает прямую связь с клиентом и выступает объединяющим звеном между специалистами и клиентом.

Основа процесса координации работы команды специалистов включает следующие составляющие: взаимообмен полной, точной, детальной информацией между членами команды, которые являются представителями

различных социальных институций сообщества; ответственность за принятые решения, данные проведенной оценки потребностей клиента, оказанные услуги и др.; формирование единых убеждений членов команды в отношении целей ведения случая, приоритетности интересов клиента и наилучшей среды для его развития.

Функционал менеджеров ведения случая объединяет такие профессиональные умения как адвокация (защита прав и интересов клиента), фасилитация (помощь в различных видах деятельности), построение или использование социальных сетей (систем поддержки клиента). Функциями социального работника/социального педагога/менеджера во время внедрения этой технологии являются: организационная, координирующая, оценивающая, защитная, мониторинга. Менеджер ведения случая выполняет роль адвоката, который гарантирует предоставление услуг, определение индивидуальных потребностей клиента, недопущение необоснованного досрочного закрытия случая и др. Среди управленческих ролей: лидер команды, руководитель персонала, администратор, социальный организатор, менеджер и др.

Как процесс технология ведения случая имеет определенные этапы, а именно: оценка потребностей клиента (см.: *оценка потребностей ребенка, оценка потребностей семьи*), анализ результатов оценки и обоснование необходимости открытия и ведения случая, принятие решения об открытии случая, организацию социального сопровождения; планирования ведения случая (разработка совместно с клиентом индивидуального плана работы: определение его цели, временных рамок, конкретных действий, мероприятий и др.); предоставление услуг/социального сопровождения (см.: *социальное сопровождение*; оценка процесса; оценка результатов работы (итоговая); закрытие случая.

Соблюдение последовательности этапов технологи ведения случая обеспечивает результативность работы социального работника.

Главная цель ведения случая – оптимизировать функционирование клиента, предоставляя ему качественные и эффективные услуги, максимально привлекать его для решения собственных проблем на всех этапах ведения случая.

**Адабиёт/Лит.:** Кочубей А., Умарова Н. Визит в семью, или практика работы с семьями: Учебн. пособие. – Псков: ПЛИПКРО, 2002. – 118 с. ; Сидоров В.Н. Профессиональная деятельность социального работника: ролевой подход. – Винница, Глобус-пресс, 2006. – 408 с.; Социальна педагогіка: теорія і технології. Підручник/За ред. І.Д.Звєрєвої.-К.: Центр навчальної літератури, 2006.-316 с.; Соціальний супровід сімей, що опинились в складних життєвих обставинах. Метод. посіб./Звєрєва І., Кузьмінський В., Петрочко Ж., інш.-К.: ДЦССДМ, 2006.-84 с.

Зверева И.Д., Петрочко Ж.В.

**КЕЙС-СТАДИ** (Case - ҳолат, вазъият, study – омӯзиш, таҳқиқ) – таҳқиқи ҳолати муайян, яъне тасвири ҳодисаи мушаххаси инфиродӣ бо кулли ҷузъиёти вуҷуддошта, ки он дар навбати худ ба контексти мукаммали иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ворид мешавад. Бояд гуфт, ки истилоҳи англисии «case study» маъмул ва пазируфтаи умум шудааст. Агар ба таърихи ин метод назар кунем, он дар ибтидои садаи XX дар мактаби тиҷорати Донишгоҳи Ҳарвард ба миён омад, ки ҳамчун технологияи таълимии омодасоз барои ҳуқуқшиносон истифода мешуд. Эҳтимол ин истилоҳ аз таҷрибаи мурофиаҳои судии он давра, ки кейс ба маънии мурофиаи судӣ истифода мешуд гирифта шуда бошад (Ядов В.А.).

Ҳолатҳое, ки мавриди омӯзиш қарор мегиранд, метавонад фард, оила, гурӯҳи иҷтимоӣ ва ё як ҷузъи ҳаёти иҷтимоӣ бошад. Ташаккул ва таҳаввули методи мазкур ҳамчунин бо фаъолияти таҳқиқоти мактаби улуми иҷтимоии Чикаго марбут аст, ки онҳо ҳанӯз солҳои 20-ум аввалин бор дар соҳаи мазкур методҳои сӯҳбат (интервю), мушоҳидаи бевосита, таҳлили ҳуҷҷатҳои шахсӣ, манобеи адабиро истифода намудаанд. Ҳамаи методҳои зикршуда барои омӯзиши мукаммали ҳолати мавриди таҳқиқ пешбинӣ шуда, самараи хуб медиҳанд.

Яке аз методҳое, ки асоси кейс-стадиро ташкил медиҳад методи мусоҳиба мебошад, ки маъмулан аз тарафи мутахассисони гуногуни соҳа (равоншиносон, кормандони иҷтимоӣ, педагогҳо) истифода мешавад.

Одатан мавриди таҳқиқ як ҳолати мушаххас буда метавонад. Дар ҳолати муқоиса теъдоди умумии ҳолатҳо аз се ва ё чаҳор ҳолат бештар набошад. Дар рӯзномаи мушоҳидаҳо ҳолатҳои чи оддию ммаъмулӣ ва чи ҳолатҳои ғайриоддиву фавқулодда қайд карда мешавад ва тарҳи умумии он бо нишондоди вақт (соат, дақиқа) таҳия карда мешавад.

Предмети омӯзиши кейс-стади метавонад хусусиятҳои ҷудогонаи иҷтимоию равонии шахси алоҳида бошад ва манфиати шахси алоҳидаро муаррифӣ намояд.

Махсусияти кейс-стади дар омӯзиши амиқ ва ҳаматарафа ва хосаи объекти таҳқиқ дида мешавад, хулосаҳо метавонанд хусусияти сирф

мавзеӣ ва татбиқӣ дошта бошанд ва дар баробари ин барои коркарди тавсияҳо дар ҳалли ихтилофҳо ва ба роҳ мондани фаъолияти самараноки ҷамоа истифода шаванд.

Солҳои 1920 сотсиологи Чикаго К. Шоу ҷинояткории наврасонро омӯхта, аз мақомоти полис, суд ва тандурустӣ дастрас намудани маводи заруриро оид ба шахсияти кӯдаконро хоҳиш намуда, маҷмӯи маводи бадастомадаро ҳамчун «таърихи ҳолат» баррасӣ ва таҳлил менамуд.

Ҳамчунин объекти таҳқиқи мутахассисони Донишгоҳи Чикаго ҷолиби диққат аст, ки ба он зиндагиномаи муҳоҷирони поландӣ (У. Томас ва Ф. Знанетский), ҳамчун намунаи классики «таърихи зиндагӣ»; мақоми зангиҳо дар Чикаго (Ч. Ҷонсон); оворагардҳо – коргарони мавсимӣ, ки ба Ғарб муҳоҷират мекарданд (Н. Андерсен); вайроншавии оила (Э. Маурер); гурӯҳҳо ва дастаҳои ҷиноятпешаи ҷавонон (Ф. Трешер) ва амсоли ин шомил шудаанд.

**КЕЙС-СТАДИ (Case study)** - исследование случая, то есть детальное, целостное описание индивидуального случая, включенного в более широкий социальный и культурный контекст. Следует отметить, что англоязычный термин case study является общепринятым. Исторически метод возник в начале XX ст. в Школе бизнеса Гарвардского университета (США) как своеобразное переложение утвердившейся к тому времени технологии подготовки юристов. Возможно, термин пришел из судебной практики, где кейс — данное судебное разбирательство (Ядов В.А.).

Случаями в данном контексте могут быть как индивид, семья, социальная группа, фрагмент жизни сообщества. Зарождение и развитие данного исследовательского метода связано с деятельностью Чикагской социологической школой, впервые в науке в 20-е годы прошлого столетия систематически начавших использовать интервьюирование, включенное наблюдение, анализ личных документов, литературных источников. Все указанные методы объединяет идея максимально полного описания важного для прояснения исследовательской проблемы случая (или) нескольких случаев.

В основе case study — неструктурированное интервью, зачастую используемое работниками социального обеспечения и психологами.

Обычно объектом анализа является один случай. При сравнении его с другими их число не должно превышать трех-четырех случаев. В дневнике наблюдений детально регистрируются как обычные (повседневные) так и

экстремальные ситуации в жизнедеятельности объекта наблюдения по временным единицам (часы, дни, недели).

Предметом изучения в кейс-стади могут быть и социально-психологические особенности отдельной личности, представляющей самостоятельный интерес как “клинический” случай.

Специфика кейс-стади состоит в глубинном изучении своеобразия объекта, выводы о результатах обычно носят сугубо локальный, прикладной характер и направлены на выработку рекомендаций по разрешению конфликтов или более успешному функционированию общности.

В 1920-е гг. чикагский социолог К. Шоу изучал подростковую преступность, используя написанные по его просьбе автобиографические заметки юного правонарушителя, дополненные полицейскими и судебными документами, результатами медицинских освидетельствований и т. п. Всю совокупность этих данных он рассматривал как «историю случая».

Характерны объекты исследовательского интереса чикагских социологов. Это жизнеописание польского эмигранта (У. Томас и Ф. Знанецкий), ставшее классическим образцом «истории жизни»; положение негров в Чикаго (Ч. Джонсон); бродяги - сезонные рабочие, мигрирующие на Запад (Н. Андерсен); дезорганизация семьи (Э. Маурер); молодежные группировки и банды (Ф. Трешер) и другие.

**Адабиёт/Лит.:** Батыгин Г.С. Лекции по методологии социологических исследований. - www.i-u.ru; Девятко И.Ф. Методы социологического исследования. – Екатеринбург: изд-во Урал.ун-та, 1998; Ядов В.А.Стратегия социологического исследования. - www.i-u.ru

Бекназарова Г.Э., Набиев Р.А.

**КОМИССИЯИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ КӮДАК -** мақоми доимоамалкунандаи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак буда, бобати амалӣ намудани сиёсати давлатӣ барои таъмини ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон ва бо мақсади татбиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин ӯҳдадориҳои байналмилалии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак ва дигар шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак бармеоянд, таъсис дода шудааст. Комиссияи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар натиҷаи якҷоя шудани Шӯъбаи васоят ва парасторӣ ва Комиссияи кор бо ноболиғон таъсис дода шудааст ва

дар асоси Низомномаи «Дар бораи таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2009, таҳти №377 қабул шудааст, амал мекунад.

Низомнома фаъолияти Комиссияи ҳифзи ҳуқуқи кӯдакро (дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ) ба танзим даровარда, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо, вазифа ва ваколатҳои онҳо ва баррасии парвандаҳоро оид ба ин ё он ҳолат муайян мекунад. Дар сатҳи вилоят, шаҳр, ноҳия Шӯъбаҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак таъсис дода мешаванд, ки худ сохтори таркибӣ ва иҷроияи Комиссияи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ба шумор меравандं. Дар Низомнома ҳамчунин мафҳуми кӯдак, шахси ноболиғ, принсипҳои корӣ, мақсад ва вазифаҳои Комиссияи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ва сохторҳои таркибии он дода шудааст. Мақсади асосии Комиссияи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ва сохторҳои таркибии он пеш аз ҳама ҳифзи ҳаматарафаи ҳуқуқҳои кӯдак ва манфиатҳои қонунии ӯ буда, ҳамчунин дастрас намудани кӯмаки ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, моддӣ ва амсоли ин ба оилаҳои кӯдакдор мебошад.

Вазифаи асосии Комиссияи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак таъмини иҷроиши қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ӯҳдадориҳои байналмилалии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бобати ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак; назорат аз болои риояи ҳуқуқҳои кӯдак, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, минҷумла ҳуқуқҳое, ки аз ӯҳдадориҳои байналмилалии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд; мусоидат ба мутобиқсозии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии онҳо мебошад; бо тартиби муқарраршуда мусоидат намудан ба тасдиқи шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ё ҳамроҳшавии ҷумҳурӣ ба чунин шартномаҳо; омӯзиш ва арзёбии ҳолати қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисмати мутобиқати он ба меъёрҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак; таъмини саҳмгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак аз 20 ноябри соли 1989 ва дигар шартномаҳои байналмилалӣ да соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак; баррасӣ ва таҳияи хулосаҳои машваратӣ оид ба лоиҳаҳои шартномаҳои байналмилалӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак мансуб мебошанд; ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти манфиатдор оид ба татбиқи меъёрҳои миллӣ ва байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак;

онҳо ба амали иҷтимоии умумиятҳо, гурӯҳҳо ё доираи шахсон маҳсуб мешавад. Вобаста ба мазмуну мундариҷа кори иҷтимоӣ гуманитарӣ - иҷтимоӣ ва вобаста ба характер байнифаннӣ ва муттаҳидкунанда аст. Кори иҷтимоӣ бо илмҳои иҷтимоӣ, мисли сотсиология, сиёсат, ҳуқуқ; фанҳои инсоншиносӣ- психология, педагогикаи иҷтимоӣ, ва деонтология алоқамандии ногусастанӣ дорад.

Вазифаи асосии кори иҷтимоӣ ҳамчун фанни таълимӣ шинос намудани мутахассисони ҷавон бо асосҳои назарияивӣ-методологии кори иҷтимоӣ (сохтор, дараҷа, функсияҳо, қонунмандӣ, принсипҳо, методҳо, категорияҳо, амсилаҳо ва назарияҳои кори иҷтимоӣ); таҳлили пайдоиши кори иҷтимоӣ, илм ва самтҳои фаъолияти иҷтимоӣ; муайян намудани нақши кори иҷтимоӣ дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ; ошно намудан ба хусусиятҳо, технологияи ташкилӣ ва амалигардонии корҳои иҷтимои дар доираи гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф, низоми пенитенсиорӣ, ё худ ризоми ислоҳи маҳмусон, низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ) ва ба хусусиятҳои гурӯҳои гуногуни аҳолӣ (кӯдакон, ҷавонон, оила,одамони калонсолон, одамони қобилияти амалиашон маҳдуд, шахсони каҷрафтор); тарбияи сифатҳои ахлоқии мутахассисони ҷавон ва ташаккул додани идеалҳои гуманистӣ ва арзишҳои умумибашарие, ки асосҳои этникии кори иҷтимоӣ муайян намудааст; инкишоф додани тафаккури эҷодӣ, ташаккул додани қобилияти таҳлилӣ- касбӣ ва баҳо дода тавонистан ба падидаҳои иҷтимоӣ, тадбиқи сиёсати иҷтимоӣ дар ҳаёт, ба раванди мутобиқгардии муносибатҳои инсонӣ кумак расонидан; дар доираи менеджменти корҳои иҷтимоӣ ташаккул додани дониш ва қобилияти шахс ба ҳисоб меравад.

Кори иҷтимоӣ ҳамчун касб ботадриҷ инкишоф ёфта истодааст. Бварӣ ҳаст, ки дар давоми даҳсолаи наздик ба мисли касбҳои духтур ва муаллим оммавӣ мегардад, зеро пешгирии бемориҳои иҷтимоӣ нисбати мубориза бо эпидемияҳои иҷтимоӣ каме осонтар аст.

**СОЦИАЛЬНАЯ РАБОТА** – 1) инструмент реализации государственной политики; 2) разновидность профессиональной деятельности, профессия; 3) помощь населению в кризисных или тяжелых жизненных ситуациях, в т.ч. через оказание социальных услуг.

Основными задачами социальной работы как вида общественной деятельности являются: улучшение социального самочувствия человека, улучшение

условий его жизни, обеспечение соответствующего социального функционирования, гармонизация системы отношений в семье, коллективе, обществе в целом.

В структуре социальной работы как разновидности практической деятельности выделяют субъект и объект.

Субъекты социальной работы – это государственные учреждения, общественные организации, физические лица, которые реализуют социальную политику и предоставляют социальную помощь разным категориям населения.

Профессиональная деятельность социальных работников способствует общественным изменениям, решению проблем человеческих взаимоотношений; содействует укреплению способностей к функциональному существованию в обществе и освобождению людей в целях повышения их уровня благополучия. Используя теории поведения человека и общественных систем, социальная работа, способствует взаимодействию людей с их окружением. Принципы прав человека и социальной справедливости являются фундаментом социальной работы (Международная Ассоциация Школ Социальной работы, Международная Федерация Социальных Работников, Определение Социальной Работы совместно принято 27 июня 2001. Копенгаген).

Объекты социальной работы - отдельные лица или социальные группы, которые нуждаются в помощи и поддержке в процессе их социализации. Объектом социальной работы в широком ее понимании являются все граждане. Это объясняется тем, что жизнедеятельность всех слоев населения зависит от условий, которые в значительной мере определяются уровнем развития общества, состоянием социальной сферы, содержанием социальной политики, особенностями ее реализации. Каждый человек в определенный период жизни нуждается в полном удовлетворении своих интересов и потребностей или сталкивается с определенными трудностями и проблемами, которые не всегда можно преодолеть самостоятельно. Такую трактовку социальной работы можно объяснить также тем, что, с одной стороны, она направлена на решение неотложных сиюминутных проблем человека, а с другой – ориентирована на предупреждение социальных проблем национального масштаба (заболевания, безработица, увеличение различных форм девиантного поведения и др.).

В современных условиях социальная работа развивается: как практическая профессиональная деятельность по оказанию помощи и поддержки людей, оказавшихся в сложных жизненных обстоятельствах; как учебная дисциплина по профессиональной подготовке специалистов по оказанию социальной помощи и поддержки; как отрасль научных знаний, которая базируется на совокупности концепций и теорий, имеет свой категориальный аппарат, исследует принципы и закономерности, модели и методы социальной работы.

Социальная работа как профессиональная деятельность не является спонтанной или фрагментарной. Она направлена на достижение определенных целей и результатов. Общая цель социальной работы состоит в создании оптимальных условий социализации личности. Дальнейшая конкретизация этой цели отражена в ее содержании, которое определяет круг основных профессиональных задач (социальной адаптации, профилактики, реабилитации, ресоциализации, социального обслуживания) в отношении субъектов и объектов социальной работы. На основе содержания выделяют функции социальной работы: коммуникативная, организаторская, прогностическая, правозащитная, диагностическая, профилактическая, коррекционно-реабилитационная, социально-терапевтическая и др.

В зависимости от масштабности социальной работы эти функции могут быть реализованы на государственном, региональном, местном и индивидуальном, а также профессиональном и непрофессиональном (привлечение волонтеров) уровнях.

Современная теория социальной работы имеет все структурные компоненты науки: предмет и объект исследования, закономерности функционирования, принципы и методы деятельности, категориальный аппарат. Она состоит из двух разделов: теоритико-методологического, фундаментального (методология, базовые понятия и категории, закономерности, принципы) и прикладного - практическое применение теоретического и эмпирического знания в процессе решения социальным работником конкретных задач. Социальная работа как наука исследует: влияние социальных процессов на развитие и поведение социальных общностей, групп, личности; роль социальной политики в разрешении общественных проблем и практических задач социальной работы; технологии социальной работы с разными социальными группами и личностью; особенности деятельности государственных и общественных институтов социального обслуживания населения; закономерности социального управления в системе социальной работы. Поэтому объектом теории социальной работы есть явления, процессы и отношения. А ее предметом – особенности их влияния на социальное функционирование общностей, групп или личности.

По своему содержанию социальная работа является социально-гуманитарной, по характеру – междисциплинарной и интегративной. Она тесно связана с такими социальными науками, как социология, политика, право; человековедческими дисциплинами – психологией, социальной педагогикой, деонтологией.

Основными задачами социальной работы как учебной дисциплины являются: ознакомить будущих специалистов с теоретико-методическими основами социальной работы (структура, уровни, функции, закономерности, принципы, методы, категории, основные теории и модели социальной работы);

проанализировать генезис социальной работы как науки и сферы практической деятельности; определить роль социальной работы в решении социальных проблем; ознакомить с особенностями и технологиями организации и осуществления социальной работы в разных сферах общественной жизни (медицина, образование, пенитенциарная система, система социальной защиты населения и др.) и с особенностями разных групп населения (дети, молодежь, семья, люди пожилого возраста, люди с ограниченными функциональными возможностями, лица с девиантным поведением и др.); воспитывать у будущих социальных работников нравственные качества и формировать гуманистические идеалы и общечеловеческие ценности, определенные в этических основах социальной работы; развивать творческое мышление, формировать умения профессионально анализировать и оценивать социальные явления, воплощать в жизнь социальную политику государства, содействовать гармонизации человеческих отношений; формировать необходимые знания и умения в сфере менеджмента социальной работы.

Социальная работа как профессия интенсивно развивается. В ближайшее десятилетние она будет такой же массовой, как профессия врача и педагога, поскольку предотвращать социальные болезни намного легче, чем бороться с социальными эпидемиями.

**Адабиёт/Лит.:** Основы социальной работы / Под ред. П. Д. Павленок. – М., 1997; Словарь-справочник по социальной работе / Под ред. Е. И. Холостовой. – М., 1997; Социальная работа / Под ред. В. И. Курбатова. – Ростов н/Дону, 1999; Социальная работа: теория и практика: Учеб. пособие / Отв. ред. Е. И. Холостова. – М., 2001; Соціальна робота в Україні: Навч. посібник /І.Д. Звєрєва, О.В. Безпалько, С.Я. Харченко та ін.;/ За заг. ред. І.Д. Звєрєвої, Г.М. Лактіонової. – К.: Центр навчальної літератури, 2004. - 256 с.; Фирсов М. В., Студенова Е. Г. Теория социальной работы: Учеб. пособие для студентов высш. учеб. заведений. – М., 2001; Энциклопедия социальной работы: Пер. с англ. В 3 т. – М., 1994.

Зверева И.Д.

**КОРМАНДИ ИҶТИМОӢ -** мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ», (аз 5 январи соли 2008), №359 истилоҳи «корманди иҷтимоӣ» ба шахсе тааллуқ дорад, ки вазифа ва ӯҳдадориҳои асосии ӯ таъмину танзими хадамоти иҷтимоӣ мебошад.

Корманди иҷтимоӣ чун мутахассиси масъули соҳавӣ барои хизмат расонидан ба эҳтиёҷмандон, мусоидат ва ғамхорӣ дар беҳдошти

маънавиёт, тандурустӣ, ҳолати ҷисмониву зеҳнии шахсони ниёзманд масъул аст ва барои татбиқи ҳамин мақсад даъват карда мешавад. Вобаста ба вазифаи худ кори иҷтимоӣ ҳамчун шакли таъсири давлатӣ ва ғайридавлатӣ таъмини сатҳи зарурии молиявӣ ва фарҳангии шаҳрвандонро фаро гирифта, аз рӯи имконияти мавҷуда барқарор намудани қобилияти корӣ ва ё тавонмандии онҳоро таъмин мекунад.

Мафҳуми «корманди иҷтимоӣ» дар Тоҷикистон мутобиқи қонуни қабулшуда «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ», (аз 5 январи соли 2008), №359, моддаи 2 ба он кормандоне далолат мекунад, ки онҳо ба одамони дар муассисаҳои парасторӣ қарордошта, одамони эҳтиёҷманди дар хонаҳо сукунатдошта ва шахсони дар оилаҳо иқоматкунанда, ба шахсони дар марказҳои хадамоти рӯзона ҳузурдошта ва дигар шахсони ба хизматрасонии иҷтимоӣ ниёзманд, дар ҳудуди қонунҳои ҷорӣ ғамхорӣ ва хизматрасонӣ мекунанд. Вазифаи асосии кормандони иҷтимоӣ дар Тоҷикистон бо кӯдакону наврасон ва пиронсолони ниёзманд, кӯдакон ва калонсолони имконияти ҷисмониву зеҳниашон маҳдуд, камбизоатон, вайронкунандагони қонун, модарони танҳо ва кӯдакони бекасу бесарпаноҳ дастрас намудани хизматрасонии иҷтимоӣ мебошад.

Корманди иҷтимоӣ татбиққунандаи хизматрасонӣ ва ё кӯмаки махсус ба эҳтиёҷмандон буда, мақсадҳои он ҳалли масъалаҳои асосии муҳити иҷтимоӣ (шахсият ва атрофиён) мебошад.

Корманди иҷтимоӣ дар баробари таъмин намудани эҳтиёҷоти аввалдараҷаи инсонӣ дар мавридҳои нобаробариҳои иҷтимоӣ ва байнишахсӣ, ҷой доштани маҳдудиятҳо эҳтиёҷоти шахсро таъмин, манфиат, эътибор ва ҳуқуқи инсонро барои ҳаёти арзанда ҳифз менамояд.

Корманди иҷтимоӣ воситаҳои дар ихтиёрдоштаашро барои ноил гардидан ба баробарӣ, ба даст овардани адолати иҷтимоӣ, инкишоф додани донишу малака ва дуруст истифода бурдани донишҳои илмӣ мутаносибан ба рафтори одамон дар ҷамъият, барои рушди захираҳои қонеъкунандаи эҳтиёҷот, барои дастгирӣ ва таъмини ниёзмандиҳои шахсӣ, арзишҳо ва манфиатҳои гурӯҳӣ, миллӣ, ватандӯстӣ истифода менамояд.

Яке аз вазифаҳои муҳими корманди хадамоти иҷтимоӣ банақшагирии сиёсати иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ ба гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ҷамоаҳо, инчунин баҳодиҳӣ ба онҳо ба шумор меравад.

Фаъолияти кормандони иҷтимоӣ на танҳо ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, ҳамчунин ба қонеъ намудани талаботҳои ӯ, мусоидат ба инкишофи имкониятҳои шахсии инсонро низ фаро мегирад.

Кормандони иҷтимоӣ одамонро барои инкишофи қувваю имконоти хеш, фаъолияти конструктивӣ баҳри истифода бурдани захираҳои мавҷуда дастгирӣ ва дилпур менамоянд; робитаи заруриро барқарор карда, имдод пешбинӣ ва ташкил менамоянд; одамонро дар тӯли давраи муайяни ҳаёт ҳамроҳӣ намуда, иштироки шахсиро зоҳир, назоратро оид ба ҳимояи мизоҷ ташкил мекунанд; ба сифати намояндаи гурӯҳҳои эҳтиёҷмандон баромад мекунанд ва барои беҳбудии вазъ ё бартараф кардани камбудиҳои онҳо пешниҳодҳо менамоянд; ба одамон ғамхорӣ менамоянд ва онҳоро барои ёрмандӣ ба эҳтиёҷмандон равона месозанд; ба мақомоти ҳукумати ва идоравӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати хизмат ва ҳифзи иҷтимоӣ муроҷиат менамоянд; ба идораҳои гуногун оид ба омилҳои манфӣ, ки ба шароити зиндагонии гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ таъсир мерасонанд, ахбор медиҳанд.

Дар раванди амалӣ гардонидани масъалаҳои зарурӣ кормандони иҷтимоӣ барои иҷро намудани вазифаҳои гуногун оид ба тарбия, ахбор, ҳавасмандӣ, машварат, хизмат, миёнаравӣ, ташкил, танзим ва ғайра даъват карда мешаванд.

**СОЦИАЛЬНЫЙ РАБОТНИК** - в соответствии с Законом № 359 Республики Таджикистан об оказании социальных услуг (принятом в январе 2008 года) термин «работник социальной службы» относится “к человеку, чьей главной обязанностью является оказание социальных услуг” (статья 2). Термин «работник социальной службы» в Таджикистане имеет отношение к широкому спектру сотрудников, работающих и в интернатах, и с теми, кто живет дома и в семье, и с теми, кто посещает центры дневного пребывания. Этих сотрудников нанимают как правительство, так и неправительственные организации. Работники социальной службы в Таджикистане могут работать как с детьми, так и с людьми преклонного возраста, с детьми и взрослыми, имеющими ограниченные возможности, с малоимущими, с людьми, имеющими серьезные проблемы со здоровьем, с нарушителями закона, с одинокими матерями, с беспризорными детьми. Новая сфера обслуживания

охватывает социальную работу в геронтологических, производственных, медицинских учреждениях, армии, на селе, с беженцами, переселенцами, иностранными гражданами, на улицах, в группах по оказанию помощи.

Социальный работник приглашается в качестве отраслевого специалиста для оказания услуг и социальной поддержки в улучшении духовного мира, здоровья, физического состояния и т.п. В зависимости от своих задач, социальная работа, как форма государственного и негосударственного влияния, охватывает обеспечение должного финансового и культурного уровня, и является по необходимости восстановлением их работоспособности.

Социальный работник оказывает людям специальные услуги (помощь) и его задачи направлены на решение основных проблем (личности и окружения).

Наряду с помощью для удовлетворения общечеловеческих нужд в период социального и личностного неравенства социальный работник защищает нужды, интересы, авторитет и права человека на достойную жизнь.

Социальный работник способствует использованию имеющихся средств для достижения равенства, самореализации человека, социальной справедливости, развития и оптимального использования научных знаний в зависимости от социального поведения человека, развития ресурсов для удовлетворения нужд, личных, групповых, национальных и патриотических попыток.

В задачи социального работника входит планирование социальной политики и оказание услуг различным группам населения, джамоатам, а также их оценка и анализ.

Осуществление всех видов практической деятельности социального работника рассматривается по географическому политическому, социально-экономическому, культурному и духовному факторам (см. *факторы социальной работы*).

Социальные работники призваны выполнять множество ролей (см. *Роли социального работника*). От социальных работников требуется, чтобы их практическая деятельность была научно обоснованной и проведена на профессиональном уровне.

В сфере практической деятельности социального работника содержание его работы не должно отличаться от подобной деятельности в других странах, а именно, они: поддерживают и вселяют людям уверенность с целью развития их потенциала, конструктивной деятельности по использованию имеющихся ресурсов; устанавливают необходимые контакты, предусматривают и организуют помощь; сопровождают людей в определенный период жизни и проявляют личное участие и организовывают контроль по защите клиентов; выступают в качестве представителя нуждающихся и представляют предложения

по продвижению или устранению их трудностей; проявляют заботу к людям и направляют их на оказание помощи нуждающимся; обращаются к правительственным и административным органам с целью повышения качества услуг и социальной защиты; информируют различные учреждения об отрицательных факторах, влияющих на условия жизни определенной группы населения.

В процессе реализации необходимых задач социальные работники приглашаются для выполнения различных задач по воспитанию, информации, стимулированию, консультации, обслуживанию, посредничеству, организации, регулированию вопросов.

**Адабиёт/Лит.:** Қодиров С. Консепсияи корманди ичтимоӣ. – Душанбе: Саҳбо. - 2004. – 32 с.; Медведева Г. П. Этика социальной работы: Учеб. пособие для студентов высших учеб. заведений. – М., 1999. – 208 с., Ракитский Б. Социальная политика, социальная защита, самозащита трудящихся в обществе. Часть первая. Социальная политика. – М, 1998

Искандарӣ М., Мухторов З.М.

**КӮДАКӢ** – ҳолати муҳаррики иҷтимоӣ дар ҳудуди синну соли муайян оғоз аз таваллуд то ба сини камолот, ки аломатҳои ба худ хосро доро буда, арзишҳои муайяни ба худ хос ва доираи робитаҳои иҷтимоии худро дорад.

Ҳудудҳо синнусолии кӯдакӣ – маҳсули тағйирёбандаи марҳилаи таърихӣ, ки ба мақоми махсуси иҷтимоӣ марбут аст ва дар доираи ваколатҳои барои ҳамин синну сол хоси аз тарафи ҷамъият додашуда меъёрҳо, арзишҳо, намуди фаъолият, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳоро татбиқ менамояд. Дар даврони муосир чаҳорчӯбаи синнусолии кӯдакӣ дар асоси Эъломяи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, ки аз тарафи Созмони милали муттаҳид қабул гардидааст аз вақти валодат то сини 18-солагӣ дониста шудааст.

Аз нигоҳи улуми тиббию биологӣ кӯдакӣ ин марҳилаи инкишофи инсон, ки ҳанӯз инкишофи ҷисмонии худро ба анҷом нарасонидааст. Дар ин марҳила на фақат махсусиятҳои физиологӣ дигаргун мешаванд ва ё инкишоф меёбанд, дар ин марҳила ҳамчунин таъсири муҳити атроф низ ба кӯдак хеле зиёд аст. Дар тадқиқоти илми равоншиносӣ мафҳуми кӯдакӣ аз нигоҳи махсусиятҳои равонӣ омӯхта мешавад. Дар ин самт дар илми равоншиносӣ тадқиқоти гуногун ба сомон расидааст: рушди умумии хусусиятҳои равонии

кӯдак (Л.Виготский, Л.Божович, Д.Элконин ва дигарон); консепсияи таълим ва рушди кӯдак (Л.Венгер, В.Давидов, А.Дяченко, Ж.Пиаже ва дигарон); масъалаҳои даврабандии синнусоли кӯдакон (Л.Виготский, Д.Элконин). мувофиқи даврабанддиҳои маъмулӣ кӯдакӣ марҳилаҳои навзодӣ (аз лаҳзаи таваллуд то 1-солагӣ), кӯдакии давраи аввал (аз сини 1 то 3 сола), сини томактабӣ (аз 4 солагӣ то 6 солагӣ), сини хурди мактабӣ (аз сини 6-солагӣ то 10-солагӣ), сини миёнаи мактабӣ (аз сини 11-солагӣ то 15-солагӣ), сини калони мактабӣ (аз сини 15-солагӣ то 18-солагӣ). Аз нигоҳи равоншиносии иҷтимоӣ кӯдакӣ ҳамчун хориқаи (феномен) иҷтимоӣ дар муҳити гурӯҳҳои бачагон ва ҷамоаҳои бачагона баррасӣ менамояд (Д.Фельштейн). Илми сотсиология бошад бачагиро чун таркиби сохтории ҷамъият медонад (И. Кон, Д.Фелдштейн, Дж. Квортруп, И.Богданова).

Дар даврони муосири рушди ҷомеа мафҳуми кӯдакӣ предмети омӯзиши фанҳои гуногун гардидааст, ки дар байни онҳо ҷанбаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, этнографӣ, психологию педагогӣ маъмул аст. (Ф.Ариес, Д.Элконин, Э.Эриксон, В.Мухина ва дигарон).

Кӯдакӣ ҳамчун ҳолат махсуси рушди инсон дар ҷомеа ва зуҳуроти иҷтимоӣ, ки моҳияти он аз махсусияти низоми ҷамъиятӣ бармеояд ва мафҳуми кӯдакӣ дар он ҳамчун арзиши иҷтимоию фарҳангӣ мутамарказ шудааст (яъне равандибимиён омадан, таснифоти ҷинсӣ ва муносибати байниҳамдигарӣ, махсусиятҳои воситаҳо ва роҳҳои иҷтимоишавӣ) ва дар баробари ин ҳама кӯдакӣ субъекти умумиятдодашуда, ки бо олами калонсолон дар сатҳи субъект – субъект муносибат мекунад.

Аз нигоҳи мазмун ин раванди рушди мунтазами ҷисмонӣ, ташаккулёбии малакаҳои равонӣ, азхудкунии муҳити иҷтимоӣ, мутобиқшавӣ ва аксуламал ба ҳамаи робитаҳо, муайян кардани мақоми худ дар миёни ин робитаҳо, ташаккул додани худ дар ин миён, ки ин ҳама дар муносибатҳои мунтазами калонсолону кӯдак дида мешавад.

Махсусиятҳои ҷудогонаи кӯдакӣ: ташаккулёбии асосҳои фаъолнокии шахсии кӯдак, хислатҳои шахсӣ, арзишҳо, ки сифати зиндагии ояндаро муайян мекунанд; осебпазирии махсус, ба ҳифзу нигаҳбонӣ аз таъсири омилҳои муҳити атроф эҳтиёҷманд будан, ҷаҳди ҳамешагии воридшавӣ ба олами калонсолон, талаботи ба ҷомеа во-

рид шудан ва бо ҷомеа дар муносибати тарафайн будан, хоҳиши ба раванди қарорқабулкунӣ ҷалб гардидан, ҳассосӣ ба тағйироти дар ҷомеа рухдода, қобилияти дар назди калонсолон гузоштани вазифаҳои нав ва ба ҷомеа таъсири амиқ расонидан – ин ҳама махсусиятҳое аст, ки дар марҳилаи кӯдакӣ ба мушоҳида мерасад.

Дар таърихи кӯдакӣ ҳамчун зуҳурои иҷтимоӣ шаш марҳиларо ҷудо кардан мумкин аст (Л. Демоз): сабки инфантитсидӣ (аз давраҳои қадим то асри IV милодӣ) – дар ин марҳила муносибат ба кӯдакон ба таври манфӣ буда, он монеаи рушди ҷомеаи калонсолон дониста мешуд. Барои кушатни кӯдакон ба таври оммавӣ ҳукумату давлат касеро ҷазо намедод ва он бачагоне, ки калонтар мешуданд, қурбонии зӯроварии калонсолон мешуданд; сабки бедиққатӣ (асрҳои IV-XIII) давронеро фаро мегирифт, ки он дар кӯдак будани рӯҳро эътироф намуда, кӯшиш мекарданд, ки аз кӯдак дуртар бошанд ва хоҳишу зарурати ӯро ба назар намегирифтанд; сабки амбивалентӣ (асрҳои XIV-XVII) барои болоравии мақоми кӯдак Каме мусоидат кард ва дар ин марҳила ба кӯдакон муносибати хуб мекардаднд вале рафтори онҳо қотеона назорат карда мешуд; сабки ӯҳдадоркунанда (асри XVII) – дар ин марҳила кӯдак комилан аз тарафи калонсолон назорат карда шуда, тарзи фаъолият ва ҳатто ташаккулёбии олами ботинӣ (тафаккур, ирода) аз тарафи калонсолон нишон дода мешуд; сабки иҷтимоишавӣ (асри XIX ва нимаи XX), дар ин даврон омодагии кӯдак тавассути тамрин ба ҳаёти оянда гузаронида мешуд. Кӯдак ҳамчун объекти тарбия ва таълим бояд аз клонсолон таҷрибаи хуби иҷтимоиро бигирад ва дар зиндагииояндаи худ татбиқ намояд; сабки дастгирикунанда ва ёридиҳанда (аз нимаи асри XX) бартарии ин марҳила дар он аст, ки калонсолон ба кӯдак низ ихтиёри интихобро медиҳанд ва ба ӯ кӯмак мерасонанд, ки мустақилияти худро инкишоф диҳад ва худ таҷрибаи иҷтимоӣ касб намояд.

Аз ин ҷост, ки падару модар бо кӯдак қаробати эмотсионалӣ дошта, барои ӯро фаҳмидану ба ӯ фаҳмонидан кӯшиш менамоянд.

Кӯдакиро танҳои аз нигоҳи худи онҳо, аз мавқеи бачагии онҳо ва аз доираи тасаввуроту тахайюлоти худи кӯдакон амиқу рӯшан дарк кардан мумкин аст ва ҳамчунин аз он дидгоҳ бояд дид, ки чӣ тавр кӯдак фарҳанги калонсолонро мепазирад.

Муносибат ба кӯдакон ва тарбияи онҳо ба таври арзанда – аз вазифаҳои муҳимтарини ҷомеаи муосир мебошад.

**ДЕТСТВО** – динамическое социальное состояние в пределах возрастного периода от рождения до совершеннолетия, для которого характерны специфические признаки, особая субкультура и специфические социальные связи и взаимоотношения.

Возрастные границы детства – изменяющийся продукт истории, который связан с определенным социальным статусом, кругом прав и обязанностей, характерных для этого периода жизни, совокупностью доступных для него видов и форм деятельности, которое предлагает ему общество. На современном этапе определение возрастных рамок детства обусловлено положениями Конвенции ООН о правах ребенка, где отмечается, что *дети* – лица от рождения до 18 лет (совершеннолетия).

С позиции медико-биологических наук, детство – период развития человека, который не завершил свое физическое развитие. Это не только период, для которого характерны определенные физиологические особенности, но и результат влияния окружающей среды на ребенка. В исследованиях психологической науки феномен детства изучают через особенности психического развития, системного описания такого развития ребенка в онтогенезе. Направления исследований детства в психологии: общее психологическое развитие ребенка (Л.Выготский, Л.Божович, Д.Эльконин и др.); концепция обучения и развития ребенка (Л.Венгер, В.Давыдов, А.Дяченко, Ж.Пиаже и др.); проблемы периодизации детского возраста (Л.Выготский, Д.Эльконин). Согласно принятой периодизации, детство охватывает младенчество (от рождения до 1 года), раннее детство (1-3 года), дошкольный возраст (4-6 лет), младший школьный возраст (6-10), средний школьный возраст (11-15 лет), старший школьный возраст (15-18лет). С позиции социальной психологи детство рассматривают как социальный феномен в контексте детских групп и детских сообществ (Д.Фельштейн). Социология рассматривает детство как часть социальной структуры общества (И. Кон, Д.Фельдштейн, Дж.Квортруп, И.Богданова).

На современном этапе развития общества детство является предметом полидисциплинарного исследования, в котором выделяют исторический, социогенный, этнографический и психолого-педагогический аспекты его изучения (Ф.Ариес, Д.Эльконин, Э.Эриксон, В.Мухина и др.).

Детство можно рассматривать как особенное состояние развития человека в обществе, социальное явление, суть которого определена спецификой той общественной системы, в которую детство интегрировано, его социокультурным контекстом (способами производства, половой и возрастной

стратификацией, системой межличностных отношений, ценностными ориентациями, особенностями средств и механизмов социализации), и одновременно, - обобщенный субъект, который взаимодействует с миром взрослых на уровне субъект - субъектных отношений.

В содержательном контексте – это процесс постоянного физического роста, приобретения психических новообразований, освоения социального пространства, рефлексии всех взаимоотношений в этом пространстве, определение в нем себя, собственной самоорганизации, что формируется и отражается в постоянно расширяющихся и усложняющихся контактах ребенка с взрослыми и другими детьми.

Специфические черты детства: формирование основ личностной активности и личностных характеристик, ценностей, которые определяют качество дальнейшей жизни; особая уязвимость, незащищенность от влияние окружающей среды, различных видов насилия; постоянная ориентация на взрослый мир, потребность быть включенным в социум, взаимодействовать с ним, привлеченным к принятию решений; чувствительность к изменениям в социуме и одновременно способность ставить перед взрослыми новые задачи, активно влияя на общество.

Можно выделить шесть периодов в истории детства (Л.Демоз): *инфантицидный стиль* (от древности до IV стю н.э.) отмечается негативным отношением к маленьким детям, которых считали преградой в развитии общества взрослых. За массовые детоубийства власть не наказывала, а те дети, которые выживали, часто становились жертвами насилия со стороны взрослых; для стиля игнорирования (IV-XIII ст.) характерно признание существования в ребенке души, но одновременно и стремление отдалится от нее, игнорируя ее интересы, желания, проблемы; амбивалентный стиль (XIV-XVII ст.) способствовал повышению статуса ребенка. К детям начинают относиться с уважением, прежде всего в физическом развитии, однако каждое их действие жестко контролируется и регламентируется; навязывающий стиль (XVII ст.) характеризуется доминирующей контролирующей позицией взрослых, что проявляется в навязчивом стремлении целиком контролировать не только поведение, но и внутренний мир, мысли и волю ребенка; социализирующий стиль (XI – середина XX ст.), для которого характерны тренировки воли ребенка, его подготовка к будущей самостоятельной жизни. Ребенка рассматривают как объект воспитательного влияния – единственно возможного способа приобретения позитивного социального опыта; поддерживающий / помогающий стиль (с середины XX ст.) характеризуется осознанием взрослыми субъективности выбора жизненного пути, помогает ребенку максимально разить индивидуальность, приобрести собственный социальный опит. Отсюда – стремление родителей к эмоциональной близости с ребенком, понимание, эмпатия.

Детство можно понять через осознание системы детских представлений, образов, чувств и настроений, благодаря которым ребенок воспринимает культуру взрослых.

Отношение к детям и их воспитание в обществе – одна их главных его социокультурных характеристик.

**Адабиёт/Лит.:** Діти і соціум: Особливості соціалізації дітей дошкільного та молодшого шкільного віку: Монографія / А.М.Богуш, Л.О.Варяниця, Н.В.Гавриш, С.М.Курінна, І.П.Печенко; За заг. ред. Н.В.Гавриш. – Луганськ: Альма-матер, 2006. – 368 с.; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І. Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008.– 336 с.

Петрочко Ж.В.

**КӮДАКОНИ ЛАЁҚАТМАНД** – кӯдаконе, ки бо қобилияти зеҳнӣ аз ҳамсолони худ ба таври назаррас пеш рафтаанд; кӯдаконе, ки дар самтҳои гуногуни фаъолият малакаҳои умумӣ (қобилият дар бахшҳои гуногуни фаъолият) ва малакаҳои махсус (мусиқӣ, ҳунар, соҳаи техника, иҷтимоиёт) нишон медиҳанд.

Лаёқатмандӣ – дар сатҳи баланд рушд кардани қобилияти шахс. Аломатҳои муайяни синнусолии зоҳиршавии лаёқат дар соҳаҳои гуногун вуҷуд дорад. Махсусан дар овони кӯдакӣ лаёқати кӯдак ба мусиқӣ ва ё санъати тасвирӣ зоҳир мешавад. Дар соҳаи илм бештар лаёқатмандии кӯдакон дар соҳаи математика зоҳир мегардад. Кӯдакони лаёқатманд ҳамеша ба донишомӯзӣ ҷаҳд мекунанд, меҳнати зеҳниро дӯст медоранд, бо калонсолон бештар муошарат мекунанд ва калонсолон онҳоро нисбат ба ҳамсолонашон беҳтар мефаҳманд; онҳо дорои ҳиссиёти баланд, эҷодкор, шӯхиро хуб мефаҳманд, ҳазлкаш, захираи кофии луғавӣ доранд, бозиҳоеро дӯст медоранд, ки истифодаи малакаи зеҳниро тақозо мекунанд.

Дар баробари ин кӯдакони лаёқатманд якрав мешаванд. Ҳамаи ин сифатҳои кӯдакони лаёқатманд онро тақозо мекунад, ки бо онҳо муносибати махсус дошта бошем. Тасодуфӣ нест, ки бо қарори Созмони байналхалқии тандурустӣ кӯдакони лаёқатманд ба гурӯҳи ба назорат ниёзманд шомил донистааст, ки барои таълиму тарбияи онҳо барномаҳои махсуси таълимӣ, омӯзгорони ба таври махсус омодагардида бояд мавҷуд бошад.

Ба ғайр аз он намуди ба ҳамагон муайяни лаёқатмандӣ, боз намуди дигари лаёқатмандӣ вуҷуд дорад, ки ба атрофиён ошкор нагардида, ба таври пинҳон ва ё ноаён сурат мегирад. Ю.В.Василкова дар миёнаи кӯдакони лаёқатманд «фанатҳо», «танбалон», «хоксорон», «асабониҳо», «ғазаболудҳо», «соддалавҳон» барин гурӯҳҳоро ҷудо мекунад. Корманди иҷтимоӣ ва ё педагоги иҷтимоӣ бояд махсусияти муошаратро бо чунин кӯдакон хуб донад, хусусиятҳои ӯро амиқ омӯхта, муносабати ӯро бо муҳити атроф низ хуб донад. Бояд онҳо тавонанд, ки бо кӯдак муомила карда тавонанад, робитаи ҳамешагӣ дошта бошад, бо падару модараш низ робита дошта бошад, ба онҳо махсусияти кӯдакро фаҳмонад, барои кӯдак шароити хуби омӯзишу фаъолият созмон диҳад, бояд ҳамеша ботаҳаммул бошад, ба сари чунин кӯдак иҷрои ин ё он корро ба таври маҷбурӣ бор накунад, барои хифзи ҳуқуқи кудакони лаёқатманд ҳамеша мусоидат кунад, барои татбиқи имконоти зеҳниву ҷисмонии кӯдак шароит фароҳам оварад.

**ДЕТИ ОДАРЕННЫЕ** – дети, которые значительно опережают своих ровесников в умственном/интеллектуальном развитии; дети, демонстрирующие общую (способности к различным отраслям деятельности) или специальную (музыкальную, художественную, техническую, психомоторную, социальную и др.) одаренность.

Одаренность – это высокий уровень развития способностей человека. Существует определенная возрастная последовательность проявления одаренности в различных отраслях. Особенно рано может проявляться одаренность к музыке, рисованию; в сфере науки больше заметная математическая одаренность. Одаренные дети стремятся к знаниям, любят умственный труд, общение с взрослыми (старшие понимают их лучше, чем ровесники); одаренные дети эмоциональны и творческие, понимают юмор, шутки; имеют значительный словарный запас; отдают предпочтение играм, которые требуют активизации умственных способностей.

Вместе с тем, одаренные дети часто проявляют упрямство. Все эти качества одаренных детей определяют особый подход в работе с ними. Неслучайно по решению Всемирной организации здравоохранения одаренные дети входят в «группу риска» и нуждаются в специальных учебных программах, воспитании, подготовленных учителях.

Кроме явной одаренности, очевидной для всех, кто окружает ребенка, есть одаренность латентная (скрытая), которая не проявляется в словах и действиях. Ю.В.Василькова среди таких детей выделяет: «фанатов», «ленивцев», «скромников», «невротиков», «психопатов», «чудаков». Социаль-

ный работник / социальный педагог должен: знать специфику общения с одаренным ребенком, определять его особенности, взаимоотношения в окружении; уметь устанавливать с ним контакт; налаживать связи с родителями ребенка и разъяснять им особенности развития одаренного ребенка; помогать создавать условия для развития ребенка; быть терпеливым, ненавязчивым; содействовать социально-правовой защите одаренного ребенка; создавать условия для реализации его интересов и жизненно важных потребностей.

**Адабиёт/Лит.:** Василькова Ю.В. Методика и опыт социального педагога: Учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений. – 2-е изд., испр. и доп. – М.: Изд. центр „Академия”, 2004. – 160 с.; Коджаскирова Г.М., Коджаскиров А.Ю. Педагогический словарь: для студ. высш. и средн. пед. учеб. заведений. – М.: Изд. центр „Академия”, 2000. – 176 с.; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І. Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008.– С. 68-69.

Песоцкая О.П.

# Л

**ЛОИҲА** - маҷмӯи амалҳои мувофиқгардонидашудаи бо нақшаи муайяни сарҳисоб ва анҷомёбӣ, ки барои ба даст овардани мақсадҳои муайян равона гардида, мӯҳлат, хароҷот ва параметрҳои иҷроишионҳо қаблан муқаррар шудаанд.

Ҳангоме, ки сухан дар бораи лоиҳа меравад сохтори тағйироти муайяни пешаки ба нақша гирифта шуда дар назар дошта мешавад ва минбаъд дар ҳаёти воқеӣ тадбиқёфтанашон аз имконият дур нест. Тавассути лоиҳаидеяҳо ба амал мегузаранд. Лоиҳаро ҳамеша дар фазои иҷтимоӣ, ҳудудӣ ва замони муайян амалӣ мегардонанд. Аз ин сабаб, онҳо ҳамчун натиҷаи фаъолияти коллективӣ ба тағйирёбии муҳити иҷтимоӣ мусоидат менамоянд. Лоиҳа дорои як чанд хусусияти хос мебошад. Аввалан, ҳар як лоиҳа мақсади муайян дорад. Аниқ ва равшан муайян намудани мақсади лоиҳа муваффақияти дастрас намудани натиҷаҳои мушаххас ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд лоиҳаҳо ибтидою интиҳо доранд, аммо дар вақту фазо, замону макон маҳдуд мебошанд.

Лоиҳа дар макон ва доираи муайян тадбиқ мегардад (институтҳои иҷтимоӣ, ҷамоа, минтақа ва ғайра). Ҳар як лоиҳа ба моҳияти худ нодир ва беҳамто аст, аз идеяҳои нав рӯи кор меояд ва мушкилоти мавҷударо ба таври хос ҳал менамояд.

То ин замон навъбандии ягонаи лоиҳаҳо вуҷуд надорад. Бо назардошти хислати тағйиротҳои ба нақша гирифташуда лоиҳаҳоро ба лоиҳаҳои навоварона ва мададрасонанда ҷудо менамояд. Лоиҳаҳоро вобаста ба соҳаҳои ҳаёт ба лоиҳаҳои иҷтимоӣ, педагогӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, техникӣ, молявӣ ва омехта ҷудо менамояд. Бо хусусияти маблағгузорӣ - лоиҳаҳои инвеститсионӣ, спонсорӣ, буҷавӣ, хайрияавӣ; ба назардошти сохтор - лоиҳаҳои бузург (макролоиҳа), лоиҳаҳои хурд ва лоиҳаҳои бағоят бузург (мегалоиҳа); бо мӯҳлати иҷро - лоиҳаҳои кутоҳмуддат, мӯҳлати миёна ва дарозмуддат; вобаста ба сатҳу доираи фарогирӣ – лоиҳаҳои миллӣ, байниминтақавӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ ҷудо менамоянд.

Ҳар як лоиҳа соҳиби давраи ҳаётии худ аст ва аз давраи пайдошавӣ то тадбиқи пурраи он давом менамояд. Давраи ҳаётӣ инкишофи лоиҳа ва тамоми марҳилаи омодагӣ, амалигардӣ ва истифодаи лоиҳаро инъикос менамояд. Давраи ҳаётӣ- ин нақшаи умумӣ ё алгоритмест, ки ҳангоми коркард ва тадбиқи лоиҳа бо ёрии онҳо пайдарҳамии амал таъмин карда мешавад. Сатҳи бо ҷузъиёти том ва истилоҳоти дақиқу мувофиқ тасвир намудани қоидаҳои муайян аз хусусиятхои лоиҳа, гузориши мақсад, нишон додани захираҳо аз таҳиягарони лоиҳа вобастагии зиёд дорад. Унсури асосии лоиҳа мақсаду ғояҳо (масъалаҳо, супоришҳо, неъматҳо), воситаҳои амалигардонӣ (ҳалли масъалаҳо) ва натиҷаҳои дар раванди татбиқи лоиҳа бадастомада мебошад. Чор марҳилаи татбиқи лоиҳаро ҷудо менамоянд, ки дар давоми тамоми давраи ҳаётӣ пайиҳам якдигарро иваз менамоянд: консепсияи лоиҳа (ташаккули мақсад ва идея, гузориши масъала), коркард ва омодасозии лоиҳа; амалигардонидани лоиҳа; ба анҷом расонидани лоиҳа. Барои ҳар як марҳила маҷмӯи унсурҳои нисбатан устувор ва технологияи муайяни иҷроиш хос аст.

Технологияи умумии идоранамоии лоиҳа нисбатан устувор буда, муайян намудани таъиноти лоиҳа; асоснок намудани лоиҳа; кор карда баромадани сохтори лоиҳа; муайян намудани ҳаҷм ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ; тартиб додани нархгузории хароҷотҳо (хароҷотҳо барои иҷрои кор); муайян намудани мӯҳлати иҷроиши

кори лоиҳа; тартиб додани нақшаи амалигардонии лоиҳа; идора намудани сифат; идора намудани таваккалкориҳо; ташкил намудани рафти иҷроиши лоиҳаҳо; баҳисобгири ва тақсимоти захираҳои мавҷуда; интихоб карда гирифтани гурӯҳи иҷрокунандагон кори лоиҳа; омода ва тартиб додани созишномаҳо; назорат намудан ба раванди иҷроиши лоиҳа; бо супоришдиҳандагон ва истифодабарандагони натиҷаҳои ба дастовардашудаи лоиҳа боз ҳам мустаҳкам намудани алоқаҳо ва ғайраҳоро фаро мегирад.

Ҳар як лоиҳа ба таври хаттӣ ба расмият даровarда мешавад, ки дар он масъалаҳои зерин инъикоси худро меёбанд: масъалае, ки амалӣ намудани таъиноти лоиҳа барои ҳалли он равона карда шудааст; мақсад ва вазифаҳои лоиҳа; нишон додани намудҳои фаъолияти ба нақша гирифташуда; натиҷаҳои пешгӯишуда; таъминоти кадрӣ, молиявӣ ва моддӣ - техникии лоиҳа; буҷа (нишон додани хароҷотҳо). Тасвири матни лоиҳа гуфта шакли ба қайдгирӣ ва ҷалб намудани фикру андеша ва идеяҳои омодасозандагон ва кормандонро мегӯянд, ки ҳангоми тадбиқ ва амалӣ гардонии лоиҳа пайдо мешаванд.

Ҳангоме, ки лоиҳа намуди ҳуҷҷати матниро дорад ва барои тадбиқи он захираҳои зарурӣ муҳайё аст, марҳилаи амали гардонидани бевоситаи лоиҳа оғоз мегардад. Дар ин ҳолат натанҳо намудҳои гуногуни фаъолият иҷро мегардад, балки маниторинг ( муоина ва тафтиши мунтазами рафти кор, ки дар доираи лоиҳа барои муқоиса намудани ҳолати воқеии кор бо нақшаи қабулшуда сурат мегирад) низ гузаронида мешавад.

Лоиҳаи иҷтимоӣ - ба вуҷуд овардани навовариҳои иҷтимоист ва мақсад аз он ташкил, азнавсозӣ (модернизатсия) ва дастгирӣ намудан дар заминаи моддӣ ва арзишҳои маънавие мебошад,ки маҳдудиятҳои замонию макон ӣ ва захиравӣ дошта, аммо бо шарофати аҳамияти иҷтимоӣ доштанашон ба одамон таъсири мусбӣ мерасонанд. Барои таъмин намудани раванди ташкил ва амалинамоии лоиҳаи иҷтимоӣ дар кори иҷтимоӣ маҷмӯи корҳои зеринро ба анҷом расонидан лозим аст: корҳои иттилоотӣ, таҳлилӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ, кадрӣ, моддӣ, техникӣ, экспертӣ, пешбининамоӣ ва ғайра.

**ПРОЕКТ** – совокупность скоординированных действий с определенными точками отсчета и завершения для достижения определенных целей с установленными сроками, затратами и параметрами исполнения.

Когда речь идет о проекте, имеют в виду конструкцию определенных изменений, которая предварительно запланирована и может быть в дальнейшем воплощена в реальную жизнь. Проект позволяет двигаться от идеи к действию, определенным образом структурируя этапы этого процесса. Его всегда реализуют в социальном, территориальном и временном пространстве, поэтому он содействует изменениям в социальной среде как результат коллективной деятельности. Проект имеет несколько характерных особенностей. Во-первых, у него всегда есть цель, поскольку четко определенные цели являются успехом получения конкретных результатов. Проекты всегда ограничены во времени и пространстве, поскольку у них всегда есть начало и конец. Проект реализуют в определенном месте (социальном институте, сообществе, регионе и т. д.) и контексте. Каждый проект – по-своему уникальный, так как возникает из новых идей, которые имеют специфическое решение проблем.

На сегодняшний день не существует единой типологии проектов. По характеру запланированных изменений проекты разделяют на инновационные и поддерживающие. По сфере деятельности – на социальные, педагогические, культурологические, экономические, технические, финансовые, смешанные. По особенностям финансирования – инвестиционные, спонсорские, бюджетные, благотворительные; по структуре – макропроекты, малые проекты, мегапроекты; по сроку реализации – кратковременные, средней продолжительности, длительные; по масштабу – национальные, межрегиональные, региональные, местные.

Каждый проект имеет свой жизненный цикл – период времени с момента появления проекта до его окончательной реализации. Он отражает развитие проекта, деятельность, которая проводится на разных стадиях подготовки, реализации и эксплуатации проекта. Жизненный цикл – это полная схема или алгоритм, с помощью которого происходит последовательность действий во время разработки и внедрения проекта. Степень детализации и терминология описания определенных процедур зависит от характера проекта, предметной культуры, поставленных задач, ресурсов и отчасти предпочтений разработчиков проекта.

Главный элемент проекта – замысел, идея (проблема, задания), средства их реализации (решение проблемы) и результаты, которые получат в процессе реализации проекта. Выделяют четыре фазы проекта, которые последовательно чередуются на протяжении его жизненного цикла: концепция проекта (формирования замысла (идеи), постановка заданий); разработка и подготовка проекта; реализация проекта; завершение проекта. Для каждой

фазы характерен набор более или менее стойких элементов и определенная технология выполнения.

Общая технология управления проектом относительно стабильная и охватывает: формулирование заданий проекта; обоснование проекта; разработку структуры проекта; определение объема и источников финансирования; составление калькуляции расходов (затраты на выполнение работ); определение сроков выполнения работ проекта; составление графика реализации проекта; расчет и распределение ресурсов; подбор команды исполнителей проекта; управление качеством; управление рисками; организация исполнения проекта; подготовка и составление контрактов; поддержка связей с заказчиками потребителями продукции проекта; контроль над выполнением проекта.

Каждый проект имеет соответствующее текстовое оформление, в котором отражены: проблема, на решение которой направлена деятельность проекта; цели и задачи проекта; описание видов деятельности, которые запланированы; прогнозируемые результаты; кадровое, финансовое и материально-техническое обеспечение проекта; бюджет (калькуляция расходов). Текстовое описание проекта - форма фиксации замыслов разработчиков и рабочий на время реализации проекта. Когда проект имеет вид текстового документа и необходимые ресурсы для его внедрения, наступает этап непосредственной реализации проекта, когда не только выполняют виды деятельности, но и осуществляют мониторинг – постоянное отслеживание хода работ, которые проводят в рамках проекта для сравнения реального положения дел с планом.

Социальный проект – сконструированное социальное нововведение, цель которого – создание, модернизация или поддержка в среде материальной или духовной ценности, что имеет пространственновременные и ресурсные ограничения, но влияет на людей позитивно своим социальным значением. Для того, чтобы обеспечить создание и реализацию социального проекта в социальной работе, необходимо выполнить комплекс работ: информационных, аналитических, организационных, правовых, финансовых, кадровых, материально-технических, экспертных, прогнозных и т.д.

**Адабиёт/Лит.:** Луков В.А. Социальное проектирование: Учеб. пособие. – 3-е изд. – М.: Флинта, 2003. – 240 с.; Никончук А.С. Социально-педагогический проект: просто о сложном // Сацыальна-педагагічная работа. Часопис. – 2000. – №1. – С. 45-54.; Плышевский В.Г. Прогнозирование, проектирование и моделирование в социальной работе. – М.: Социально-технологический институт МГУС, 2001. – 95 с.; Прутченков А. Социальное проектирование в воспитательной работе школы // Воспитание школьников. – 2002. – № 1. – С. 26-30. Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І. Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008. – С. 204-207.

Басюк Т.П.

# М

**МАЪЮБӢ** (ноқобилӣ, маҳдудияти имкониятиҳои фаъолияти ҳаётӣ) – пурра ва ё қисман гум кардани қобилият ё имконияти худхизматрасонӣ, имконияти мустақилона ҳаракат кардан, мавқеи худро муайян кардан, муошарат намудан, назорати рафтори худ, таҳсил кардан ва гум кардани фаъолияти меҳнатии шахс мебошад. Шахсони ланг, нобино, ношунав, гунгҳо ва одамони муназзамии ҳаракаташон халалёфта, касони пурра ва ё қисман фалаҷшуда ва амсоли инҳо, ки бо сабабҳои муайян аз ҳолати муқаррарии шахсони солим фарқ доранд, маъюб дониста мешаванд; ҳамчунин шахсоне, ки зоҳиран аз шахсони солим фарқ надоранд, вале бо сабаби иллати физиологӣ чун дигар шахсони солим дар ҳар гуна шароити корӣ фаъолият бурда наметавонанд (масалан шахсони сактаи дилдошта меҳнати вазнини ҷисмонӣ карда наметавонанд, ҳарчанд иқтидори зеҳниашон аз дигарон ҳеҷ норасоие надорад), низ маъюб дониста мешаванд. Маъмулан дар ҷомеаи муосири башарӣ ду амсилаи маъюбият мавҷуд аст:

Амсилаи тиббии инфиродӣ, яъне шахси дорои имконияти маҳдудро ҳамчун одами касалманд, аъзои нокомили ҷомеа дониста, бар онанд, ки ба ӯ хизматрасонии тиббӣ зарур аст (ин амсила дар ҳудуди собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ паҳн шуда буд) ва тавсифоти аосии амсилаи мазкур сегрегатсия аст ва ин мафҳум далолат бар он мекунад, ки одамони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои махсус нигоҳдорӣ ва табобат мешаванд.

Амсилаи дуюм амсилаи иҷтимоӣ аст, ки мувофиқи нишондоди амсилаи иҷтимоӣ шахси имконияташ маҳдуд ҳамчун одами муқаррарӣ метавонад дар коллективи муайяни меҳнатӣ фаъолият кунад, дар мактаби маъмулӣ таҳсил кунад, ба ҳаёти иҷтимоӣ бапуррагӣ фарогир бошад ва ба ӯ низ хизматрасонӣ баробари дигарон расонида мешавад (ин амсила дар даврони муосир дар Ғарб густариш ёфтааст). Тавсифоти асосии ин амсила интегратсия ва ё худ ҳамгироӣ медошад, ки ин маънии фароҳам овардани имкониятҳои баробар ва дастрас намудани имкони рушду инкишофёбии одамони имко-

нияташон маҳдудро дар ҷомеа дорад. Муносибати ҳамгироӣ ва бунёди шароитҳо барои таҳсил, бо кор таъмин намудани чунин ашхос муносибати арзандаро нисбати онҳо нишон медиҳад ва онҳоро беҳтару осонтар ба раванди иҷтимоишавӣ ворид месозад.

Мутобиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» маъюб шахсе дониста мешавад, ки нуқсони ҷисмонӣ ва ё ақлонӣ дорад ва фаъолияти меҳнатиаш маҳдуд аст ва дар баробари ин ба кӯмак ва ҳифзи иҷтимоӣ ниёзманд аст. Маҳдудияти фаъолияти ҳаётии шахс дар пурра ва қисман гум крдани қобилият ё имконияти иҷрои худхизматрасонӣ, ҳаракат, тавҷеҳ (ориентатсия), муошарат, назорат ва рафтори худ, инчунин машғул бо фаъолияти меҳнатӣ зоҳир мегардад, барои ташкили муҳити оилавӣ ва худифодасозӣ, шароитҳои махсусро талаб мекунад. Дар кори иҷтимоии муосир чунин истилоҳотро ба монанди шахсони дорои талабот махсус, имконияти маҳдуди функсионалӣ, маҳдудиятҳои фаъолияти ҳаётӣ низ истифода мекунанд. мақсади асосии сиёсати иҷтимоӣ ва инчунин кори иҷтимоӣ барпо намудани шароитҳои мусоид барои ҳамгироии иҷтимоии маъюбон ва фарогири онҳо ба ҷомеа мебошад. Мутобиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораиҳимояи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таркиббандии кори иҷтимоӣ вобаста аз мураккаби беморӣ ва гурӯҳи маъюбӣ мебошад. Беморони хеле вазнин ба гурӯҳи якуми маъюбӣ мансуб буда, он ҳангоми пурра ва бардавом ва ё дар мӯҳлати тӯлонӣ гум кардани қобилияти корӣ ба ашхоси мӯҳтоҷи нигоҳубини доимӣ, назорат ва дастгирии дигарон мансуб дониста мешаванд. Асосҳои муайянкунии мансубият ба гурӯҳи 1-уми маъюбӣ нокифоягии иҷтимоӣ мебошад, ки бо сабаби фалаҷ шудани вазифаи бадан, захмбардорӣ ё дигар нуқсҳои ба маҳдудияти шадиди яке аз самтҳои фаъолияти ҳаётӣ расонанда ба амал меояд: қобилияти худхизматрасонии дараҷаи 3; қобилияти тавҷеҳи (ориентатсия) дараҷаи 3; қобилияти ҳаракаткунии дараҷаи 3; қобилияти муошарати дараҷаи 3; қобилияти назорати рафтори дараҷаи 3. Чун қоида ба ин гурӯҳи шахсони мубталои бемории саратони дараҷаи охир, беморони фалаҷ аз ҳисоби вайроншавии гардиши хун дар мағғзи сар низ мансуб мебошад. Ба ин гурӯҳ инчунин шахсоне мансуб мебошанд, ки вайроншавии вазифаҳои узви бадани онҳо аён буда, мӯҳтоҷи ёрии дигарон мебошанд ва ҳангоми шароити мусоид фароҳам фаъолияти муайяни меҳнатиро иҷро карда ме-

тавонанд. Ба ин гурӯҳ дохил мешаванд: нобиноён, беморони аз даст ва ё пой маҳрумшуда, дорои бемории рӯҳӣ, шомил мешаванд.

Маъюбони гурӯҳи дуюм барои шахсоне муқаррар карда мешавад, ки аз рӯи ихтилоли фаъолияти узвҳои бадан ва ё ба муддати бардавом гум кардани қобилияти корӣ имконияташон маҳдуд гардида, дар баробари ин ба кӯмаки шахси дигар ва эҳтиёҷманди нигоҳубини дигарон нестанд ва қобилияти худхизматрасониро доро мебошанд. Ин гурӯҳи маъюбон бо қобилияти худхизматрасонӣ аз маъюбони гурӯҳи якум фарқ мекунанд. Маъюбии гурӯҳи дуюм ба ашхоси зерин муқаррар карда мешавад: вайроншавии вазифаи бадан устувор буда, шахс қобилияти пурраи иҷроиши фаъолияти меҳнатиро надорад – ин гурӯҳи ашхос аз бурдани фаъолияти меҳнатӣ озод карда мешаванд, зеро дар натиҷаи пеш бурдани фаъолияти меҳнатӣ метавонад беморӣ метавонад хурӯҷ кунад (сактаи дил ва амсоли ин); ашхосе, ки бемории музмин доранд ва имтиёзи дар шароити махсус меҳнат кардан ба онҳо дода шудааст (кор дар хона, ҷойи махсуси корӣ, рӯзи кори кӯтоҳмуддат, кор бо танаффусҳои иловагӣ).

**Адабиёт/Лит.:** Галузинський В.Н., Євтух М.Б. Педагогіка: теорія та історія: Навч.посіб. – К.: Вища школа, 1995. – С. 84-85; В.І.Кривуша Особливості ресоціалізації неповнолітніх злочинців. – К.: „МП Леся”, 2000. – 140 с.; Синьов В.М., Кривуша В.І. Організація роботи з ресоціалізації засуджених в умовах виховно-трудових колоній // Соціальна реабілітація неповнолітніх, які повернулися з місць позбавлення волі, у соціальних службах для молоді. – К.: А.Л.Д., 1995. – С. 6-18; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І.Д. Звєрєвої. – К: Центр учбової літератури, 2008. – 336 с.

Алексеенко Т.Ф.

# С

**САЛОҲИЯТМАНДӢ** - 1) дониши амиқ; 2) иҷрои масъулиятшиносонаи вазифа; 3) малакаи ба таври самаранок пеш бурдани фаъолият. Дар адабиёти илмӣ салоҳиятмандӣ ҳамчун: ҳолати муайяни психологӣ, ки имкони мустақилона ва масъулиятшиносона амал карданро медиҳад; қобилияти иҷрои вазифаҳои муайяни меҳнатӣ; мавҷудияти маълумоти махсуси касбӣ; фазилати васеъ ва мукаммал; такмили ҳамешагии маҳорати касбии худ; омодагии касбии субъекти меҳнат дар иҷрои вазифа ва ӯҳдадориҳои фаъолияти рӯзмарра; омодагии пурра ва дониши кофӣ дар иҷрои вазифаҳои вогузоршуда. Салоҳиятмандӣ ҳамчун сатҳи боварӣ барои расидан ба мақсадҳо дар доираҳои ваколати худ фаҳмида мешавад.

Дар зери мафҳуми салоҳиятмандӣ доираи фаъолияте фаҳмида мешавад, ки он дар низоми истеҳсоли самаранок ва мақсадноки корхона ё созмони муайян сурат мегирад ва дар он фард имкони татбиқсозии қобилият ва маҳорату малакаҳои касбиву инфиродии худро дорад. Салоҳиятмандӣ – доираи масъулият ва ӯҳдадориҳои муайяни шахс аст. Дар луғати истилоҳот истилоҳи «ваколат» чун ифодагари номи ҳамин мафҳум дар нишондиҳандаҳо бошад, «салоҳиятмандӣ» ифодагари дараҷаи иҷрошавии он мебошад. Аз ин хотир мафҳуми салоҳиятмандӣ ҳамчунин аз рӯи мансубият ба намудҳои зоҳиршавӣ (ваколатмандии мухобиротӣ, эмотсионалӣ), сатҳи дарккунӣ (ваколатмандии дарккардашуда, даркнашуда), аз рӯи вазифа (ваколатманди волидайн, модарона, ваколатмандии омӯзгор, ваколатмандии сарварӣ) тақсим мешавад.

Ба намудҳои махсуси ваколатмандии корманди иҷтимоӣ шомил мешавад: қаноатмандсозии талаботи инкишофи ҳаматарафаи кӯдак ва мӯътадилгардонии муносибатҳо дар оилаи ӯ; намояндагии манфиатҳои мизоҷонӣ; ваколатмандии кор дар даста ва амсоли ин.

Ваколатмандии корманди иҷтимоӣ ҳамчун хориқаи махсус бо унвони «ваколатманди мутахассис», «ваколатмандии касбӣ». Ваколатмандии корманди иҷтимоӣ дар бахши кори иҷтимоӣ ҳамчун маҷмӯи донишу малакаҳо барои иҷрои вазифаҳои касбӣ фаҳмида

мешавад, ки дар чаҳорчӯбаи фаъолияти муассисаи масъули вазифа ва мақсадҳо дар бахши кори иҷтимоӣ сурат мегирад. Ҳамчунин ваколатмандии корманди иҷтимоиро ба намудҳои ваколатмандии сатҳи методологӣ, иттилоотӣ, муошарат, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ҷудо мекунанд. Маъмулан ваколатмандии корманди иҷтимоӣ дар мавридҳои ҷудогона вобаста ба талаботу хоҳиш, манфиатҳо ва синнусоли мизоҷ ва ё шахси ниёзманд ба роҳ монда мешавад ва ба ин масъала корманди иҷтимоӣ бо салоҳдиди худ низ муносибат мекунад. Ваколтмандии мутахассиси кор иҷтимоӣ на танҳо дар асоси донишҳои касбкардааш, балки дар заминаи таҷриба ва малакаю маҳорати дар давоми фаъолият такмилдодааш низ ташаккул меёбад ва ҳамчунин дар асоси мавқеи касбӣ, таҳлилу интиқоди фаъолияти худ ваколатмандии касбии худро рушд медиҳад. Дарк ва фаҳмиши муносибатҳои гуногуни корманд ба вазъияти гуногуни иҷтимоӣ, баррасии назариявии натиҷаҳои кори амалӣ ва таснифи онҳо ва ба низом даровардани онҳо барои истифода дар фаъолияти минбаъда яке аз воситаҳои муҳим ва арзишманди такмили ваколатмандии касбии корманди иҷтимоӣ ба шумор меравад. Худтакмилдиҳӣ, қабл аз ҳама ба худфаъолияти мунтазам вобаста буда, асоси онро талаботи худи шахс, ҷомеа, давлат; густариши фазои таҳсилотӣ; гунанокии омодасозии мутахассисони соҳаи хадамоти иҷтимоӣ; таъминоти илмию методии касбият ва шахсияти кормандониичтимоӣ дар марҳилаҳои гуногуни ҳаёти ӯ ташкил медиҳад.

Касби ваколатмандии муҳими соҳаи фаъолият дар бештари системаҳои таҳсилоти касбӣ афзалияти аз ҳама бештар дорад, ки он ба омодасозии мутахассисон равона мешавад. Дар миёни ваколатмандии касбии корманди иҷтимоӣ пеш аз ҳама ваколатмандии иҷтимоӣ муҳим дониста мешавад, ки он бо муҳити иҷтимоӣ, ҳаёти ҷомеа, фаъолияти иҷтимоии шахс (қобилияти ҳамкорӣ карда тавонистан, малакаи ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳолатҳои гуногуни зиндагӣ, малакаҳои муошарат, малакаҳои ҳамдигарфаҳмӣ, малакаи дар гуруҳҳои гуногун ва тағйирёбандаи иҷтимоӣ амал карда тавонистан, малакаи ба таври фаъолона иштирок кардан дар ҳаёти ҷамоа, малакаи муайян карда тавонистани нақши шахсони алоҳида дар ҷамоаҳо ва гурӯҳҳо ва амсоли ин); ваколатмандии ҳавасмандкунанда, ки бо хоҳиш, шавқу завқ, интихоби инфиродии шахс (малакаи зудмутобиқшавӣ ва серҳаракат будан, хоҳиш ва кӯшиши ба беҳбудӣ тағйир додани вазъияти зиндагӣ, интихоби

мустақилона ва ба таври мустақилона гузоштани мақсад дар назди худ ва амсоли ин); ваколатмандии вазифавӣ, ки бо малакаҳои зуд таҳлил намудан ва баррасӣ кардани дониш ва маводи мавҷуда (доштани иттилооти зарурӣ ва арзишманд, истифодаи малакаҳои муошарат, нутқ, малакаҳои китобат дар вазъиятҳои гуногун) вобаста аст.

Ваколатмандии иҷтимоии корманди иҷтимоии замони оянда ҳамчун мақсади асосӣ ва натиҷаи баҳамоии мавзуни сегонаи ташаккули шахсият донистан мумкин аст, ки он таълим, тарбия ва иҷтимоишавӣ мебошад. Ин вазифа, қабл аз ҳама ба зиммаи ҳамаи институтҳои иҷтимоӣ вогузор гардида, махсусан дар макотиби олие, ки дар заминаи онҳои мутахассисони хадамоти иҷтимоӣ омода карда мешавад ва барои ба мутахассисони оянда дастрас намудани маҳсули таҷрибаи гузаштаи ҳаёти иҷтимоӣ, қонунҳо ва арзишхои гуногун ва тағйирёбандаи ҳаёти иҷтимоӣ, идеолҳо, меъёрҳо, тасаввурот, намунаҳои рафтор, ҳавасмандиҳо ва мақсадҳо, омодагӣ барои пеш бурдани зиндагии арзанда, маҷмӯи тартиб ва низом муносибатҳои иҷтимоӣ, нақши иҷтимоӣ ва муносибати байнишахсӣ кӯшишҳои назаррас карда мешавад.

**КОМПЕТЕНТНОСТЬ** – 1) углубленное знание; 2) состояние адекватного выполнения задания; 3) способность к актуальному выполнению деятельности. В научной литературе компетентность определяется как: определенное психическое состояние, которое позволяет действовать самостоятельно и ответственно; способность и умения выполнять определенные трудовые функции; наличие специального образования, широкой общей и специальной эрудиции, постоянное повышение своей профессиональной подготовки; профессиональная подготовленность и способность субъекта труда к выполнения задач и обязанностей повседневной деятельности; потенциальная готовность разрешать задачи «со знанием дела». Компетентность можно определить и как уровень достижений индивида в сфере определенной компетенции.

Под компетенцией понимают область деятельности, которая имеет значение для эффективной работы учреждения (организации, предприятия и др.) в общем, где индивид должен проявить определенные знания, умения, поведенческие навыки, способности и профессионально важное качества. Компетенция – это область ответственности и определенных полномочий. В терминах текстологии «компетенцию» интерпретируют как название шкалы, а «компетентность» - как уровень на шкале. Потому достаточно часто встречаются определения компетентности по принадлежности к сферам

проявления (коммуникативная, эмоциональная), уровню осознания (осознанная, неосознанная), функциям (родительская, материнская, преподавательская, управленческая и др.).

К специфическим сферам компетенции социального работника относят: удовлетворение потребностей в полноценном развитии ребенка и стабилизации отношений в его семье; представительство интересов клиентов; работа в команде и др.

Компетентность социального работника рассматривают с точки зрения такого феномена як «компетентность специалиста» или «профессиональная компетентность». В сфере социальной работы компетентность рассматривают как знания и навыки, необходимые для выполнения специфической роли специалиста в рамках организации или учреждения, которые направлены на выполнение им своей миссии. Различают методологический, информационный, коммуникативный, социальный и культурологический уровни компетентности социального работника. Фактически компетентность социального работника реализуется с ориентацией на клиента, его потребности, интересы, особенности возраста и др. Компетентность специалиста по социальной работе формируется не только благодаря полученным знаниям и апробированным навыкам и умениям, а и на основе личной позиции специалиста, анализа своего опыта на уровне теории, понимания различных подходов к социальной ситуации и выбору методов, теоретического осмысления опыта на уровне структурированных, обобщенных знаний, которые становятся способом деятельности, - механизм саморазвития, основой которого является самообразования. Самообразование характеризуется, прежде всего, самостоятельностью и непрерывностью и ориентировано на: потребности личности, общества, государства; расширение образовательного пространства; вариативность подготовки специалистов социальной сферы; научно-методическое обеспечение профессионально-личностного становления социального работника на различных этапах его жизненного пути.

Приобретение жизненно важных компетентностей считается во многих образовательных системах одним из приоритетных направлений подготовки специалистов. Среди основных компетентностей социального работника определяют: социальные компетентности, связанные с окружением, жизнью общества, социальной деятельностью личности (способность к сотрудничеству, умение решать проблемы в различных жизненных ситуациях, коммуникативные навыки и навыки взаимопонимания, умение функционировать в социально гетерогенных группах; активное участие в жизни сообщества, умения определять личные роли в обществе и др.); мотивационные компетентности, связанные с интересами, индивидуальным выбором личности (навыки адаптироваться и быть мобильным; желание изменить жизнь на лучшее; умения делать собственный выбор и устанавливать лич-

ные цели и др.); функциональные компетентности, связанные с умениями оперировать знаниями и фактическим материалом (способность эффективно использовать речь и символы, знания и информационную грамотность в разных ситуациях).

Социальную компетентность будущего социального работника можно рассматривать и как цель и как итог гармоничного триединства (обучение, воспитание и социализация) учебно-воспитательного процесса высшей школы, которые состоят в целенаправленной передаче молодому человеку социального опыта науки, искусства общественной жизни – общественных представлений, идеалов, норм, стандартов поведения, жизненных мотиваций, формирования готовности к осуществлению жизненно необходимой совокупности общественных отношений, межличностных взаимоотношений, социальных ролей.

**Адабиёт/Лит.:** Дутова О.Б., Христофорова С.В. Инновации и образование. Сборник материалов конференции. Серия «Symposium»» .Віп. 29. – СПб., 2003. – С.304-309.; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І.Д. Звєрєвої. – К: Центр учбової літератури, 2008. – С. 107-109; Торп С., Клиффорд Дж. Коучинг: руководство для тренера и менеджера. – СПб.: Питер, 2004. – С.26-27.

Зверева И.Д.

**САЛОҲИЯТИ ҲУҚУҚИИ КОРМАНДИ ИҶТИМОӢ** - тавсифи муҳими ҳамгироии шахс, ки дар соҳаи ҳаёту фаъолияти ҳуқуқӣ асоси дониш ва таҷрибаи ӯро ташкил медиҳад ва дар қобилияти муайян намудани мавқеи худ дар вазъи иҷтимоӣ-педагогии ба муносибатҳои ҳуқуқӣ алоқаманд зоҳир мегарданд. Салоҳияти ҳуқуқӣ ҳамчун зуҳуроти мураккаб метавонад дар ягонагии бахшҳои шахсӣ, амалӣ, протсесуалӣ ва баҳодиҳӣ ифодаи худро ёбад, ки таъсири мутакобилаи онҳо фаъолияти самараноки иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва худвоқеъгардонии эъҷодии мутахассисро таъмин месозад.

Бахши шахсии салоҳияти ҳуқуқӣ дар омилҳои интихоби рафтори ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои иҷтимоӣ-педагогӣ ва гнесологию донишҳои ҳуқуқӣ ҳувайдо мегардад. Ба ҳайси қисмати амалии салоҳияти ҳуқуқӣ мазмун, маҳорати педагогии рафтор ва бахши танзими ҳуқуқӣ баромад менамоянд. Қисмати протсесуалии ҷанбаҳои технологии фаъолияти қонунӣ ва қисмати баҳодиҳӣ бошад зернизоми муносибатҳои шахсро бо ҳуқуқвайронкунандагон, поймол намудани қонуният ва

тартиботи ҳуқуқиро инъикос менамоянд. Салоҳияти ҳуқуқии шахс ниҳоят муҳим мебошад, зеро дар ҳама давраҳои синнусолӣ инсонро лозим меояд, ки рафтору амали худро ба қонунгузории амалкунанда мувофиқ гардонида, тасаввуротҳо ва эътиқоду боварии хешро нисбат ба стратегияи ҳукумрон ва муайянкунандаи амалиёти қонунӣ ва ғайриқонунӣ фаъол гардонад. Салоҳияти ҳуқуқӣ махсусан барои мутахассиси кори иҷтимои фавқуллода муҳим аст. Ба нишонаҳои асосии он ҳамчун тавсифи муҳими шахсӣ-касбӣ дохил мешавад: донистани асосҳои меъёрии ҳуқуқи байналхалқӣ ва миллӣ, механизмҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон ва ҷавонон, равишҳои созандаю мусбӣ, ки аз таҷрибаи иҷтимоии ҳифзи ҳуқуқӣ ба миён омаданд (ҳуқуқҳои асосие, ки Конвенсияи СММ оиди ҳуқуқҳои кӯдак эълон намудааст, механизмҳои татбиқи ҳуқуқи мизоҷ бо назардошти ҳолати ногувори мушаххаси иҷтимоӣ- ҳуқуқии он, роҳҳо ва воситаҳои таъсиррасонандаи ҳифзи ҳуқуқҳои поймолшуда ва аз ин гуна ҳуқуқвайронкуниҳо пешаки огоҳӣ додан ), тағйиру иловаҳои тозатарине, ки ба қонунгузории ватанӣ дохил гардидаанд ва ба мукаммал гардонидани он, шаклҳои ёрии иҷтимоӣ- ҳуқуқии бо қонунҳо ихтилофдошта равона шудааст. Равишҳои навоваранда нисбати гуманизатсияи ҷазо додани ҳуқуқвайронкунандагони ноболиғ, боз ҳам тақвият бахшидани ғамхорӣ нисбати таъмини кафолати ҳуқуқии онҳо, ки дар таҷрибаи хифзи ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ мустаҳкам гардидаанд, маҳорату малакаи фаъолияти касбӣ (бо намудҳои гуногуни он: илмӣ-методӣ, иҷтимоӣ, педагогӣ, тарбиявӣ; фарҳангӣ-маърифатӣ, ислоҳӣ – инкишофдиҳанда ва идоранамоӣ), ки ба амали гардонии механизмҳои иҷтимоӣ - ҳуқуқии ёрӣ расонидан ба оила, ноболиғон, гурӯҳҳои иҷтимоии кӯдакон ва ҷавонони дар вазъи ногувор қарор дошта равона шудааст; омода будан ба татбиқи технологияи шахсии ба кори ичтимоӣ-педагогӣ тамоюлдошта (мисли, техналогияи умумӣ – ташхиснамоӣ, баҳодиҳӣ, амсиласозӣ, лоиҳасозӣ, барномасозӣ ва техналогияи махсус- мутобиқгардонӣ, ҷубронnамоӣ, назоратнамоӣ, ҷойивазнамоӣ, парасторӣ, мададрасонӣ, тарғибот, пешгиринамоӣ, ҳамроҳи намудан, дармонпизишкӣ, аниматсия, машваратдиҳӣ, ислоҳнамоӣ, дастгири намудан, миёнаравӣ, равшаннамоӣ,офиятбахшӣ, устуворгардонӣ, озмоиш) ба он мақсад, ки мизоҷ хешро ҳамчун шахси комилҳуқуқ шиносад, дар ҳолати интихоби роҳи ҳаёт, қобилияти амали мустақилона, бомасъулиятона ва иҷтимоиро пайдо карда тавонад. Корманди иҷтимоӣ масъулияти шахсӣ-касбии худро нисбати

вазъи ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии мизоҷон дарк намуда, бо мақсади васеътар гардонидани тасавуроташ нисбати ҷиноятҳои кӯдакона ва масъалаҳои махсуси психологӣ - педагогии ба мизоҷони ноболиғи субъекти ҷамъият алоқаманд худомӯзии низомноки иҷтимоӣ- ҳуқуқиро тақвият мебахшад. Корманди иҷтимоӣ ҳамчун намояндаи ихтисоси «муҳофизаткунанда» саҳми худро дар ташаккули бомуваффақияти ташакулли маданияти ҳуқуқӣ мизоҷон ва умуман ҷомеа мегузорад ва барои дар ҳамаи сатҳ, мисли конструктивӣ-лоиҳавӣ, ташкилӣ-танзимнамоӣ, баҳодиҳӣ-ислоҳӣ ва эҷодӣ ташаббус нишон медиҳад. Фаъолияти корманди иҷтимоӣ ба ҳифзи ҳуқуку озодиҳои мизоҷон, назорати самараноки рафтори ҳуқуқии онҳо, ба тарбияи муносиби ҳуқуқӣ, ба таҳлили соҳаҳои ҳуқуқии сотсиум ва ба манфиатҳои қонунии кӯдакон ва ҷавонон паҳн намудани итилооти иҷтимоӣ- ҳуқуқӣ равона шудааст. Шинохт ва дарк намудани зарурияти инкишофи адлияи ретрибутивӣ (азнавбарқарорнамоӣ), оянда доштани идеяи ташкили «намояндагии ҷамъиятӣ» оиди ҳуқуқҳои кӯдакон ва ҷавонон, иштироки фаъол доштани ҳамроҳии иҷтимоӣ - педагогии хатмкунандагони мактаб-интернатҳо, ҳуқуквайронкунандагони ноболиғ дар марҳилаи тафтиши пешакӣ ва тафтишоти судӣ, аҳамияти бунёдӣ доштани ин муқаррарот, ки эҳтироми ҳуқуқи инсон аз муносибати ҷомеа ба кӯдакон оғоз мегардад, нақши муҳими фаъолияти бомуваффақияти он дар барқароршавӣ ва инкишофи давлати ҳуқуқбунёд аҳамияти принсипиалӣ дорад.

**ПРАВОВАЯ КОМПЕТЕНТНОСТЬ СОЦИАЛЬНОГО РАБОТНИКА** – важнейшая интегративная характеристика личности, основу которой составляют ее знания и опыт поведения в правовой сфере жизнедеятельности, а проявлением выступает способность ориентироваться в социально-педагогических ситуациях, связанных с правовыми отношениями. Как сложное образование, правовая компетентность может быть представлена единством личностного, операционного, процессуального и оценочного компонентов, которые обеспечивают в своем взаимодействии продуктивную социально-правовую деятельность и творческую самореализацию специалиста. Личностная составляющая проявляется в мотивации выбора правомерных вариантов поведения в социально-педагогических ситуациях, гносеологическая – в правовых знаниях; проявлением операционного компонента выступает совокупность педагогических умений поведения в сфере правового регулирования; процессуальная составляющая отражает технологические аспекты законопос-

лушной деятельности, оценочная – представляет подсистему отношений личности к правонарушителям и нарушениям законности и правопорядка. Правовая компетентность личности жизненно важна, поскольку в любом возрастном периоде человеку необходимо соотносить свои поступки с действующим законодательством, активизируя представления, убеждения, доминирующие стратегии относительно того, что является правомерным или неправомерным. Правовая компетентность приобретает исключительное значение для социального работника как специалиста. Ее наиболее существенными признаками как важной личностно-профессиональной характеристики выступают: знание международной и национальной нормативно-правовой базы, механизмов защиты прав и свобод детей и молодежи, конструктивных подходов, которые сложились в правозащитной социальной практике (основных прав, декларированных Конвенцией ООН о правах ребенка, механизмов реализации прав клиента с учетом конкретики его социально-правовой проблемной ситуации, действенных путей и средств защиты нарушенных прав и предупреждение таких нарушений), новейших изменений и дополнений, которые внесены в отечественное законодательство, направленные на его усовершенствование, форм социально-правовой помощи клиентам, находящихся в конфликте с законом, инновационных подходов к гуманизации наказаний несовершеннолетних правонарушителей, к усилению заботы об обеспечении юридических гарантий защиты их прав, сложившихся в отечественном и зарубежном правозащитном опыте, умения и навыки профессиональной деятельности (всех ее разновидностей – научно-методической, социально-педагогической, воспитательной, культурно-просветительской, коррекционно-развивающей, управленческой), направленной на реализацию механизмов социально-правовой помощи семье, несовершеннолетним, проблемным социальным группам детей и молодежи; готовность к внедрению личностно-ориентированных технологий социально-педагогической работы (как общих – диагностики, оценивания, моделирования, проектирования, программирования, так и специфических – адаптации, компенсации, контроля, мобилизации, патроната, помощи, пропаганды, профилактики, сопровождения, терапии, анимации, консультирования, коррекции, обеспечения поддержки, посредничества, просвещения, реабилитации, стабилизации, экспертизы), имеющих целью осознание клиентом себя полноправной личностью, самоценной и способной к самостоятельным, ответственным, просоциальным действиям в жизненных ситуациях выбора. Социальный работник осознает личностно-профессиональную ответственность за состояние защиты прав, свобод и законных интересов клиентов, совершенствование систематического социально-правового самообразования с целью углубления представлений о причинах детской преступности, расширения осведомленности в специфических психолого-педагогических вопросах, связанных с несовершеннолетним клиентом как субъектом преступности. Как представитель

«профессии защиты» социальный работник акцентирует свою личностно-профессиональную причастность к успешному формированию правовой культуры клиентов и общества в целом, инициирует правозащитные начинания на любом уровне – конструктивно-проектном, организационно-регулятивном, оценочно-коррекционном, творческом. Его деятельность направлена на защиту прав и свобод клиентов, эффективный контроль над их соблюдением, на оптимизацию правового воспитания, на анализ правовой сферы социума и распространение социально-правовой информации относительно соблюдения прав, законных интересов детей и молодежи. Принципиальную значимость имеет осознание продуктивности и адекватного понимания необходимости развития ретрибутивного («восстановительного») правосудия, перспективности идеи создания «общественных уполномоченных» (омбудсменов) по правам детей и молодежи, действенного участия социально-педагогического сопровождения выпускников школ-интернатов, несовершеннолетних правонарушителей на стадиях предварительного следствия и судебного рассмотрения, фундаментальности положения о том, что уважение прав человека начинается с отношения общества к детям, важности его успешной деятельности в становлении правового государства.

**Адабиёт/Лит.:** Горностай П. Життєва компетентність в умовах обмеженості життєвого світу. Кроки до компетентності та інтеграції в суспільство: Науково-метод. збірник. – Київ: Контекст, 2000. – С. 44-47; Ковчина І.М. Підготовка студентів до соціально-правового захисту особистості: Навч.-метод. посібник. – Київ: НПУ, 2005. – 196 с.; Родигіна І.В. Компетентнісно орієнтований підхід до навчання. – Харків: Основа. –2005. – 96 с.; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / [Т.Ф. Алексєєнко, Т.П. Басюк, О.В. Безпалько та ін.]; за ред. І.Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008. – 198-200 с.

Кичук Я.В.

**СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ -** фаъолияти давлат, ки ба ҳалли мушкилоти дар ҷомеа мавҷуд буда ва баркарор намудани имкониятҳои баробари байни гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ равона шудааст. Бо маънои дигар сиёсати иҷтимоӣ гуфта муносибатҳои тарфайни гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба мақсади ҳифз ва ворид намудани дигаргуниҳои мусбии ба вазъи иҷтимоии аҳолӣ ва синфҳо, табақаҳо, умумиятҳои иҷтимоӣ, иҷтимоии демографӣ ва иҷтимоии касбӣ (оилаҳо, халқҳо, аҳолии шаҳр, шаҳрча, минтақа ва ғайра) ва дигар унсурҳои таркибии онро меноманд. Ба сифати субъектони сиёсати иҷтимоӣ шаҳрвандон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, инчунин институтҳо, ташкилотҳо, мақомоти ҳокимият , ки ба соҳаҳои иҷтимоӣ фаъолона таъсир мерасонанд,

манфиатҳои ташаккулёбандаи қаблӣ ва ниҳоии шаҳрвандон ва гурӯҳҳои иҷтимоии ин соҳаҳо баромад менамоянд. Субъекти асосии сиёсати иҷтимоӣ давлат мебошад, ки сиёсати иҷтимоиро амалӣ мегардонад. Сиёсати иҷтимоии давлат пеш аз ҳама таъсири давлат ба соҳаи иҷтимоӣ, муайян намудани мақсадҳо, мувофиқи шароити мушаххаси таърихӣ, мустаҳкам намудани кушишҳои муҳими ташкилӣ ва тарғиботӣ, захираҳои молиявӣ ва баҳисобгирии онҳо дар муайяннамоии марҳилавии натиҷаҳои иҷтимоӣ мебошад.

Сиёсати иҷтимоӣ инчунин чорабиниҳо ва тадбирҳои ба татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ, нигоҳдошти даромадҳо, сатҳи ҳаёти аҳолӣ, таъмини шуғлмандӣ, дастгирии соҳаҳои мухталифи иҷтимоӣ ва пешгирии низоъҳои иҷтимоӣ равоншударо низ фаро мегирад. Муваффақиятҳои сиёсати иҷтимоӣ пеш аз ҳама аз фароҳам овардани шароитҳои мусоиди иқтисодӣ, ки ҳамчун маҷмӯи шароитҳои таъминии воситаи мавҷудият ва инкишоф барои такрористеҳсолнамоӣ ва таҳввулот (эволютсия)-и муътадили ҳолати иҷтимоӣ зарур дониста мешавад, вобастагии қавӣ дорад. Ташкили шароити мусоиди иқтисодӣ накши фаъол ва созандаи сиёсати иҷтимоиро нишон медиҳад. Накши фаъоли сиёсати иҷтимоӣ бо воситаи формулаи Фишер (M*V=Q*P. M= ҳаҷми микдори пул дар кишвар; V= суръатнокии мубодилаи ҳаҷми пул; Q= ҳаҷми мол ва хизмат (ВВП); P= нархи миёнаи мол ва хизмат) муайян карда мешавад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки миқдори пул ба ҷомеа бояд ба миқдори молҳо ва хизматрасонӣ (бо ифодаи пулӣ) баробар бошад.

Мақсади асосии сиёсати иҷтимоӣ батадриҷ баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, паст намудани шиддати нобаробариҳои иҷтимоӣ, таъмини дастрасии ҳамагон ба неъматҳои асосии иҷтимоӣ, мисли таъминоти босифати хизматрасонии тиббӣ ва иҷтимоӣ ба шумор меравад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва марҳилаи нави инкишофи он барои ҳалли мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ, мисли сатҳи баланди қашшоқӣ, фарқияти зиёди даромади пулии аҳолӣ ва пайдо шудани қутбияти бузург миёни табақаҳои дорову нодор, ба таври кофӣ ҷудо намудани маблағ барои ташкили соҳаҳои иҷтимоии фарҳангӣ ва таълимӣ андешидани чораҳои лозима бағоят зарур аст.

Бо мақсади самаранок табиқ намудани сиёсати иҷтимоӣ нахуст афзалияти онро муайян намуда, сипас дар асоси он барномаҳои иҷтимоӣ кор карда баромада мешаванд.

Афзалиятҳои сиёсати иҷтимоӣ (АСИ) – ин маҷмӯи самтҳои асосӣ ва мақсаднок дар татбиқи сиёсати иҷтимоӣ аст, ки ба ҳалли масъалаҳои нисбатан муҳими иҷтимоӣ дар замон ва макони мушахас пешбинӣ шудааст, махсусан: афзалиятҳои соҳаи шуғли аҳолӣ - таҷдиди сохтори иқтисод бо назардошти сиёсати кадрӣ, баланд бардоштани сатҳи таҳаррук(динамика)-и иқтисодӣ, таъмини меҳнатӣ самаранок ва сермаҳсул, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва шароити меҳнат, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои меҳнатӣ ва ҳамкориҳои меҳнатии иҷтимоӣ; Афзалиятҳои соҳаи сиёсати даромадҳо - ташкили низоми самараноки музди меҳнат, ки дар раванди муқаррар намудани ҳадди ақалли маош ва музди меҳнат ва ба меъёр даровардани сиёсати андоз ва низоми андоз то ҳадди имкон пурра такрористеҳсолкунии нерӯҳои меҳнатиро мувофиқ ба хароҷотҳо таъмин менамояд; Афзалиятнокии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – ташкили низоми гуногунсоҳаи ҳифзи иҷтимоӣ аз таваккали иҷтимоӣ, муайян намудани доираҳои он, муайян намудани шакл ва намудҳои ҳифи иҷтимоӣ, муайян намудани таносуби соҳа ва асосҳои таъсири суғуртаи иҷтимоӣ, таъминоти иҷтимоӣ, ёрии иҷтимоӣ, амалигардонии ҳифзи иҷтимоии кӯдакон, ҳифзи кудакӣ, наврасӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолии қобили меҳнат, ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони ғайриқобили меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии оила; Афзалиятнокии соҳаи ҳифзи тандурустии аҳолӣ - ҳифз ва беҳтар намудани солимии миллат ва генотипи он, такмили маблағгузории суғуртавӣ ва ғайрисуғуртавии хадамоти ҳифзи тандурустӣ, ташаккули майли фаъоли аҳолӣ барои шакли ҳаёти солим, кор карда баромадани стандартҳои низоми ҳизматрасонии тиббӣ; Афзалиятнокии соҳаи ҳифзи муҳити зист - ташкили шароит, кор карда баромадани стандартҳо барои истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ бо зарари нисбатан камтар бо муҳити зист; офиятбахшии экологӣ; Афзалиятнокии соҳаи иҷтимоии фарҳангӣ - дар ҷомеа ҷорӣ намудани арзишҳои созанда, мисли адолат, ахлоқи баланди меҳнатӣ, таҳсил, маишат, муошурати ҳаррӯза, адолати иҷтимоӣ, ёрии байниҳамдигарӣ, баланд бардоштани нақш ва сифати таълим, маърифат ва ҷаҳонбинӣ, ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ, забон ва арзишҳои миллӣ. Дар шароити Тоҷикистони муосир афзалияти махсус додан ба соҳаи маориф аз вазифаҳои муҳимтарин ва

оҷилонаи ҳукумат ва кули ҷомеа мебошад; Афзалиятнокии соҳаи ҷамъиятӣ ва «ҳамроҳшавии ҷамъиятӣ»(society inclusion) - инкишофи сохтори ҷамъиятӣ, ҷалби умумиятҳо ва ҳамаи аъзоёни ҷомеа барои қабули қарорҳо (public policy), муайян намудани дурнамо. Бояд худи ҷомеа қарор қабул намояд, мушкилоти худро ошкор намуда, роҳҳои ҳалли онҳоро кор карда барояд ва ҳалли онҳоро ба сохторҳои масъул ҳавола намуда, иҷрои онҳоро аз ин сохторҳо талаб кунад ё ҷомеа бояд дар ҳалли масалаҳои глобалӣ ва ҳатто масъалаҳои ҷузъие, ки муносибатҳои иҷтимоиро ба танзим медоранд, фаъолона ширкат варзад.

Дар низоми сиёсати иҷтимоӣ афзалияти сиёсати давлатии ҷавононро ба бахши алоҳида ҷудо менамоянд. Сиёсати давлатии ҷавонон – ин бахши муҳими фаъолияти давлат аст, ки барои ташкили шароитҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ, кафолати иҷтимоии барқарошавию инкишофи шаҳрвандони ҷавон ва ба манфиати ҷомеа татбиқ намудани иқтидори эҷодии ҷавонон нигаронида шудааст. Низоми барқароршавӣ ва амалигардии сиёсати давлатии ҷавонон қонунгузории махсус оиди сиёсати давлатии ҷавонон; танзими давлатии сиёсати ҷавонон; таъмини нақшавӣ ва молиявии сиёсати давлатии ҷавононро нишон медиҳад.

**СОЦИАЛЬНАЯ ПОЛИТИКА** - деятельность государства, направленная на решение проблем, которые существуют в обществе, и установление равных возможностей между разными социальными группами. Другими словами социальная политика – это взаимоотношения социальных групп с целью сохранения и позитивного изменения социального положения населения в целом и составляющих его классов, слоев, социальных, социально-демографических, социально-профессиональных и социальных общностей (семьи, народы, население города, поселка, региона и т.п.). Субъекты социальной политики – это граждане и социальные группы, а также представляющие их институты, организации и органы власти, реально активно взаимодействующие в социальной сфере, т.е. формирующие, предъявляющие и отстаивающие интересы граждан и социальных групп в этой сфере. Главным субъектом социальной политики является государство, осуществляющее социальную политику. Государственная социальная политика – действия государства в социальной сфере, преследующие определенные цели, соотнесенные с конкретно-историческими обстоятельствами, подкрепленные необходимыми организационными и пропагандистскими усилиями, финансовыми ресурсами и рассчитанные на определенные этапные социальные результаты.

Социальная политика также включает в себя систему определенных мер, которые направлены на реализацию социальных программ, поддержания доходов, уровня жизни населения, обеспечения занятости, поддержки отраслей социальной сферы, предотвращения социальных конфликтов.

Успех социальной политики, прежде всего, зависит от создания благоприятных экономических условий, которые рассматриваются как комплекс условий обеспечения средств существования и развития, необходимых и достаточных для воспроизведения и общественно нормальной эволюции социального положения социальных групп и общностей. Создания благоприятных экономических условий представляет активную роль социальной политики. Активная роль социальной политики рассчитывается по формуле Фишера (M*V=Q*P. M= объем денежной массы в стране; V= скорость оборота денежной массы; Q= объем товаров и услуг (ВВП); P= средняя цена товаров и услуг). Это означает того, что в обществе денег должно быть столько, сколько создано (в денежном выражении) товаров и услуг.

Основной целью социальной политики является последовательное повышение уровня жизни населения, снижение социального неравенства, обеспечение всеобщей доступности основных социальных благ, как качественного образования, медицинского и социального обслуживания. В условиях Республики Таджикистан на современном этапе ее развития предстоит принять конкретные действия по решению серьезных социальных проблем, главными из которых являются высокий уровень бедности и значительная дифференциация денежных доходов населения, а также недофинансирование организаций социально-культурной и образовательной сферы.

В целях успешной реализации социальной политики определяются ее приоритеты, на основе которых разрабатываются социальные программы. Приоритеты социальной политики (ПСП) – это основополагающие направления целенаправленных действий, ориентированных на решение наиболее значимых социальных проблем в конкретном пространстве – временном измерении, а именно: приоритеты сферы занятости - структурная перестройка экономики с учетом кадровой политики, повышение экономической динамики (активности), обеспечение эффективного и продуктивного труда, создание новых рабочих мест и условия труда, защита трудовых прав и интересов, трудовое социальное партнерства; приоритеты сферы политики доходов – создание эффективной системы оплаты труда, которая обеспечивает в полной мере воспроизводство рабочей силы адекватно ее затратам в процессе установление заработной платы на уровне прожиточного минимума, нормализация налоговой политики и налоговой системы; приоритеты в сфере социальной защиты населения – создание многопрофильной системы защиты населения от социальных рисков, выявление их круга, определения форм и видов социальной защиты, определение соотношения сфер и основ взаимодействия социального страхования, социального обе-

спечения, социального вспомоществования; осуществление социальной защиты детей, детства, отрочества, социальной защиты трудоспособного населения, социальной защиты нетрудоспособных граждан, социальной защиты семьи; приоритеты сферы охраны здоровья населения – сохранение и улучшение здоровья нации и ее генотипа, персонификация страхового и нестрахового финансирования служб здравоохранения, формирование активной мотивации населения к здоровому образу жизни, разработка стандартов системы медобслуживания; приоритеты сферы охраны окружающие среды – создание условий, разработка стандартов рационального природопользования с минимизацией ущерба среде жизнеобитания, экологическая реабилитация; приоритеты социокультурной среды – культивирование в обществе созидательных ценностей, в их числе справедливость, высокая нравственность в труде, в учебе, в быту, в повседневном общении, социальная справедливость, взаимопомощь, повышение роли и качества образования, сохранение национальной самобытности языка и культуры и образование; приоритеты сферы общественности и “общественного включения” (society inclusion) – развитие общественных структур, привлечение общественности и всего общества к принятию решений (public policy) и определению перспектив. Само общество должно принять решения, определить свои проблемы разработать пути решения, предоставить ответственным структурам и от них требовать исполнения или общество должно активно участвовать в принятии решений по глобальным и даже частным вопросам, регулирующим общественные отношения.

В социальной политике выделяется направление - государственная молодежная политика - деятельность государства по созданию социально-экономических, правовых, организационных условий и гарантий для социального становления и развития молодых граждан, наиболее полной реализации творческого потенциала молодежи в интересах общества. Система становления и реализации государственной молодежной политики представляет собой: специальное законодательство о государственной молодежной политике; государственное регулирование молодежной политики; плановое и финансовое обеспечение государственной молодежной политики.

**Адабиёт/Лит.:** Брандт, Вилли. Демократический социализм. Статьи и речи. - М.: «Республика». 1992.; Ракитский Б. Социальная политика, социальная защита, самозащита трудящихся в обществе. Часть первая. Социальная политика. - М.: Институт перспектив и проблем страны. 1998.; Ракитский Б. Концепция социальной политики для современной России. - М.: Институт перспектив и проблем страны. 2000; Политическая экономия: Словарь/Под ред. О.И. Ожерельева и др. - М.: Политиздат, 1990.

Мухторов З.М.

**СИННУ СОЛ** – марҳилаҳои мушахасси дар вақту замон маҳдудшудаи инкишофи психологӣ аст. Он маҷмӯи тағйиротҳои қонунии физиологӣ ва психологиро ифода менамояд, ки аз ҷиҳати тафовути фардӣ ба ҳам алоқаманд набуда, барои ҳамаи одамони муътадил инкишофёбанда ба таври умумӣ ва баробар тааллуқ дорад. Хусусиятҳои психологии синнусолӣ аз шароитҳои мушахасси таърихӣ вобастагӣ доранд, ки дар онҳо шахс, меросият, тарбия, хусусиятҳои фаъолият ва муошироти фард инкишоф ёфта, ба вақти гузариш аз як синну сол ба дигар синну сол таъсир мерасонанд.

Синну сол (дар психология) категорияест, ки барои нишон додани тавсифи вақти инкишофи фардӣ хизмат мекунад. Бо фарқият аз солномаи таърихӣ синну сол давомнокии мавҷудияти фардро аз лаҳзаи таввалуд инъикос менамояд. Мафҳуми синнусоли психологӣ марҳилаҳои муайяну мухталифи сифатию инкишофи онотогенистиро нишон медиҳад, ки ба қонунмандии ташаккули организм, шароитҳои зиндагӣ, таълиму тарбия ва баромади мушахаси таърихӣ вобастагии зич дорад

Аввалин маротиба Л.С. Выготский кушиш намудааст, ки таҳлили низомноки категорияи психологии синнусолро ба анҷом расонад. Ба сифати тавсифи калидии синну сол ӯ «ҳолати иҷтимоии инкишоф » -ро интихоб намуд, ки мавқеи кӯдак дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ, фаъолияти кӯдак ва нававари дар доираи шуур ва шахсро инъикос менамояд. Раванди гузариш аз як марҳилаи синнусолӣ ба дигар марҳилаи синнусолӣ тағйироти амиқи ҳамаи бахшҳои номбаршудаи сохтории синусолиро ба вуҷуд меорад ва метавонад ба пайдо гардидани як қатор зиддиятҳо ва низоъҳо мусоидат намояд. Ҳар як синнусол вазифаҳои хоси ҳаётиро ифода менамояд, ки аз сари вақт ҳал намудани онҳо ҳам инкишофи шахсӣ ва ҳам бомуваффақият гузаштан ба марҳилаи дигари синусолӣ (мисол, интихоби касб ва омодагии касбӣ, ташкили оила ва ғайра) вобастагии зиёд дорад.

Ба раванди инкишофи синнусолӣ инчунин тағйироти бозгаштнопазири психофизиологӣ алоқаманд аст, аммо дар як вақт бо ҳам мувофиқ омадани инкишофи ҷисмонӣ (физиологӣ), психологӣ ва иҷтимоии бо ҳам алоқаманди шахс ҳеҷ гоҳ рӯй намедиҳад. Сатҳи нобаробар инкишоф ёфтани тарафҳои ёдрасшуда аксар вақт

ба ҷудошавӣ, ихтилофи сатҳи камолоти ҷисмонӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ оварда расонида, сабабгори ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои акселератсия (инкишофи босуръати организм), инфантилизм (бозмонии тараққиёти организм)-и психофизикӣ ва шахсӣ мегардад. Ҳудудҳои санаҳои таърихии синнусолии психологӣ вобаста аз омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, иқтисодӣ ва дигар омилҳо ба таври чашмрас дигаргун мегарданд. Раванди синнусолӣ (онтогенӣ) ва инкишофи функсионалӣ (дар доираи равандҳои алоҳидаи психологӣ)-ро бояд аз ҳам фарқ намуд (А.В. Запорожетс). Барои инкишофи функсионалӣ тағйиротҳои ҷузъи хос аст, ки ба дигаргуниҳои сифатии синнусолии кӯдак ва шахсон заминаҳои мусоидро фароҳам месозанд. Дар баъзе аз консепсияҳо синнусол ҳамчун «ҷамъбасти захираҳои мухталифи афзоиш, ташаккул ва камолоти қаду қомат, ҷисмонӣ , ҷинсӣ ва равонӣ, миёнаумрӣ ва пиршавӣ, ки ба бисёре аз зуҳуроти мураккаби инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии инсон дар шароитҳои мушахаси таърихӣ табдил ёфта метавонад» дида баромада мешавад (Б,Г,Ананнев).

Зарурияти истифодаи равиши байни соҳавӣ дар таҳқиқотҳои хусусиятҳои психикаи синнусолӣ дар психологияи муосири ватанӣ ва хориҷӣ махсус нишон дода шудааст (В.В. Давидов, И.С. Кон, П. Балтес, О.Брим ва дигарон). Марҳилаҳои синнусолӣ нисбӣ ва шартист, хусусиятҳои хоси фардии намуд (қиёфа)-и рӯҳии инсонро низ истисно наменамоянд. Тавсифи синнусолии инкишофи шахс низоми муайяни талаботҳои давраҳои гуногуни зиндагии инсон, моҳияти муносибатҳои ӯро бо атрофиён ва вазъи иҷтимоии инсонро бозгӯи менамояд. Тавсифи хоси синнусолӣ тавасути ворид шудани кӯдак ба гурӯҳҳои дараҷаи гуногуни инкишофдошта ва дар муассисаҳои таълимӣ-тарбиявӣ, тағйир ёфтани сифати тарбия дар оила, аз ҷониби кудак омӯхта шудани таҷрибаи ҷамъиятӣ, низоми донишҳои мавҷуда, меъёрҳо ва қоидаҳои фаъолияти инсонӣ, инчунин сифатҳои инкишофи физиологӣ ба воситаи ташаккули навъҳо ва намудҳои нави фаъолият муайян карда мешавад.

Мафҳумҳои хусусиятҳои синнусолӣ ва ҳудуди синусолӣ маънои мутлақ надоранд, ҳудудҳои синусолӣ тағйирпазир ва дигаргуншаванда буда, дорои хислати мушахаси таърихианд ва ба шароитҳои мухталифи иҷтимоию иқтисодии инкишофи шахс муофиқ намеоянд.

Чунин марҳилабандии синнусолӣ қабул шудааст:

- Тифлӣ (аз таваллуд то 1-солагӣ)
- Кӯдакӣ (1-3 солагӣ)
- Синну соли то мактабӣ (6-10 солагӣ)
- Синну соли хурди мактабӣ (6-10 солагӣ)
- Сунну соли наврасӣ (10-15 солагӣ)
- Ҷавонӣ: марҳилаи аввал (сунну соли калони мактабӣ 15-17 солагӣ) ва марҳилаи дуюм (15-17 солагӣ)
- Синну соли камолот: марҳилаи аввал (21-35 солагӣ) ва марҳилаи дуюм (35-60 солагӣ)
- Сину соли миёна (60-75 солагӣ)
- Пиронсолӣ (75-90 солагӣ)
- Дарозумрӣ (аз 90 сола боло)

Дар илми психология принсипҳои гуногуни пешниҳод намудани консепсияҳои гуногуни марҳилабандии синусолӣ вуҷуд дорад. Дар солҳои 20-уми асри XX консепсияи инкишофи рӯҳӣ кор карда баромада шуд, ки ба тағйироти анатомӣ- физиологии организми кӯдак нигаронида шуда буд (П.П. Блонский ва дигарон). Дар солҳои 70-уми асри XX аз ҷониби Д.Б. Элконин марҳилабандии синусолии инкишофи рӯҳӣ пешниҳод гардид, ки ба ивазшавии фаъолиятҳои асосӣ: бозиҳо (синну соли то мактабӣ), омӯзиш (мактаббачагони хурд), муоширати маҳрамонаи шахсӣ (наврасон), фаъолияти таълимӣ- касбӣ (ҷавонон) асос ёфтааст. Дар солҳои 80-уми асри XX А.В. Петровский консепсияи марҳилабандии синнусолии инкишофи шахсро асос гузошт, ки навъҳои муносибатҳои амалӣ ва ғайримустақими фард бо гурӯҳҳои референтӣ муайян карда мешаванд. Новобаста аз он, ки масъалаҳои хусусияти синнусоли дошта чи гуна ҳалли худро меёбанд, консепсияҳои марҳилабандии синнусолӣ нуқтаи назари ягонаи психологҳоро дар бораи муайян намудани ҳудудҳои марҳилаи синусолӣ инъикос менамоянд.

Барои ҳар як синну сол вазъи инкишофи ба худ хос, муносибатҳои муайяни шароитҳои соҳаҳои иҷтимоӣ ва шароитҳои дохилии ташаккулёбии шахс вуҷуд дорад. Таъсири мутақобилаи омилҳои дохилӣ ва берунӣ барои ҳамаи одамони ҳамсиннусол сифатҳои хос ва умумии психологиро тавлид менамоянд.

**ВОЗРАСТ** - конкретная, относительно ограниченная во времени ступень психического развития. Она характеризуется совокупностью закономерных физиологических и психологических изменений, не связанных с индивидуальными различиями, являющимися общими для всех нормально развивающихся людей (поэтому они называются типологическими). Возрастные психологические особенности обусловлены конкретно - историческими условиями, в которых развивается человек, наследственностью и, в какой-то мере, - характером воспитания, особенностями деятельности и общения индивида, которые в основном лишь оказывают влияние на временные сроки перехода от одного возраста к другому.

Возраст (в психологии) — категория, служащая для обозначения временных характеристик индивидуального развития. В отличие от хронологического возраста, выражающего длительность существования индивида с момента его рождения, понятие психологического возраста обозначает определенную, качественно своеобразную ступень онтогенетического развития, обусловливаемую закономерностями формирования организма, условиями жизни, обучения и воспитания и имеющую конкретно-историческое происхождение. Первая попытка системного анализа категории психологического возраста принадлежит Л.С.Выготскому. Ключевыми его характеристиками он считал “социальную ситуацию развития”, отражающую место ребенка в системе общественных отношений, деятельность ребенка, новообразования в сфере сознания и личности. Процесс перехода от одной возрастной ступени к другой предполагает глубокое преобразование всех названных структурных компонентов возраста и может сопровождаться более или менее выраженными конфликтами и противоречиями. В нормативно-ценностном плане, приобретающем особое значение за пределами детства, каждый возраст характеризуется специфическими жизненными задачами, от своевременного решения которых зависит как личностное развитие в целом, так и успешность перехода на следующий возрастной этап (например, выбор профессии и профессиональная подготовка, создание семьи и др.). С ходом возрастного развития связаны и необратимые психофизиологические изменения, однако совпадения во времени тесно взаимосвязанных между собой линий физического (физиологического), психического и социального развития индивида не происходит. Неравномерность темпа развития указанных сторон приводит к нередким расхождениям в степени физической, психологической или социальной зрелости индивида, обусловливая явления акселерации, психофизического и личностного инфантилизма, задержки психического развития и др. Хронологические границы психологического возраста заметно варьируются в зависимости от социокультурных, экономических и других факторов. Необходимо различать процессы возрастного (онтогенетического) и функционального развития (в рамках отдельных психических процессов) (А.В.Запорожец). Для последнего характерны относительно частые, парциальные изменения, накопление которых,

однако, и создает предпосылки для качественных возрастных сдвигов в детском сознании и личности. В ряде концепций возраст рассматривается как “суммация разнородных явлений роста, общесоматического, полового и нервно-психического созревания, зрелости и старения, конвертируемых со многими сложными явлениями общественно-экономического развития человека в конкретных исторических условиях” (Б.Г.Ананьев).

Необходимость междисциплинарного подхода в исследованиях возрастных особенностей психики подчеркивается в современной отечественной и зарубежной психологии (В.В.Давыдов, И.С.Кон, П.Балтес, О.Брим). Возрастные ступени отличаются относительностью, условной усредненностью, что не исключает, однако, индивидуального своеобразия психического облика человека. Возрастная характеристика развития личности отражает определенную систему требований, предъявляемых обществом к человеку на том или ином этапе его жизни, и сущность его отношений с окружающими, его общественное положение. Специфические характеристики возраста определяются особенностями вхождения ребенка в группы разного уровня развития и в учебно-воспитательные учреждения, изменением характера воспитания в семье, формированием новых видов и типов деятельности, обеспечивающих освоение ребенком общественного опыта, системы сложившихся знаний, норм и правил человеческой деятельности, а также особенностями физиологического развития. Понятие возрастных особенностей, возрастных границ не имеет абсолютного значения — границы возраста подвижны, изменчивы, имеют конкретно-исторический характер и не совпадают в различных социально-экономических условиях развития личности.

Принята следующая периодизация возраста: младенчество (от рождения до 1 года); пред-дошкольное детство (1-3 года); дошкольное детство (3-6 лет); младший школьный возраст (6-10 лет); подростковый возраст (10-15 лет); юность: первый период (старший школьный возраст 15-17 лет), второй период (17-21 год); зрелый возраст: первый период (21-35 лет), второй период (35-60 лет); пожилой возраст (60-75 лет); старческий возраст (75-90 лет); долгожители (90 лет и выше).

В психологии принимаются различные по принципам построения концепции возрастной периодизации. Так, в 20-е годы XX в. складывались концепции развития психики, ориентированные на анатомо-физиологические изменения организма ребенка (П.П.Блонский и др.). В 70-е годы Д.Б.Элькониным была предложена возрастная периодизация развития психики, основанная на смене ведущих деятельностей: игры (дошкольники), обучения (младшие школьники), интимно-личного общения (подростки), учебно-профессиональной деятельности (юноши). В 80-е годы А. В. Петровский предложил концепцию возрастной периодизации развития личности, которая определяется типом деятельностно-опосредствованных отношений индивида с наиболее референтными для него группами. Безотносительно

к решению вопроса о детерминации возрастных особенностей концепции возрастной периодизации в основном отражают единую точку зрения психологов на определение границ возрастных этапов.

Для каждого возраста существует своя специфическая социальная ситуация развития, т. е определенное соотношение условий социальной сферы и внутренних условий формирования личности. Взаимодействие внешних и внутренних факторов порождает типичные психологические особенности, общие для людей одного возраста.

**Адабиёт/Лит.:** Абрамова Г.С. Возрастная психология: Учебное пособие для студентов вузов. – М.: Издательский центр. «Академия», 1997; Дьячинко М.И., Кандыбович Л.А. Краткий психологический словарь. - Мн.: «Хэлтон», 1998; Современный словарь по педагогике /Автор-составитель Е.С. Рапацевич. -М.: Современное слово, 2001; Фридман Л.М., Кулагина И.Ю.Психологический справочник учителя.- М.: Просвещение, 1991.

Расулов С.Х.

**СОҲАИ ИҶТИМОИЮ МЕҲНАТӢ ВА СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ** - соҳаи иҷтимоии меҳнатӣ объект и предмети сиёсати иҷтимоӣ, ягонагӣ ва вобастагии муносибатҳои меҳнатӣ ва иҷтимоиро инъикос менамояд, инчунин сатҳи инкишофи иҷтимоиро тавсиф медиҳад. Дар амалия муносибатҳои меҳнатӣ аз муносибатҳои иҷтимоӣ ҷудо ва ба таври алоҳида аҳёнан ба мушоҳида мерасанд ва муносибатҳои иҷтимоӣ аксар вақт дар натиҷаи равандҳои меҳнатӣ бо зиддиятҳо ва низоъҳоимеҳнатӣ ба вуҷуд меоянд.

Соҳаи иҷтимоии меҳнатӣ ба пуррагӣ ҳамаи марҳилаҳои истеҳсоли нерӯи корӣ ва ҳамроҳии иҷтимоии онро инъикос менамояд. Бахшҳои асосии соҳаи иҷтимоии меҳнатиро ба тариқи зайл нишон додан мумкин аст: маҷмӯи соҳаҳои иҷтимоии фарҳангӣ - мисли маориф, тандурустӣ, фарҳанг; бозори меҳнат, хадамоти шуғли аҳолӣ, таёр намудани кадрҳо, аз ҷумла аз ҳисоби бекорон; соҳаи максаднокии меҳнати истеҳсолӣ.

Бахши иловагии соҳаи иҷтимоии меҳнатӣ муносибатҳои иҷтимоие мебошанд, ки дар раванди истеҳсоли нерӯи корӣ ва таъмини шароитҳои таъсиррасонии корманд бо воситаи меҳнат ва предмети меҳнат пайдо мешаванд, мисли низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; ни-

зоми шарикии иҷтимоӣ; низоми суғуртаи иҷтимоӣ; низоми таъмини иҷтимоӣ; ҳифзи меҳнат.

Дар рафти ислоҳоте, ки дар ҷумҳурӣ гузаронида шуд, соҳаи иҷтимоию меҳнатӣ нисбати дигар соҳаҳои иқтисодӣ ба дигаргуниҳои ҷиддӣ рӯбарӯ гашт. Аз ин тағйиротҳо, аз ҷумла зуд бад шудани вазъи зиндагонии мардум, афзудани сатҳи бекорӣ, қариб дар ҳама намудҳои даромади мардум аз даст рафтани иқтидори бомақсадона ва коҳиш ёфтани самаранокии меҳнат гувоҳӣ медиҳанд.

Пеш аз ҳама тавассути дахолати давлатӣ ба иқтисодиёт адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ таъмин карда мешавад. Иқтисоди бозоргони хусусияти иқтисодиёти бозоргонии иҷтимоиро ба шарофати аз тарафи давлат гузаронида шудани ислоҳоти иқтисодӣ ба худ касб менамояд. Яке аз меъёрҳои муҳими иқтисодиёти бозоргонии иҷтимоӣ бартарӣ доштани ҳифзи иҷтимоӣ ва адолати иҷтимоӣ нисбати самаранокии иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсад аз он оромии иҷтимоӣ дар ҷомеа буда, дар татбиқ гардидани сиёсати иҷтимоии давлат таъмин карда мешавад.

Муҳимтарин вазифаи барномавии сиёсати иҷтимоӣ баланд бардоштани сатҳи зиндагонии мардум аст. Барои ҳалли ин масъала стратегияи инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ кор карда баромада мешавад ва дар он вазифаҳои зерин муайян карда шудаанд: баланд бардоштани арзиши нерӯҳҳои корӣ; фаъол гардонидани омилҳои самаранокии меҳнат ва фаъолияти соҳибкорӣ; дар шароитҳои нав барқарор намудани алоқамандии даромадҳо ба маҳсулнокии меҳнат ва самаранокии соҳибкорӣ; минбаъд роҳ надодан ба кафолати ночизи иҷтимоии аҳолӣ; тамоми эҳтиёҷмандонро аз ҳисоби сиёсати фаъоли тақсимнамоии давлатии даромадҳо ба ҳадди ақкали зиндагӣ таъмин намудан; аз устуворгардонии ҷузъӣ ба дараҷаи куллии сатҳи зиндагонии мардум гузаштан.

**СОЦИАЛЬНО-ТРУДОВАЯ СФЕРА И СОЦИАЛЬНАЯ ПОЛИТИКА** - социально-трудовая сфера отражает объект и предмет социальной политики, единство и взаимообусловленность трудовых и социальных отношений, а также характеризует степень социального развития. На практике трудовые отношения редко существуют в чистом виде, без социальной составляющей и, наоборот, социальные отношения часто возникают в результате трудовых процессов, сопровождающих их противоречий, конфликтов.

Социально-трудовая сфера достаточно полно отражает все фазы воспроизводства рабочей силы и его социальное сопровождение.

Основными блоками социально-трудовой сферы являются: социальная сфера, т.е отрасли социально-культурного комплекса как образование, здравоохранение, культура; рынок труда, службы занятости, переподготовки кадров и, в том числе, безработных; сфера мотиваций производительного труда.

Сопутствующим блоком являются группы отношений, возникающие в процессе воспроизводства рабочей силы и обеспечения условий для взаимодействия работника со средствами и предметами труда: система социальной защиты населения; система социального партнерства; система социального страхования; система социального обеспечения; охрана труда.

В ходе проводимых в стране реформ социально-трудовая сфера подверглась деформациям больше, чем другие области экономики. Об этом свидетельствует, в частности, резкое падение уровня жизни населения, рост безработицы, утрата мотивационного потенциала практически по всем видам личных доходов, снижение производительности труда.

Социальная справедливость, социальная защита обеспечиваются, прежде всего, посредством государственного вмешательства в экономику. Рыночная экономика благодаря проводимым государством экономическим реформам приобретает характер социальной рыночной экономики.

Одним из важнейших критериев социальной рыночной экономики является приоритет социальной защиты, социальной справедливости над экономической эффективностью, который отдается ради социального спокойствия в обществе и обеспечивается, прежде всего, в процессе реализации государственной социальной политики.

Важнейшей программной задачей социальной политики является повышение уровни жизни населения. Для её решения разрабатываются стратегии социально-экономического развития, в которых определены следующие задачи: повышение реальной цены рабочей силы, активизация мотивов и стимулов по труду и предпринимательской деятельности; восстановление в новых условиях связи доходов с ростом производительности труда и результативности предпринимательства; недопущение дальнейшего разрешения минимальных социальных гарантий населения; обеспечение прожиточного минимума для всех нуждающихся за счёт активной государственной политики перераспределения доходов; переход от частичной стабилизации уровня жизни населения к стабилизации в целом.

**Адабиёт/Лит.:** Григорьева И.А. Социальная политика и социальное реформирование в государствах. – М., 1998; Дурова Л.И. Институционализация региональной социальной политики. - М., 2000; Социальная политика в период перехода к рынку: проблемы и решения. - М., 1996; Социальная политика и проблемы подготовки кадров. - М., 1999

Мухторов З.М.

**СОТСИОЛОГИЯ** (аз калимаи юнонӣ socio – ҷамъият ва калимаи лотинӣ logos - таълимот, илм, назария) - илмест дар бораи ҷомеа. Ин мафҳуми умумӣ гуногун шарҳ дода мешавад: илм дар бораи низоми иҷтимоии ҷомеа, дар бораи қонунҳои инкишофи ҷомеа, дар бораи равандҳо, институтҳо ва муносибатҳои иҷтимоӣ; дар бораи сохтори иҷтимоӣ ва умумиятҳои иҷтимоӣ.

Аз ин ҷо бармеояд, ки предмети омӯзиши сотсиология маҷмӯи зуҳурот ва равандҳои иҷтимоие мебошанд, ки шуури ҷамъиятро дар ҳамаи давраи инкишофи зиддиятноки он тавсиф медиҳад; фаъолият, рафтори иҷтимоӣ ва амали иҷтимоии одамон, инчунин шароитҳое, ки ба инкишофу амали онҳо дар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии ҳаёти иҷтимоӣ таъсир мерасонанд.

Аввалин маротиба истилоҳи «сотсиология»-ро файласуфи франсуз Огюст Конт соли 1840 дар ҷилди чоруми асараш «Курси фалсафаи позитивӣ» мавриди истифода қарор додааст. Аммо бисёр асосҳои (ҳолатҳои илми оянда) қаблан дар асарҳои Конфутсия, мутафаккирони ҳинд, ассирия ва юнони бостон нишон дода шудааст. Дар ташаккули андешаҳои иҷтимоӣ нақши Афлотун, мутфаккири асримиёнагии араб Ибни Халдун бағоят бузург аст.

Маорифпарварони асри 18- уми франсӯз Руссо, Монтескио, Волтер, Дидро, Кампонелло, Сен-Симон, Фурэ, Оуэн ақидаҳои имкониятҳои мукаммал гардонидани ҷомеаро дар амалияи Замони нав инкишоф додаанд, лекин ҳамаи он идеяҳо ва андешаҳои иҷтимоие, ки то асри19 баён шудаанд, на ба сифати худи илм, балки сарчашма ва заминаҳои назариявии пайдоиши илми сотсиология баромад намудаанд.

Пайдоиши илми сотсиология бозгӯи марҳилаи сифатан нави таърихии ҷомеа аст, ки дар натиҷаи он ҳар як инсон ба субъекти равандҳои

таърихӣ табдил ёфт. Ин гардиши куллӣ дар амалияи иҷтимоӣ ва илмҳои ҷомеашиносӣ ба шарофати инқилобҳои бузурги буржуазӣ, махсусан инқилоби франсавии асри 18 имконпазир гашт. Маҳз аз ин давра ба таври нав маънидод намудани нақши шахс дар ҷомеа, омӯзиши шуур ва рафтори одамон ҳамчун иштирокчии фаъоли тағйироти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ оғоз мегардад.

Марҳилаи аввали инкишофи илмии сотсиологӣ - марҳилаи барқарор ва ташаккулёбии асосҳои илмии сотсиология ба миёнаҳои асри 19 рост меояд. О. Конт ҷомеаро айнан ба мисли табиат тасаввур менамуд ва аз ин рӯ, маърифати иҷтимоиро танҳо тавассути қонунҳои табиӣ ё ошкор намудани ин қонунҳои табиӣ имконпазир мешуморид. Мактаби иҷтимоӣ-биологӣ ва асосгузори он Г.Спенсер ҷомеаро ба инкишофи организми зинда қиёс намуда ҷонибдори истифодаи қонунҳои биологӣ дар маърифати ҷомеа будаанд. Дар ин давра ба ҷустуҷӯи моҳияти илми сотсиология намояндагони мактаби иҷтимоӣ-психологӣ: Г.Тард, Г.Лебон ва дигарон таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, шахсро ҳамчун ягонагии ибтидоӣ биологӣ ва иҷтимоии инсон, ҳаёти иҷтимоиро бошад шакли махсуси зуҳуроти энергияи ҷаҳонӣ тассавур менамоянд. Дар нимаи дуюми асри 19 равияи ҷурофӣ дар сотсиология ниҳоят машҳур гардида, идеяҳои он дар асарҳои Э.Реклю, Ф.Ратцеля ва Л.И.Мечникова таҷассум ёфта, таъсири муҳити ҷуғрофиро дар инкишофи шахс ва ҷомеа ҳалкунанда мешуморанд. Дар ин марҳила консепсияи марксистӣ дар илми сотсиология (К.Маркс, Ф.Энгельс, Г.В.Плеханов, В.И.Ленин) мустаҳкам гардида ба он таъсири назаррас расонад. Таъсири ҳалкунанда доштани муносибатҳои иқтисодӣ- иҷтимоӣ ба равандди таъсири мутақобилаи синфҳо ва нақши муборизаи инқилобӣ дар ҳалли ҳамон низоъҳои иҷтимоӣ асоси ин консепсияро ташкил медиҳад.

Илова ба ин, дар Русия равияи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ руи кор омад, ки бузургтарин намояндагони он Н.М.Коркунов, Л.И.Петражитский, П.И.Новгородсев, Б.А.Кистяковский и Б.Н.Чичерин бештар ба масъалаи ҳокимият, муносибатҳои меъёрӣ- ахлоқии ҷомеа таввачӯҳ зоҳир менамуданд. Онҳо равандҳои ҳукумронӣ ва тобеиятро таҳлил намуда, ба нақши давлат дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ диққати махсус медоданд.

Марҳилаи дуюми инкишофи илми сотсиологияро, ки одатан марҳилаи классикӣ ном мегиранд ба номи К.Маркс, Э.Дюркгейм, М. Вебер ва Г. Зиммел марбут мебошад. Онҳо пешниҳод менамуданд, ки илми сотсиология бояд ин ё он қисмати муҳими ҳаёти иҷтимоиро мавриди омӯзиш қарор диҳад, мисли муносибатҳои иқтисодӣ- иҷтимоӣ (К,Маркс), далелҳои иҷтимоӣ (Э.Дюркгейм), зуҳуроти сиёсӣ ва иқтисодӣ(М.Вебер), қонунмандии иҷтимоӣ (Г. Зиммел). Маҳз ҷустуҷӯҳои муносибатҳои нави илмӣ, аз ҷумла эмперикӣро дар илми сотсиология В.Паретто, Г. Моска, У.Дилтем, П.А. Сорокин, З. Знанетский ва дигарон инкишоф доданд.Чунин ҷустуҷӯҳҳои илмӣ дар давоми асри 20 идома ёфт ва ба пайдоиши марҳилаи сеюми инкишофи илми сотсиология ё марҳилаи муосири инкишофи илми сотсиология оварда расонид ва мактабу равияҳои зерини иҷтимоӣ пайдо гардиданд:

- функсионализми сохторӣ (Т. Парсон ва дигарон), ки идеяҳои асосии он «тартиботи иҷтимоӣ» ва комилан рад шудани низои иҷтимоӣ, ки барои нигоҳ доштани «мувозинати»-и дохилии низоми мавҷуда равона шудааст, мувофиқгардонидани манфиатҳои сохторҳои гуногун ва зернизомҳо маҳсуб мешаванд. Р. Мертон ба функсионализм идеяи тағйирёбиро ворид намуд, аммо тағйирёбиро дар доираи сатҳи «миёна» - сатҳу дараҷаи мушаххаси низоми иҷтимоӣ маҳдуд гардонид; консепсияи низои иҷтимоӣ ( Ҷ Миллс, Р. Дарендорф, Л.Козер), ки мувофиқи ин консепсия асоси инкишофро на конформизм, ризоият ва интегратсия (ҳамгироӣ), балки низоъ ташкил медиҳад. Ҷомеа пайваста дар ҳоли ноустуворӣ қарор дорад, аз ин рӯ, дар ҷомеа байни гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ, ки ин ё он манфиатҳоро таҷассум менамоянд, мубориза доимӣ давом меёбад. Намунаи олии ингуна низоъҳо ин мубориза барои ҳокимият аст, низоъ ба бозмонӣ ( инкишоф наёфтан)-и ҷомеа монеъ гашта, сарчашмаи инкишоф ва камолёбии ҷомеа буда, ба навовариҳо роҳ мекушоянд. Дар баробари ин консепсияи низои иҷтимоӣ стихияви будани низоҳои иҷтимоиро қабул надорад, ба имкониятҳо ва зарурияти танзимнамоии низоъҳои иҷтимоӣ диққати махсус медиҳад.

Назарияи бихевиоризм дар навбати худ фаъолияти бешууронаи инсон, зарурияти омӯзиши муносибатҳои байниҳамиро дар рафтори муносибатҳои иҷтимоӣ дар мадди аввал мегузорад; назарияи му-

бодила (Дж. Хоманс, П.Блау) аз нақши оддӣ ва соддаи инсон баромеояд ва аҳамияти ниҳоят бузург доштани сифатҳои психологии шахсро махсус таъкид менамояд. Мувофиқи ин назария барои рафтори одамонро фаҳмонида дода тавонистан нахуст ҳолати равонии онҳоро донистан лозим аст. Одамон пайваста кушиш менамоянд, ки барои амали хеш соҳиби мукофот ( таҳсин, эҳтиром, мақом ва кумаки амалӣ) гарданд. Барои ба ин мақсад расидан бо одамони дигар ҳамкорӣ намуда, ин мукофотҳоро ба даст меоранд, ҳачанд на ҳама вақт дар ин ҳамкориҳо иштирокчиёни он баробаранд ва талаботҳои хешро қонеъ мегардонанд; интераксионализми рамзӣ (Дж.Г. Мид) рафтори одамонро аз нуқтаи назари он, ки шахс ва ё гурӯҳ ба ин ё он ҷанбаи воқеият чи гуна аҳамият ва маънӣ медиҳад, тафсиф менамояд. Дар ин самт ба рамзҳои забонӣ аҳамияти махсус дода мешавад. Фаъолияти инсониро ҳамчун нақшҳои иҷтимоӣ шуморидан ва дар шакли рамзҳои забонӣ ва дигар рамзҳо таҷассум ёфтани онҳо имкон медиҳад, ки ин равияро «назарияи нақшӣ» номгӯзорӣ намоем; равияи феноменологӣ (А.Шютс), мисли намояндагони равияи позитивизм дар мадди аввал на ҷаҳонро, балки инсонро бо андозагирии махсуси он дида мебарояд, воқеияти иҷтимоиро тавасути намунаю мафҳумҳои дар коммуникатсия таҷассумёфа ва ҳодисаҳои иҷтимоиро ҳамчун андешаи фардҳо оиди ин воқеаҳо «месозад». Азбаски андеша ҷаҳони иҷтимоиро ба вуҷуд меорад, пас мафҳуми «аҳамиятнокӣ ва мазмун» дар маркази диққати ин мактаб қарор дорад; мактаби франкфуртӣ таваҷҷӯҳи хешро бештар ба масъалаи муайян намудани нақш ва аҳамияти ҳокимияти сиёсӣ, таҳқиқ намудани мундариҷаи идеология, сабабҳои рафтори қатъӣ, шароитҳои ташаккули ҳаракатҳои иҷтимоӣ ва амали эътирозӣ бахшидааст.

Назарияи интихоби бошуурона (Коулин) диққати асосиро бо мафҳумҳои захираҳо (манбаҳо ва боигариҳо) ва ҷоивазнамоӣ (сафарбарнамоӣ) равона намудааст. Дар сотсиологияи муосир консепсияи П. Бурде дар бораи майдони иҷтимоӣ, сармояи иҷтимоӣ ва фазои иҷтимоӣ нақши назаррас гузоштааст.

Барои консепсияи муосири сотсиологӣ идеяҳои нақши инсон ҳамчун субъекти фаъоли иҷтимоӣ, ки созанда, бунёдгузоранда ва тағйирдиҳандаи муҳити микроӣ (хурд), макроӣ (бузург) ва мезоӣ (бениҳоят бузург) маҳсуб мешавад, ботадриҷ мариди таваҷҷӯҳ қарор мегиранд.

Ҳамин тариқ, симои сотсиологияи муосирро назарияиҳое муайян месозад , ки дар шароити воқеии иҷтимоӣ- таърихӣ аз инсон, шуури ӯ ва рафтораш машаъ мегиранд. Хусусиятҳои муҳими ҳолат ва инкишофи сотсиологияи муосиро маҳз равияи инсондӯстонаи андозагирии инсон ташкил медиҳанд. Ин хусусияитҳо имкон фароҳам месозанд, ки мазмуну мундариҷаи ин илмро ҳамчун консепсияи сотсиологияи ҳаёт муайян намоем.

Дар Тоҷикистон соли 2004 дар назди факултаи фалсафаи Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон кафедраи сотсиология кушода шуд. Бо боварии том метавон гуфт, ки асосгузор ва бунёдгузори ин кафедра узви вобастаи АИ ҶТ, доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор Шоисматуллоев Ш. маҳсуб мегардад. Таҳти роҳбарии ин донишманди равшанзамир олимони ҷавон, аз ҷумла устодони кафедраи сотсиология рисолаҳои номзадии хешро дифоъ намудаанд.

**СОЦИОЛОГИЯ** (от греч. socio – общество, лат. logos – учение, наука) – наука об обществе. Это общее определение имеет несколько уточняющих объяснений: наука о социальных системах, из которых состоит общество; о закономерностях развития общества; о социальных процессах, социальных институтах, социальных отношениях; о социальной структуре и социальных общностях. Исходя из этого определения, предметом социологии является: совокупность социальных явлений и процессов, характеризующих реальное общественное сознание во всем его противоречивом развитии; социальное поведение и социальное действие людей, а также условия, которые влияют на их развитие и функционирование в социально-экономической, социально-политической и духовной сферах жизни общества.

Термин «социология» впервые употребил французский философ Огюст Конт в 1840-х. гг. в четвёртом томе «Курса позитивной философии». Однако, многие положения будущей науки были предвосхищены в трудах предшествующих мыслителей. Особое место в обосновании социальных идей принадлежит Платону и Аристотелю, средневековому арабскому мыслителю Ибн Халдун. Французские просветители 18 в. - Руссо, Монтескье, Вольтер, Дидро, представители утопической мысли – Т.Мор, Кампанелла, Сен-Симон, Фурье, Оуэн развили идеи о возможностях совершенствования общества в реалиях Нового времени. Однако все социальные идеи, высказанные и сформулированные до 19 в., были предтечей социологии, ее истоками, но не самой наукой. Возникновение социологии как науки отражает качественно новый этап в истории общества, когда она предстала в человеческом измерении – каждый человек становился субъектом исторического процесса.

Этот коренной поворот в социальной практике и социальной науке связан с великими буржуазными революциями, в основном, с французской конца 18 в. Именно с этого периода начинается новое осмысление роли человека, изучение сознания и поведения людей как активных участников экономических, социальных, политических и культурных изменений.

С середины 19 в. исчисляется первый этап в развитии социологии – этап формирования научных основ социологии. О.Конт уподоблял общество природе и поэтому считал возможным познание социальной жизни при помощи естественных законов или открытия им подобным. Социально-биологическая школа и ее основатель Г.Спенсер сравнивали общество с развитием живого организма, выступая за использование биологических законов при их познании. В этом же веке поиск сущности социологии вела и социально-психологическая школа (Г.Тард, Г.Лебони др.), рассматривавшая личность как единство биологического и социального начал в человеке, а общественную жизнь представляла как особое проявление мировой энергии. Географическое направление в социологии (Э.Реклю, Ф.Ратцель, Л.И.Мечников) отстаивало представления о решающем влиянии географической среды на развитие общества и личности. В этот же период окрепла и пробрела значительное влияние марксистская концепция в социологии (К.Маркс, Ф.Энгельс, Г.В.Плеханов, В.И.Ленин). В основе этой концепции – решающее влияние социально-экономических отношений на процесс взаимодействия различных классов и роли революционной борьбы в решении всех социальных конфликтов.

Второй этап в развитии социологии часто называют классическим и связывают с именами К.Маркса, Э.Дюркгейма, М.Вебера и Г.Зиммеля. Они претендовали на иное видение социологии – на изучение важнейших компонентов общественной жизни: социально-экономических отношений (К.Маркс), социальных фактов (Э.Дюркгейм), политических и экономических явлений (М.Вебер), социальных закономерностей (Г.Зиммель). Новые подходы, в т.ч. эмпирические, в социологии развивались В.Парето, Г.Моска, У.Дильтеем, П.А.Сорокиным, З.Знанецким и др.

Третий, современный этап в развитии социологии, представлен следующими основными школами: структурный функционализм (Т.Парсонс и др.), основной идеей которого является идея «социального порядка», практически отвергающая идею конфликта и призывающая к поддержанию «равновесия» внутри существующей системы, согласованию интересов различных структур и подсистем. Р.Мертон привнес в функционализм идею изменения, но ограничил изменение «средним» уровнем – уровнем конкретной социальной системы; концепция социального конфликта (Ч.Миллс, Р. Дарендорф, Л.Козер) исходит из того, что в основе развития лежит конфликт, а не конформизм, согласие, интеграция. Общество всегда находится в состоянии нестабильности потому, что в нем идет постоянная борьба между

различными социальными группами, олицетворяющими те или иные интересы. Высшим проявлением этого конфликта является борьба за власть. Конфликты предотвращают окостенение общества, открывают дорогу инновациям, становятся источником развития и совершенствования. Вместе с тем эта позиция отвергает стихийность конфликтов и ратует за возможность и необходимость их регулирования; бихевиоризм на первое место выдвигает сознательную человеческую деятельность, необходимость изучения межличностного взаимодействия вместо овеществления социальных отношений, реализуемого структурно-функциональным подходом; теория обмена (Дж.Хоманс, П.Блау) исходит из примата роли человека, а не системы, отстаивает огромную значимость психических качеств человека, ибо для того, чтобы объяснить поведение людей, необходимо знать их душевное состояние. Люди постоянно стремятся получить вознаграждение (одобрение, уважение, статус, практическую помощь) за свои действия. И вступая во взаимодействие с другими людьми, они получают это, хотя взаимодействие не всегда будет равным и удовлетворяющим всех его участников; символический интеракционизм (Дж.Г.Мид) объясняет поведение людей с точки зрения того значения, которое личность или группа придает тем или иным аспектам ситуации, языковой символике. Для него характерно представление о деятельности как совокупности социальных ролей, которая олицетворяется в виде языковых и других символов, что послужило основанием для наименования этого направления как «ролевая теория»; феноменологический подход (А.Шюц) рассматривает не мир в целом, как у позитивистов, а человека в его специфическом измерении, социальную реальность «конструирует» посредством образов и понятий, выражаемых в коммуникации, а социальные события трактует как мнения индивидов об этих событиях. Поскольку же именно мнения образуют социальный мир, постольку понятие «значение» оказывается в центре внимания этой школы; франкфуртская школа основное внимание уделяла определению роли и значению политической власти, исследованию содержания идеологий, причин радикализации поведения, условий формирования социальных движений и акций протеста; теория рационального выбора (Коулмен) главное внимание сосредоточивает на понятиях ресурсов и мобилизации. Оригинальным вкладом в современную социологию является концепция П.Бурдье о социальном поле, о социальном капитале и социальном пространстве.

Но особенно привлекательными для новейших концепций социологии становятся идеи роли человека как активного социального субъекта, под влиянием которого осуществляются преобразования как в макро-, так и в мезо- и микросреде. Таким образом, лицо современной социологии во все большей мере определяют теории, которые восходят к человеку, его сознанию, поведению в реальных социально-исторических условиях. Именно гуманистическая направленность, человеческое измерение является важнейшей характеристикой состояния и развития социологии, что позволяет

определить ее содержание как концепцию социологии жизни, которая в своей сущности учитывает состояние и тенденции общественного сознания и поведения в тесной связи с объективными условиями их существования.

В Таджикистане кафедра социологии была открыта при философском факультете Таджикского Национального университета в 2004 г. По праву основателем и создателем этой кафедры является член-корреспондент АН РТ, доктор социологических наук, профессор Шоисматуллаев Ш., под чьим руководством были защищены диссертационные работы, в том числе и преподавателей этой кафедры.

**Адабиёт/Лит.:** Гидденс Энтони. Социология. Новое второе издание. М.: 2005; Кравченко А.И. Социология. Учебник. М.: 2006; Социология: основы общей теории. Учеб.пособие для вузов /Отв. ред. Г.В.Осипов. М.:Аспект-Пресс, 2003; Штомпка Петер. Социология. Анализ современного общества. Учебник. М.: 2005; Энциклопедический социологический словарь / Общ. ред. Г.В.Осипова. М.: ИСПИ РАН, 1995;

Бекназарова Г.Э.

**СНМБ ё ВИЧ-СПИД** (синдроми норасоии масунияти бадан) – бемории сироятие, ки дар натиҷаи сирояти вируси норасоии масунияти бадан ба миён меояд (СНМБ). Соли 1986 Кумитаи таснифот ва номенклатураи вирусҳои назди Созмони байналмилалии тандурустӣ ин бемории сироятӣ бо ихтисораи СПИД (синдром приобретенного иммунодефицита) – СНМБ (синдроми норасоии масунияти бадан) номгузорӣ шудааст. СНМБ ба гурӯҳи ретровирусҳо шомил буда, шакли махсуси мавҷудиятро дар организми инсон дорад. Ба таъсири муайяни худ системаи иммунитети организми инсонро фолиҷ месозад, ки дар натиҷа организми инсон барои бартараф кардани асорати микроорганизмҳои гуногун ва барои пешгирии бемориҳои бадфарҷом қудрати худро аз даст медиҳад. Пас аз ворид шудан ба организми инсон дар таркиби Т-лимфотситҳои намудҳои гуногуни моеъҳои биологӣ ҷойгир мешавад ва қисмати муайяни лимфотситҳо ва махсусан намуди лимфотситҳои Т-ёварро (Т-ҳелпёр аз инглисӣ «help – ёрӣ, ҳифз) нобуд месозад. Дар натиҷаи тағйирёбии силсилаи ДНК Т-ёварҳо худ вирусро тавлид мекунанд. Камшавии теъдоди Т-ёварҳо СНМБ афзоиш меёбад. Эҳтимоли сироятёбии инсон дар натиҷаи ба организми солим ворид шудани моддаи моеъ аз организми бемор ба миён меояд. Асосан се роҳи сироятёбии

инсон аз вируси СНМБ вуҷуд дорад: тавассути хун – бо роҳи истифодаи сӯзандоруи барои шахси бемори СНМБ кор бурдашуда ва ё истифодаи сӯзандору ҳангоми истеъмоли маводи мухаддир, ҳангоми муолиҷаи беморӣ, ҳангоми нақшгузории пирсингҳо ва татуировкаҳо, ҳангоми хунгузаронӣ; алоқаи ҷинсӣ бо шахси бемори СНМБ бе истифода аз воситаҳои пешгирикунанда; ҳангоми ҳомиладорӣ, таваллуд ва ширдиҳӣ вирус метавонад бо воситаи шир аз модари бемор ба организми кӯдак ворид шавад. Марҳилаи аз ҳама хавфнок барои атрофиён ин аст, ки вирус ба организми шахси бемор ва ба моеъҳои биологии организми ӯ батозагӣ ворид шуда, давраи афзоиши вирусҳо оғоз меёбад ва каси сироятшуда ноогоҳона метавонад барои дигарон низ барандаи беморӣ бошад. Ин марҳила «марҳилаи тиреза» ва ё худ «марҳилаи панҷара» ном дорад. Дар натиҷаи тадқиқоти тӯлонӣ собит шудааст, ки вируси СНМБ тавассути муносибот дар муҳити маишӣ ва дар чаҳорчӯбаи муносибатҳои хоҷагӣ аз шахси бемор ба шахси солим сироят намекунад. Агар роҳҳои сирояти бемориро дарк кунем, аз робитаҳое, ки дар онҳо интиқоли моеъҳои биологии дар таркибашон вируси СНМБ дошта ҷой дорад, даст кашидан кофист.

Инкишофёбии вируси СНМБ дар организми инсон якчанд марҳиларо тай мекунад, ки марҳилаи аввал аз 1 то 3 моҳ тӯл кашида пас аз гузаштани ин марҳила аломатҳои авали беморӣ зоҳир мешавад (баландшавии ҳарорат, аз андозаи худ калон шудани бофтаҳои лимфавӣ, ба пӯсти бадан ба таври рез-рез баромадани доначаҳо, дарди сар, номураттабии фаъолияти узви ҳозима); марҳилаи дигар давраи ба таври ноаён ҷараён гирифтани беморӣ ва ё худ вирусбарии ноаён (аз 2,5 то 5 сол); марҳилаи густурдаи лимфоденопатӣ ва ё бемории дуюмдаврагӣ (ба муддати тӯлонӣ афзоишёбии гурӯҳҳои гуногуни бофтаҳои лимфавӣ); маҷмӯи бемории СНМБ-шабеҳ (ҳарорати баланд, диарея, арақшроии шабона, дар муддати кӯтоҳ харобшавӣ ва гумм кардани вазни бадан; дар зери таъсири бемории дуюмдаврагӣ узвҳои ҳозима, нафаскашӣ, системаи асаб хароб гардида он метавонад якчанд сол тӯл кашад); бевосита бемории СНМБ бо ташхиси аниқ (аломатҳои дар боло зикршуда ба таври бештар аён зоҳир мешавад).

Мушкилоти иҷтимоии марбут ба бемории СНМБ асосан дорои 8 махсусияти ҷудогона мебошад: пастшавии вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, ки аз камбизоатӣ, бекорӣ, тақсимоти нодурусти даромад

ва захираҳо бармеояд; вайроншавии оила ва номуназзамшавии ҷамоаҳо, зиёдшавии кӯдакони бесаробон, беназорат ва бачагони бепаноҳ; афзоишёбии рафтори номатлуб миёни ҷавонон (аз қабили фоҳишагӣ ва алоқаҳои ҷинсӣ бе риояи талаботи пешгирикунанда, истифодаи якҷояи сӯзандоруҳо); пастравии имконияти низоми маориф барои омӯзонидани ҷавонон бо мақсади пешгирӣ ва муҳофизат аз бемориҳои сирояткунанда; нобаробарии таносуби ҷинсият, ки метавонад имконияти занону духтаронро аз худмуҳофизат аз бемориҳои сирояткунанда маҳдуд мекунад ва ҳамчунин заҳмати зиёди ба зиммаи занон гузошташуда метавонад барои онҳо ин мушкилиҳоро пеш орад; номураттабӣ дар низоми зиндагии аҳолӣ, ки ба кӯчбандии қонунӣ, ва ё иҷбориву ғайриқонунии мардум сабаб шавад; ба харидуфӯрӯши ғайриқонунӣ машғул гардидан низ омили асосии афзоиши чунин бемориҳо мешавад; поймолкунии ҳуқуқҳои беморон ва назари таҳқиромез ба онҳо низ метавонад чун аксуламал омили афзоиши бемори шавад.

Оқибатҳои сироят аз бемории СНМБ чун беморӣ – марг, ба тақдири шахсияти инсон басо таъсирпазир аст, вале танҳо ин наметавонад инсонро аз гирифторшавӣ ба ин беморӣ нигоҳ дорад. Агар дар оила як нафар ба ин беморӣ гирифтор бошад, таъсири он ба рӯҳияи тамоми оила дида мешавад, ки ҷароҳати равонӣ, камшавии даромадзиёдшавии хароҷот барои нигоҳдорӣ ва табобати шахси бемор аз осори ин беморӣ далолат мекунад. Барои миллат бошад афзоиши ин беморӣ чун даҳшат ба камшавии аҳолии солим ва зиёдшавии хароҷот барои пешгирии ин беморӣ таҳдид мекунад. Дар баробари ин ташвиш ва ноҷӯрӣ аз хавфи сирояти ин беморӣ ба он мебарад, ки ҳазар аз шахсони ба ин беморӣ гирифторшуда ва поймолшавии ҳуқуқи онҳо бештар ба назар мерасад, ки он оқибатҳои нохушро метавонад дунболи худ орад. Дар ин ҷо бояд зикр кард, ки яке аз омилҳои афзоиши ин беморӣ, маҳдудшавии ҳуқуқҳои беморони вируси СНМБ иттилооти кофӣ надоштани мардум дар бораи ин беморӣ аст.

**ВИЧ-ИНФЕКЦИЯ** – заболевание, возникающее вследствие заражения вирусом иммунодефицита человека (ВИЧ). В 1986 г. Комитетом таксономии и номенклатуры вирусов Всемирной организации здравоохранения ВИЧ определен названием возбудителя синдрома приобретенного иммунодефицита (СПИД). ВИЧ относят к семейству ретровирусов, он имеет специфическую

форму, хорошо приспособленную к существованию в организме человека. Своим влиянием ВИЧ разрушает иммунную систему человека, вследствие чего его организм становится беззащитным даже перед «невинными» микроорганизмами, а также злокачественными опухолями. Попав в организм человека, вирус проникает в Т-лимфоциты, присутствующих во всех видах биологической жидкости организма инфицированных людей и поражает определенную их часть – Т-хелперы (англ.help –помогать, защищать). В результате изменения цепочки ДНК Т-хелперы начинают продуцировать сам вирус. Сокращение количества Т-хелперов приводит к развитию СПИДа. Человек может инфицироваться ВИЧ только в случае попадания жидкости из зараженного организма в здоровый. Существует три пути инфицирования ВИЧ: через кровь - путем совместного использования игл и шприцов во время инъекций наркотиками, медицинских процедур, пирсинга и татуировки или во время переливания крови; путем сексуальных отношений с ВИЧ - инфицированным партнером без использования предохраняющих средств; вовремя беременности, родов или грудного вскармливания вирус может передаваться от матери, инфицированной ВИЧ, к ребенку. Наиболее опасный для окружающих – период от момента попадания вируса в кровь до появления антител к ВИЧ в крови и других биологических жидкостях организма: человек может заражать других, не зная своего статуса. Этот период имеет название «период окна». Многочисленными исследованиями доказано, что через «бытовые» контакты с ВИЧ - инфицированным человеком заразиться невозможно. Зная пути передачи вируса, достаточно избегать контакта с биологическими жидкостями, которые могут содержать ВИЧ.

Развитие вируса в организме человека проходит несколько стадий: через 1-3 месяца после заражения могут возникнуть острые проявления (повышение температуры, увеличение лимфоузлов, сыпь на теле, головная боль, расстройство системы пищеварения); период бессимптомного или скрытого вирусоносительства (от 2,5 до 5 лет); стадия генерализированной лимфоденопатии или вторичных заболеваний (длительное увеличение нескольких групп лимфатических узлов); СПИД - ассоциированный комплекс (повышенная температура тела, диарея, ночная потливость, достаточно быстрое снижение массы тела; под воздействием вторичных инфекцией наблюдает поражение пищевой, дыхательной, нервной систем организма; длится несколько лет); собственной СПИД (признаки предыдущей стадии, имеющие более выраженных характер).

Социальные проблемы, связанные с ВИЧ-инфекцией, имеют 8 основных характеристик: социально-экономический спад вследствие бедности, безработицы, неравномерного распределения дохода; дезинтеграция семей и сообществ, увеличение количества сирот, брошенных и бездомных детей; увеличение частоты опасного поведения среди молодежи (в основном – секс без предохраняющих средств и обмен иглами и шприцами); снижение

возможностей системы образования помогать молодежи развивать навыки защиты от инфекции; гендерное неравенство, что снижает способность женщин защитить себя от ВИЧ-инфекции и увеличивает их бытовую нагрузку; нестабильность жизни населения, которая проявляется в законных и незаконных миграциях; увеличение незаконной торговли наркотиками, что является непосредственным фактором развития эпидемии; дискриминация ВИЧ/СПИД больных и проявляемое к ним презрение.

Прямые следствия инфицирования ВИЧ – болезнь и смерть – играют решающую роль в судьбе отдельных личностей, однако этим не исчерпываются следствия развития эпидемии. Страдает вся семья ВИЧ - инфицированного, что проявляется в психической травме, потере доходов от труда зараженного члена семьи, увеличение затрат на его содержание и лечение. Для нации в целом распространение ВИЧ-инфекции означает потерю части населения, увеличения затрат на организацию профилактики и лечения больных, а также увеличение уровня тревожности за счет дискриминации и стигматизации ВИЧ - инфицированных. Низкий уровень информированности общества – один из факторов формирования нетолерантного отношения к людям, живущим с ВИЧ.

**Адабиёт/Лит.:** Змушко Е.И., Белозеров Е.С. ВИЧ-инфекция: Руководство для врачей. – Спб., 2000. – 311 с.; Люди и ВИЧ / Под ред. О.Пурик. – К., 2004. – 283 с.; Превентивна робота з молоддю за методом „рівний-рівному”./ За ред. І.Д.Звєрєвої. – К., 2002. – С. 89-100.; Соціальна робота/Соціальна педагогіка. Понятійно-термінологічний словник./ За заг.ред. І.Д.Звєрєвої. - К.: Етносфера, 1994. – С.102.; Україна та ВІЛ/СНІД: Час діяти / Звіт про людський розвиток в Україні. Програма розвитку ООН. – К., 2003. – 11 с. Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І.Д. Звєрєвої.-К: Центр учбової літератури, 2008. – С. 32-35; Енциклопедія освіти /Акад. пед. наук України; головний ред. В.Г.Кремень. К.: Юрінком Інтер. 2008. – С. 112.

Зверева И.Д., Терницкая С.В.

**СОТСИУМ** (аз кал. лот. socium – умумӣ; англ. – socium; олмонӣ – sozium; фр. – socium) – воқеияти иҷтимоӣ, объектӣ илми сотсиология. Дар чаҳорчӯбаи шаклҳои умумии таъсири инсони дида баромадани ҷомеа. Оиди масъалаи таносуби мафҳуми «ҷомеа» ва «сотсиум» дар илм фикри ягона вуҷуд надорад. Баъзе аз сотсиологҳо ин ду мафҳумро ҳаммаъно меҳисобанд. Қисми дигар мафҳуми «сотсиумро» аз мафҳуми ҷомеа ҳаҷман васъетар медонанд, саввуминҳо зери мафҳуми «сотсиум» танҳо як қисм ё ҷузъи таркибии ҷомеаро мебинанд. Аммо дар баробарии ҳамаи ин маъмул аст,

ки мазмуну мундариҷаи мафҳуми «сотсиум» алоқаҳо ва робитаҳои муттақобилаи иҷтимоӣ, амали иҷтимоӣ, таъсири мутақобила ва муносибатҳои иҷтимоӣ, шахсҳо ва иттиҳодияҳои онҳо, ташкилоту институтҳои иҷтимоӣ, фарҳанг, арзиш ва меъёрҳои иҷтимоӣ ва танзими иҷимоиро фаро мегирад.

Сотстиум умумияти бузургу устувори иҷтимоӣ аст, ки шароити ягонаи ҳаёту фаъолияти одамонро дар кадом як муносибати аслӣ ва натиҷаи умумияти фарҳангӣ ва фазои таъсири мутақобилаи умумиятҳои иҷтимоӣ тавсиф менамояд. Сотсиум ин гурӯҳи муташакили одамоне аст, ки ҳамчун низом амал мекунанд. Дар доираи сотсиум одамон рафтори ҳамдигариро ба қоидаҳои муқарраргардида ҳамоҳанг месозанд. Маҳз дар дохили сотсиум ҳудудҳои амалу фаъолияти одамон муқаррар гардидааст ва берун аз он ҳарчанд амалҳои иҷтимоӣ мукаммал ҳамоҳанг сохта шуда бошад ҳам мавриди эътирофи умум қарор намегиранд. Ҳамин тариқ, сотсиум - ин фарогири одамони зиёд аст, ки онҳоро метавон субъектҳои ягонаи амали таърихӣ шуморид. Фаъолияти бошууронаю мақсаднокро ҳақиқатан танҳо одамони алоҳида ба амал баровварда метавонанд, аммо « амал» ва «ирода»-и сотсиум натиҷаи ба ҳам таъсир расонидан, ба муқобили якдигар қарор гирифтани амал ва иродаи фардии инсоният аст. Мо ҳақ дорем, ки таърихро ҳамчун раванди таъсири мутақобилаи сотсиумҳои алоҳида тасаввур намоем, зеро интерференсия (ба муқобили якдигар қарор гирифта ба ҳам таъсир расонидани сотсиумҳои гуногун)-и номбаршуда ба воситаи қоидаҳои пешгӯикунанда, ягона ва умумӣ сурат мегиранд. Дар ин ҷо натиҷаҳои умумӣ натанҳо бозиҳои объективию баробартаъсири нерӯ ва иродаи фардӣ, балки натиҷаи ризоияти бошуурона, доимӣ ва ба тартибдаровардашудаи тарафайн мебошад.

Хусусиятҳои фарққунандаи сотсиумро ҳамчун шакли муайяни ташкилоти инсонӣ ба таври зерин арзёбӣ намудан мумкин аст. Аввалан, ризоият ва батартиб даровардани ин ё он шаклҳои ҳаёту фаъолияти инсонӣ маҳз дар сотсиум ҳамаро фаро мегиранд ва ба тарафҳои нисбатан муҳими ҳастии инсон дахл менамоянд. Сотсиум алоқаҳои оила ва амнияти шахсӣ, имкониятҳои такмилдиҳӣ ва инкишофи ҳокимияти таъсиррасон, зарурияти ҷонфидоӣ намудани аъзоёни худро ба тартиб медарорад; дар коллективи одамон ҳамаи дигар сатҳҳои ташкилӣ бештар тарафҳои маҳдуд ва на он қадар муҳими ҳаёти инсониро ба тартиб медароранд. Баъдан, аъзогӣ ба сотсиум

меросӣ аст. Инсон метавонад бе мамоният ва ба хоҳиши худ клуби шоҳмотбозон ва ё ҳизбро тарк гӯяд, аммо аз сотсиум берун баромада наметавонад. Саввум, зери таъсири ду омили аввалӣ аъзоёни сотсиум аз ҷиҳати психологӣ «худӣ» мегарданд, вобастагӣ, наздикӣ ва ҳамдигарфаҳмиро эҳсос менамоянд.

Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки чи гуна ягонагии сотсиум устувор боқӣ мемонад ва омилҳои созандаи он кадомҳоянд? Барои мо душвор нест, ки онро ҳокимияти ягонаи ҳамаи аъзоёни сотсиум номем ё «сотсиум»-ро ҳамчун маҷмӯи одамони муайян арзёбӣ намоем, аммо чунин тавсиф додани «сотсиум» пурра нест.Масалан, ҳудуди давлатҳои пурқудрати истилогар ба ҳокимияти умумӣ тобеъ шудаанд ва на худи онҳо ва на мушоҳидакорони беруна онҳоро ҷузъҳои як сотсиум ҳисоб намекунанд. Дар ҳақиқат, омилҳои ҷомеаофарандаи ӯҳдадориҳои тарафайни одамон сотсиум аст. Ӯҳдадориҳое, ки ба беҳтар гардонидани имкониятҳои зиндагии ҳар яки онҳо равона гаштааст. Ӯҳдадориҳои мазкур маҳз дар дохили ҳудудҳои сотсиум амал мекунанд. Ҳама гуна сотсиум қисми муайяни аъзоёни худро барои ҳифзи дигарон сафарбар намуда, ба марг маҳкум менамояд. Ба чунин қурбони оварда расонидан ӯҳдадорӣ ва сар тофтан аз он хиёнат ҳисобида мешавад. Берун аз ҳудуди сотсиум чунин муносибатҳо пайдо намешаванд, доираи ҳукумрон танҳо «худи»-ҳоро қурбон мекунанд, «бегонагон» ҳангоми муайян намудани хиёнаткорони бемасъулият худ ихтиёр доранд. Ин ҷо сухан оиди ёрии байниҳамдигарӣ меравад, ки бояд дар ҳолатҳои фавқуллода бо қурбонии зиёд дастраси ҳамдигарӣ гардонанд, ёрии ҳатмии байниҳамдигарӣ шароити доимӣ ва зарурии мавҷудияти ҳар як сотсиум ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, заминаи асосии ва аввалини ҳастии сотсиум ёрии ҳатмии байниҳамдигарӣ аст.

Агар миёни аъзоёни як сотсиуми муайян низоъ бархезад он бо қоидаҳои муайян бартараф ва ҳал карда мешавад, аммо ба ҳам таъсиррасонии тарафҳои ниҳоят ҷиддӣ маҳдуд гардонида шудааст ва ҷонибҳоро лозим меояд, ки манфиатҳои якдигарро ба ҳисоб гиранд, вагарна ҳокимияти умумӣ бо ҷазои сангин ба сари онҳо фурӯ мерезад. Дар ин гуна ҳолат сухан дар бораи он меравад, ки ӯҳдадории ҳатмии ҳамаи ҷонибҳои сотсиум ба ҳам дарнаафтодан ва фишор наовардан аст. Ташкил ва кафолати иҷроиши ин ӯҳдадориҳоро ҳокимияти ягонаи сотсиум ба зимма гирифтааст. Бе ин гуна ҳокимият ҳеҷ кас ва ба ҳеҷ восита ёрии байниҳамдигарӣ ва

чораҳои ба ҳам дарнаафтодани аъзоёни сотсиумро таъмин гардонида наметавонад. Ҳамин тариқ, сотсиум «майдон»-и аҳд ва савганди меросии тарафайн оиди ёрии байниҳамдигарӣ ва ба ҳам дарнаафтодан аст. Маҳз сотсиум дар ҳолати зарурат хоҳишу манфиатҳои бунёдии инсон ва талаботҳои ӯро ба бехатарӣ ва кӯмакрасонӣ қонеъ мегардонад.

Муаммои асосии психологии сотсиум дар он зоҳир мегардад, ки моҳиятан сотсиум ба сифати «диҳанда» баромад намуда ва ин сифати худро эътироф низ менамояд, фард бошад ҳамчун нерӯи асосии истифодабаранда (гиранда) эҳсос мегардад. Хайру эҳсони сотсиум ба ҳавои тоза монанд аст: онро нафас мекашанд, аммо онро намебинанд. Аз тарафи сотсиум маҳдудгардонӣ ва қурбонӣ кардан «худиҳо» пардохтест, ки ҳар як аъзои ҷомеа бояд ба ивази ин ҳимматбаландӣ бояд пардозанд. Ин ҷо куллан амали баръакс мушоҳида мегардад. Умуман, инсоният ду амсилаи ҳалли ин муамморо кор карда баромадааст. Дар доираи аввал – ҷомеа аз фард бо қоидаи ошкорои расман эълон кардашуда «қарзи пардохти шаъну шӯҳратро» талаб намуда, рӯёнида мегирад. Фард бояд ба манфиати сотсиум неъматҳои гуногунро барои он қурбони намояд, ки бо зиндагии худ ва неъматҳои соҳибгаштааш маҳз аз ин сотсиум қарздор аст. Бо шарофати ин сотсиум ӯ зинда аст, талаботҳои бе ҳадду ҳудудаш то дараҷаи қонеъ мегарданд. Чунин модел ибтидои низои байни шахс ва ҷомеаро каме коҳиш медиҳад. Ҳарчанд он ба хизматҳои ибтидоии барои аъзоёни сотсиум такя менамояд. Сотсиум дар мавриди зарурӣ аз шахс пурра истифода мебарад ва баъдан худи сотсиум арзиши шахсро муайян менамояд. Ҳолатҳое мешаванд, ки сотсиум шахсро дар канор мегузорад ва ба ӯ «хидмат» -и лозима наменамояд. Пас аз ин ҳангоме, ки сотсиум аз шахсон қурбонӣ талаб менамояд, онҳо вокуниш нишон медиҳанд. Дар натиҷа чунин ба назар мерасад (ё ҳақиқатан чунин аст ) «хизмат»-ҳои қаблӣ ва ояндаи сотсиум номутаносибу носозгоранд. Чунин муносибат намудан ба кор аксар вақт барои ояндаи сотсиум ва ҳамеша барои ҳокимияти ҳукумрон ногувор хоҳад буд.

Амсилаи дуюм дар асоси он сохта мешавад, ки ҳамагуна талафот ва фидокорӣ барои хайрияти сотсиум, пеш аз ҳама ба манфиати худи шахс равона карда шудааст. Чунин равиш барои дар ҳама гуна ҳолати фавқуллода (ҳатто ҳолати муқаррарӣ) ҷойивазкунии зудамали ҷомеа тамоми имкониятҳои мусоидро фароҳам месозад. Аз

дигар тараф, он ба як қатор ғаризаҳои бунёдии иҷтимоиию шахсӣ муқобил мебарояд ва ворид намудани он ба зиндагӣ танҳо дар шароитҳои ирратсионалии шуури ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани шиддати эмотсионалӣ имконпазир мегардад.

**СОЦИУМ** (от латин. socium – общее; анг. socium; нем. sozium; фр. socium) - социальная реальность, объект социологии как науки; общество рассматриваемое в ракурсе общих форм человеческого воздействия. В науке нет однозначного решения вопроса о соотношении понятий «общество» и «социум». Одни социологи отождествляют эти понятия, другие считают, что понятие «социум» шире понятия «общество», третьи видят в «социуме» лишь отдельное свойство общественного. Но при этом общепризнано, что в содержание понятия «социум» включаются социальные связи и взаимосвязи, социальные действия, взаимодействия и отношения, личности и их объединения, социальные институты и организации, культура, социальные ценности и нормы, социальное регулирование.

Социум - большая устойчивая социальная общность, характеризуемая единством условий жизнедеятельности людей в каких-то существенных отношениях и вследствие этого общностью культуры, пространством взаимодействия социальных общностей. Социум - это организованная группа людей, функционирующая как система. В пределах социума люди координируют свои действия друг с другом по определенным правилам. Тем самым социум оказывается наделен определенным единством действий, и за его границами сколько-нибудь регулярная координация действий по таким общим правилам уже не осуществляется. Таким образом, социум - это самое большое по масштабам множество людей, которое можно рассматривать как единый субъект исторического действия. Осуществлять целеполагающую сознательную деятельность могут на самом деле только отдельные люди, а «действия» и «воля» социума являются результатом сложнейшей интерференции индивидуальных человеческих действий и воли. Представлять историю как процесс взаимодействия отдельных социумов мы вправе только потому, что в социуме упомянутая интерференция происходит по предсказуемым, единым и общим правилам. Общий итог является здесь не просто объективной равнодействующей игрой индивидуальных сил и воли, а результатом их сознательного, постоянного и регламентированного взаимного согласования.

Отличительные особенности социума как определенной формы человеческой организации заключаются в следующем. Во-первых, согласование и регламентация тех или иных форм человеческой жизнедеятельности именно в социуме наиболее всеобъемлюща и касается наиболее важных сторон человеческого существования. Социум регламентирует семейные

связи, личную безопасность, возможности обогащения и роста власти и влияния, необходимость жертв со стороны своих членов; в человеческих коллективах всех прочих уровней организации подвергаются регламентации гораздо более ограниченные и менее существенные стороны жизни человека. Во-вторых, членство в социуме наследственно. Шахматный клуб или партию можно покинуть по собственной воле без всяких ограничений, социум – нет. В-третьих, в силу первых двух факторов, члены социума оказываются психологически «своими» друг для друга, испытывают друг к другу привязанность, близость и солидарность неизмеримо большую, чем «усредненная» близость между людьми, как бы высчитанная без учета границ социума. Граница своего социума - это основная граница «своего» и «чужого» в мире для подавляющего большинства людей.

На чем же держится единство социума, что является основным социообразующим фактором? Проще всего сказать, что это единая власть, общая для всех членов социума, и определять «социум» просто как совокупность людей. Однако такое определение явно недостаточно. От того, к примеру, что территория державы-оккупанта и оккупированных ею стран подчиняются общей власти, ни они сами, ни посторонний наблюдатель не сочтет их частями одного социума. В действительности социообразующим фактором являются взаимные обязательства составляющих социум людей - обязательства, направленные на улучшение возможностей выживания каждого из них. Указанные обязательства действуют именно и только внутри границ социума. Любой социум обрекает часть своих членов на военные лишения и гибель во имя всех прочих; принесение такого рода жертвы считается обязательным, уклонение от нее - изменой. Поверх же границ социума таких отношений не возникает, и принесение правящей верхушкой «своих» в жертву «чужим» само рассматривается как предательская безответственность. Речь идет о взаимопомощи, которую члены социума обязаны оказывать друг другу в чрезвычайной ситуации ценой тяжелейших личных жертв; однако, обязательная взаимопомощь менее напряженного вида является уже постоянным и необходимым условием существования социума. Таким образом, первым краеугольным камнем социума являются обязательства взаимопомощи.

Если конфликт случится между членами одного социума, он будет локализован и разрешен по определенным правилам, а действия сторон окажутся строго ограничены, и сторонам придется определенным образом считаться с интересами друг друга, в противном случае на них обрушится с тяжелым наказанием их общая власть. В данном случае речь идет о взаимных обязательствах по ненападению, составляющих второй краеугольный камень всякого социума. Организацией и гарантией выполнения этих обязательств и служит единая власть социума. Без такой власти некому и нечем будет обеспечивать взаимопомощь и взаимное ненападение членов

социума. Социум, таким образом - это «поле» взаимной наследственной клятвы о взаимопомощи и ненападении. Тем самым именно социум обеспечивает удовлетворение фундаментальных желаний человека, его потребностей в безопасности и помощи в случае нужды.

Основной психологический парадокс социума заключается в том, что социум, в сущности, выступающий как структура, дающая и даже осознаваемая в этом качестве, непосредственно ощущается индивидуумом как сила в основном берущая. Благодеяния социума подобны воздуху: в их отсутствие задыхаются, но их наличия не ощущают. С ограничениями и жертвами, составляющими неизбежный взнос, который платит всякий член общества за эти благодеяния, дело обстоит прямо противоположным образом. В общем, человечество выработало две модели разрешения этого парадокса. В рамках первой - общество взыскивает с индивидуума по открыто декларируемому правилу «долг платежом красен». Индивидуум должен жертвовать в пользу социума разнообразными благами только потому, что самим своим выживанием и возможностью приобретения этих благ он обязан именно этому социуму. Такая модель смягчает конфликт личного и общественного начал, поскольку опирается исключительно на исходные «заслуги» социума перед самим данным человеком, то есть, во-первых, ставит во главу угла, в конечном счете, именно личность, а, во-вторых, делает сам социум личной ценностью. С другой стороны, члены общества крайне обостренно реагируют на ситуации, в которых требуемые от них жертвы кажутся (или действительно являются) несоразмерными предыдущим «заслугам» и грядущим приобретениям социума. Такой подход к делу иногда оказывается неудобен с точки зрения будущего всего социума и всегда - для его правящей верхушки.

Вторая модель строится на том, что жертва во благо социума провозглашается благом сама по себе. Такой подход открывает обществу большие возможности быстрой мобилизации в любой чрезвычайной (и даже обычной) ситуации. С другой стороны, он противоречит целому ряду базовых личных и социальных инстинктов человека, и его, возможно, провести в жизнь только в условиях иррационализации общественного сознания и повышенной эмоциональной напряженности.

**Адабиёт/Лит.:** Кравченко С.А. Социологический энциклопедический англо-русский словарь. - М.: 2002; Социологический энциклопедический словарь./Под ред. Г.В.Осипова. - М.: 2000; Словарь социально-гуманитарных терминов./Под общ. ред. А.Л. Айзентшадта. - Минск, 1999.

Шоисматуллоев Ш.Ш.

ва омилҳои беруна, балки ба сатҳи пасти фарҳангии ӯ, набудани донишҳои зарурӣ андар шинохти худ, набудани малакаҳои муайян карда тавонистани мақсадҳои ҳаётии худ мутаносибан ба имконоти худ, интихоби самти афзалиятноки фаъолияти ҳаётии худ дар шароити имрӯзаи дигаргуниҳо вобастигӣ дорад. Дар мавриди ба чунин қобилияту малакаҳо ва донишҳо доро будан шахси ҷавон метавонад низоми мукаммали худтатбиққуниро дар ҷомеаи муосир эҷод кунад. Мақсади асосии худмуайянкунии фарҳангии шахс ҳалли масоили худшиносиву худтакмилдиҳӣ ба шумор рафта, аз шахс ба таври оқилона ва фаъолона ворид шуданро ба низоми муносибатҳои мураккаби иҷтимоӣ бо шахсони дигар, намояндагони гурӯҳҳо ва ҷамоаҳои этникӣ, динӣ, милливу касбӣ, малакаҳои рафтори дурусту бехавф ва қобилияти қарори дуруст қабул карданро дар вазъияти гуногуни ҳаёт, муайян кардани мақоми дурусти худро дар зиндагӣ талаб мекунад. Асосҳои худмуайянкунии фарҳангии шахс ба мафҳуми фалсафии шинохти фарҳанг чун хориқаи иҷтимоӣ далолат намуда, таносуби гуногунрангии фаъолият ва ҳаёти маишии инсонро, ки ба сатҳи донишу ахлоқ ва фарҳанги шахс вобаста аст, дар низоми ҷомеа нишон медиҳад. Аз нигоҳи инкишофи таърихи башарият ва таҷрибаи ҳаёти инсон категорияҳо ва мафҳумҳои муҳиме интихоб мешаванд, ки фаъолияти инсон ва ҷомеаро барои ҳаёти муваффақона таъмин месозанд. Аз ин хотир чун категоряҳои бунёдӣ мафҳумҳои бадӣ ва некӣ, эътимод ва ӯҳдадорӣ, адолат ва озодӣ ва амсоли ин ки воридшавии фардро ба низоми муносиботи иҷтимоӣ таъмин месозанд, интихоб шудаанд. Воҳиди муҳимтарини фарҳанги шахс қобилияти худмуайянкунии ӯст, ки раванд ва натиҷаи интихоби оқилонаи мавқеи ҳаётӣ, мақсад ва омилҳои рафторро дар вазъияти ҷудогонаи ҳаётӣ фаро мегирад. Асоси худмуайянкунии шахс на танҳо дарки фитрат ва имконоту мақоми худ, ҳамчунин ҷустуҷӯи воситаҳои шинохти худ мебошад. Шунидани дигарон, арзиш ва мақоми ононро сарфаҳм рафтан ва дар баробари ин ба ботини худ гӯш андохтан, мавқеъҳои гуногунро қиёси дуруст кардан ва баҳои сазовор додан ва дар баробари ин дарки мақсади мавҷудияти худ ва дақиқ муайян намудани мақоми худ дар низоми муносиботи фарҳангӣ ва умуман дар ҳаёт – ин аст вазифаи онҳое, ки имрӯз бо тарбияи ҷавонон сарукор доранд. Мақсади худмуайянкунии фарҳангии шахс қабл аз ҳама дар он аст, ки дар шахс малакаҳои ваколатмандии иҷтимоиро ташаккул диҳад ва маҳз ҳамин асоси рафтори матлуб ва мутобиқшавандаро ба муҳити

иҷтимоӣ нишон медиҳад ва ба инсон имкон медиҳад, ки дурусту оқилона меъёр ва талаботи ҳаёти иҷтимоиро иҷро намояд, ба таври самарабахш масъалаҳои зиндагии рӯзмарраи худро ҳал намояд. Чунин муносибат дар чаҳор намуди қисматҳои асосии раванди ташаккул ва инкишофи шахсият нишон дода мешавад: муносибат ба худ (худмуайянкунии шахсӣ), муносибат ба дигарон (худмуайянкунӣ дар раванди муошарат), муносибат ба фаъолият (худмуайянкунии касбӣ), муносибат ба муҳити атроф (худмуайянкунии ҷамъиятӣ). Вазифаи асосии қисмати «муносибат ба худ» муайян кардани сифатҳои ботиниву зоҳирии худ, тарафҳои қавӣ ва заъифи хислати худ ва тавсифи онҳо, махсусиятҳои ҷаҳони ҳиссиёт, таҳлили ҷузъии талабот ва хоҳишҳо, рафтор ва муайян кардани мақоми худ дар низоми арзишҳои ҳаётӣ мебошад. Асоси «муносибат ба дигарон» ташаккули малакаҳои муошарат, ҳамкории самарабахш бо калонсолон, ҳамсолон, намояндагони дигар миллиатҳо, дину мазҳаб ва ҷинси дигар бидуни истифодаи стереотипҳо (рафторҳои қолабӣ) ба шумор меравад. Вазифаи асосии «муносибат ба фаъолият» ташаккули малакаҳои худсозмондеҳӣ дар фаъолияти таълимӣ, фароғат ва тафреҳ, омодагии шахсӣ ба интихоби оқилонаи касбу машғулият чун воситаи муҳимтарини худмуайянкунӣ дар ҳаёт дониста мешавад. Вазифаи «муносибат ба муҳити атроф» ба дарки гуногунрангиву нотакрории олам ва ҳамчун ҷузъи таркибии он донистани худ ва чун инсон ва шаҳрванд узви ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ донистани худ далолат мекунад.

**КУЛЬТУРА ЖИЗНЕННОГО САМООПРЕДЕЛЕНИЯ** – активное определение человеком своей позиции относительно общественной системы ценностей (моральных, социальных, коммуникативных, эстетических, профессиональных и т.п.), что позволяет ему проявлять себя в разных жизненных ситуациях. Реалии сегодняшнего дня требуют от личности навыков быстрой адаптации к разным явлениям социальной жизни, умений принимать самостоятельные ответственные решения и преодолевать жизненные преграды, активизировать личностный потенциал для самореализации и самоутверждения в разных сферах жизнедеятельности. Результаты исследований 90-х годов показывают, что вместе с особенностями возраста, такими как: формирование научного мировоззрения, расширение мировосприятия, появление теоретических интересов; стремление к самостоятельности, потребность в самоутверждении; внутреннее стремление к самореализации, определение жизненных перспектив; осознание личностью собственных возможностей достижения целей

в жизни; стремление жить в максимальном напряжении своих способностей проявляются и специфические особенности современной молодежи, а именно: осложнение и обострение проблем, появление новых реалий, существенная поляризация взглядов, установок, ценностных ориентаций, связанных с нестабильностью современной жизни. Проблема жизненного самоопределения подрастающего поколения привлекает все большее внимание ученых и практиков. В последние годы были разработаны и внедрены образовательные программы, основной целью которых является формирование у молодежи здорового образа жизни, развитие психологической, экологической, правовой культуры, овладение навыками жизнетворчества и компетентности. В психолого-педагогических исследованиях активно изучают проблему подготовки молодежи к самостоятельной жизни в разных условиях и механизмы формирования жизненного мира молодого человека, его социальной компетентности. Работая над созданием своего жизненного мира, личность одновременно решает вопросы самопознания и самоусовершенствования, разрабатывает и осуществляет оригинальный и неповторимый жизненный сценарий. Жизнь личности – это решение противоречий, определение соотношения добра и зла, смерти и бессмертия, необходимости и свободы. Поиск ответов на данные вопросы создает качество жизни и жизненный мир каждого из нас. Существенной преградой на пути самоопределения и самоусовершенствования молодого человека являются не только внешние обстоятельства, но и низкий уровень культуры, отсутствие необходимых знаний о себе как об индивидуальной и неповторимой личности, навыков определения целей собственной жизни с учетом своих способностей и интересов, навыков принятия решений и выбор жизненных приоритетов в изменчивом современном мире. Овладение этими навыками и умениями имеет большое значение и для осуществления жизни личности как целостной самодостаточной системы. Основная идея культуры жизненного самоопределения состоит в комплексном решении проблемы самопознания и самоусовершенствования личности, формирование навыков эффективного взаимодействия с другими людьми, представителями разных этнических, социальных, культурных и религиозных групп, профессионального самоопределения, навыков безопасного поведения, умения принимать адекватные решения в разных жизненных обстоятельствах, определение и формирование активной гражданской позиции молодого человека. Основа культуры жизненного самоопределения – это философское понимание культуры как общественного феномена, органически соединяющего разнообразие человеческого бытия и деятельности, обусловленные уровнем его воспитания и образования. С точки зрения исторического развития культуры в ней формируются и функционируют особенные значимые категории, которые в дальнейшем определяют понимание человека как субъекта деятельности, общения, отношение к другим и обществу в целом. Поэтому базовыми категориями культуры являются добро и зло, вера и обязательства, справедливость и свобода, формирующие опыт вхождения

индивида в систему социально значимых отношений. Базовым компонентом культуры личности выступает ее самоопределение – процесс и результат осознанного выбора личностью собственной жизненной позиции, цели и средств поведения в конкретных жизненных обстоятельствах. Основа самоопределения – ориентация не столько на познание и овладение, сколько на поиск механизмов понимания, прежде всего – себя. Услышать других людей, осмыслить их ценности, сравнить разные позиции, уловить и прислушаться к собственному, внутреннему голосу, осознать смысл своего существования и одновременно определить свое место в культуре, и соответственно и жизни - такое сегодня задание стоит перед теми, кто осуществляет работу с молодежью. Цель культуры жизненного самоопределения состоит в формировании жизненных навыков социальной компетентности – основы для адаптивного и позитивного поведения, что в свою очередь позволяет человеку адекватно выполнять нормы и правила общежития, эффективно решать проблемы повседневной жизни. Такой подход заложен в четырех базовых компонентах развития и становления личности: отношение к себе (личностное самоопределение), отношение к другим (самоопределение в сфере коммуникативной сфере), отношение к деятельности (профессиональное самоопределение), отношение к окружающему миру (общественное самоопределение). Главная задача компонента «отношение к себе» – определение личностью своих внутренних и внешних, сильных и слабых качеств, личностных характеристик, особенностей эмоционального мира, детального анализа и самоанализа потребностей, поведения и определения собственной позиции в системе жизненных ценностей. Основа компонента «отношение к другим» – формирование навыков общения, толерантного отношения и эффективного взаимодействия с взрослыми, ровесниками, представителями другой национальности, вероисповедания, пола без предубеждения, стереотипов и конфликтов. Ведущее задача компонента «отношения к деятельности» – формирование навыков самоорганизации в учебе и досуге, подготовка личности к осознанному выбору профессии как одной из важнейшей составляющей жизненного самоопределения. Задача компонента «отношения к окружающему миру» предполагает осознание личностью многогранности мира, определение себя как его части, гражданина общества и члена мирового сообщества.

**Адабиёт/Лит.:** Культура життєвого самовизначення. Програма інтегративного курсу для учнів загальноосвітніх навчальних закладів. Глосарій понять та термінів / Наукове керівництво та редакція І.Д. Звєрєвої. – К., 2003; Цюман Т.П. Життєве самовизначення як проблема сучасної молоді / Теоретико-методичні проблеми виховання дітей та учнівської молоді. / Зб. наук. праць. – Вип..8. – К.:, 2005. – С.129-134; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І. Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008. – С. 103-106.

Зверева И.Д., Цюман Т.П.

**ФАРҲАНГ** – (лот. cultura – тарбия, таълим, инкишоф, эҳтиром) – 1) модели рафтори барои ҷомеа мақбул ва хоси гурӯҳи одамон; 2) одатҳо, бовариҳо, дастовардҳо, ҳунар ва адабиёт, ки ба шахси алоҳида ва муайяни таърихӣ ва дар муҳити шароити мавҷуда аз як давраи иҷтимоӣ ба давраи дигари он ҳамчун арзиши бебадал интиқол меёбад ва дар самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа татбиқ мегардад. Барномаи фаъолият, рафтор ва муошарат заминаҳои муҳими фарҳанг буда, дар шаклҳои гуногун, чун дониш, малакаҳо, меъёр ва ормонҳо, фарзияҳо, бовариҳо, намунаҳои рафтор ва фаъолият, арзишҳои иҷтимоӣ ва тамоюлҳои арзишманд зуҳур мекунад. Дар маҷмӯъ онҳо арзишҳои иҷтимоии дар тӯли таърих ташаккулёфтарои ифода мекунанд. Фарҳанг барномаҳои фаъолияти ҳаёт ва меъёрҳои рафтори инсонро ҳифз мекунад ва аз насл ба насл интиқол медиҳад. Бинобар ин мафҳум фарҳанг дар раванди таърих ташакул ёфта мукаммал гардидааст. Ҳамчун истилоҳ калимаи фарҳанг дар улуми фалсафа ва таърихи Аврупо шурӯъ аз нимаи дуюми садаи ҶVII ҳамчун ҷанбаи муҳими ҳаёти инсон таҳлилу баррасӣ мегардад. Фарҳанг нишондиҳандаи муҳими ҳаёти инсон дар муқоиса бо ҳаёти дигар махлуқоти рӯи замин аст. Дар тавзеҳ ва баррасии мафҳуми фарҳанг назарҳо ва самтҳои тадқиқии гуногун мавҷуданд. Яке аз назарҳои густурдатар чунин аст, ки фарҳанг чун раванди инкишофи тафаккури инсон буда, ба таври оқилона пеш бурдани ҳаёт аст ва бар хилофи ҳаёти барбарӣ ва ваҳшиёнаи инсони ҷамоаи ибтидоӣ меистад ва бар ин ақида бештар маорифпарварони фаронсавӣ мӯтакиданд. Самти дигари баррасии ин мафҳум ба чунин андеша қоим аст, ки фарҳанг раванди таърихии олами маънавии инсон аст ва он ба рушди муттасил ё худ эволютсияи тафаккури ахлоқӣ, зебоишиносӣ, рӯҳонӣ, фалсафӣ, илмӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии инсонҳо аст, ки дар навбати худ ба рушди минбаъдаи фарҳанг ва умуман ҳаёти башар мусоидат мекунад. Бар ин ақида классикони идеалистии Олмон - Кант, Фихте, Шеллинг, Гегел, намояндагони романтизми олмонӣ - Шиллер, Шлегел ва ҳамчун маорифпарварони олмонӣ - Лессинг, Гердер мӯътакиданд. Махсусияти самти дигари тавзеҳи мафҳуми фарҳанг бар он буд, ки онҳо ба ташаккул ва инкишофи таърихии фарҳанг на он қадар диққат дода, балки чигунагии фарҳангро ба сохтор ва низоми ҷомеа мансуб медонанд ва маҷмӯи арзишҳо, идея ва ормонҳои иҷтимоиро маҳсули низоми ҷамъият медонанд, ки неокантчиён чун Риккерт ва Кассирер бар

ин андешаанд. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки ба мафҳуми фарҳанг ҳама гуна сарвати фарҳангӣ чи моддию чи маънавӣ, урфу одатҳо, забонҳои гуногун ва системаи аломатҳои рамзиро мансуб донем. Дар поёни садаи XIX ва ибтидои XX дар раванди тадқиқи фарҳанг муҳаққиқон ба таври самарабахш дастовардҳои улуми антропология, этнология, лингвистикаи структуралӣ, семиотика ва назарияи иттилоотро истифода намуданд (антропологияи фарҳанг – Тейлор, Баос; антропологияи иҷтимоӣ - Малиновский, Радклиф-Браун; антропологияи структуралӣ ва структурализм – Леви-Стросс, Фуко, Лакан; неофрейдизм ва амсоли ин). Барномаи фаъолият, рафтор ва муошарат, ки дар хориҷаи фарҳангии гуногун зуҳур меёбад таснифоти басо мураккаби сохториро дорост. Дар ин таснифот се дараҷаро муайян кардан мумкин аст. Аввал аз ҳама – барномаи бозмонда, чун осори фарҳанги гузашта, ки ҳанӯз дар ҷомеаи муосир мустаъмаланд ва ба рафтору андешаи инсон таъсир мебахшанд. Дараҷаи дуввум – маҷмӯи барномаи рафтор, фаъолият ва муошарат, ки маҳсули фарҳангии ҷомеаи имрӯзаро татбиқ месозад. Дараҷаи сеюми хориҷаи иҷтимоӣ ба рушди ҳаёти минбаъдаи инсон мутааллиқ мебошанд. Ҳамчунин ду гурӯҳи универсалияҳои фарҳангиро муайян кардаанд. Ба гурӯҳи якуми универсалияҳо мафҳумҳоеро мансуб донистаанд, ки онҳо барои инсон дар рафтору фаъолият бештар маъмул ва умумӣ мебошанд. Дар баробари ин дар раванди инкишофи таърихии фарҳанг универсалияҳои махсусе низ вуҷуд доранд, ки тавассути онҳо инсон ҳамчун объекти фаъолият шинохта мешавад, сохтори муошарати ӯ нишон дода мешавад, муносибати инсон ба одамони дигар, ба ҷомеа ва ба арзишҳои иҷтимоӣ муқаррар карда мешавад. Ин универсалияҳо ба гурӯҳи дуюм шомиланд ва категорияҳои «инсон», «ҷомеа», «тафаккур», «некӣ», «бадӣ», «зебоӣ», «эътиқод», «умед», «виҷдон», «адолат» ва амсоли ин ба гурӯҳи мазкур мансуб дониста мешаванд. Маҳз ҳамин категорияҳо дар шакли таҷрибаи таърихӣ ба фард имкони ба муносиботи иҷтимоӣ ва низоми иттилооти инсонӣ ворид шуданро медиҳад. Дар низоми универсалияҳо тасаввуроти умумӣ доир ба паҳлӯҳои асосии рафтору фаъолияти инсон ҷой дода шудаанд. Дигаргуншавии низоми ҷомеа ва рушди мунтазами тамаддуни башарӣ бар он далолат мекунад, ки мазмун ва мундариҷаи арзишҳои гуногуни иҷтимоии дар универсалияҳои фарҳангӣ қарордошта, ба таври муттасил дигаргун карда шаванд. Бидуни тағйироти фарҳангӣ дар ҷомеа ҳеҷ гуна тағйиротро ба миён овардан мумкин нест. Дар

сифати фарди иҷтимоӣ худ инсон низ маҳсули фарҳанг аст. Фард дар ҳолати касб кардани таҷрибаи иҷтимоӣ ва малакаҳои иҷтимоӣ, ки тавассути фарҳанг интиқол мегардад, метавонад бо муносиботи иҷтимоӣ ворид шавад. Раванди азбаркунии чунин таҷрибаи иҷтимоӣ ба таври иҷтимоишавӣ, таҳсилот ва тарбия сурат мегирад. Дар ин раванд робитаи тарафайни барномаҳои биологӣ чун ворисияти инфиродии инсон ва барномаҳои ғайрибиологӣ чун муошарат, рафтор ва фаъолият, ки ба таъбире ворисияти иҷтимоӣ аст, сурат мегирад. Ба шарофати касби ҳамин гуна барномаҳо фард ба раванди фаъолияти иҷтимоӣ ворид мешавад ва бо ҳамин меъёрҳо, намунаҳои рафтор ва идеяҳоро азбар мекунад. Бо ҳамин инсонҳо ба раванди фарҳангӣ ворид гардида, ба минбаъда фаъолияти одамони дигарро барномарезӣ мекунанд. Таҷрибаи инфиродӣ ба таҷрибаи иҷтимоӣ ва таҷрибаи фарҳангӣ табдил мегардад ва дар натиҷа хориқаи нави иҷтимоию фарҳангӣ ба миён меояд. Дигаргуниҳо дар фарҳанг ба шарофати фаъолияти эҷодии инсон зуҳур мекунанд. Инсон худ самараи фарҳанг буда, дар баробари ин худ эҷодкунандаи фарҳанг аст.

**КУЛЬТУРА** – (лат. cultura – воспитание, образование, развитие, почитание) – 1) модель социально приемлемого поведения, характеризующая людей как группу; 2) обычаи, верования, достижения, искусство и литература, присущие отдельному человеку или группе; 3) система надбиологических программ деятельности человека, исторически развивающиеся и выступающих условием воспроизведения и смены социальной жизни во всех ее основных проявлениях. Программы деятельности, поведения и общения создают своеобразную основу культуры и проявляются в разнообразии форм: знание, навыки, нормы и идеалы, образцы деятельности и поведения, идеи и гипотезы, верования, социальные ценности и ценностные ориентации. В совокупности и динамике они образуют исторически накопленный социальный опыт. Культура сохраняет, транслирует (передает от поколения к поколению и генерирует программы жизнедеятельности, поведения и общения людей). Понятие культура развивалось исторически. В качестве термина широко используется в европейской философии и исторической науке, начиная со второй половины XVII в. культуру начинают рассматривать как особенный аспект жизни общества. Культура характеризует отличие человеческого бытия от животного существования. Возникает несколько линий в разработке проблематики культуры. Первая их них рассматривает культуру как процесс развития человеческого разума и разумных форм жизни, противопоставляющихся дикости и варварству первобытного человека (французские

просветители); как историческое развитие духовности человека – эволюция морального, эстетического, религиозного, философского, научного, правового и политического сознания, которые в свою очередь обеспечивают прогресс человечества (немецкий классический идеализм – Кант, Фихте, Шеллинг, Гегель, немецкий романтизм – Шиллер, Шлегель, а также немецкое просветительство – Лессинг, Гердер). Особенность второй линии развития понимания культуры состояла в акцентировании внимания не на историческом развитии культуры, а на ее особенностях в разных типах общества, рассматривала культуру как автономные системы ценностей и идей, определяющие тип социальной организации (неокантианство – Риккерт, Кассирер). Такой подход позволял расширить понимание культуры путем включения в нее всего богатства материальной культуры, этнических обычаев, разнообразия языков и символических систем. В конце XIX в. начале XX в. во время исследования проблематики К. стали активно использовать достижения антропологии, этнологии, структурной лингвистики, семиотики и теории информации (культурная антропология – Тейлор, Баос; социальная антропология – Малиновский, Радклиф-Браун; структурная антропология и структурализм – Леви-Стросс, Фуко, Лакан; неофрейдизм и т.п.). Программы деятельности, поведения и общения, проявляющиеся в разнообразных культурных феноменах, имеют сложную иерархическую организацию. В них можно выделить три уровня. Первый – реликтовые программы, остатки прошлых культур, живущие в современном мире, влияющие на человека. Второй уровень – пласт программ поведения, деятельности, общения, обеспечивающие сегодняшнее воспроизведение того или иного общества. Третий уровень культурных феноменов создают программы социальной жизни, направленные в будущее. Выделяют два больших блока универсалий культуры. К первому относят категории, фиксирующие наиболее общие, атрибутивные характеристики объектов, включенных в деятельность человека. Однако, кроме них, в историческом развитии культура формируются и функционируют особенные типы категорий, благодаря которым стало возможным определение человека как объекта деятельности, структуры его общения, его отношений к другим людям и общества в целом, к целям и ценностям социальной жизни. Они образуют второй блок универсалий культуры, состоящий из категорий: «человек», «общество», «сознание», «добро», «зло», «красота», «вера», «надежда», «совесть», «справедливость» и т. д. Эти категории фиксируют в более обобщенной форме исторический опыт включения индивида в систему социальных отношений и коммуникации. В системе универсалий культуры выражены наиболее общие представления об основных компонентах и сторонах жизнедеятельности человека. Изменение общества и развития цивилизации всегда предполагает изменение глубинных жизненных смыслов и ценностей, закрепленных в универсалиях культуры. Ни одно из социальных изменений не возможно без изменений К. В качестве социального индивида человек – творение культуры. Он стано-

вится личностью только благодаря усвоению социального опыта, который транслируется в культуру. Сам процесс усвоения такого опыта осуществляется в качестве социализации, обучения и воспитания. В этом процессе происходит сложное взаимодействие биологических программ, которые характеризуют его индивидуальную наследственность, внебиологические программы общения, поведения и деятельности, которые создают так называемую социальную наследственность. Благодаря усвоению этих программ индивид включается в деятельность, приобретая опыт накопления норм, образцов, идей и т.п., отвечающие социальным потребностям. В этом случае они входят в состав культуры и начинают программировать деятельность других людей. Индивидуальный опыт превращается в социальный, и в культурный, появляются новые феномены, закрепляющие этот опыт. Изменения в культуре возникают благодаря творческой активности человека: он одновременно и творение культуры и ее творец.

**Адабиёт/Лит.:** Новейший философский словарь. – 2-е изд., перераб. И доп. – Мн.: Интерпрессервис; Книжный дом, 2001. – 1280 с. – (Мир энциклопедий). Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І. Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008. – С. 118-121.

Цюман Т.П.

**ФУРӮШИ ОДАМОН -** ба даст овардани одамон ба мақсади истисмор, ҷалб намудан, ҳамлу накл, пинҳоннамоӣ ва ё тавассути таҳдид ё истифодаи зӯрӣ ёдигар шаклҳои маҷбурнамоӣ, рабудан, қаллобӣ, фиреб, суистифодаи ҳокимият ё бо воситаи ришва, харида гирифтан ва ё ваъдаи фоидаоварӣ гирифтани ризоияти шахси назораткунандаи шахси дигар ба амал бароварда мешавад. Фурӯши дохилии одамонро, ки дар дохили як кишварсурат мегирад аз фӯруши берунаи одамон – тавасути интиқол доданба воситаи сарҳади давлатӣ амали мегардад аз ҳам ҷудо менамоянд. Фурӯши дохилии одамон дар давлатҳои тавлидкунанда (давлатҳое, ки аз онҳо одамон интиқол дода мешаванд), давлатҳои транзитӣ (давлатҳое, ки тавассути сарҳади онҳо одамон интиқол дода мешаванд) ва давлатҳои таинотӣ (давлатҳое, ки дар онҳо истисмори одамон содир мегардад). Одамонро бо мақсадҳои зерин мавриди истисмор қарор медиҳанд: истисмори меҳнатӣ дар хоҷагии қишлоқ , рӯзгордорӣ, сохтмон, дар корхонаҳо, дар соҳаи хизматрасонӣ, фароғат; истисморнамоӣ дар соҳаи секс-индустрия (ҷалб намудан ба шуғли фоҳишагарӣ ва

тиҷорати порнографӣ); ҷалб намудан ба амали ҷинояткорона; истифода бурдан дар низоъҳои мусаллаҳона; ғайриқонунӣ гирифта шинонидани узв ё бофтаҳо аз як организм ба организми дигар; барои иҷрои вазифаҳои репродуктивӣ водор намудан; ба гадоӣ ва талбандагӣ истифода ё маҷбур намудан; фарзандхонии ғайриқонунӣ ва ғ. Таҳлили санадҳои ҳуқуқӣ- байналхалқӣ ва нашри ҳуҷҷатҳои илмӣ имконият медиҳанд, ки якчанд равишҳои муайян намудани моҳияти фурӯши одамонро ҷудо намоем: 1) фурӯши одамон ҳамчун дағалона поймол намудани ҳуқуқи инсон; 2) фурӯши одамон ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ; 3) фурӯши одамон ва фоҳишагарӣ; 4) фурӯши одамон ва меҳнати маҷбурӣ; 5) фурӯши одамон ҳамчун ҷиноят; 6) фурӯши одамон ҳамчун бадкорӣ. Аз ҳама равиши пурра ва прогрессивӣ равиши қабулшудаест, ки фурӯши одамон ҳамчун поймол намудани ҳуқуқи инсон арзёбӣ менамояд. Дар байни сабабҳои берунаи мавҷудият ва паҳнгардии ҳодисаи фурӯши одамон афтидани "пардаи оҳанин" ва содда гаштанимеханизми сафар намудан ба хориҷи кишвар, ташаккул ёфтани гуруҳои мутташаккили ҷинояткори байналхалқӣ, криминализатсияи равандҳои муҳоҷират, ба коррупсия ғута хурдани кормандони мақомоти давлатӣ, интернатсионализатсияи «иқтисоди соягӣ»; афзудани тафриқаи байни давлатҳои қашшоқ ва сарватмандро махсус қайд менамоянд. Ба сабабҳои дохилии ҳодисаи фурӯши одамон мансуб мегардад: самаранок набудани равандҳои сиёсӣ ва иқтисодии давлат, ниҳоят расмӣ дабдабанок будани сиёсати давлатӣ, ришвахории мансабдорон, афзудани фарқияти байни синфҳои ҷомеа, маҳдуд ва поймол гардонидани ҳуқуқҳои ҷинсӣ (гендерӣ), сатҳи пасти огоҳии шаҳрвандон, нокифоя будани ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон, зуроварӣ, аз ҷумла зуровари дар оила, дар хориҷи кишвар мавҷуд будани шабакаи иҷтимоии шахсоне, ки дар хориҷи кишвар кор мекунанд, омилҳои психологӣ( ҳолати бӯҳронии шаҳрвандон, аз тағйиротҳои мусбии кишвар ноумед ва дилхунук гаштан) ва ғ..

Фурӯши одамон ҳамчун зуҳуроти зиддииҷтимоӣ ва криминалӣ вобаста ба вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як кишвари муайян ва умуман ҷаҳон хусусияти хоси мутобиқ шудан ба шароитҳои нави зиндагиро доро аст. Аз ин рӯ, бо мурури замон ҳодисаи фурӯши одамон тамоюлҳои нав ба навро соҳиб мегардад. Илова ба ин усулҳо ва равишҳои гурӯҳҳои ҷинояткор, роҳҳои ҷалб намудани одамон, гурӯҳҳои хатарнок дигаргун мегарданд.

Умуман ин тағйиротҳо чунин зуҳуротҳоро фаро мегиранд: аз фурӯши одамон мардон низ зарар дида истодаанд; барои кор дарсаноати шаҳвони (секс индустрия) дигар занони аз 35 сола болоро камтар, аммо ҷавондухтарони 15- 19 соларо бештар ба хориҷа мебароранд, ки аз тамоюли ҷавонтар гардонидани тиҷорат ва асорати кӯдакона шаҳодат медиҳад; оиди далелҳои фурӯши кӯдакон иттилооти бештар пайдо мегардад; барои "сифати мол" тоҷирон талаботҳои нав ба навро пеш мегузоранд; ҷабрдидагони фурӯши одамоне, ки на аз истифода намудан дар тиҷорати шаҳвони, балки истисмор намудан дар кори хона, корхонаҳо и фабрикаҳои нимқонунӣ ва ғайриқонунӣ (синну солашон ба 30 – 50 сола мерасанд) ботадриҷ зиёд мегардад; тоҷирон барои ҷалби одамон ба деҳот рӯ меоранд; худи раванди ҷалб намудани одамон рӯйпушона ва махфи амалӣ мегардад. Шахсоне, ки одамонро ҷалб менамоянд, корҳои зиёдеро ба ӯҳдаи хеш мегиранд: онҳо мустақилона одамони заруриро меёбанд, ҳуҷҷатҳои онҳоро аз қайд мегузаронанд, шахсан худашон ин гуна одамонро аз сарҳад гузаронида ба ба дасти харидорони хориҷӣ месупоранд ва дар ҷояш пулро мегиранд. Тиҷорати дохилӣ - бо мақсади ҷалб намудани кӯдакон ба тиҷорати фиттаҳои шаҳвонӣ ва фоҳишагарӣ, бо супориши хориҷиён низ васеъ паҳн мегардад; шаклҳои фурӯши одамон, роҳҳои аз сарҳад гузаронидани онҳо тағйир меёбад, доираи мушкилоти фурӯши одамон босуръат афзуда истодааст.

Роҳҳои асосии ба шабакаи фурӯши берунаи одамон дучор омадани шахсони алоҳида таъмин намудан ба кор, таҳсил, низоми au-pair сафарҳои сайёҳатӣ, никоҳ, шиносои бо Интернет, даъвати шиноси тасодуфӣ, фарзандхонӣ, беҳдошти тандурустӣ, тавассути раводид ба меҳмонӣ даъват намудан ва ғ. ба шумор меравад.

Фурӯши одамон мушкилоти комплексиест, ки барои ҳалли он истифодаи равишҳои муофиқи комплексиро талаб менамояд. Ба сифати чунин равиш якҷояшавии тадбирҳои пешгиринамоӣ, чорабинибарои ҳифз ва дастгирии ҷабрдидагон, инчунин таъқиб ва ҷазо доданиҷинояткоронро номбар намудан ба маврид аст.

**ТОРГОВЛЯ ЛЮДЬМИ** - осуществляемые с целью эксплуатации вербовка, перевозка, передача, укрывательство или получение людей путем угрозы силой или ее использования или других форм принуждения, похищения, мошенничества, обмана, злоупотребление властью или уязвимостью поло-

жения, или путем подкупа в виде денег или другой прибыли, для получения согласия лица, которое контролирует другое лицо. Выделяют внутреннюю торговлю людьми, которая происходит в пределах одной страны, и внешнюю – с перемещением через государственную границу. Внешняя торговля людьми осуществляется в странах происхождения (те, из которых вывозят людей), странах транзита (те, через которых осуществляется их перемещение) и странах назначения (те, где происходит эксплуатация людей). Основными целями торговли людьми являются: эксплуатация труда в сельском хозяйстве, домашнем хозяйстве, строительстве, на предприятиях, в сфере услуг, развлечений; эксплуатация в секс-индустрии (вовлечение в занятие проституцией, использование в порнографическом бизнесе); вовлечение в преступную деятельность; использование в вооруженных конфликтах; нелегальная трансплантация органов и тканей; принудительное выполнение репродуктивных функций; использование и/или принуждение к попрошайничеству; нелегальное усыновление/удочерение. Анализ международно-правовых актов и научных публикаций позволяет выделить несколько подходов к определению сущности торговли людьми: 1) торговля людьми как грубое нарушение прав человека; 2) торговля людьми и нелегальная миграция; 3) торговля людьми и проституция; 4) торговля людьми и принудительный труд; 5) торговля людьми как преступление; 6) торговля людьми как зло. Наиболее полным и прогрессивным принято считать подход, где торговля людьми рассматривается как нарушение прав человека. Среди внешних причин существования и распространения явления торговли людьми отмечают падение “железного занавеса” и упрощение механизма выезда за границу, формирование международных криминальных группировок, криминализацию процессов миграции, коррумпированность работников государственных органов, интернационализацию теневой экономики; рост разницы между богатыми и бедными государствами. К внутренним причинам относят: неэффективность политических и экономических процессов в государстве, декларативность социальной политики, коррумпированность чиновников, рост разницы между классами общества, гендерную дискриминацию, низкий уровень осведомленности граждан, недостаточную социальную и правовую защищенность, насилие, в частности домашнее, наличие социальной сети зарабатывающих за рубежом, психологические факторы (кризисное состояние граждан, разочарование в позитивных изменениях в стране).

Торговля людьми как асоциальное, криминальное явление имеет особенность приспосабливаться к новым условиям жизни в зависимости от экономической и социальной ситуации в каждой конкретной стране и в мире в целом. Поэтому со временем появляются новые тенденции в торговле людьми. Изменяются методы и подходы преступных группировок, способы вербовки, группы риска.

В целом изменения имеют такие проявления: потерпевшими от торговли людьми становятся и мужчины; все меньше женщин в возрасте после 35 лет, а больше молодых – 15–19 лет вывозят для работы в секс - индустрии, что свидетельствует о тенденциях к омолаживанию бизнеса и детского рабства; появляется информация о фактах торговли детьми; торговцы выдвигают больше требований к “качеству товара”; все больше появляется потерпевших от торговли людьми, которые были задействованы не в секс - бизнесе, а эксплуатировались в домашнем хозяйстве, на полулегальных и нелегальных мануфактурах и фабриках (их возраст 30 – 50 лет); торговцы переходят к вербовке в сельской местности; более завуалированной и законспирированной стал процесс самой вербовки. Вербовщики берут на себя больше работы: они самостоятельно находят людей, оформляют им документы, сами перевозят их через границу и передают в руки покупателю за рубежом, сразу получая деньги. Распространяется внутренняя торговля – с целью вовлечения в порно бизнес и проституцию детей, в том числе по заказу иностранцев; изменяются формы торговли людьми, пути вывоза, растут масштабы проблемы.

Основными путями попадания лиц в сети внешней торговли людьми является трудоустройство, учеба, система au-pair, туристические поездки, брак, знакомство по Интернету, приглашение случайных знакомых, усыновление/удочерение, оздоровление, приглашение по гостевой визе.

Торговля людьми – комплексная проблема, которая требует соответствующих комплексных подходов к ее решению. Таким является подход, где совмещаются профилактические мероприятия, мероприятия для защиты и поддержки потерпевших, а также преследование и наказание преступников.

**Адабиёт/Лит.:** Запобігання торгівлі людьми та експлуатації дітей: навч.-метод. посібник / Заг. ред. К. Б. Левченко та О. А. Удалової. – К.: „Версо-04”, 2005. – 210 с.; Протидія торгівлі дітьми та комерційній сексуальній експлуатації дітей: основні положення міжнародного та національного законодавства / Заг. ред. К. Б. Левченко. – К., 2006. – 48 с.; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І. Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008. – С. 300-302; Соціальна профілактика торгівлі людьми: Навч.-метод. посіб. / За ред.: К. Б. Левченко, І. М. Трубавіної. – К.: Держсоцслужба, 2005. – 344 с.

Ковальчук Л. Г.

# Х

**ХАДАМОТИ ИҶТИМОӢ** – мақомот, сохтор ва идораю муассисаҳои давлатӣ, маҳалӣ ва ғайридавлатии идоранамоӣ, ки кори иҷтимоиро дар амал тадбиқ менамоянд.

Хадамоти иҷтимоии давлатӣ – мақомоти идоравӣ, муассиса ва корхонаҳои хизматрасонии иҷтимоии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, вазоратҳо ва идораҳои кишвар мебошад, ки салоҳияти онҳо ба аҳолӣ расонидани ёрии иҷтимоист. Бахадамоти иҷтимоӣ маҳалӣ идораю муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоие дохил мешаванд, ки дар тобеияти мақомоти худидоранамоии маҳаллӣ қарор доранд. Ба хадамоти иҷтимоии ғайридавлатӣ муассиса ва идораҳои хизматрасонии иҷтимоие дохил мешавад, ки аз ҷониби ташкилотҳои хайриявӣ, ҷамъиятӣ, динӣ ва дигар ташкилоту шахсони алоҳида таъсис дода шудаанд. Таъмини ташкилӣ-функсионалии корҳои иҷтимоиро хадамоти иҷтимоӣ ба амал мебарорад. Хадамоти иҷтимоиро метавон ҳамчун тамоюли касбӣ, кидар доираи онкорманди иҷтимоӣ фаъолияти худро пеш мебарад ва ҳамчун муҳити таъсиррасонии бевоситаи корманди иҷтимоӣ бо муштариён дида баромад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳангоме *мизоҷ* барои кумак гирифтан ба хадамоти иҷтимоӣ муроҷиат менамояд, пеш аз ҳама барои худ ҳамдард ва дилсӯзе меҷӯяд. Дар аввалин вохӯрӣ бо *мизоҷ* корманди иҷтимоӣ ҳангоми расонидани ёрии касбӣ хоҳу нохоҳ малака ва қобилияти хешро ба марраи намоиш мегузорад.

Ба сохтори хадамоти иҷтимоӣ метавонанд мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатии зерин шомил гарданд: идораҳои минтақавии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; шӯъбаҳои ноҳиявии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ёрии иҷтимоӣ дар хона ба маъюбон ва пиронсолони яккаву танҳо; марказҳои минтақавии пиронсолон ва шахсони мӯҳтоҷи танҳо; комиссияҳо оид ба ҳуқуқи инсон ва шӯъбаҳо оид ба ҳуқуқи инсон; интернатҳо барои маюбон; марказҳои офиятбахшӣ барои ноболиғон; марказҳои машваратии тиббӣ – психологӣ ва педагогӣ (ММТП).

Асосҳои хадамоти иҷтимоӣ аз се қисмат таркиб ёфтааст:

- сохтори ташкилӣ – сохторҳо ва зерсохторҳо, тарзу услуби маъмурӣ, қабули меъёрҳо ва арзишҳо, равандҳои қабули қарорҳо вакоммуникация (ирибот), моделҳои идоранамоӣ ва назоратнамоиро фаро мегирад;
- командон – сифатҳои инсонӣ ва касбии кормандони иҷтимоӣ, муносибатҳои тарафайни расмӣ ва ғайрирасмии шахсҳо, раёссат, мизоҷон ва мақомоти идоракунандаи онҳо. Таснифоти шахсони алоҳидаи масъул хусусияти асосии ин қисмат аст;
- мизоҷон ва ё худ истифодабарандагони хизматрасонии иҷтимоӣ – ҳамчун қисмати низомҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дида баромада мешаванд, ки бе онҳо мавҷудият ва амали хизматрасонии иҷтимоӣ ғайриимкон аст. Асоси муносибатҳои байни мизоҷ ва хадамоти иҷтимоиро талабатҳои мизоҷ, интизориҳои ӯ, роҳҳои барқарор намудани робитаҳо бо хадамот ва ғайра ташкил медиҳад.

**СОЦИАЛЬНЫЕ СЛУЖБЫ** - государственные, муниципальные и негосударственные органы управления, структуры и специализированные учреждения и предприятия, осуществляющие социальную работу. Государственные социальные службы - органы управления, учреждения и предприятия социального обслуживания системы социальной защиты населения, министерств и ведомств страны, к компетенции которых относится социальная помощь населению. К муниципальным социальным службам относятся учреждения и предприятия социального обслуживания, находящиеся в ведении органов местного самоуправления. К негосударственным социальным службам относятся учреждения и предприятия социального обслуживания, создаваемые благотворительными, общественными, религиозными и другими организациями и частными лицами. Организационно-функциональное обеспечение социальной работы осуществляется социальными службами. Социальная служба – может рассматриваться как профессиональное направление, в рамках которого ведет свою деятельность социальный работник, и как непосредственное окружение взаимодействия социального работника с клиентом. Практика показывает, что, обращаясь за помощью в социальные службы, клиент в первую очередь ищет сочувствия, сострадания, сопереживания. Уже при первой встрече со своим клиентом социальный работник вольно или невольно демонстрирует свои способности в оказании профессиональной помощи.

В структуру социальной службы могут входить нижеследующие государственные и негосударственные органы: региональные управления социальной защиты населения, районные отделы социальной защиты населения, социальной помощи на дому одиноким инвалидам и пожилым, региональные центры пожилых и одиноких, комиссии по правам ребенка / отделы по правам ребенка, интернаты для инвалидов, реабилитационные центры для несовершеннолетних, психолого-медико-педагогический консультационный центр (ПМПК).

Основу социальной службы составляют три компонента:

- организационная структура – включает в себя структуры и подструктуры, административный стиль, принятые нормы и ценности, процессы принятия решений и коммуникации, модели управления и контроля;
- персонал – человеческие и профессиональные качества социальных работников, взаимоотношения как формальные, так и неформальные и персонала, и администрации, и клиентов, а также главенствующего над ними органа. Квалификация персонала также является основным атрибутом данного компонента;
- клиенты, потребители социальных услуг – рассматриваются как часть системы социальной службы, без которых она не может существовать и функционировать. В основе отношений клиент – социальная служба лежат потребности клиента, его ожидания, способы связи со службой и др.

**Адабиёт/Лит.:** Баркер Р. Словарь социальной работы. М.: Институт социальной работы, 1994; Доэл М. Практика социальной работы. М., 1995; Законодательство зарубежных стран по социальному обслуживанию населения. М.: Минсоцзащиты России, 1994; Социальная политика и проблемы подготовки кадров. М., 1999; Энциклопедия социальной работы. В 3 т., Т. 1.: Пер. с английского. М., 1993; Carol Meyer. The Ecosystems Perspective: Implication for Social Work Practice: The Foundations of Social Work Practice. -Washington, DC: NASW Press, 1995; Ferdinand Tonnies. Fundamental Concepts of Sociology. (Trans. Charles P. Loomis). - New York: American Books, 1940.

Мухторов З.М.

**ХУДМУАЙЯННАМОИИ ҲАЁТӢ** – тавассути муносибат бо шароитҳои мушахасси иҷтимоӣ-таърихӣ ва фардии ҳастӣ дар вақту фазо худро бо олам муқобил гузоштан. Худмуайянкунӣ замоне пайдо мегардад, ки рафтори шахсро на таъсири бевосита ба муҳити атроф ва на тақлиди сифатҳои фардӣ, балки аз ҷониби субъектони

муносибатҳои иҷтимоӣ қабул гаштани мақсад ва вазифаҳои фаъолият, нишонаҳои арзишииҳифзнамудаи шахс новобаста аз зиддият ва фишори муҳит, вазъият ва муҳити иҷтимоӣ муайян менамояд.

Вобаста ба сину сол ва баланд гаштани сатҳи худшиносии шахс доираи роҳҳои гуногуни худмуайянкунӣ васеъ мегарданд. Дар раванди худмуайянкунӣ метавон се марҳилаи асосиро махсус қайд намуд: худшиносӣ, худтарбиянамоӣ ва худмуайянкунӣ.

Ин се марҳила дар якҷоягӣ худмуайянкуниро ташкил медиҳанд, ки ба раванди худшиносӣ асос ёфтааст. Инсон он гоҳ ба шахс табдил меёбад, ки агар дар ӯ мафҳуми «Ман» ташаккул ёбад. Пайдоиши «Ман» ба инкишофи шуур- қобилияти ба таври идеали инъикос намудани муҳити атроф алоқамандии зич дорад. Шуури инсон фаъолона ва эъҷодкорона предмедҳо, зуҳуротҳо ва равандҳои олами берунаро ба таври идеалӣ инъикос менамояд. Ба сифати натиҷаи фаъолияти шуур донишҳо дар бораи олам (ҷаҳонбинӣ) ва худшиносӣ (дониши инсон дар бораи худ ва имкониятҳои худ) баромад менамояд. Худшиносӣ аз худмушоҳиданамоӣ (худмуоинанамоӣ) ва худбаҳодиҳӣ таркиб ёфтааст. Дар худмушоҳиданамоӣ ду тараф вуҷуд дорад. Инсон гуё аз тарафе, аз берун фаъолияти амалии худро мушоҳида менамояд, таносуби натиҷаҳои онро бо мақсадҳо, инчунин бо шинохти ҳадафу манфиатҳои худ муайян месозад. Аз дигар тараф, шахс ҳамеша ба «Ман»-и хеш муроҷиат менамояд.

Равоншиносон дараҷаҳои сохтори «Ман» - ро таҳқиқ намуда, падида (тобиш)- ҳои зиёдеро ҷудо менамоянд, ки дар байни онҳо ду падида асосӣ аст: «Ман» -и воқеӣ (ман чи гуна ҳастам) ва «Ман» -и идеалӣ (худро чи гуна дидан мехоҳам).

Ҳам «Ман» -и воқеӣ ва ҳам «Ман» -и идеалӣ ба рафтор ва аҳвол (ҳолат) – и субъект таъсир мерасонад. Ихтилофи зарурӣ ва ногузирӣ байни онҳо «мавзеъ » ва «макон»- и инкишофи шахс, дурнамои ҳаётии худтакмилдиҳии инсон мебошад, аммо сатҳ ва шаклҳои ин ихтилофотро шахс гуногун аз сар мегузаронад. Дар раванди худтарбиянамоӣ қобилияти бе осеббинӣ ва талафоти шахс устувор будан ба ҳама гуна номувофиқатӣ кор карда баромада мешавад. Шахс дар баробари мушоҳида ва таҳлили ҳолати худ, қиёси рафтори воқеии хеш ба талаботҳои консепсияи «Ман» бахши муҳими худшиносӣ - худбаҳодиҳии устуворро кор карда мебарояд. Илова ба ин худтарбиянамоӣ ҳамчун замина ва бунёди худшиносӣ, ҳамчун

худтанзимнамоии инкишофи шахс баромад менамояд. Худтарбиянамоии шахс имчунин ду қисмати таркибӣ дорад: худназоратнамоӣ ва худтакмилдиҳӣ

Худназоратнамоӣ маънои худтанзимнамоии рафторро дорад.Ба қобилияти худназоратнамоии шахссатҳи инкишофи иҷтимоӣ ва мутобиқшавӣ ба муҳити иҷтимоӣ мусоидат намуда, таъсир мерасонад. Масъулияти шахс ва шинохти вазифаҳои ба он алоқаманд яке аз шаклҳои инкишофёфтаи худназоратнамоӣ мебошад.Бо инкишоф ёфтани худназоратнамоӣ шахс дар интихоб намудани навҳҳои рафтор боз ҳам зиёдтар озодии шахсиро қадр намуда, бошуурона ва бомасъулиятона дар ҳаёт худро тасдиқ менамояд, ки ин ба озодона созмон додани ҳаёту тақдир , ба озодии интихоби роҳи ҳаёт ва тариқи рафтор оварда мерасонад.

Худшиносӣ на ба ҷустуҷӯи «Ман»-и худ, балки барои ошкор намудани мақсадҳо, барои худтарбиянамоӣ (ташаккули хеш вобаста ба азму ниятҳои хеш) нигаронида шудааст. Худтарбиянамоӣ намуди махсуси фаъолият набуда, балки навъи муайяни муносибат, амалу рафтори ба худ ва ояндаи худ мувофиқ ба идеали интихобшуда тамоюлдошта мебошад. Мақсад аз худтарбиянамоӣ пеш аз ҳама худтакмилдиҳӣ аст, ки хусусияти проссесуалӣ дошта, онро шахс фаъолона паси сар менамояд. Мақсадҳо ва натиҷаҳои худтакмилдиҳӣ дар категорияҳои арзишӣ- нишонавӣ низ тасвият меёбанд.

Худшиносӣ танҳо дар доираи он, ки бо кадом мақсад шахс ба шинохти хеш талош менамояд ва ин донишҳои бадастовардашударо мавриди истифода қарор медиҳад, пурмазмун мегардад. Идеали худшиносӣ мақсади ниҳоии худтакмилдиҳист. Шахсе, ки хешро такмил додан мехоҳад бояд тавре мақсадҳояшро муайян намояд, ки то самаранокӣ ва муваффақиятҳои кушишҳояшро таъмин карда тавонад. Ба вуҷуд овардани низоми мақсадҳои худтакмилдиҳӣ шахсро ба худмуайянкунии ҳаётӣ наздик месозад. Дар асоси худмуайянкунии ҳаётӣ худамалбарорӣ имконпазир мегардад. Худтакмилдиҳӣ ба кор карда баромадани барномаи худтарбиянамоӣ алоқамандӣ дорад. Барои амалнамоӣ мақсад гузоштан (ҳолати ибтидоии худбарномасозӣ) воситаи ташкили ҳаёти худи инсон аст.

Ҳар як инсон ба таври гуногун ҳаёти хешро пешбинӣ намуда, «амсила»-и ибтидоии онро мувофиқи тасаввуротҳои худ ба мақсад ва маънии ҳаёт фикран месозад. Эътироф намудани ҳуқуқ ва

ӯҳдадориҳоиинсон ба ҳаёту эъҷодиёти фаъол анъанаи инсондӯстонаи тумаддуни муттаракии ҷаҳонӣ аст. Раванди худмуайянкунии шахс дар заминаи интихоби ҳаёти шахсошкор карда мешавад.Интихоби ҳаётӣ шакли махсуси субъект, таъсири мутақобилаи субъективиест, ки дар он шахс ба сифати субъекти асосии раванди ҳаётӣ баромад менамояд: бошуурона ба равандҳои ҳодисаҳо ҳамроҳ шуда, эъҷодкорона амал намуда, ба рафтору амли хеш ҷавобгӯ мебошад. Масъулияти интихоби ҳаётӣ вазифаи эъҷодкориро иҷро менамояд, ки ин аз як тараф, нисбати ҳаёти худ муносибати эъҷодкорона аст, аз ҷониби дигар ба таври мушаххас ҳал намудани масъалаҳои ҷамъияти ва шахсӣ, муносибати он бо шуури фардии интихобкунандаро ифода менамояд. Дилхоҳ шакли ҳаёту фаъолияти шахс, мисли ҳаёту фаъолияти меҳнатӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, оилавӣ-маишӣ, фарҳангӣ-ҷамъиятӣ ба предмети интихоби ҳаётӣ табдил ёфта метавонад. Ҳамчун натиҷа интихоби ҳаётӣ дар давоми тамоми давраи умр амалӣ мегардад. Дар ин ҳолат сухан дар бораи интихоби стратегияи ҳаёт ва тарзи фардии он, мазмуну мундариҷаи арзишҳои ҳаётӣ, ташаккули мавқеъ ва ҷаҳонбинии ҳаётӣ ва барномаи ҳаётии глобалӣ меравад. Аксар вақт интихоби ҳаётӣ ҳамчун раванди дар замон паҳнгашта ба фаъолияти олии рӯҳ ва ақл алоқаманд аст, дар охир ба тағйирёбии ҷаҳони ботинии шахс ва сифати нави ҳолати «Ман» оварда мерасонад. Интихоби ҳаётӣ дар яке аз соҳаҳои ҳаёту фаъолият ва ё дар тамоми самтҳои роҳи ҳаётӣ ҳамчун раванди мураккаб тамоми сохтори шахсро фаро мегирад. Қисматҳои муҳим ва таркибии интихоби ҳаётиро чунин нишон додан мумкин аст: муқоиса намудани натиҷаҳои чашмдошти мусбӣ ва манфии интихоб; муайян намудани тарзи рафтор, аз ҷумла мувофиқ ба қарорҳои қабулшуда; бозсозӣ (таҷдидӣ)-и низоми меъёрҳо ва қолибҳои рафтор; муайян намудани дурнамои ҳаёти шахс ва муқоиса намудани нақшаҳои ҳаётӣ; нисбати вазъи интихоби шароитҳо ва зуҳуротҳои субъективӣ кор карда баромадани нуқтаи назар ва муносибатҳои шахсӣ .

Дар маҷмӯъ интихоби табиӣ пайваст ва якҷошавии худмуайянкунии ахлоқӣ-ҷаҳонбинӣ, арзишӣ-ҳадафнок ва корӣ-рафтории шахс мебошад. Интихоб намудан маънои онро дорад, ки шахс на танҳо нисбати интихоби роҳи инкишофи худ масъулият пайдо менамояд, балки аз нав ва дигарбора устувории мавқеи ҳаётиашро тасдиқ месозад.

**САМООПРЕДЕЛЕНИЕ ЖИЗНЕННОЕ** – сопоставление себя с миром в данном времени и пространстве через соотношение с конкретными общественно-историческими и индивидуальными условиями бытия. Феномен самоопределения возникает тогда, когда поведение личности определяется не непосредственными влияниями среды и не индивидуальными качествами навеивания, а главным образом – принятыми субъектом целями и задачами деятельности, стойкими ценностными ориентациями, которые личность защищает даже вопреки давлению среды, обстоятельств и социального окружения.

С возрастом и увеличением самосознания личности расширяется диапазон разных вариантов самоопределения. В процессе самоопределения можно выделить три основных этапа: самопознание, самовоспитание и собственно самоопределение. Все три этапа – это одновременно и составляющие самоопределения, основанные на процессах самопознания. Человек по настоящему становится личностью, когда у него впервые формируется понятие «Я». Создание «Я» связано с развитием сознания – способности идеально отражать окружающую среду. Сознание человека активно и избирательно фиксирует в идеальных образах предметы, явления, процессы внешнего мира и позволяет в ходе познания действительности влиять на внешний мир, изменяя его. Для этого сознание развивает функции программирования действительности, наработку решений и их реализации с учетом существенных внешних условий. Результатом деятельности сознания являются знания о мире, самосознания – знание человека о себе самом и о своих возможностях. Сапознание состоит из самонаблюдения и самооценки. В самонаблюдении можно определить две стороны. Человек, словно, извне наблюдает за своей практической деятельностью, соотнося ее результаты со своими целями и установками, а также с усвоенными общественными интересами и целями. С другой стороны, происходит постоянная апелляция к своему «Я». Психологи, исследуя уровневую структуру «Я», выделяют значительное количество нюансов, среди которых главных - два. Это реальное «Я» (какой я) и идеальное «Я» (каким бы мне хотелось стать). Как реальное, так и идеальное «Я», имеют значительное влияние на поведение и самочувствие субъекта. Их необходимая и неизбежная несогласованность является «зоной» развития личности, жизненной перспективой самоусовершенствования человека, но степень и формы этой несогласованности личность переживает по-разному. В процессе самовоспитания вырабатывается способность выдерживать разного рода несогласованности без вреда и потерь для личности. Наблюдая за собой и, анализируя состояния, сравнивая реальное поведение с требованиями Я - концепции, личность нарабатывает ряд достаточно стойких самооценок – важных компонентов самопознания. Собственно самооценка и лежит в фундаменте самопознания как саморегулируемого развития личности.

Самовоспитание личности имеет также две основные составляющие – самоконтроль и самоусовершенствование. Самоконтроль – суть саморегулируемого поведения. В способности человека к самоконтролю проявляется уровень его социального развития и адаптации к социальной среде. Наиболее развитая форма самоконтроля, осознана и личностно окрашена – ответственность личности и связанное с ней чувство долга. Личность с развитым самоконтролем более всего ценит личную свободу в выборе вариантов поведения, осознано и ответственно самоутверждаясь в жизни, что ведет к свободе в создании своей жизни, судьбы, к свободе выбора решений, относящихся к жизненному пути, линии поведения.

Самопознание осуществляется не ради самого поиска, а для определенных целей: для самовоспитания – формирования себя в соответствии со своими намерениями. Самовоспитание не является особенным видом деятельности – это определенный тип отношений, поступков, действий, направленных на себя и на свое будущее с точки зрения их соответствию выбранному идеалу. Цель самовоспитания – самоусовершенствование, имеющее процессуальную природу, активно переживется субъектом. Цели и результаты самоусовершенствования тоже формулируются в ценностно-ориентационных категориях. Самопознание приобретает содержание только в контексте того, с какими целями субъект познает себя и использует эти знания. Идеал – конечная цель самоусовершенствования. Личность, которая ставит перед собой задание самоусовершенствования, должна определить цели так, чтобы они обеспечивали его успешность, эффективность усилий. В процессе приближения к таким целям-идеалам личность одновременно достигает и отдельных, жизненно важных целей. Построение этой системы целей самоусовершенствования, практически подводит личность к самоопределению в жизни, на основе которого осуществляется самореализация. Самоусовершенствование предполагает разработку программ самовоспитания. Сформированная цель действий – исходное положение самопрограммирования, являющегося способом организации человеком своей жизни. Каждый человек, так или иначе, прогнозирует свою жизнь, мысленно создает ее первичную «модель» в соответствии с представлениями о цели и смысле жизни. Признание активного жизнетворчества правом и обязанностью человека – гуманистическая традиция прогрессивной мировой культуры. Процесс самоопредления личности фиксируется на основании жизненных выборов субъекта. С онтогенетической точки зрения жизненный выбор – специфическая форма субъект - субъектного взаимодействия, в котором личность выступает действительным (истинным) субъектом жизненного процесса: сознательно включается в ход происшествий, опосредованно действуя в нем творчески, отвечая за свои поступки и действия. Ответственный жизненный выбор выполняет личностно - творческую функцию, поскольку, с одной стороны, это акт творческого отношения субъекта к собственной жизни, а с другой

стороны, – конкретное практическое решение проблемы общественного и личного, их соотношения в сознании индивида, осуществляющего выбор.

Предметом жизненного выбора становится любая форма жизнедеятельности личности: трудовая, социально-политическая, семейно-бытовая, культурно-общественная, поскольку в каждой из них со временем необходимо определиться. Как результат жизненный выбор осуществляется на протяжении всей жизни. В этом случае речь идет о выборе стратегии жизни и ее индивидуального стиля, содержания жизненных ценностей, формирования жизненного кредо, позиций, глобальных жизненных программ. Очень часто жизненный выбор – развернутый во времени процесс, связанный с напряженной работой души, ума, рефлексией, что в итоге приводит к изменениям внутреннего мира личности, таким образом, и к новому качественному состоянию «Я». Жизненный выбор в одной из сфер жизнедеятельности или же в контексте общей направленности жизненного пути – сложный процесс, затрагивающий все структуры личности. Его необходимые компоненты: сопоставление вероятных позитивных и негативных последствий выбора, предвидение его результатов в социальном и индивидуальном плане; определение линии поведения, в частности перестройка системы поведенческих установок и стереотипов в соответствии с принимаемыми решениями; определение жизненных перспектив личности и сопоставление жизненных планов; выработка внутренней позиции, личностного отношения к ситуации выбора субъективных условий, обстоятельств, явлений.

Жизненный выбор – соединение морально-мировоззренческого, ценностно-целевого и деятельностно - поведенческого самоопределения личности. Осуществляя выбор, личность несет ответственность не только за избранный путь развития, но и заново подтверждает стойкость своей жизненной позиции.

**Адабиёт/Лит.:** Мартынюк И. О. Проблемы жизненного самоопределения молодежи: опыт прикладного исследования / АПН Украины. Ин-т Социологии. – К.: Наукова думка, 1993. – 120 с.; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І. Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008. – С. 81-84

Цюман Т.П.

**ХИЗМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ** – маҷмӯи хидматҳои иҷтимоӣ, ки ба фаъолияти хадамоти иҷтимоӣ оиди дастгирии иҷтимоӣ, расонидани ёрии иҷтимоӣ –маишӣ, иҷтимоӣ– тиббӣ, психологӣ – педагогӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва дигар хидматҳо ва кумакҳои моддӣ, гузарони-

дани мутобиқнамоии иҷтимоӣ ва офиятбахшии шаҳрвандони ба вазъи мушкили зиндагӣ гирифторшуда алоқаманд аст.

Мақсад аз хизматрасонии иҷтимоӣ: мусоидат намудан ба таъмини имкониятҳои баробари ҳамаи аъзоёни ҷомеа, ки ба устувор гардонидани ягонагии иҷтимоӣ ва роҳ надодан ба бунбаст(изолятсия)-и иҷтимоӣ равона шудааст; таъмини имкониятҳои пешбурди зиндагии арзанда ва орому бехатар ва дар баробари он иштирок дар корҳои ҷомеа; ёрӣ расонидан барои бартараф намудани вазъи мушкили ҳаётии шаҳрвандоне, ки бо воситаҳои шахсӣ ва имкониятҳои дар ихтиёрдоштаашон қодир нестанд ин мушкилоташонро ҳал намоянд; фаъол гардонидани кушишҳои шахсии шаҳрвандон ва оилаҳо, барои мустақилона ҳал намудани мушкилотҳои иҷтимоӣ ба онҳо шароитҳои мусоидро таъмин намудан; офиятбахшии вазъи мушкили ҳаётӣ.

Хизматрасонии иҷтимоӣ бо воситаи принсипҳои зерин амалӣ мегардад: масъулияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ ва шахсони алоҳидаи мансабдор барои таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба хизматрасонии иҷтимоӣ; ҳангоми тадбиқ намудани ҳуқуқи шаҳрвандон дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ риоя намудани адолати иҷтимоӣ; ихтиёрона дастрас намудани хизматрасонии иҷтимоӣ ва ё даст кашидан аз он; инсондӯстӣ, махфият ва ба суроғаи муайян ва равона гаштани хизматрасонии иҷтимоӣ; бартарӣ доштани хизматрасонии иҷтимоӣ нисбати кӯдакон ва ҷавонон, занҳои ҳомиладор, шаҳрвандони кӯҳансол ва маъюбон, шаҳрвандони ба вазъи ногувори ҳаётӣ гирифторгардида; бартари доштани тадбирҳое, ки барои офиятбахшии вазъи ногувори ҳаётӣ, маърифатнок гардонидани аҳолӣ андешида шудааст; шароитҳои баробари фаъолияти ҳама гуна шаклҳои хадамоти иҷтимоӣ; инкишофи ҳамкориҳои байналхалқӣ дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоии аҳолӣ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми давлатии хизматрасонии иҷтимоӣ ва шаклҳои асосие, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»муқаррар шудааст, ҳуқуқи шаҳрвандонро ба хизматрасонии иҷтимоӣ кафолат медиҳад.

Ҳангоми дастрас намудани хидмати иҷтимоӣ шаҳрвандон ба муносибати эҳтиромона ва инсондӯстонаи кормандони хадамоти иҷтимоӣ; интихоби ташкилот ва шаклҳои хизматрасонии иҷтимоӣ,

бо истиснои ҳолатҳое, ки дар моддаи 12-уми Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» нишон дода шудааст; оиди ҳуқуқҳо, ӯҳдадориҳо, намудҳо, тартибот ва шаклҳои хизматрасонии иҷтимоӣ иттилооти ройгон гирифтан; даст кашидан аз хизматрасонии иҷтимоӣ; махфияти иттилооти хусусияти шахсидоштае, ки ба корманди хадамоти иҷтимоӣ ҳангоми хизматрасонии иҷтимоӣ маълум гардидааст; ҳифзи ҳуқукҳои худ ва манфиатҳои қонунӣ, аз ҷумла ба тариқи судӣ ҳуқуқ доранд.

Хизматрасонии иҷтимоиро дар асоси муроҷиати шаҳрванд, васияти ӯ, парастор, дигар намояндаи қонунии ӯ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳокимияти маҳалии идоракунӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ хадамоти иҷтимоӣ амалӣ менамояд.

**СОЦИАЛЬНОЕ ОБСЛУЖИВАНИЕ** – комплекс социальных услуг, связанных с деятельностью социальных служб по социальной поддержке, оказанию социально-бытовых, социально-медицинских, психолого-педагогических, социально-правовых, других услуг и материальной помощи, проведению социальной адаптации и реабилитации граждан, находящихся в трудной жизненной ситуации;

Целями социального обслуживания являются: содействие обеспечению равных возможностей для всех членов общества, направленное на укрепление социального единства и недопущение социальной изоляции; обеспечение возможности вести достойную, безопасную жизнь, с участием при этом в делах общества; оказание помощи гражданам в преодолении трудных жизненных ситуаций, которые они не в состоянии разрешить при помощи собственных средств и имеющихся возможностей; активизация собственных усилий граждан и семей, создание условий для самостоятельного решения ими возникающих проблем; профилактика трудных жизненных ситуаций.

Социальное обслуживание осуществляется на принципах: ответственности органов государственной власти и органов местного самоуправления, организаций, а также должностных лиц за обеспечение прав граждан в сфере социального обслуживания; социальной справедливости при реализации прав граждан в сфере социального обслуживания; добровольности получения социального обслуживания и отказа от него; гуманности, адресности и конфиденциальности социального обслуживания; приоритетности предоставления социальных услуг детям и молодёжи, беременным женщинам, гражданам преклонного возраста и инвалидам, находящимся в трудной жизненной ситуации; приоритетности мер по профилактике трудных жизненных ситуаций, социальному просвещению населения; равных условий

деятельности социальных служб всех форм собственности; развития международного сотрудничества в сфере социального обслуживания населения. Республика Таджикистан гарантирует гражданам право на социальное обслуживание в государственной системе социального обслуживания в его основных формах, установленных настоящим Законом.

При получении социальных услуг граждане имеют право на: уважительное и гуманное отношение со стороны работников социальных служб; выбор организации и формы социального обслуживания за исключением случаев, предусмотренных статьей 12 Закона «О социальном обслуживании»; бесплатную информацию о своих правах, обязанностях, видах, порядке и условиях оказания социальных услуг; согласие на социальное обслуживание; отказ от социального обслуживания; конфиденциальность информации личного характера, ставшей известной работнику социальной службы при оказании социальных услуг; защиту своих прав и законных интересов, в том числе в судебном порядке.

Социальное обслуживание осуществляется социальными службами на основании обращения гражданина, его опекуна, попечителя, другого законного представителя, органа государственной власти, органа местного самоуправления, общественных объединений.

**Адабиёт/Лит.:** Закон республики Таджикистан «О социальном обслуживании», 5 января 2008 года, №359.

Лутфуллоев Ф.М., Искандари М.

---

**ХИДМАТИ ИЧТИМОӢ** – амали ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки барои қонеъгардонии талаботҳо ва таъмини ҳуқуқ, пешгирӣ ва ҳалли мушкилот ё бартараф гардонидани вазъи мушкили зиндагии шахс ё гуруҳҳои иҷтимоӣ ба манфиати онҳо равона шудааст. (Қонуни Ҷумхурии Точикистон дар бораи химатрасонии иҷтимоӣ» аз 5 январи соли 2008. № 359)

Мувофики қонуни мазкур дар Ҷумхурии Тоҷикистон ба аҳоли чунин хизматҳои ичтимои расонида мешавад: хизматрасони маишӣ, тиббӣ, санаторӣ-табобатӣ, фарҳангӣ, таълими, ҳуқуқӣ ва ҷисмони-табобатӣ

Хизматрасониии ичтимоӣ ба воситаи рохнамоии парастори иҷтимоӣ хамчун маҷмӯи хизматрасонии ичтимои характери му-

тасили ва такроршаванда дорад ва ба максади пешгирии вазъи мушкили зиндагии шаҳрвандон равона шудааст; мутобикгардии иҷтимоӣ ва офиятбахши хамчун маҷмӯи хизматрасонии характери дуру дароз ва такроршаванда дошта ба максади аз нав барқарор намудани ҳаёту фаъолияти муътадили шахс пас аз вазъи мушкили зиндагӣ расонида мешавад. Хизматрасонии иҷтимои - маишӣ-ба маводи хӯрока, асбобу анҷоми босифат, наклиет, воситаи механизатсияи хурд, худхизматрасонӣ ва монанди инҳо таъмин намудан. Худхизматрасонии мухталифи ичтимоӣ – педагогӣ, таълимӣ ва инкишофдиҳанда мебошад. Хизматрасонии таълимӣ метавонад дар шакли машғулиятҳои фардӣ ва гурӯҳӣ, курсҳои таълимӣ, семинарҳо, баромадҳои видеоӣ (наворӣ), тренингҳои иҷтимоӣ, психологӣ, мусоҳибаҳои маърифатӣ ва гайра гузаронида шавад.

Хизматрасонии инкишофдиҳандаро метавон машғулиятҳо дар кружокҳои бадеӣ –эстетикӣ, варзишӣ, равияҳои техникӣ, иштирок дар чорабиниҳои фарҳангӣ ва ғайра шуморид. Хизматрасонии педагогӣ дар муассисаҳои таълимоти ҳамагонӣ, марказҳои хизматрасонии барои оила, кӯдакон ва ҷавонон, муассисаҳои берун аз мактабии тамоюли иҷтимоӣ дошта, клубҳои маҳалии наврасон, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва гайра.Хизматрасонии психологи бар он ташаккули боварӣ ва мақсаднокии шахс барои бартараф намудани вазъи мушкили зиндагӣ, инкишоф додани одатҳои худтакомулдиҳӣ, тағйири тасаввури инсон нисбат ба ҳолати ногувори ногузар, аз нав барқарорнамоии нерӯи ботинии организм нигаронида шудааст, хизматрасонии психологӣ дар шакли машваратдиҳӣ, ташхиси психологӣ, машғулиятҳои психокоррексионих, тренингхои психологӣ, вохӯрӣ бо гурӯҳҳои худкумакрасон, машваратдиҳӣ бо телефонҳои боварӣ ва ғайра пешниҳод мегардад.

Мисоли равшани хизмарасонии тиббӣ-табобатӣ маслиҳати мутахасисон, машғул шудан бо намудхои мухталифи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ (аэробика, шейпинг ва ғайра) ташкил ва гузаронидани хатсайрҳои сайёҳатӣ; барномаи табобатӣ барои кӯдакон; табобати кӯдакон дар осоишгоҳҳо, пансионатҳо, лагерҳои истроҳатӣ; амалиётҳои табобатӣ (масҳнамоӣ, физиотерапия (дармонпизишкии ҷисмонӣ), рефлексотеропия, варзиши сабуки табобатӣ) ва ғ. баромад менамояд. Хизматрасонии табобатӣ маҳз дар муасисахои ҳамагонӣ, клубҳои варзишӣ, клубхои махаллӣ бартарӣ дорад. Хизматрасони тиббӣ дар марказхои офиятбахшӣ,

муассисаҳои тиббӣ марказҳои солимии репродуктивӣ; клиникаҳои дӯстона барои ҷавонон ва ғайра пешниҳоди мизоҷон гардонида мешавад. Намудҳои гуногуни хизматрасонии ҳуқуқӣ дар шакли машваратдиҳи оиди масъалаҳои конунгузории ҷорӣ; ёри расонидан барои ба расмият даровардани хуҷҷатҳои зарурии ҳуқуқӣ; ба хизматрасонии адвокатӣ таъмин намудани ноболиғон, ҳифзи манфиатҳои кӯдакон ва ҷавонон дар доираи ҳуқуқҳои бартаридоштаашон амали гардонида мешавад. Хизматрасонии иттилоотӣ –маълумотдиҳӣ дар шакли маслиҳати фардӣ ё гурӯҳӣ; маслиҳати телефонӣ бо роҳи таъмини мизоҷон бо маҳсули рекламавӣ-иттилоотӣ (рисолаҳо, маҷаллаҳо ва монанди инҳо) ворид намудани иттилоот дар интернет ва ғайра дастрас гардонида мешаванд. Хизматрасонии иҷтимоӣ бо принсипҳои зерин асос ёфтааст: муносибати суроғавӣ ва фардӣ; дастрас ва ошкоро будан; интихоби озодонаи дастраснамоӣ ва ё аз хизматрасонии иҷтимоӣ даст кашидан; инсондӯстӣ; самаранок истифода намудани воситаҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавии субъектони хизматрасонии иҷтимоӣ; қонуният; адолати иҷтимоӣ; махфият; риояи стандартҳои сифатнокӣ; барои риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ масъул будан. Субъектоне, ки хизматрасонии иҷтимоиро ба анҷом мерасонанд бояд фаъолияти хешро дар асоси касбият ба роҳ монанд. Фаъолияти касбии хизматрасонии иҷтимоӣ барои қонеъгардонии талаботҳо ва таъмини ҳуқуқи мизоҷ, ҳалли мушкилот, бартараф намудани вазъи мушкили зиндагии шахсони алоҳида ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ равона шудааст. Чунин намуди фаъолият ё хизматрасониро мутахассисони дараҷаи зарурии салоҳияти касбидошта (дониш, маҳорат, марака ва ғайра) ба анҷом мерасонанд, ки дараҷаи касбияти онҳо дар хуҷҷатҳои тасдиққунандаи таълимот ва такмили ихтисосро дар даст доранд. Хизматрасонии иҷтимои ба мизоҷон пулакӣ ё ройгон расонида мешавад. Хизматрасонии иҷтимоии ройгон, ки мундариҷа, сатҳ ва таъиноти онро стандартҳои давлатии хизматрасонии иҷтимоӣ, субъектони давлатӣ ва коммуналӣ муайян намудаанд, ба шаҳрвандони бо сабаби пиронсолӣ, беморӣ, маюбӣ, надоштани хешутабор ва шахсони наздики кумакрасон ва нигоҳубинкунандаи ба худхизатрасони ноқобил; шаҳрандоне, ки бо сабаби бекорӣ ва дар хадамоти шуғли иҷтимоӣ ҳамчун коркобанда бақайдгирифташуда ба вазъи мушкили зиндагӣ мубтало гардидаанд; курбониҳои офатҳои табиӣ, садамаҳое, ки дар натиҷаи низоъҳои мусаллаҳона ва байниэтникӣ гуреза шудаанд (ба шарте, ки маҷмӯи даромади моҳонаи онҳо аз

ҳадди ақалли маош паст бошад); кӯдакон ва ҷавононе, ки бо сабаби маюбӣ, беморӣ, сағирагӣ, бепарасторӣ, камбизоатӣ, низоъҳо ва муносибатҳои оилавӣ ба вазъи ногувори зиндагӣ гирифтор гардидаанд, расонида мешавад.

Намудҳо ва номгӯи хизматрасонии иҷтимоии аз ҷониби давлат кафолатдодашуда, талабот ба ҳаҷм, сифат, амният, ташкили ихтисоси кормандон ва дигар талаботҳо ба мақсади риояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон муайяншуда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад

**УСЛУГИ СОЦИАЛЬНЫЕ** - действия государственных или неправительственных организаций, направленные на удовлетворение потребностей и обеспечение прав, профилактику, решение проблем или преодоление трудных жизненных ситуаций отдельных личностей или социальных групп, совершаемые в их интересах (Закон республики Таджикистан «О социальном обслуживании», 5 января 2008 года, №359).

В соответствии с Законом в Республике Таджикистан предоставляются следующие услуги населению: бытовые, медицинские и санаторно – оздоровительные, культурные, образовательные, правовые, физкультурно – оздоровительные.

Социальные услуги могут предоставляться в различном сочетании при: - социальном сопровождении (патронаже) – как комплекс социальных услуг, носящих длительный и повторяющийся характер, оказываемых гражданину с целью профилактики трудных жизненных ситуаций; - социальной адаптации и реабилитации – как комплекс социальных услуг, носящих длительный и повторяющийся характер, оказываемых гражданину с целью возобновления его нормальной жизнедеятельности после трудной жизненной ситуации.

Социально-бытовые услуги – обеспечение продуктами питания, мягким и твердым инвентарем, транспортом, средствами малой механизации, осуществления патронажа, приобретения медикаментов, помощь в самообслуживании и тому подобное. Разновидностями социально - педагогических услуг являются образовательные и развивающие. Образовательные услуги могут предоставляться в форме индивидуальных и групповых занятий, учебных курсов, семинаров, видеолекториев, социально-психологических тренингов, просветительских бесед, мастер-классов и т.п. Развивающими услугами можно считать занятия в кружках художественно-эстетического, спортивного, технического направления, участие, в культурологических мероприятиях, игротеках и др. Педагогические услуги предоставляются в общеобразовательных заведениях, центрах социальных служб для семьи,

детей и молодежи, внешкольных заведениях социального направления, подростковых клубах по месту жительства, неправительственных организациях и т.д.

Психологические услуги направлены на формирование у личности уверенности и мотивации относительно преодоления сложных жизненных ситуаций, развитие навыков самоусовершенствования, изменение в сознании человека представления о безвыходном положении его положения, возобновления внутренних сил организма. Разновидностью этих услуг являются диагностические и коррекционные. Психологические услуги могут предоставляться в форме консультаций, психологической диагностики, психокоррекционных занятий, психологических тренингов, встреч групп самопомощи, консультирования по телефону доверия" и др.

Пример медико-оздоровительных услуг – консультации специалистов; занятия по разным видам спорта и физической культуры (аэробика, шейпинг и тому подобное); организация и проведение туристических маршрутов; оздоровительные программы для детей; оздоровление детей в санаториях, пансионатах, лагерях отдыха; оздоровительные процедуры (массаж, физиотерапия, рефлексотерапия, физиотерапия, лечебная гимнастика) и т.д. Преимущественно оздоровительные услуги предоставляют в общеобразовательных заведениях, спортивных клубах, центрах, клубах по месту жительства. Медицинские – в реабилитационных центрах, медицинских учреждениях, центрах репродуктивного здоровья, дружественных клиниках для молодежи и т.п. Разновидности юридических услуг – предоставление консультаций по вопросам действующего законодательства; помощь клиентам в оформлении необходимых юридических документов; адвокатские услуги несовершеннолетним; защита интересов детей и молодежи относительно их имущественных прав.

Информационно-справочные услуги предоставляют в форме индивидуальных или групповых консультаций; консультирования по телефону; путем обеспечения клиентов рекламно-информационной продукцией (буклеты, брошюры, журналы и тому подобное), размещения информации в Интернете и др.

Предоставление социальных услуг основывается на принципах: адресности и индивидуального подхода; доступности и открытости; добровольности выбора получения или отказа от предоставления социальных услуг; гуманности; максимальной эффективности использования бюджетных и внебюджетных средств субъектами, которые предоставляют социальные услуги; законности; социальной справедливости; конфиденциальности; соблюдения стандартов качества; ответственности за соблюдение этических и правовых норм.

Субъекты, которые предоставляют социальные услуги, должны осуществлять свою деятельность на профессиональной основе. Профессиональная деятельность по предоставлению социальных услуг направлена на удовлетворение потребностей и обеспечение прав клиента, решение проблем или преодоление сложных жизненных обстоятельств отдельных личностей или социальных групп. Такая деятельность предусматривает, что услуги предоставляются специалистами, которые имеют необходимый уровень профессиональной компетентности (знания, умения, навыки), подтвержденный соответствующими документами об образовании и квалификации специалистов.

Социальные услуги могут предоставляться как за плату, так и безвозмездно. Бесплатные социальные услуги, содержание и объем которых определен государственными стандартами социального обслуживания, государственными и коммунальными субъектами, предоставляют: гражданам, которые не способны к самообслуживанию в связи с преклонным возрастом, болезнью, инвалидностью, не имеют родных, которые могут обеспечить им досмотр и помощь; гражданам, которые находятся в трудной жизненной ситуации в связи с безработицей и зарегистрированных в государственной службе занятости как такие, которые ищут работу; жертвам стихии, катастроф, беженцам в результате вооруженных и межэтнических конфликтов, если среднемесячный совокупный доход этих лиц ниже установленного прожиточного минимума; детям и молодежи, которые находятся в сложной жизненной ситуации в связи с инвалидностью, болезнью, сиротством, беспризорностью, малообеспеченностью, конфликтами и жестоким отношением в семье.

Виды и перечень гарантированных государством социальных услуг, требования к их объёму, качеству и безопасности, квалификации работников и иные требования, определяемые в целях соблюдения прав и свобод граждан, устанавливаются Правительством Республики Таджикистан.

**Адабиёт/Лит.:** Безпалько О.В. Організація соціально-педагогічної роботи з дітьми та молоддю в територіальній громаді: теоретико-методичні основи. Монографія. – К.: Наук. світ, 2006. – 363 с.; Гурьянова М.П. Сельская школа и социальная педагогика / Пособие для педагогов. – Мн.: Амалфея, 2000. – 448 с.; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І. Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008. – С. 189-192; Звєрєва І.Д. Соціально-педагогічна робота з дітьми та молоддю в Україні: теорія і практика: Монографія. – К.: Правда Ярославичів, 1998. – 393 с.

Безпалько О.В.

# Ҳ

**ҲАМГИРОӢ-** баҳамоии қисмҳои таркибии сотсиум ё худ ҷамоа, қабл аз ҳама фардҳо ва гурӯҳҳо дар як иттиҳоди иҷтимоӣ чун системаи ягона: 1) раванд ва ҳолати баҳамоии воҳидҳои аз нигоҳи сифат ба ҳам наздики иҷтимоӣ дар таркиби узви ягона бо вазифаҳои муайян; 2) раванди воридшавӣ ба системаи ягонаи эҷодшуда; 3) тавсифи мувофиқати мақсадҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва фардҳои ҷудогона.

Ҳамгироӣ мафҳуми универсалӣ буда, дар навбати худ мафҳумҳои дигари гуногунро, ки бо инкишоф, муттаҳидшавӣ ва барқароршавии раванди баҳамоӣ робита доранд фаро мегирад. Ҳастаи ҳамгироӣ қабл аз ҳама мураттабсозии мафҳумҳои гуногун мебошад, ки ба ҳам омада, метавонанд системаи ягонаи дорои иқтидори инкишофро ташаккул диҳанд. Ҳамгироӣ дар сатҳи гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва дар сотсиум ва ё худ ҷамоаҳои гуногун ба мушоҳида мерасад. Масалан мафҳуми мутамарказият дар сатҳи гурӯҳҳои хурди иҷтимоӣ ба маънии муттафиқшавӣ, иттифоқкунӣ ва яке аз воситаҳои муҳимим таҳарруки (динамика) гурӯҳӣ фаҳмида мешавад; аммо дар сатҳи системаҳои бузурги иҷтимоӣ бо мафҳуми «ягонагии системаҳои иҷтимоӣ» шарҳ меёбад.

Равандҳои ҳамгироишавӣ метавонанд хислати табиӣ дошта бошанд ва ё ба таври иҷборӣ ба амал оянд ва имкони дар тамоми сатҳу қишри ҷомеа ва фаъолияти инсон рух додани ин раванд мавҷуд аст. Ин ҳама ба махсусиятҳои робитаи байниҳамдигарии намудҳои гуногуни фаъолияти ҳар як фард дида мешавад, ки дар интихоби мақсад, роҳ ва усулҳои расидан ба мақсад дида мешавад.

Аз назари улуми иҷтимоӣ ҳамгироии иҷтимоӣ – мутобиқшавии фард дар ҷомеа аст; ҳамчунин равандест, ки ҷомеа барои мутобиқшавӣ ва мақомёбии фард дар ҷамоаи мунтахаб шароит ва имконоти мувофиқ фаро меорад. Ҳамгироӣ ҳам аз ҳисоби иҷтимоишавӣ ва ҳам аз ҳисоби барқароршавии фард дар муҳити иҷтимоӣ ба миён меояд. Барои мисол, баҳамоии кӯдакони имконияти ҷисмонӣ ва зеҳниашон маҳдуд ҳамчун воридшавии онҳо ба муҳити атрофи худ, рушди

муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо мақсади мӯътадилгардонии мақоми иҷтимоии онҳо чун раванд, натиҷаи таъмини ҳуқуқҳои ӯ ва ба даст омадани имконияти иштирок дар равандҳои ҳаёти иҷтимоӣ дар баробари дигар аъзои ҷомеа, ки инҳирофи инкишофи шахс ва маҳдудияти имкониятҳои ӯро бартараф месозад, аз қабили намудҳои мутамарказият ба шумор меравад.

Ҳамгироӣ дар сатҳи ҷамоа – равандест, ки дар чаҳорчӯбаи он ҷамоаи муайян барои татбиқи иқтидори максималии иҷтимоии ҳар як фард чун узви ҳамин ҷамоа шароит фароҳам меорад. Дар баробари ин ҳамгироӣ, қабл аз ҳама барои беҳтар намудани муносибати тарафайни институтҳои иҷтимоӣ, ки дар ҷамоаҳо, иттиҳодияҳои ҳамкор амал мекунанд, равона шудааст ва маҳз дар натиҷаи он тарафҳо ба мақсадҳои умумии худ мерасанд. Дар чунин шароит ба модели локалии хадамоти иҷтимоӣ истифодаи иқтидори максималии ҷамоаро ба роҳ мемонанд, ки барои расонидани хизмати самараноки иҷтимоӣ равона гардида, болоравии натиҷаи кори иҷтимоиро дар маҷмӯъ таъмин месозад. Тавсифи асосӣ ва нишондиҳандаи муҳими ҳамгироӣ ҳамчун раванд қабл аз ҳама истифодаи муносибати мутамарказкунанда ва ҳолатҳои мутамарказкунанда мебошад. Муносибати мутамарказкунанда ҳамчун як намуди муносибат ба фард ва бурдани парвандаи шахсии ӯ ба шумор меравад, ки дар ин маврид ҳам барои худи фард имконияти мутобиқшавӣ ба ҷамоа бештар дастрас мегардад ва дар баробари ин худи ҷамоа барои мутобиқшавии фард шароити зарурӣ фароҳам меорад ва бештар ба раванди мутобиқшавии фард мусоидат мекунад. Институтҳои иҷтимоӣ бо истифода аз метод ва муносибати ҳамгироӣ метавонанд баъзе меъёрҳо, арзишҳо ва принсипҳои кори методиву созмондиҳии худро тағйир диҳанд ва дар натиҷа чунин муносибат ба онҳо имкон медиҳад, ки бо мизоҷон аз наздик ва беҳтар кор кунанд ва талаботу хоҳишҳои онҳоро ба таври сифатнок қаноатманд созанд.

Дар ҳолатҳои мута ҳамгироинамоӣ, чун қоида ғамхорӣ ба узви ҷамоа, қабл аз ҳама аз тарафи касе зоҳир карда мешавад, ки ӯ манфиатҳои фарди ниёзмандро ҳам аз номи худи ӯ ва ҳам аз номи ҷамоа муаррифӣ мекунад ва дар баробари ин худ шахси масъули хизматрасонии иҷтимоӣ ва кӯмакҳои гуногуни иҷтимоӣ мебошад.

**ИНТЕГРАЦИЯ** – объединение составных частей социума, прежде всего индивидов и групп, в единую социальную целостность как систему: 1) процесс и состояние единения разных по качеству социальных элементов в функционально единый организм; 2) процесс вхождения в определенную создавшуюся систему; 3) характеристика совпадения целей разных социальных групп, индивидов.

Интеграция – это универсальное понятие, которое охватывает много других понятий, связанных с развитием, объединением, восстановлением определенной целостности. Ее ядром является упорядочение неоднородных составляющих в отдельную целостность, систему, имеющую потенциал развития. Интеграция наблюдается на различных уровнях жизни общества, в разных социумах. Например, на уровне малых групп понятие «интеграция» является синонимом понятий «консолидация», «сплоченность» и одной из характеристик групповой динамики; на уровне больших систем – отождествляется с «социальным единством социальных систем».

Интеграционные процессы могут быть природными или вынужденными и проявляются в каждой из сфер человеческой деятельности. Они характеризуются взаимодействием между отдельными специфическими формами деятельности человека, что отражается в выборе цели деятельности, в методах их достижения и результатах.

С позиции социальной науки, интеграция социальная – это взаимная адаптация (приспособление) индивида и общества; процесс, во время которого общество создает условия для наилучшего приспособления индивида в социуме. Интеграция достигается за счет, как социализации, так и реабилитации человека. Например, интеграция детей с ограниченными функциональными возможностями рассматривается: как включение их в окружающую среду; развитие межличностных связей с целью максимальной нормализации их социокультурного статуса; как процесс и результат обеспечения их прав, реальных возможностей принимать участь во всех видах и формах социальной жизни наравне с другими членами общества в условиях, которые компенсируют отклонения в развитии или ограниченные возможности.

Интеграция на уровне сообщества – это процесс, в рамках которого определенное сообщество обеспечивает условия для реализации максимального социального потенциала каждого индивида – члена этого сообщества. При этом, интеграция, прежде всего, направлена на улучшение сотрудничества между социальными институтами, функционирующими в сообществе, партнерства, благодаря которому они развиваются, достигают совместных целей. При этих условиях в локальную модель социального обслуживания привлекают максимальный социальный потенциал сообщества, что обеспечивает эффективность предоставленных членам сообщества социальных услуг, результативность социальной работы в целом.

Характеристиками и одновременно показателями интеграции как процесса является интегрированный подход та интегративная ситуация. Интегрированный подход рассматривается как способ отношения к индивиду и ведения его личного дела, во время применения которого не только индивид адаптируется к сообществу, но и сообщество прилагает определенные усилия, чтобы приспособится к индивиду. Применяя интегрированный подход институты социальной сферы изменяют убеждения и ценности, принципы и организационно - методические основы своей работы, в результате чего они достигают высшего понимания проблем клиентов, качественного реагирования на их потребности.

В интегративной ситуации, как правило, заботу о помощи члену сообщества берет на себя лицо, которое представляет его интересы и одновременно от имени сообщества является лицом, предоставляющим адресные, комплексные услуги, различные виды поддержки.

**Адабиёт/Лит.:** Егорова Т.В. Социальная интеграция детей с ограниченными возможностями: Учеб. пособие. — Балашов: Изд-во “Николаев”, 2002. – 80 с.; Основы коррекционной педагогики. Учебно – метод. пособие / Авт.-сост. Зайцев Д.В., Зайцева Н.В., Педагогический институт Саратовского государственного университета им. Н.Г. Чернышевского. Саратов, 1999. – 110 с.; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. Ред.. проф.. І. Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008. – 336 с.; Холостова Е.И., Дементьєва Н.Ф. Социальная реабилитация. Учеб. пособие. – М.; Издательско-Торговая корпорація”Дашков и К”, 2002. – 340 с.

Петрочко Ж.В.

**ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ ҲУҚУҚӢ** – низоми меъёрҳо ва кафолатҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ, ки аз тарафи давлат ва созмонҳои ғайридавлатӣ татбиқ гардида барои пешгирӣ, ошкорсозӣ ва бартарафсозии монеаҳое равона шудааст, ки ба фаъолияти мӯътадил ва шароити арзандаи ҳаётии инсон хавф эҷод мекунанд.

Умуман ҳифзи иҷтимоии ҳуқуқӣ – маҷмӯи чорабиниҳоест, ки барои ҳар як узви ҷомеа хоҳ кӯдаки маъюб ва хоҳ шахси калонсол ва ё модари танҳо имкон медиҳад ва шароит муҳайё месозад, то ки онҳо ҳуқуқҳои худро озодона татбиқ намоянд ва имкони дастарсӣ ба имтиёзҳои зарурӣ дошта бошанд. Ба чунин чорабиниҳо метавонад маъракаҳои фарҳангию равшаннамоӣ мансуб бошанд, ки аз тарафи сохторҳои давлатӣ ва ё ғайридавлатӣ гузаронида мешавад

ва ҳамчунин ба масъалаҳои ткмили ихтисос ва ё таъмини ҷои кор бахшида шаванд.

Ҳифзи ҳуқуқи иҷтимоиро ба таври гуногун тасниф кардан мумкин аст: аз рӯи объекти ҳимоя (муносибатҳои ҳуқуқӣ), яъне ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣдар соҳаҳои гуногун аз қабили: кор, таъминоти иҷтимоӣ, тандурустӣ, ҳифзи муҳити атроф, маориф, фарҳанг; аз рӯи субъекти муносибатҳо, ки тибқи он ҳифзи иҷтимоии ҳуқуқӣ пеш бурда мешавад: ҳифзи ҳуқуқи иҷтимоии давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқи иҷтимоии ғайридавлатӣ; аз рӯи субъектҳои хизматрасонии ҳифзи ҳуқуқи иҷтимоиро қабулкунанда: ҳифзи ҳуқуқи пронсолон, маъюбон, коргарони кироя, хизматчиёни алоҳидаи давлатӣ, кӯдакони ятим, бепарасторон, модарони танҳо, бекорон, ветеранҳои ҷангу меҳнат, касоне, ки офатҳои техногенӣ ва садамаҳои мудҳишро аз сар гузаронидаанд.

Сарчашмаи ҳуқуқи иҷтимоии қонунгузории миллӣ маъмулан ҳуҷҷатҳои байналхалқии аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид таҳияшудаиро бапуррагӣ эътироф мекунад, аз ҷумла: Эъломияи ҳуқуқи башар (1948), Санади байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва ҳуқуқҳои сиёсии онҳо ва ҳамчунин протоколи замимавии он (1966), Санади байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (1966) ва амсоли ин.

Ҳифзи ҳуқуқи иҷтимоии кӯдакон – маҷмӯи чорабиниҳои давлатӣ ва фаъолияти созмонҳои ғайридавлатӣ мутаносибан ба қонунгузорӣ ва муайян кардани мавқеи иҷтимоии кӯдакон, ки асоси онро мавқеи кӯдак, кафолати ҳуқуқҳои ӯ дар оила ва дар ҷомеа, ҳуқуқ ба тандурустӣ, маълумот, ғизои мувофиқ, зарурати таваҷҷӯҳи мунтазам ба камолоти ҷисмонӣ ва маънавӣ ташкил медиҳад.

Вазифаҳои ҳифзи ҳуқуқи иҷтимоии кӯдакон: ёрии ҳифзи иҷтимоӣ, психологию педагогӣ ва ҳуқуқӣ; машварат ва маслиҳатдиҳӣ ба ноболиғон ва падару модарони онҳо; назорат ба фаъолияти муассиаҳои гуногуни кӯдакона; ёрии иҷтимоию тиббӣ ба кӯдакон; ёрии ахборотию ҳуқуқӣ ба ноболиғону наврасон дар бораи гирифтани маълумот, ҷой ва шароити кор, дастрасӣ ба хизматрасонии фароғатию фарҳангӣ барои кӯдакон.

Низоми ҳифзи ҳуқуқи иҷтимоии кӯдакон чорабиниҳои гуногунро фаро мегирад, ки онҳо дар муассисаҳои сҳаи маориф, мактабҳо, муассисаҳои томактабӣ ва беруназмактабӣ ва дар ҷамоаҳо гуза-

ронида мешавад. Натиҷаи асосии чунин намуди фаъолият таъмини ҳифзи ҳуқуқи иҷтимоии кӯдакон мебошад, ки дар натиҷаи он кӯдакон аз нигоҳи равонӣ ва зеҳнӣ солим ба воя мерасанд, дар интихоби касби ояндаи худ ва интихоби арзишҳо иштибоҳ намекунанд, хоҳиш ва талаботи онҳо муайян гардида имконоти зеҳниву эҷодии онҳо беҳтар мегардад ва бо ҳамин роҳ раванди муваффақонаи иҷтимоишавии онҳо сурат мегирад.

Принсипи ҳифзи ҳуқуқи иҷтимоии кӯдакон бандҳои зеринро фаро мегирад: 1. Афзалияти манфиати кӯдакон нисбат ба манфиати дигарон. 2. Баробарии ҳамаи кӯдакон новобаста аз баромад, нажод, миллат, вазъи тандурустӣ; эҳтироми ҳуқуқи кӯдакон ба озодандешӣ, ба созмон додани иттиҳодияҳои кӯдакона ва ба ҷамъомадҳои осоишта 3. Мутамарказонидани кӯшиши ҳамаи институтҳои иҷтимоӣ, ки фаъолияташон ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон равона шудааст; таҳлили коллективии роҳҳои моделсозии ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон. 4. муносибати башардӯстона ба кӯдакон, ҳамчун арзиши барозандаи башарӣ: а) арзиши иҷтимоӣ доштани онҳо; б) мароми асосии рушди ҷомеа; в) меъёри муҳиму асосии ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа: иқтисодёт, илм, ҳунар ва амоли ин. 5. Низом доштан, ки иборат аст аз: а) гуногунсамтии тадқиқӣ дар омӯзиши масоили ҳифзи ҳуқуқи кӯдак; б) низоми мукаммали баҳодиҳӣ ба талаботи шахсии кӯдак бо мақсади ҳифзи ҳуқуқи онҳо; в) муносибати мукаммал ва ё худ системавӣ ба масоили ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ва танзими кули ҷузъиёти сохтории он.

Проблемаи асосии ҳифзи хуқуқи иҷтимоии кӯдакон дар даврони муосир ин пеш аз ҳама созмон додани шароити мусоид ва ташкил кардани институтҳои нави иҷтимоӣ, ки фаъолияти худро барои қонеъ сохтани талаботи кӯдак ва ҳифзи манфиатҳои онон равона мекунанд.

Дар заминаи татбиқи ҳифзи ҳуқуқи иҷтимоии аҳолӣ бештар ба заминаҳо ва шароити асосии ҷомеа, арзишҳо, анъанаҳо, ки таъсири онҳо бечунучаро ба наслҳо, ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ интиқол меёбад, бояд диққат дод ва пайваста ҷанбаи ҳифзи ҳуқуқи инсонро дар ин анъанаҳо ва арзишҳо бояд тақвият дод.

**ЗАЩИТА СОЦИАЛЬНО-ПРАВОВАЯ** – система социальных, правовых, экономических мер и гарантий, реализуемых государственными и негосударственными организациями, которые направлены на выявление, предупреждение

и нейтрализацию влияния на жизнедеятельность человека отрицательных факторов (социальных рисков) с целью соблюдения его прав, обеспечения достойных условий и уровня жизни каждого члена общества.

В целом социально-правовая защита – это комплекс таких мероприятий, которые позволяют каждому члену общества, будь это ребенок-инвалид, пожилой человек или одинокая мать реализовать основные права благодаря созданию надлежащих социальных условий. Это может быть просветительная, культурная деятельность как государственных, так и негосударственных учреждений, программы социальной адаптации, деятельность относительно переквалификации и трудоустройства безработных и т.п.

Социально-правовую защиту можно классифицировать по-разному: по объекту защиты (виду правоотношений) – социально-правовая защита в сферах: работы, социального обеспечения, здравоохранения, охраны окружающей среды, просвещения, культуры; по субъектам, которые осуществляют социально-правовую защиту: государственная социально-правовая защита, негосударственная социально-правовая защита; по субъектам, которые получают социально-правовую защиту: защита пожилых людей, инвалидов, наемных работников, отдельных представителей государственной службы, детей-сирот и детей, лишенных родительской опеки, семей с детьми, одиноких матерей, многодетных матерей, безработных, ветеранов войны, людей, переживших техногенно-экологические катастрофы и т.п.

Социально-правовым первоисточником национального законодательства считают документы, разработанные международным сообществом в Организации Объединенных Наций: Общая декларация прав человека (1948), Международный пакт о гражданских и политических правах, а также факультативный протокол (1966) к нему, Международный пакт об экономических, социальных и культурных правах (1966) и др.

Социально-правовая защита детей - это комплекс государственных мероприятий и действий неправительственных организаций относительно законодательного и социального закрепления прав детей, в основе которых лежит приоритет ребенка, гарантия его прав в семье и обществе, в т.ч. права на здоровье, образование, полноценное питание, необходимость первоочередного внимания к его физическому и духовному развитию.

Задача социально-правовой защиты детства: социальная, психолого-педагогическая и юридическая помощь; консультирование несовершеннолетних и их родителей; контроль за работой детских учреждений разного типа; социально-медицинская помощь детям; информационно-правовая помощь несовершеннолетним по вопросам получения профессии, трудоустройства, реализации культурных и досуговых потребностей и т.п.

Система социально-правовой защиты детей включает разные мероприятия, которые проводятся в школе, внешкольных учебных заведениях, сообществе и т.п. Основным результатом этой деятельности является формирование социально-правовой защищенности детей, их стойкого психического состояния, уверенности в успешном будущем профессиональном самоопределении, раскрытие интересов, нужд, творческого потенциала, успешная социализация личности.

Принципы социально-правовой защиты детства: 1. Приоритет интересов детей над интересами других. 2. Равенство всех детей независимо от происхождения, расы, национальности, состояния здоровья; уважение к праву детей на свободу мысли, объединений и мирного собрания. 3. Интеграция усилий всех социальных институтов, которые призваны защищать права детей; коллективный анализ, моделирование осуществления социально-правовой защиты детей. 4. Гуманность в отношении к ребенку, которая предусматривает признание человека: а) социальной ценностью; б) целью общественного развития; в) высшим критерием оценки всех областей общественной жизни: экономики, науки, искусства и т.п. 5. Системность, которая содержит: а) ориентацию на междисциплинарность в исследованиях проблем защиты прав детей; б) системную (целостную) оценку потребностей личности с целью защиты ее прав; в) системный подход (координацию всех структурных компонентов) к защите прав детей.

Основная проблема социально-правовой защиты современного детства – создание условий для видоизменения имеющихся и появления новых социальных институтов, призванных удовлетворять потребности и реализовывать интересы детей.

Осуществляя социально-правовую защиту населения, нужно учитывать и фундаментальные условия, которые влияют на целое поколение, социальные группы, в частности ментальность народа относительно защиты прав человека.

**Адабиёт/Лит.:** Агаровая Н.І. Педагогічні умови забезпечення соціально-правового захисту старшокласників: Дис. канд. пед. наук, 13.00.05. – К., 2005. – 185 с.; Ковчина І.М. Підготовка студентів до социально-правового захисту особистості: Навч.-мет. посіб. /За заг. ред. А.Й. Капської. - К.: НАУ, 2005. - 196 с.; Соціальна педагогіка: мала енциклопедія / За заг. ред. проф. І. Д. Звєрєвої. – К.: Центр учбової літератури, 2008.– С. 87-89.

Петрочко Ж.В.

**ҲУҚУҚИ ИНСОН** - маҷмӯи меъёрҳо ва қоидаҳои қонунигардонидашудае, ки дар ҳуқуқи байналхалқӣ ва ҳокимияти давлатӣ мушаххас мустаҳкам ва ҳифз гашта, муносибатҳои байни одамонро дар ҷомеа ба танзим медарорад .

Ҳуқуқи инсон- мафҳумест, ки мақоми ҳуқуқии инсонро дар низоми муносибатҳо бо мақомоти давлатӣ, имкониятҳо ва иддаои инсонро дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ тавсиф менамояд. Дар Декларатсияи умумии ҳуқуқи инсон категорияҳои зерини ҳуқуқӣ махсус қайд гардидаанд:

Ҳуқуқҳои шахсии инсон ва ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрванд, ки ба озодии инсон равона шудаанд ва ҳуқуқ ба ҳаёт, озод будан аз зулм, зуроварӣ ва ғуломӣ, ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти сиёсии давлат, ҳуқуқи озодии виҷдон, озодии сухан, андеша ва эътиқод,озодии ҷаласаҳо ва иттиҳодияҳо фаро мегиранд.

Ҳуқуқи иқтисоди ва иҷтимоӣ, ки ба амнияти шахс равона шуда, ҳуқуқ ба меҳнат, таҳсил , сатҳи зарурии ҳаётӣ, хӯрок, манзил, ҳифзи саломатӣ, моликияти хусусӣ, истироҳат, ҳуқуқи истифодаи арзишҳои фарҳангӣ, ҳуқуқи барпо намудани оила, озодии эҷодиёт ва ғайраҳоро ифода менамояд.

Ҳуқуқи халқ- ҳуқуқ ба доштани фарҳанги миллӣ ва забон, давлати миллӣ, озод будан аз зулму фишороварии дигар давлатҳо, ҳуқуқ ба сарватҳои табиӣ, ба баробарҳуқуқии иштирок дар равандҳои илмӣ-техникӣ ва савдои байналмиллалӣ, имчунин ҳуқуқи халқҳо ба сулҳ, бехатарӣ ва сайёраи аз ҷиҳати экологи поку тозаро ифода менамояд.

Хусусияти махсуси ҳуқуқҳои инсон дар он зоҳир мешавад, ки онҳо табиӣ (инсон ин ҳуқуқҳоро аз лаҳзаи таваллуд дар ихтиёр дорад), универсалӣ (барои ҳамаи одамон новобаста аз нажод, ҷинс, эътиқод, ақидаи сиёсӣ, баромади миллӣ ва иҷтимоӣ баробар ва якхела тааллуқ доранд); ҷудонопазир (барои он, ки одамон шарафмандона ва сазовор зиндагӣ кунанд, ба ҳамаи онҳо ҳуқуқу озодиҳо, бехатарӣ ва меъёрҳои ҳаёти иҷтимоии ба одамон мувофиқ муқаррар гардидааст) мебошанд.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон- комёбии бомуваффақиятонаи андеша ва таҷрибаи инсон аст. Ҳуқуқу озодиҳои инсонро мафҳуми кали-

дии «баробарҳуқуқӣ» муттаҳид менамояд, яъне ҳуқуқҳои шахсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсии шаҳрвандон аз тарафи қонунҳои якхела кафолат дода шуда, баробарии шаҳрвандон дар назди давлат, қонун ва суд расман эътироф мешавад.

